ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 4-1 (18)**

**Душанбе - 2023**

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 292/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Муборакиён С. М.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Бибиҳафиза*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нугмонов Мансур*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нуров Абдулбоқӣ*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** - *доктори илмҳои психологӣ*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** - *доктори илмҳои психологӣ*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №292/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***Тел. :*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сайт журнала***: *www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** **-** *доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Муборакиён С. М.***

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

***Маджидова Бибихафиза*** - *доктор педагогических наук*
***Нугмонов Мансур*** - *доктор педагогических наук*
***Нуров Абдулбоки*** - *доктор педагогических наук*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** - *доктор педагогических наук*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** - *доктор педагогических наук*
***Файзализода Джумахон Хол*** - *доктор педагогических наук*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктор педагогических наук*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– кандидат педагогических наук*
***Бобоева Сайёра Бобораджабовна*** *– доктор психологических наук*
***Кодиров Умарали Дусткобилович*** - *доктор психологических наук*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** - *доктор психологических наук*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.292/JR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Muborakiyon S. M.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova Bibihafiza*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nugmonov Mansur*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nurov Abdulboqi*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Yunusova Nafisa Murodovna*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** – *Candidate of Pedagogical Sciences*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** – *Doctor of Psychological Sciences*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** - *Doctor of Psychological Sciences*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** - *Doctor of Psychological Sciences*

***© TSPU named after S. Ayni, 2023***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Нурзода А.***
Шинохти рисолати омӯзгор аз дидгоҳи устод Айнӣ ........ 7
***Иматзода Л. М., Ахмедова Ф. Х.***
Хусусиятҳои психологӣ-педагогии алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии хонандагон дар муассисаи таълимӣ ........ 13
***Рӯзиева М. Д.***
Зарурати эҳёи касбу ҳунарҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 19
***Хайруллоев Б., Нематов Ф. А.***
Интихоби ҳамсару бунёди оила тибқи фармудаҳои А. Сино ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзанд ........ 25
***Муродова Ш. С., Ҷаъфарова Д. Ф.***
Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивӣ дар низоми таълим - кафолати таълими босифат ........ 30
***Қодирова Д. Т., Тошматов А.***
Системаи рейтингии баҳои донишҷӯён ҳамчун яке аз параметрҳои факултативии раванди Болония ........ 36
***Ҳайдарова Н. М., Тураев З. Н., Мансурова Ҷ. С.***
Методологияи таълимоти педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ........ 42
***Бегова Ф. И.***
Хусусиятҳои раванди инкишофи сифатҳои иҷтимоӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ........ 50


## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ


***Куҷов Р. М.***
Проблемаи ташаккул ва рушди шахсияти эҷодӣ дар адабиёти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ ........ 55
***Зикаева С. З.***
Таълими босалоҳияти афсона дар зинаи таълими курси хониши адабӣ ........ 63
***Умаров У. С.***
Истифодаи методҳои интерактивӣ ҳангоми омӯзиши физика дар синфи X ........ 69
***Раҷабов Т. Б., Бегимов Ҳ. Х., Маҳкамов М.***
Имкониятҳои шиносоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба унсурҳои назарияи эҳтимолият ва омор дар раванди таълими математика ........ 74
***Раҷабов У. Х.***
Саёҳатҳои физикӣ – яке аз воситаҳои шинос намудани хонандагон ба ҳунарҳои мардумӣ ........ 86
***Раҷабова С. Ҷ., Темирова М. Ғ.***
Асосҳои методии ташкил ва гузаронидани корҳои амалӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ тавассути захираҳои электронии таълимӣ дар омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ-техникӣ ........ 92
***Чжан Сяньхуа***
Развитие музыкального восприятия у студентов-пианистов через интеграцию различных видов искусства ........ 100
***Мирзоев Н. Х.***
Амиқомӯзии масоҳат ва ҳаҷми ҷисмҳои чархзанӣ тибқи низоми таълими босалоҳият ........ 106
***Хушов Х. Ю.***
К методике решения планиметрических задач на вычисление ........ 114
***Ҷонмирзоев Э.***
Рушди касбии омӯзгори математика дар муносибати босалоҳият ба таълим ........ 122
***Саидзода И. М., Ризоев С. С., Саидҷаҳфаров А. И.***
Ҷанбаҳои методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ........ 132
***Одилов З. Р.***
Рушди муносибати босалоҳият дар раванди омӯзиши технологияи иттилоотӣ дар шароити низоми кредитӣ (дар муассисаҳои олии техникӣ) ........ 139

***Гуломнабиев С. Г.***
Оид ба истифодаи барномаи Maple дар раванди таълим ........ 148
***Маҳкамов М., Ҷабаров М. М.***
Назаре ба истифодаи истилоҳи “протсент” дар забони ҳозираи тоҷикӣ ........ 158
***Мэн Жоу***
Методика преподавания иностранного языка в языковом вузе посредством интернет-платформы Лингволео ........ 164
***Амиров С. Д.***
Мотивация профессиональной компетентности будущих учителей английского языка в условиях прохождения педагогической практики ........ 171
***Убайдуллоева Ф. А.***
Развитие методической компетенции будущих учителей иностранного языка в работе с аудиоматериалами в процессе педагогической практики ........ 176
***Карелова М. А., Цзэн Юань***
Этноориентированный подход в преподавании русского языка как иностранного: история и современность ........ 183
***Бобоходжаева М. Р.***
Ролевая игра с межкультурным компонентом как средство развития творческих способностей обучаемых в процессе иноязычного образования ........ 190
***Чариева С. А., Файзуллоева М. М.***
Баланд бардоштани саводнокии химиявии хонандагон тавассути дарси ҳамгироӣ дар мактаби миёна ........ 196
***Шерматзода О. Т.***
Особенности моделирования формирования информационно-коммуникативной компетенции у студентов медицинских вузов ........ 204
***Ҳалимов К. А., Мансурова Ҷ. С.***
Ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагон ҳамчун проблемаи таълими фанҳои равияи биологӣ ........ 209
***Мирзоев А. М., Раҷабов У. Х.***
Шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо дар маҳфили физикӣ ........ 215
***Баротзода К. А.***
Робитаи байнифаннӣ ва таъсири он дар баланд шудани сифати дониш ва маҳорати донишҷӯён ........ 223
***Аламов Т. Н.***
Ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот зимни омӯзиши мавзуи «Витаминҳо» ........ 232
***Назаров А. Ҷ.***
Технологияи адаптатсионӣ – ҳамчун шароити самаранокии таълими хонандагон аз химия ........ 241

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Зайтметов Х. А., Фозилова М. Ҷ.***
Таҳқиқи агрессивнокии наврасон тавассути тестҳои проективӣ ........ 247
***Асозода Б. Ҷ.***
Падидаҳои клиникӣ ва ташхиси қафомонии инкишофи ҷисмонию ақлонӣ дар кӯдакон ........ 254
***Раҳмонова Г. С.***
Зоҳиргардии хусусиятҳои гендерии фаъолияти бозии кӯдакони синни томактабӣ ........ 260
***Эмомназарова М.***
Омӯзиши хусусиятҳои психологии шахс ва аҳамияти он дар интихоби ҳамсар ........ 267

ТДУ 891.550 (092)

# ШИНОХТИ РИСОЛАТИ ОМӮЗГОР АЗ ДИДГОҲИ УСТОД АЙНӢ

***Нурзода А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Устод Айнӣ баробари таҳсил дар мадраса ба маҳфили илмию адабии Шарифҷон-махдум Садри Зиё роҳ ёфта, дониши худро дар илму адаб такмил дод. Ӯ аз ибтидои солҳои 90-ум дар мадрасаҳои мухталифи Бухоро роҳи мураккаби зиндагониро тай кард. Айнии ҷавон на фақат илми динӣ меомӯхт, балки ба мероси адабӣ, илмию фалсафии классикони адабиёти форсу тоҷик роҳ ёфта, барои дарки ғояҳои нав, ки дар ҷомеаи асрҳои XIX-XX ба вуҷуд омада буданд, қаблан омода мешуд. Баъди ошноӣ ба асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» дар ҷаҳонбинии Айнӣ «инқилоби фикрӣ» пайдо шуда, ӯ ба ғояҳои маорифпарварӣ наздик мегардад ва аз таъсири инқилобии маданияти рус баҳравар мешавад. Кӯшиши ба мароми халқ наздик будан Айниро ба ягона ҷунбиши оппозитсионии Бухорои он солҳо-ҷамъияти ҷадидҳо овард. Ҷадидҳо масъалаи як дараҷа ислоҳ кардани тарзи идораи аморати Бухоро ва ташкили мактабҳои усули ҷадидиро пеш гузошта буданд. Ин давра барои Айнӣ солҳои ҷустуҷӯи амалиёти фаъолонатарини маорифпарварӣ буд. Айнӣ оҳиста-оҳиста аз ғояҳои маорифпарварӣ ба реализми маорифпарварӣ ва баъди Инқилоби Октябр ба реализм гузашт. Айнӣ баъди Инқилоби Бухоро дар идораҳои гуногуни фарҳангии Ҷумҳурии Халқии Советии Бухоро кор карда, асарҳои худро эҷод намудааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки яке аз соҳаҳои муҳими фаъолияти иҷтимоии Айнӣ муаллимӣ ва маорифпарварӣ мебошад. Муҳаббат нисбат ба касби муаллимӣ ва таълиму тарбия додани фарзандони бесаводи халқи тоҷикро дар ӯ падараш бедор намуда буд. Адабиётшиноси маъруф, устоди зиндаёд Соҳиб Табаров дар асари худ «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)» нақши падарро дар тарбияи фарзанд чунин нигоштааст: «Ҳатто Саидмуродхоҷа дар ин вазъияти ниҳоят сангину мушкили аҳволаш, дар соату дақиқаҳои вопасини ҳаёташ фикру андешаиояндаи фарзандонаш, аз ҷумла Садриддинро мекунад. Ӯ дар охирин дақиқаҳои умраш ба Садриддин муроҷиаткунон чунин васияти таърихӣ мекунад: «Хон, чи гуна душвор бошад ҳам хон. Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!» [6, с. 143-144]. Айнӣ ин панди падарро иҷро намуда, баъди ҳамроҳ шудан ба ҷараёни ҷадидизм фаъолияти худро аз муаллимӣ сар мекунад. Айнӣ моҳи октябри соли 1908 ҳамроҳи Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар Бухоро мактаби усули нав ба забони тоҷикӣ мекушоянд, ки он ба ҷойи буриёи замину калтаку фалок, бо партаю тахтаю бӯр муҷаҳҳаз шуда, усули нави дарсдиҳӣ истифода мегардид. Ин ҳолати мактабро устод Садриддин Айнӣ чунин нишон додааст: «Мирзо Абдулвоҳид мудир ва муаллими аввал, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ муовинони ӯ шуданд. Ман (устод Айнӣ) ба мактаби тоторҳо рафта, таълими ҳаррӯзаи дарсро дида, маълумоти гирифтаамро бо машварати бародаронам (Мунзим, Ҳамдӣ ва Меҳрӣ) татбиқ мекунондам. Қадамҳои аввалини Айнӣ дар роҳи муаллимӣ хеле мушкил буд, зеро ки ӯ дар мадрасаҳои Бухоро на педагогика, на психология ва на методикаи таълимдиҳиро омӯхта буд. Айнӣ барои омӯхтани ин санъат ба муаллимони мактабҳои тотории Бухоро муроҷиат мекунад. «Мо мактабдорҳо, - менависад Айнӣ,- то имрӯз аз будани мактаби тоторон дар Бухоро хабар надоштем. Вақте ин хабарро аз мулло Низом Собитов шунидам, чун муфлисе, ки хазинаи бекароне ёфтааст, хурсанд шудам ва рост ба он мактаб рафтам» [1, с. 34]. Айнӣ ба мактаби тотории Бухоро рафта, ба синфхонаҳо даромада ба равиши дарс, тарзи таълим ва китобҳои дарсии онҳо шинос шуда, қадамҳои аввалини худро дар роҳи муаллимӣ мегузорад. Баъд аз ин ҳар рӯз Айнӣ ба мактаби тоторҳо рафта, ҷараёни таълиму тарбияро дар он мушоҳида менамояд, малакаю маҳорати худро дар бобати аз бар намудани касби муаллимӣ такмил медиҳад. Айнӣ ҳатто барои боз

ҳам такмил додани касби омӯзгорӣ муовини директори мактаби тотории Абдураҳмон Саъидӣ мегардад. Айнӣ дар ин мактаб вазифаи тарҷумониро дар байни бачаҳои бухороӣ ва муаллимони тоторӣ адо карда, ҳар як дарсро аз тоторӣ ба тоҷикӣ тарҷума карда сипас, он тарҷумаро дар мактаби худашон татбиқ мекунонд.

Худи Айнӣ ёдовар шудааст: «Ҳар чизе, ки ба мактаби тоторон тарҷума шуда, татбиқ меёфт, ба мактаби Мирзо Абдулвоҳид бурда татбиқ мекунондам» (рисолаи «Таҷвид, ки бо номи «Тартил-ул-Қуръон» табъ ёфт, як қисми «Таҳзиб-ус-сибён» ва як қисми «Заруриёти диния»-и аз тарҷума ва татбиқёфтагони ҳамон рӯзҳост. Рӯзи мо он рӯз буд, айём он айём буд» [5, с. 68-69].

Ғайр аз ин ошноӣ ба системаи таълиму тарбия ва китобҳои нав ба ӯ имконият дод, ки китобҳои дарсии аввалини худ «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибён» ва «Заруриёти диния»-ро тартиб диҳад. Хулоса, шиносоии Айнӣ ба мактаби тоторӣ ба ӯ имконият дод, ки санъати муаллимиро аз худ намуда, баъдтар такмил диҳад ва дар ҷараёни кори педагогии худ истифода барад. Айнӣ баъдтар барои такмил додани маҳорати педагогии худ ба мактаби Абдулқодири Шакурӣ (1904), ки дар шаҳри Самарқанд буд, рафта ба рафти таълиму тарбия ва ба тарзи гузаронидани имтиҳонот дар ин мактаб шинос мешавад.

Баъди баста шудани мактаби усули нав аз тарафи ҳукумати аморати Бухоро Айнӣ фаъолияти педагогию маорифпарварии худро дар ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» давом дода, ба таълиму ташвиқоти ислоҳоти мактабу мадрасаҳои кӯҳна машғул мешавад.

Дар бораи вазифаи нахустини ҷамъияти «Тарбияи атфол»-и устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» чунин ёдовар шудааст: «Ба воситаи ин ҷамъият мо мактабҳои ҷадид кушодем. Талабаҳои дар ин мактаб саводбаровардаро ба Оренбург, Қазон, Уфа, Қрим ва Туркия ба хондан фиристондан гирифт. Фарзандони касоне, ки падарашон осудаҳол буданд, бо харҷи падарашон мерафтанд, бачагони фақир бошанд, бо харҷи ҷамъият мерафтанд» [2, с. 61]. Вале фаъолияти Айнӣ ва дигар маорифпарварони ҷамъият аз тарафи амир ва муллоёни мутаассиб таъқиб гардида, маҷбур мешавад, ки ба Қизилтеппа гурезад. Айнӣ солҳои 1915-1916 дар заводи пахтатозакунии ин ҷо тарозукаш шуда кор мекунад. Дар охири соли 1916 аз тарафи ҳукумати аморати Бухоро Айнӣ дар яке аз мадрасаҳои ин шаҳр мударрис таъин мегардад. Азбаски Айнӣ нисбат ба мударрисон ва мадрасаҳои Бухоро нафрат дошт, ин вазифаро напазируфт. Баъди Инқилоби Октябр Айнӣ аз таъқиби ҳукумати аморати Бухоро гурехта ба Самарқанд, ки дар ин шаҳр ҳокимияти шӯравӣ барқарор гардида буд, меояд. Баробари дигар корҳои фарҳангӣ Айнӣ ба касби дӯстдоштаи худ-муаллимӣ машғул мешавад. Айнӣ дар мактаби нави шуравӣ забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ, адабиёт ва таърихро ба бачагон таълим дода, ба маҳфили ҳаваскорони бадеӣ роҳбарӣ мекунад. Дар шароити душвортарини инқилоби маданӣ ва барпошавии мактаби шуравии тоҷик Айнӣ бо меҳнати фидокоронаи худ барои мустаҳкам намудани мактаби нави тоҷик, ҷорӣ намудани методҳои нави таълиму тарбия мубориза бурда, бо маслиҳату корҳои амалии худ ба муаллимон ёрӣ мерасонад. «Соли таҳсили 1918-1919-ро менависад Айнӣ, - мувофиқи шароити он вақт ман хуб ба охир расонидам. Муаллимони доно ва таҷрибанок дар он вақт аз ҳисоби намояндагони миллати маҳаллӣ набуданд. Мактабҳои зиёд кушода шуда буд, вале дар онҳо аксарияти одамоне дарс медоданд, ки баъди тамом кардани курсҳои 2 ё 3 моҳа муаллимӣ мекарданд. Китобҳои дарсӣ инчунин ба забони мардуми маҳаллӣ вуҷуд надошт. Дар вақти тартиб додаи супоришҳои хаттӣ ва гузаронидани дарсҳо пеш аз ҳама ба таҷрибаи пештараи худ такя мекардам. Ва он касоне, ки баъди хатм намудани курсҳо ба мактаб меомаданд, албатта ин корро карда наметавонистанд. Бинобар ин мактаби ман бо вуҷуди ҳама камбудиҳояш аз ҷиҳати сифати таълимаш беҳтар буд» [4, с. 176].

А.Г.Леменовский яке аз муаллимони рус, ки бо Айнӣ дар ин солҳо дар Самарқанд кор кардааст, дар ёддоштҳои худ чунин навиштааст: «Кори Айнӣ ба сифати муаллим дар мактаби советӣ ба ӯ кӯмак кард, ки ҳар чи зудтар аз ҳамаи торикию ҷаҳолате, ки ӯро пештар фаро гирифта буд халосӣ ёбад…» [4, с. 176]. Мактаби советӣ барои Айнӣ зинаи аввалини гузаштан ба афкору ақидаю эҷодиёти наве буд, ки насими Инқилоби Октябр оварда буд.

Устод Айнӣ ба дарс чун шакли асосии таълиму тарбия дар мактаби шуравӣ аҳамияти калон медод. Дар дарс Айнӣ диққати асосиро ба фаҳмонда додани маводи таълимӣ ва мустаҳкамкунии дониш медод. Дар дарсҳои ӯ дар вақти фаҳмонда додани маводи нави таълимӣ дар синф хомӯшӣ ва диққати том ҳукмфармо буд. Азбаски маводи дарсӣ ба шакли

фаҳмо ва диққатҷалбкунанда ҳикоят мееҳфт, хонандагон тамоми ҳушу заковати худро барои фаҳмидани он равон мекарданд. Айнӣ маводи дарсии худро амиқан медонист. Вай таъриху адабиёти мардумони Осиёи Миёнаро аз давраҳои қадим то замони ҳозира хеле хуб медонист. Маҳорати педагогии Айниро ҳокимияти нав ба назар гирифта ӯро соли 1919 нозири мактабҳои шаҳри Самарқанд таъин намуд. Устод Айнӣ оиди ин вазифаи масъулиятнок, чунин навиштааст: «Дар вақти сар шудани таҳсили соли 1919-1920 шуъбаи маориф бинобар камии муаллимони таҷрибадор маро аз хизмати маориф тамоман озод накард ва дар се мактаб инструктор таъин кард, ки ман ҳар рӯз аввали пагоҳӣ як-ду соат дар яке аз ин мактабҳо ба сифати консултант (мушовир) кор мекардам» [2, с. 91]. Ҳамзамон соли 1925-1926 дар курсҳои кӯтоҳмуддат низ муаллимӣ кардааст. Дар давраи фаъолияти педагогиаш Айнӣ дар навиштану тартиб додани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои шуравӣ хидмати бузургеро анҷом додааст. Баъди нависандаи машҳур гаштанаш ҳам Айнӣ бо фаъолияти худ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонони тоҷик иштирок намудааст. Устод Айнӣ бо машваратҳои худ ба бисёр муаллифони китобҳои дарсии мактабҳои тоҷикӣ кӯмак карда, заҳмати таҳрири ин китобҳоро шахсан ба ухда гирифта, барои он китобҳо мавод ва шеърҳои махсус навиштааст. Ғайр аз ин Айнӣ то охири умраш ба талабагон, муаллимон ва донишҷӯёни мактабҳои миёна ва олии ҷумҳурӣ ҳамкорӣ дошт.

Дар асарҳои бадеии солҳои сиюм эҷоднамудаи худ Айнӣ (чун «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ятим») дар бораи бисёр масъалаҳои таълиму тарбия, мақому вазифаи падару модарон, муаллимон, мактаб, маориф, методҳои таълим ва ғайраҳо сухан рондааст. Айнӣ, ки «аз макотиб бо сиёҳчохе ризоманд ва аз мадорис бо харобoте қаноат» карда, азобу уқубатҳои сахт, аммо камсамари ин роҳи пурхорро дар таҷрибаи ҳаётии худ дида, чандин сол дар мактаби кӯҳна ва дар муддати муллобачагии 19 солааш дар мадраса мушоҳида карда буд, асоси тамоми дигаргуниҳо ва роҳи зудтару осонтар босавод кардани халқро дар ислоҳоти мактабу мадраса ва тараққиёти маориф медид. Дар аввали асри XX Айнӣ ба чунин хулосае меояд, ки фақат мактаб қодир аст, ки ҳамаи бадбахтиҳо ва камбудиҳои мамлакат ва халқро бартараф намуда, дардҳои онро муолиҷа намояд. Айнӣ аҳамияти мактабро дар шеъри поён чунин тасвир намудааст:

*Ташналабӣ то ба кай ба водии ғафлат?*
*Хез, биё, нӯш об аз дари мактаб.*

Ҳамин тавр, Айнӣ мактабу маорифро ҳамду сано гуфта диққати аҳли меҳнаткаш ва хонандаро ба мактаби нав ҷалб намуда дар китоби дарсии худ «Таҳзиб-ус-сибён» шеъри «Замзамаи дабистон»-ро овардааст, ки мактабро ба баҳори хуррам монанд кардааст ва аз ин макони шодиву сурур қафо мондани насли наврас хуб нест:

*Хома ба ҷавлон – сарви хиромон,*
*Сафҳаи қоғаз – санаи бӯстон.*
*Зарфи мураккаб – ҳавзи мусаффо,*
*Ҷадвали дафтар – ҷӯйи гулистон.*
*Замзамаи мо – нағмаи мактаб,*
*Бадрақаи мо – илмпарастон.*
*Гуфтаи Айнӣ гар бипазирӣ,*
*Хезу равон шав сӯи дабистон.*

Айнӣ фазилат ва афзалияти мактабҳои усули ҷадидиро таъриф намуда, дар образҳои бадеӣ меҳри онро дар дили хонанда ҷо карда, ҳис ва шуури оммаҳои халқро ба сӯи мактаби нав ҷалб кардааст:

*Саъд аст мактаб, хайр аст мактаб,*
*Изз аст мактаб, шаън аст мактаб.*
*Дар чашми синиш нур аст дониш,*
*Дар ҷисми дониш ҷон аст мактаб.*

Айнӣ мактабро махзани илму маърифат дониста дар осори худ одамонро ба донишомӯзӣ даъват намуда, нисбат ба маҳали бино ёфтани мактаб якчанд талабҳои педагогӣ пешниҳод намуда буд. Мактаб ба ақидаи ӯ бояд дар ҷои васеи хушҳаво бино ёфта бошад, фазояш софу покиза бошад, заминаш берутубат ва бетаафун бошад. Шогирдони мактаб ба 4 синф тақсим шаванд, ҳар синф бо шогирдони худ нишинанд, ба кори худ машғул шаванд,

ҳар синф бо шогирдони худ нишинанд, ба кори худ машғул бошанд, ба сабақи худ саъй кунанд.

Умуман ҷорӣ намудани усули нави таълим аз тарафи Айнӣ ба ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас кӯмаки зиёд расонид ва ин маҳорати педагогии ӯ барои омӯзгорони ҷавон дар шароити имрӯзаи ҷомеа як мактаби бузург аст.

Айнӣ ба масъалаи маориф, мактаб ва раванди таълим диққати махсус дода, дар назди таълиму тарбия ва мактаб вазифаҳои навро гузошт. Мувофиқи ақидаи Айнӣ вазифаи асосии таълиму тарбия дар мактаби шӯравӣ «тарбия намудани насли навраси нави инқилобӣ» мебошад. Ба ақидаи Айнӣ нақши асосиро дар ташаккул додани шахсияти инсон мактаб, муаллим ва оила мебозад. Аз ин рӯ, Айнӣ нисбат ба ҷаҳонбинӣ ва тайёрии педагогии муаллим талабҳои зиёд пеш гузоштааст. Мувофиқи ақидаи ӯ кори таълиму тарбияи насли наврас вазифаи пурифтихор аст ва ин вазифаи пуршарафро фақат муаллимони дорои маданияти баланду донишманд ва гуманист метавонанд анҷом диҳанд. Айнӣ ба масъалаи ба забони модарӣ таълим додан ҳам диққати махсус додааст.

Дар осори Айнӣ масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо ва дигарҳо мавқеи махсусеро ишғол менамояд. Айнӣ, ки худ аз оилаи меҳнаткаш буд, меҳнату меҳнаткашро асоси мавҷудияти тараққиёти ҷамъияти инсонӣ медонист. Вазифаи асосии тарбияи меҳнатиро Айнӣ аз дар ҷавонон ташаккул додани ҳисси меҳнатдӯстӣ, муносибати бошуурона нисбат ба меҳнати ҷисмонию фикрӣ ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбат ба меҳнаткашон иборат медонист. Дар тарбияи меҳнатӣ ба ақидаи Айнӣ нақши асосиро оила мебозад.

Дар фасли «Бачаи боақл»-и «Таҳзиб-ус-сибён» омадааст: «Бачаи боақл падару модараш ҳар таом диҳанд, мехӯрад ва ҳар либос диҳанд, мепӯшад. Зиёда талаб намекунанд. Ба чизи касе ҳавасаш намеравад…чашми сер ва назарбаланд мебошад» [3, с. 17]. Оила бояд аз хурдӣ дар бачагон малакаю маҳорати меҳнатиро тарбия намояд. Тарбияи меҳнатии бачагонро Айнӣ дар образҳои Ҳабиба, Садриддин ва бародари ӯ (дар «Мактаби куҳна» ва «Ёддоштҳо») пурра тасвир кардааст.

Устод Айнӣ ҳамзамон ба тарбияи ҳисси эстетикии одамон диққати махсус додааст. Ба ақидаи ӯ мусиқӣ, суруду тарона ва адабиёти бадеӣ сарчашмаи асосии тарбияи ҳисси эстетикии одамон ба шумор меравад.

Инчунин Айнӣ ба нақши тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккулёбии насли наврас баҳои баланд дода, ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр талаб мекард, ки таълими ин фан дар мактабҳо ҷорӣ карда шавад. Аммо дар шароити онвақтаи амороти Бухоро амалӣ гардидани ин кор аз имкон берун буд. Фақат баъди инқилоб ба Айнӣ муяссар шуд, ки дар мактаб таълими ин фанро ҷорӣ намуда, онро чун воситаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият донистa, доир ба амалӣ гардидани он бисёр корҳоро анҷом диҳад. Барои тарбияи ҷисмонии бачагон Айнӣ бозиҳои варзиши халқиро истифода мебурд. Аз ҷумла, барои китобҳои дарсӣ чандин бозӣ «Чашмбандак», «Хуштутбозӣ», «Дум-думакон», «Бачаҳои октябрӣ», «Гир-гиракон», «Ҷавчандмак», «Гачабозӣ» менависад, ки ба насли наврас зиракиву ҳушёрӣ талқин карда, фаъолияти ҷимсонии онҳоро низ таъмин мекунанд. Ӯ бисёр бозиҳои варзишӣ ҷамъ оварда ба тартиби муайян даровaрда ба муаллимони варзиш пешниҳод намуд.

Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ низ дар осори Айнӣ мавқеи махсусеро ишғол менамояд. Мавриди зикр аст, ки дар он асарҳое, ки устод Айнӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштааст, рӯҳи ватанпарастӣ ва ҳимояи Ватан аз фашистони малъун хеле қавӣ мебошад, аз ҷумла «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ» мебошад.

Таъкид ба маврид аст, ки дар фаъолияти педагогию ҷамъиятии устод Айнӣ тартиб додани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои дунявӣ мавқеи махсус дорад. Айнӣ пеш аз Инқилоби Октябр, вақте ки ба мактабҳои ҷадидии тоторҳо ва китобҳои дарсии онҳо шинос мешавад, диққати ӯро тарбиб додани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикӣ ҷалб менамояд. аз ҷумла, «Тартил-ул-Қуръон» нахустин китоби дарсии устод Айнӣ буда, тобистони соли 1909 дар Оренбург дар чопхонаи «Рӯзномаи Вақт» чоп шудааст. Моҳи июни соли 1910 китоби дигари дарсии хониш бо унвони «Таҳзиб-ус-сибён» бори аввал чоп шуда, дар давоми ҳафт сол ду маротиба дар Самарқанд-бори аввал дар матбааи «Новое дело» ва бори дуввум моҳи декабри соли 1917 дар матбааи Базаров ба табъ мерасад ва чопи дуюм аз тарафи муаллиф -С. Айнӣ ҷиддан таҳриру такмил дода мешавад. ба гуфти узви вобастаи

А.И.Тоҷикистон С. Табаров: «Қисми дуввуми асар, ки дар чопи аввал нест, дар бораи оилаи Муҳаммадюсуф, инчунин ҳикояҳои панду ахлоқӣ, мукотибаи оилаи Муҳаммадюсуфро дар бар мегирад» [5, с. 85]. «Заруриййёти диния» ҳамчун китоби дарсӣ барои соли дуюм ва сеюми мактабҳои ибтидоии тоҷикон навишта шуда, бори аввал соли 1914 чоп мешавад. минбаъд «Заруриййёти диния»-и устод Айнӣ дар Лоҳур (1928), Маккаи Мукаррама (1990), Тошканд (1991), Москва (1991) ба чоп мерасад.

Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун омӯзгор ва тарбиятгари насли наврас тавонист соҳиби унвони баланд қаҳрамони Тоҷикистон гардад, агарчи дар фармони Президенти кишвар гуфта шудааст, ки ин унвон барои поягузорӣ дар истиқлолияти миллӣ ба ӯ дода шудааст. Охир танҳо омӯзгори асил метавонад ба дарки аслии маънои муқаддаси истиқлолияти миллӣ ва давлатӣ расад. Бешак, устод Садриддин Айнӣ тимсоли истиқлол асту истиқлол ҳосили заҳмати Садриддин Айнӣ ва пайравони ӯст.

Бозор Собир – шоири маъруфи тоҷик, хеле хуб гуфтааст:

*Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд!*

### *Адабиёт*


1. *Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. - 240 с.*
2. *Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.1 / С. Айнӣ. – Сталинобод: НДТ, 1958. - 358 с.*
3. *Айнӣ С. Таҳзиб-ус-сибён / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1994. – 46 с.*
4. *Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994. - 190 с.*
5. *Маориф-гарави пешравии ҷомеа. – Душанбе: Маориф, 2015. - С. 52-128.*
6. *Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899) / С. Табаров. - Душанбе, 2008. – 480 с.*


## ШИНОХТИ РИСОЛАТИ ОМӮЗГОР АЗ ДИДГОҲИ УСТОД АЙНӢ


Устод Айнӣ на танҳо нависанда ва адабиётшиноси варзида, инчунин омӯзгори асил, маорифпарвар ва муаллифи беҳтарин китобҳои дарсӣ барои атфол буда, дар шароити муосир низ дар осори ӯ таълиму тарбияи насли наврас ҷойгоҳи хос дорад. Баъди ошноӣ ба асари маорифпарвари барҷастаи тоҷик Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» дар ҷаҳонбинии Айнӣ «инқилоби фикрӣ» пайдо шуда, ӯ бо ғояҳои маорифпарварӣ наздик мешавад. Яке аз соҳаҳои муҳимми фаъолияти иҷтимоии устод Айнӣ омӯзгорӣ ва маорифпарварӣ мебошад. Эҳсоси муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ва таълиму тарбия додани фарзандони бесаводи халқи тоҷикро дар ӯ падараш бедор намуда буд. Ҳамин панди падар буд, ки Айнӣ аз соли 1908 ба фаъолияти омӯзгорӣ оғоз намуда, баъди Инқилоби Октябр низ ин касби пуршарафро давом дода, ба дарс чун шакли асосии таълиму тарбия дар мактаби шуравӣ аҳамияти калон медод. Маҳорати педагогии Айниро ҳукумати нав ба назар гирифта, ӯро соли 1919 нозири мактабҳои шаҳри Самарқанд таъин намуд. Ҳамзамон дар курсҳои кӯтоҳмуддат низ муаллимӣ кардааст. Таъкид бамаврид аст, ки Айнӣ дар давраи фаъолияти педагогиаш дар навиштану тартиб додани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои шуравӣ хидмати бузургеро анҷом додааст.



**Калидвожаҳо:** устод Айнӣ, омӯзгор ва маорифпарвар, панди падар «Агар мударрис шавӣ, майлат», мақоми Айнӣ дар ташкили мактаби усули нав бо забони тоҷикӣ, «Тарбияи атфол», китобҳои дарсии Айнӣ, «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибён», «Заруриёти диния».


## ПРИЗНАНИЕ ЗАДАЧИ УЧИТЕЛЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АЙНИ


Садриддин Айни является не только опытным писателем и литературным критиком, а также настоящим педагогом, воспитателем и автором лучших учебников для детей, а его произведения в современных условиях тоже занимают особое место в воспитании и обучении подрастающего поколения. После ознакомления с произведением выдающегося таджикского просветителя Ахмади Дониша «Наводир-ул-вакоеъ» в мировоззрении Айни происходит «идейная революция», сблизившая его с просветительскими идеями. Одной из важных сфер социальной деятельности С. Айнӣ является образовательная и просветительская. Чувство любви к учительской профессии, воспитанию и обучению неграмотных детей таджикского народа в нем пробудил его отец. Это было наставление отца, когда Айни в 1908 году приступил к преподавательской деятельности и продолжил свою почетную деятельность после Октябрьской революции, придавая большое значение урокам как основной форме воспитания и обучения в советской школе. Новое правительство, учитывая педагогические навыки Айни, в 1919 году назначило его инспектором школ города Самарканд. Одновременно он преподавал на краткосрочных курсах. Стоит подчеркнуть, что Айни за время своей

педагогической деятельности оказал большую услугу, написав и составив учебники для советских школ.

**Ключевые слова:** Садриддин Айни, учитель и педагог, совет отца «Если будешь учителем - согласен», место Айни в организации новой методической школы на таджикском языке, «Воспитание ребёнка», учебники С. Айни, «Чтение Корана», «Книга о воспитании детей», «Религиозные нужды».

## RECOGNITION OF THE TEACHER'S TASK FROM AYNI'S POINT OF VIEW

Master Aini is not only an accomplished writer and literary critic, but also an original teacher, educator and the author of the best textbooks for children's education. After getting acquainted with the famous Tajik educationist Ahmad Donish's work "Nawadir-ul-Waqo'" in Aini's worldview, "ideological revolution" appeared, and he came close to the ideas of education. One of the important areas of social activity of Master Aini is teaching and education. His father instilled in him the feeling of love for the profession of teaching and educating the illiterate children of the Tajik people. It was his father's advice that Aini started teaching in 1908 and continued this honorable profession even after the October Revolution, giving great importance to lessons as the main form of education in the Soviet school. The new government took Aini's pedagogical skills into account and in 1919 appointed him the inspector of schools in the city of Samarkand. At the same time, he also taught short-term courses. It is worth emphasizing that during his pedagogical activity, Aini has done a great service in writing and compiling textbooks for Soviet schools.

**Keywords:** teacher Aini, teacher and educator, father's admonition "If you become a teacher, you will become a teacher", Aini's position in the organization of a new method school in Tajik language, "Atfol education", Aini's textbooks, "Tartil-ul-Qur'an", "Tahzib-us- Sibyon", "Religious Necessities".

**Дар бораи муаллиф**
Нурзода Абдулбоқӣ
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 87 81 41
E-mail: nurov53@mail.ru

**Об авторе**
Нурзода Абдулбоки
Доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 87 81 41
E-mail: nurov53@mail.ru

**About the author**
Nurzoda Abdulboki
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor
Department of Pedagogy and Psychology of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 87 81 41
E-mail: nurov53@mail.ru

ТДУ 378.5 (578.6)

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ АЛОҚАМАНДИИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

***Иматзода Л. М., Ахмедова Ф. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаи алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии насли наврас дар замони муосир мавзуи актуалӣ ба ҳисоб рафта, барои ташаккули мазмун ва унсурҳои таркибии маданияти иқтисодию ахлоқӣ равона гардидааст [1, с. 9]. Тарбияи иқтисодӣ бояд ҳамаи категория ва гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро фаро гирифта, махсусан дар насли наврас тарбия намудани муносибати дурустро ба арзёбии масъалаҳои иҷтимоӣ, тафаккури мустақилона ва эҷодкорона доштан, шуури иқтисодиро мутобиқи меъёрҳои қонунҳои иқтисодии азнавсозии ҳаёти ҷамъият ташаккул доданро таҷассум намояд [2, с. 122].

Таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар солҳои 70-80–и асри гузашта дар адабиёти психологию педагогӣ бахшида ба тарбияи иқтисодии кӯдакон тадқиқотҳо пайдо шуданд, ки дар онҳо масъалаи мазкур ҳамчун ҳамчун қисми унсури тарбияи меҳнатӣ (Ю.К. Васილев, Н. П. Кулакова) ва ҳамчун таркиби тарбияи ахлоқӣ, идеявию сиёсӣ (В. К. Розов), ҳамчун самти мустақил, ҷузъи ҷудонашавандаи системаи маориф (А.Ф.Аменд, И.А.Барило, З.А.Валиева, И.Б.Иткин, В.П.Кисилев, Л.П.Кураков, Л.М.Нулман, О.В.Плахотник, Л.И.Пономарев, И.Ф.Р.Прокопенко, И.Е.П.А.А. Сергеева, В.А.Товстик ва ғайра) мавриди назар қарор ёфтаанд [8].

Дар айни замон тарбияи иқтисодии хурдсолон ҳамчун фаъолияти муташаккили педагогӣ фаҳмида мешавад, ки ба ташаккули унсурҳои шуури иқтисодӣ тавассути интиқоли асосҳои донишҳои иқтисодӣ, ташаккули малакаҳои иқтисодии вобаста ба фаъолияти аз ҷиҳати иқтисодӣ имконпазир, ташаккули хислатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳими шахсият, инкишофи тафаккури иқтисодӣ дар сатҳи дастрасӣ мувофиқ ба синну соли хурдсолон равона гардидааст [2, с. 17].

Дар ин асарҳои илмӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми «тарбияи иқтисодӣ» дода шуда, онро ҳамчун роҳи азхудкунии донишҳои иқтисодӣ, ташаккули малакаи дар амал татбиқ намудани онҳо, алоқаманд будан бо тарбияи ахлоқӣ (А.Я.Автономов, А.Ф.Аменд, М.Л. Малышев, И.А. Сасова, Б.П. Шемякин ва дигарон) маънидод мекунанд.

Аз нуктаи назари олимон тарбияи иқтисодӣ бояд аз синни томактабӣ оғоз шавад, зеро маҳз дар синни хурд барои ташаккули шахсияти оянда замина гузошта мешавад. Сарфаю сариштакорӣ, муташаккилӣ, меҳнатдӯстӣ ва дигар хислатҳои инсониро аз хурдӣ бояд тарбия кард. Аз ин рӯ, раванди тарбияи иқтисодӣ аз хурдсолӣ сарчашма гирифта, бояд мақсадноку мураттаб бошад ва амалисозии он бештар аз тайёрии психологию педагогӣ ба ин раванд вобастагӣ дорад.

Дар синни 5-7-солагӣ кӯдакон аз ахлоқи одӣ ба ахлоқи бошуурона мегузаранд. Барои онҳо меъёри ахлоқӣ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои байни одамон амал мекунад. Маҳз дар ҳамин давра доираи хеле васеи ақидаҳои ахлоқӣ дар бораи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ки муносибатҳои кӯдакро бо калонсолон ва ҳамсолон танзим мекунанд, дар бораи қоидаҳои муносибат бо ашёю ҳодисаҳои муҳити атроф ва зуҳуроти чунин сифатҳо «эҳтиёткорӣ», «маъулиятнокӣ», «росткорӣ», «сариштакорӣ», «адолат» ташаккул меёбанд. Ба кӯдакон маънои «сарфа кардан»-ро ҳам дар ҳаҷми калон ва ҳам дар ҳаҷми хурдро омӯзонида мешавад. Фаҳмонида мешавад, ки меҳнат асоси боигарӣ ва беҳбудии ҳаёти инсон мебошад. Бо кӯдакон дар бораи шавқу ҳавас ва шуғли дӯстдоштаи аъзоёни оила ҳамсуҳбат шудан боманфиат мебошад. Дар ин радиф хурдсолон бояд мафҳумҳо ва категорияҳои асосии тарбияи иқтисодиро диниста, саҳми аъзоёни оилаи худро дар рушду таҳкими давлат ва робитаи ногусастании байни онҳо дарк кунад. Кӯдак аз хурдсолӣ бояд фаҳмад, ки хароҷоти оилавӣ беҳуда набошад ва сарфакорона онро бояд истифода бурд, яъне пасандозҳои оилавӣ

маблағҳое мебошанд, ки онҳоро оқилона харҷ кардану сарфа кардан мумкин аст ва барои истироҳат бо тамоми оила ва ё харидани чизҳои зарурӣ ва дилхоҳ истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки корҳои тадқиқотии Е.В.Таранова, И.Н.Вавилова, И.В.Сушкова, В.А.Недоспасова, Б.Маҷидова, Л.Иматзода собит мекунанд, ки мураккабии падидаҳои ахлоқӣ тадриҷан дарки моҳияти онҳоро муайян мекунад. Дар аввал кӯдакон онҳоро дар сатҳи эмотсионалӣ ҳамчун «хуб» ва «бад» мефаҳманд ва баъд оҳиста-оҳиста мефаҳманд, ки чаро амале иҷро карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки баъзе кӯдакон амиқии ҳолатҳои муҳокимашавандаро зуд дарк мекунанд, дигарон оҳистатар ва ин табиист. Дар ин гуна ҳолатҳо муҳим аст, ки онҳо дар бораи меъёрҳо ва амалҳои ахлоқӣ ҳарчи бештар мафҳумҳо ва андешаҳои ахлоқӣ пайдо кунанд [4, 6].

Натиҷаҳои тарбияи иқтисодӣ, ба ақидаи В.Е.Ковалева, муносибати бошууронаи бачагон ба меҳнати калонсолон мебошад, ки дар рафтори онҳо ҳангоми дарки моҳияти истифодаи самараноки захираҳо, аз ҷумла сарфаи маблағ, сару либос ва пойафзол, қувваи барқ ва об, вақт ва саломатӣ зоҳир мегардад [3, с. 87].

Асосҳои рафтори ахлоқӣ маҳз дар мактаби ибтидоӣ ташаккул ёфта, нақши он дар протсеси иҷтимоишавии насли наврас ниҳоят калон аст. Самаранокии алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии мактаббачагони хурдсолро як қатор шароитҳо таъмин мекунанд:

– ба намудҳои гуногуни фаъолият, ки дар байни онҳо меҳнат мавқеи махсусро ишғол менамояд, ҷалб намудани хонандагон;

- аз ҷониби омӯзгорон ҳадди аққал истифода бурдани имкониятҳои раванди таълимию тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ;

- муайян намудани мафҳумҳои иқтисодии омӯхташуда, малакаҳои иқтисодии ташаккулёфта, сифатҳои ахлоқӣ ва иқтисодии шахсияти мактаббачаи хурдсол, ки ба онҳо такя намудан мумкин аст.

Дониш ва малакаи иқтисодие, ки талабагон дар синфҳои ибтидоӣ ҳосил мекунанд, ба онҳо барои оқилона ҳал намудани масъалаҳои маърифатию амалӣ имконият медиҳанд, барои инкишофи минбаъдаи таълими иқтисодӣ ва тарбияи бачагон дар зинаҳои минбаъдаи таълим заминаи зарурӣ мебошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло тамоми системаи тарбияи иқтисодӣ дар муассисаи таълимӣ бояд аз руи самтҳои асосии зерин инкишоф ёбад:

- аввалан, дар мактаббачагон малакаҳои ибтидоии тафаккури иқтисодиро инкишоф додан лозим аст, ки онҳо сараввал дар муассисаҳои томактабӣ ва дар оила ба даст овардаанд;

- дуюм, тарбияи иқтисодии хурдсолон инкишофи унсурҳои шуури иқтисодӣ ва такмилёбӣ дар ин равандро дар назар дорад.

Тавре маълум аст, фаъолияти маърифатии хонандаи синфҳои ибтидоӣ асосан дар ҷараёни таълим сурат мегирад. Васеъ намудани доираи алоқа низ муҳим аст. Хотира дар фаъолияти маърифатии мактаббача аҳамияти калон дорад. Тафаккури кӯдакони синфҳои ибтидоӣ аз эҳсосотӣ-хаёлӣ ба абстрактӣ-мантиқӣ инкишоф меёбад. Вазифаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аз он иборат аст, ки тафаккури кӯдакро ба зинаи сифатан нав, аз инкишофи зеҳн то дараҷаи дарки робитаҳои сабабу натиҷа ташаккул диҳад.

Дар раванди таълим зеҳн одатан бошиддат инкишоф меёбад. Дар ин ҷо нақши муассисаи таълимӣ ва педагог махсусан калон аст. Тадқиқот нишон дод, ки дар мавриди ташкили мазмуни раванди таълим, бо тағйири роҳу усулҳои таълим, ташкили фаъолияти маърифатӣ ташаккули зинаҳои тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоиро таъмин намудан мумкин аст [4, с. 149]. Диққати ихтиёрӣ низ дар баробари дигар равандҳои маърифатӣ инкишоф ёфта, ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва ҳисси масъулият барои фаъолияти бомуваффақияти таълим таъмин мегардад.

Ҷониби муҳими дигар, ин ташаккули тафаккури иқтисодӣ тавассути ҷалб намудани хурдсолон ба раванди бозиҳои нақшӣ, руимизӣ ва дидактикӣ, хондани адабиёти бадеӣ мебошад. Ҷустуҷӯи роҳҳои оптималии ҳалли масъалаи алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии хонандагон боиси интихоби истифодаи технологияҳои бозӣ гардид [7, с. 118].

Дар байни навъҳои гуногуни бозиҳо, бозиҳои сужетӣ-дидактикӣ мазмуни иқтисодӣ дошта, аҳамияти махсус доранд. Барои тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии кӯдакон таъсири рушди бозиҳои сужетӣ-дидактикӣ махсусан муҳим аст, ки дар онҳо малакаҳои рафтори мувофиқи қоидаҳо, ҳамдардӣ, қобилияти ба нақша гирифтан, ҳамкорӣ кардан, баҳо додан ба вазъият, пурсабрӣ, ҳушёрӣ ва устувориро инкишоф медиҳанд. Бозии сюжетӣ- дидактикӣ барои дарк намудани маънои фаъолияти меҳнатии калонсолон, аниқ риоя намудани тамоми қоидаҳои амалу рафтор дар муҳити мувофиқ ёрӣ мерасонанд. Ба риояи шароитҳои зерин ташкили бозиҳои сужетӣ-дидактикӣ ноил шудан мумкин аст:

1. Интихоби мазмуни мувофиқ барои бозиҳо;
2. Шинос шудан бо фаъолиятҳои дастраси калонсолон тавассути аёният;
3. Тасвири мазмуни иқтисодӣ дар сужет ва мазмуни бозӣ;
4. Аз рӯи мавзуъ, сужет, нақш, муносибатҳо бой гардонидани бозӣ;
5. Тайёр намудани маводи зарурӣ барои бозиҳо;
6. Иштироки педагог дар бозӣ;
7. Ба вуҷуд овардани вазъияти мушкилоти бозӣ.

Системаи бозиҳои сужетӣ-дидактикӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги шахсии мактаббачагони хурдсол бо афзалияти рушди иқтисодӣ тавассути ҳамгироии намудҳои гуногуни фаъолият ташаккул дода шавад [6, с. 85].

Ба шарофати тарбияи иқтисодӣ хурдсолон аҳамияти сарватҳои табииро барои ҳаёти инсон мефаҳманд ва бо муносибати эҳтиёткоронаю оқилона нисбат ба табиат ҷалб карда мешаванд. Инчунин, дар бораи навъҳои моликият, даромаду хароҷоти оила, хароҷоти оқилона, маблағи худ ва истифодаи оқилонаи он, арзиши молу ашёи муассисаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ, хароҷоти таъмири бинои муассиса, таҷхизоти он ва ғайра тасаввуроти аввалин мегиранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло аллакай ба хурдсолон барои азхудкунии истилоҳҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили: моликият, истеҳсолот, савдо, мол, бозор, пул, нарх, арзиш, сарфа намудан ва ғайра шуруъ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Мактаббачаи хурдсол дар равандҳои иқтисодӣ иштирок мекунад. Ӯ ҳамрохи падару модараш ба мағоза меравад, баъзан бо кӯмаки калонсолон худ низ харид мекунад ва бо ҳамин таҷрибаи ибтидоии иқтисодӣ ҳосил мекунад. Аз ин рӯ, вазифаи калонсолон на танҳо ба кӯдакон додани миқдори муайяни донишҳои иқтисодӣ, балки муҳимтар аз он, тарзи дуруст истифода бурдани ин донишҳоро омӯзонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло пешниҳод мегардад, ки ба барномаи тарбияи иқтисодии хурдсолон мавзуъҳои зерин дохил шаванд:

1 «Ҳар як чиз нархи худро дорад»;
2. «Боигарии муҳити атрофро эҳтиёт ва ғанӣ гардон»;
3. «Пул аз куҷо меояд?»;
3. «Хароҷоти оилавӣ»;
4. «Буҷети ҳозира ва ояндаи оила»;
5. «Амонатҳои оилавӣ ва истифодаи онҳо».

Ҳамин тариқ, бозии дидактикии ба сужет асосёфта барои фаҳмо гардонидани мафҳумҳои иқтисодӣ тавассути амалисозии ҳолатҳои воқеии ҳаёт кӯмак мекунад. Бинобар ин, ин системаи методиро метавон дар ҳама гуна муассисаи таълимӣ ҷорӣ кард ва дар оила истифода бурд.

Таҳлили назариявии проблемаҳои тарбияи иқтисодии кӯдакон нишон дод, ки синну соли мактаби ибтидоӣ аз рӯи хусусиятҳои равонии худ ба ташаккули унсурҳои асосии фарҳанги иқтисодии хурдсолон мувофиқ аст.

Тарбияи иқтисодии мактаббачагон дар мавриди муҳайё намудани шароитҳои зерин бомуваффақият мегузарад:

- хусусиятҳои синну сол ва фардии хонандагон ба назар гирифта мешаванд;
- вазифаҳое истифода мешаванд, ки ба рушди донишҳои иқтисодии мактаббачагон нигаронида шудаанд;

— усулҳои психологию педагогии таълими иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

Дар давоми ҳар як машғулият/дарс марҳилаҳои зерин ба асос гирифта шуд:

1. Марҳилаи омодагӣ (тайёрии мураббӣ/муаллим ба машғулият/дарс, омодасозии маводи аёнӣ ба бозӣ, тайёрии мустақилонаи хонандагон).

2. Ба бозӣ ворид шудани педагог (муайян кардани омодагии хонандагон ба бозӣ).

3. Бозӣ (муҳокимаи вазифаҳо, қабули қарор, татбиқи онҳо).

4. Марҳилаи ниҳоӣ (натиҷаи иҷрои супоришҳои мустақил).

Дар ин гурӯҳ таълим аз рӯи системаи махсуси машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Дар озмоиши муқарраркунанда донишу маҳорати хонандагони синни хурди мактабӣ аз рӯи суҳбат бо онҳо ва супоришҳои тестӣ муайян карда шуд. Меъёру нишондиҳандаҳои дараҷаи маълумоти иқтисодии мактаббачагони хурдсол кор карда баромада шуд.

Дар озмоиши назоратӣ ба хонандагон супоришҳое пешниҳод шуданд, ки алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла тарбияи сифатҳои сарфаю сариштакорӣ, ростқавлӣ, боадолат будан ва монанди инро дар мактаббачагони хурдсол муайян менамуданд.

Дар марҳилаи ҷамъбастӣ таҳлили назорати донишу малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

Инчунин, ҳамчун суприши иловагӣ аз хонандагон (25 нафар) хоҳиш карда шуд, ки дар мавзуи: «Чаро сарфакорӣ лозим аст?» бо ҳамсолон ва аҳли оилаашон мусоҳиба гузаронанд. Ҳар як кӯдак бояд дар мавзуи додашуда нақли шахс омода кунад. Дар ин раванд бояд меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқу рафтор, ки муносибати кӯдакро бо калонсолон ва ҳамсолон танзим мекунанд, инчунин қоидаҳои муносибат бо ашё ва атрофиён, аз зумраи сифатҳои “ростқавлӣ”, «эҳтиёткорӣ», «масъулиятнокӣ», «росткорӣ», «сариштакорӣ», «адолат» ташаккул ёбанд.




Дар рафти баргузории таҷриба самаранокии алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқии талабагон дар гурӯҳи озмоишӣ баҳо дода шуд. Дар ибтидои таҷриба баҳои миёнаи арифметикии ташаккули дарки мафҳумҳои иқтисодӣ ва ахлоқӣ дар гурӯҳи озмошӣ ҳамагӣ 35,2% буд.

Баъд аз ҷамъбасти супориш холи миёнаи арифметикии ташаккули дарки мафҳумҳои иқтисодӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар охири озмоиш 68,6 фоизро ташкил дод, яъне нисбат ба аввали таҷриба 33,4 фоиз афзуд. Ҳамин тариқ, баъд аз озмоиши назоратӣ мо ба хулосае омадем, ки хонандагон натиҷаҳои дар ин самт назаррас ба даст оварданд.

Хулоса, алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқӣ инкишофи тафаккури иқтисодӣ ва сифатҳои ахлоқиро, ки дар раванди фаъолияти хурдсолон муҳиманд, таъмин менамоянд.

***Адабиёт***

1. *Аменд А. Ф., Васильев, Ю. К., Вульфов Б. З. Экономическое воспитание учащихся. - М., 2008. – 137 с.*
2. *Гебеков Г. Х. Экономические знания и экономическое воспитание школьников. - Махачкала: Даучпедгиз, 2005. - 93 с.*
3. *Васильев Ю. К., Левчук З. К. Формирование экономической воспитанности школьников. - М., 2008. – 101 с.*
4. *Ковалева В. Е., Орлова Т. В. Экономическое воспитание школьников в условиях совершенствования социальной демократии // Демократия средней школы: проблемы, поиски, опыт. - М., 2006. - С. 82 - 92.*
5. *Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. – Душанбе, 2015. - 347 с.*
6. *Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. – Душанбе, 2011. - 245 с.*
7. *Нульман Л. М., Кураков, Л. П., Кисилёв В. П. и др. Педагогика: учебное пособие. - М., 2005. - 254 с.*
8. *Глебова Г.Д. Экономическое воспитание школьников. - Минск, 2008. – 159 с.*
9. *Попов В. Экономическое воспитание школьников // Образование. - 2008. - №1. – С. 84-89.*


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ АЛОҚАМАНДИИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ


Тарбияи иқтисодии хурдсолон ҳамчун фаъолияти муташаккили педагогӣ фаҳмида мешавад, ки ба ташаккули унсурҳои шуури иқтисодӣ тавассути интиқоли асосҳои донишҳои иқтисодӣ, ташаккули хислатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳими шахсият, инкишофи тафаккури иқтисодӣ дар сатҳи дастрасӣ мувофиқ ба синну соли хурдсолон равона гардидааст. Дар давраи хурдсолӣ доираи хеле васеи ақидаҳои ахлоқӣ дар бораи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ки муносибатҳои кӯдакро бо калонсолон ва ҳамсолон танзим мекунанд, ташаккул меёбанд. Дар озмоиши муқарраркунанда донишу маҳорати хонандагони синни хурди мактабӣ аз рӯи суҳбат бо онҳо ва супоришҳои тестӣ муайян карда шуд. Меъёру нишондиҳандаҳои дараҷаи маълумоти иқтисодии мактаббачагони хурдсол кор карда баромада шуда, дар озмоиши назоратӣ алоқамандии тарбияи иқтисодӣ ва ахлоқӣ, инкишофи тафаккури иқтисодӣ ва сифатҳои ахлоқӣ, ки дар раванди фаъолияти хурдсолон муҳиманд, мавриди таҳқиқ қарор ёфт.



**Калидвожаҳо:** психологӣ-педагогӣ, алоқамандӣ, тарбияи иқтисодӣ, ахлоқӣ, фаъолияти муташаккили педагогӣ, фарҳангӣ иқтисодӣ, сифатҳои ахлоқӣ, бозиҳои сужетӣ-дидактикӣ, шароитҳои педагогӣ, озмоиши педагогӣ.


## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВЗАИМОСВЯЗИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО И НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ


Экономическое воспитание младших учащихся понимается как организованная деятельность педагога, направленная на формирование экономического сознания педагога посредством передачи основ экономических знаний, формирования характеристик экономических знаний. В детстве формируется широкий спектр нравственных представлений о нормах и правилах поведения, регулирующих отношения ребенка со взрослыми и сверстниками. В констатирующем эксперименте знания и умения учащихся младших классов определялись на основе беседы с ними и тестовых заданий. Разработаны критерии и показатели уровня экономического воспитания младших школьников, а в контрольном эксперименте установлена связь экономического и нравственного воспитания, развития экономического мышления и нравственных качеств, которые имеют важное значение в процессе деятельности детей раннего возраста.



**Ключевые слова:** психолого-педагогический, общение, экономическое образование, этика, организованная педагогическая деятельность, экономическая культура, нравственные качества, предметно-дидактические игры, педагогические условия, педагогический эксперимент.


## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL FEATURES OF THE RELATIONSHIP OF ECONOMIC AND MORAL EDUCATION OF CHILDREN IN AN EDUCATIONAL INSTITUTION


Economic education of younger students is understood as the organized activity of a teacher aimed at developing the teacher’s economic consciousness through the transfer of the fundamentals of economic knowledge and the formation of the characteristics of economic knowledge. In childhood, a wide range of moral ideas about the norms and rules of behavior that regulate the child’s relationships with adults and peers is formed. In the ascertaining experiment, the knowledge and skills of primary school students were

determined on the basis of a conversation with them and test tasks. Criteria and indicators of the level of economic education of junior schoolchildren have been developed, and in a control experiment the connection between economic and moral education, the development of economic thinking and moral qualities, which are important in the activities of young children, was established.

**Keywords:** psychological and pedagogical, communication, economic education, ethics, organized pedagogical activity, economic culture, moral qualities, subject-didactic games, pedagogical conditions, pedagogical experiment.

**Дар бораи муаллифон**

Иматзода Лутфия Маҳмадулло
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 55 533 31 21
E-mail: imatoval@mail.ru

Ахмедова Фарида Хисмонбековна
Унвонҷӯи кафедраи педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 98 844 74 49
E-mail: farida@gmail.ru

**Об авторах**

Иматзода Лутфия Махмадулло
Доктор педагогических наук, профессор кафедры общей психологии и педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 55 533 31 21
E-mail: imatoval@mail.ru

Ахмедова Фарида Хисмонбековна
Соискатель кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 98 844 74 49
E-mail: farida@gmail.ru

**About the authors**

Imatzoda Lutfiya Mahmadullo
Doctor of Pedagogical Sciences, professor of the Department of General Psychology and Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 55 533 31 21
E-mail: imatoval@mail.ru

Akhmedova Farida Khismonbekovna
Applicant for the Department of General Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 98 844 74 49
E-mail: farida@gmail.ru

ТДУ 371.012

# ЗАРУРАТИ ЭҲЁИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Рӯзиева М. Д.*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар доир ба эҳёи касбу ҳунарҳои миллӣ ёдрас гардида, аз худ намудани онро вазифаи ҳар як фард ҳисобидаанд, ки ин албатта бе ҳикмат нест. «...Касбу ҳунар инсонро баобрӯ ва дар байни мардум шарафманд мегардонад. Шахси ҳунарманд ба воситаи ҳунари худ дар ҷамъият соҳиби ризқу рӯзӣ ва мақоми воло мегардад» [6, с. 5].

Ҳанӯз аз давраҳои қадим инсоният дар фикри дарёфти омилҳои ташаккулёбии тафаккури зебоипарастӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагӣ буданд, ки то имрӯз масъалаи мазкур мавриди баҳсу баррасии олимон ва муҳаққиқони соҳа буда, ҳар яке андешаҳои гуногун доранд.

Аз тарафи олимону мутахассисони соҳаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ шудааст, ки рушди ҳунарҳои миллӣ ба тарбияи зебоипарастии инсоният, болоравии сатҳи зиндагӣ инчунин омили муҳими бо кори доимӣ таъминкунии аҳли ҷомеа, коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва аз ҳама хубаш ба мустаҳкамсозии оила, тарбияи завқи бадеӣ, хусусан, тарбия тавассути ҳунару санъат нақши калонро мебозад. Акнун аз сарчашмаҳои луғатӣ ва адабиёти илмию методӣ фикру андешаҳои олимони тоҷик оид ба ҳунарҳои миллӣ оварда мешавад.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ оид ба мафҳуми «ҳунар» чунин дарҷ гардидааст: «Ҳунар (форсӣ: هنر) касб, пеша, шуғл; иҷрои коре мувофиқи қонуну қоидаҳои он, санъат, маҳорат; кордонӣ, истеъдод, лаёқат; ҳунар ба кор бурдан; аҳли ҳунар ҳунармандон, пешоварон, косибон; ҳунар омӯхтан кор омӯхтан, касб ёд гирифтан (ёд додан); даҳ (панҷааш) дасташ ҳунар; панҷ ангушташ ҳунар моҳир дар ҳама корҳо; ба як ҷавон чиҳил ҳунар кам аст (мақ.)» [11, с. 76].

Б.Ҳ.Давлатова дар мақолаи илмии худ чунин қайд намудааст: «...Касбу ҳунар аз қадимулайём хоси инсон буда, дар ҳама ҳолат боиси обрӯ ва сарфарозии шахс мебошад. Ҳар як фард тавассути касбу ҳунар соҳибэҳтиром мегардад. Бузургони гузаштаи мо дар бораи касбу ҳунар эҷодиёти бою рангин навиштаанд. Шоири бузурги асри 17 Миробид Сайидои Насафӣ «Шаҳрошӯб» ном асаре дорад, ки дар бораи зиёда аз 200 номгӯйи касбу ҳунар маълумоти муфассал медиҳад.

*Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,*
*Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехурад» [4, с. 108-109].*

Мақоми ҳунарҳои миллӣ на танҳо дар наздик сохтани насли наврас ба неъматҳои зебоипарастии ҳаёт бузург аст, балки ба пешрафти сатҳи маънавиёти оила, рӯзгордорӣ ва ғанӣ гардидидани захираҳои моддӣ дар оила нақши муассир дорад. Зеро аз қадимулайём мардуми соҳибмаърифати тоҷик дар баробари қавму мардуми дигар бо шавқу завқи баланд ба касбу ҳунарҳои милливу аҷдодӣ, амсоли оҳангарӣ, мисгарӣ, зардӯзӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, шонатарошӣ, кордсозӣ, қолинбофӣ, чармгарӣ, олкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, на танҳо дар зинда нигоҳ доштани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ҳамчунин дар тарғибу муаррифии фарҳанги бою ғанӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ онро васеъ истифода менамуданд.

Инчунин аз тарафи Ш.Ю.Азизов дар мақолаи илмӣ чунин эзоҳ оварда шудааст: «...Ҳунар ва ҳунармандӣ, суд ва моҳияти он дар ҳаёт ва рӯзгори инсон ганҷ ва сарвати бебаҳост. Он яке аз рукнҳои асосии фарқи инсон аз ҳайвон ва он амалиёти бошууронаю мақсадноки инсон маҳсуб меёбад...Ҳадафи асосӣ аз эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ин пеш аз ҳама бо ҷои кор таъмин намудани занону дутарони бекор ва бахусус хонашин ва кам кардани сафи занони муҳоҷир, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», пешгирии падидаҳои номатлуб байни наврасон ва занону духтарон, дарёфтани корҳои баландмузд барои занони ҳунарманд

ва инчунин ба ин васила муаррифӣ намудани ҳунарҳои миллӣ дар замони нави таърихӣ аст» [2, с. 115].

М.Д. Рӯзиева ва М.Ҳ.Азимова дар мақолаи илмии худ таҳти унвони «Нақши истифодаи воситаҳои аёнӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» чунин ибрози ақида намудаанд: «Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, чун дигар унсурҳои бедоркунандаи завқу шавқи кӯдакон нишон медиҳад, ки шавқ сифати арзишноки кӯдак ба ҳисоб меравад ва ба самти ҳунарҳои мардумӣ ва вобаста ба фаъолияти онҳо ташаккул меёбад» [8, с. 133].

Касбу ҳунарҳо дар ҳамаи давру замон, хусусан, замони муосир рӯ ба рушд оварда, маҳсулоти ҳунармандӣ бо ҳисси баланди зебоипарастӣ аз ҷониби ҳунармандони чирадаст пешкаши мардум гардонида мешавад.

О.А.Исломов ва А.Э.Эргашев бар он ақидаанд, ки «…иҷрои ҳунарҳои дастӣ, дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, таҳаммулпазириро тарбия менамояд, тозаю озодакориро меомӯзад, дунёи ботинии шахсро ғанӣ гардонида истода, лаззати ҳақиқиро аз кори иҷрошуда мебахшад» [5, с. 11].

Ташаббусҳои созанда ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ба ин масоил ва рушди сайёҳӣ қадами устувор гузошта шуд, ки дар замони муосир барои занону бонувони хонашин ва ҷавонони ҳунарманд имконияти бештарро фароҳам месозад. Зеро таъкид карда буданд: «...Фарҳанг ва ҳунарҳои воло дар ҳама давру замон ҳамчун василаи муҳими муаррифии халқу кишвар ба ҷаҳониён шинохта шудааст» [6, с. 3].

Аз ин лиҳоз, дар соли 2017 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имконияти сайёҳии мамлакат, омӯзиш ва густариши ҳунарҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллиҳои мардумӣ» эълон гардид ва солҳои 2019-2021 вобаста ба муҳимият ва зарурият «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шуд, ки ин тадбир ба мо имконият медиҳад, ки дар рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллӣ тадбирҳои ҳадафманд ва нишонрасро роҳандозӣ намоем. Ин аз тадбирҳои самарабахше ба ҳисоб меравад, ки ҳам ба ғанӣ гардидани иқтисодиёти мамлакат, ба фурӯш рафтани маҳсули ҳунармандон, бо корҳои доимӣ машғул шудани занону бонувон, ҷавонони бекору имкониятташон маҳдуд ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум таъсири хуб мерасонад.

Аз тарафи У.Р. Раҷабов дар мақолаи илмии худ дар манбаи электорӣ таҳти унвони «Ҳунар муаррифгари фарҳанги миллӣ» чунин ибрози ақида намудааст: «Барои ҳунармандони асил қабул гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»такони ҷиддӣ бахшид. Зеро барои онҳо шароити мусоид фароҳам омад, ки ҳунари хешро бештар инкишоф диҳанд ва барои бештар вонамуд кардани маҳсули дасти хеш кушиш намоянд. Ҳунарҳои мардумӣ яке аз самтҳои муаррифии кишвар маҳсуб мешавад. Ба ин васила, имрӯз аз байни ҷавонон беҳтарин нобиғаҳои ҳунар, беҳтарин ихтироъкор, беҳтарин омӯзгорба камол мерасанд» [7, с. 1].

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосир ҳунарҳои миллии тоҷикон ба монанди кашидадӯзӣ, куроқдӯзӣ, ҷиҳакбофӣ, бофтани намудҳои гуногуни сарулибос, ҷиҳози хона, тарзи тайёр намудани хӯрокҳои миллӣ, маҳсулоти қаннодию намудҳои гуногуни нон, омода намудани маҳсулоти ороишию заргарӣ, сандуқсозӣ, ороиши боғу бӯстон, ҳавлӣ, ороиши дастархон равнақ ёфтааст. Дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд: Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Ашт, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ ва амсоли инҳо омӯзиши ҳунарҳои миллӣ ва машғул шудан инчунин, истеҳсол, коркард, бастубанд ва хизматрасонию фурӯши маҳсули меҳнат ба тариқи оилавӣ ба таври густурда ба роҳ монда шудааст. Метавон гуфт, ки оилавӣ машғул шудан ба касбу ҳунарҳои аҷдодӣ дар Тоҷикистони, махсусан, пас аз эълон гадидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дучанд гардид. Омилҳои бештар рӯй овардани мардум ба касбу ҳунарҳои миллӣ аз ҳавасмандагардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва озод намудани онҳо аз пардохти ҳамагуна намудҳои андоз, инчунин, таъсис ва равона намудани маблағҳои грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои соҳибкорзанону ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳунармандон маҳсуб меёбад.

Омили дигари таъсиргузор ин ташрифи бештари сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон мебошад. Масъалаи мазкур баҳри истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ таккони дигар бахшид. Аз ин рӯй, ҷомеаи муосир аз ҳунармандони кишвар вобаста ба талаботи бозор амал менамояд, ки мунтазам дар эҷод ва такмили ҳунарҳои миллии худ бошанд ва фарҳанги ғанию касби пуршарафи худро ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба таври барҷаста муаррифӣ карда тавонанд. Эҷод намудан ва такмил додани маҳорати офариниши ҳунармандон боиси бозоргирии маҳсулот ва ривоҷи ҳунарҳои милливу ҳунармандӣ ва мустаҳкамии вазъи иқтисоди оила хоҳад гашт.

Ф.Ҳодибоев - корманди раёсати МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» вобаста ба масъалаи мавриди назар дар мақолаи худ таъкд карда буд, ки давлату ҳукумати кишвар баҳри омӯзиши ҳунарҳои аҷдодӣ ва касбу ихтисосҳои муосир як қатор тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намудааст. Имрӯз ҷавонони саодатманди кишвар дар муассисаҳои маълумоти миёна, олии касбӣ, коллеҷҳо ва марказҳои таълимӣ ба омӯзиши беш аз 850 намуди касбу ҳунарҳои миллӣ ва ихтисоси гуногун аз рӯйи 5 равия: табиӣ ва техникӣ, иқтисод ва география, филология, педагогика ва санъат, ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ, тиб, биология ва варзиш фаро гирифта шудаанд. Зеро яке аз ҷанбаҳои тарбияи насли наврасро дар рӯҳияи худшиносиву зебоипарастӣ, ифтихорӣ миллӣ, омӯзиши намудҳои муосири ҳунару ҳунармандӣ бо намудҳои аҷдодӣ ва миллӣ метавон рабт дод. Зеро насле, ки созанда асту истеъдоди офариниш дорад, ҳамеша аз пайи ободии Ватан аст. Ҷавони мусаллаҳ ва бо ҳунарҳои миллӣ ҳеҷ гоҳ фирефтаи ин ё он равияҳои ифротӣ ва гурӯҳу созмонҳои террористӣ нахоҳад гардид.

Имрӯз волидонро зарур аст, ки баҳри омӯзиши ҳунарҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, меҳри омӯзиши онро аз овони хурдсолӣ бо амал ва гуфтор дар дилашон ҷой намоянд. Ин иқдом баҳри рушд ва камол ёфтани насли ҳунарманд гашта, сатҳи зиндагӣ ва маърифати ҷаҳонбинӣ дар муҳити хонаводагӣ беҳтар аз пештар хоҳад гардид.

Таъсири урфу одатҳои қадимаи халқи тоҷик ба ҳаёт, зиндагӣ ва санъати бадеии он ниҳоят бузург аст. Ҳунармандони мо хуб дарк намудаанд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии бозоргир шудани маҳсулоти ҳунармандӣ дар такмил ва густариш додани санъати бадеӣ аст. Ҳунарманде, ки дар як ҷо ба иборае шах шудааст, ҳеҷ гоҳ маҳсулоташ бозоргир намешавад ва рафта-рафта паршикаста ва касод мешавад. Барои ба ин ҳолати ногувор дучор нашудан мебояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва омӯзиши нозукиҳои ҳунарҳои миллии хеш буд.

Аз ин ҷиҳат, ҳунармандони имрӯзи тоҷик, махсусан заргарону атласдӯзони шаҳри Хуҷанд, қолинбофони шаҳри Гулистон, кандакорону кордсозони Истаравшани бостонӣ, ҳунармандони Панҷакенти қадим бо омӯзиш ва дарки ин масъала маҳсулоти ҳунарҳои миллии хешро омода менамоянд, ки шуҳратёри ҷаҳон гардидааст. Устодони чирадасти ин манотиқ аз анъанаҳои фарҳангӣ бо омехтанамоии суннатҳои аврупоӣ дар эҷоди ҳунарҳои амалии мардумӣ бештар коргир мешаванд, ки боиси таҳсин ва ифтихор аст. Дар поён оид ба таърихи пайдоиши сандуқ ва маълумот оид ба ҳаёт ва фаъолияти касбии сандуқсозони тоҷик маълумоти муфассал оварда мешавад.

Сандуқ лавозимоти хона буда, асосан барои захира намудани чиз истифода шуда, онро аз чӯб ва ё тунука сохта мешавад. Сандуқсозӣ яке аз ҳунарҳои миллӣ ва анъанавии халқи тоҷик буда, бо коркарди чӯб ва тунука марбут буда, аксаран дар ҳар як хонаи мардуми деҳот инчунин шаҳр навъҳои гуногуни сандуқ мавҷуд буда, яке аз ашёи зарурӣ ва муҳими рӯзгор маҳсуб меёбад. Сандуқ асбоби рӯзгор буда, қуттии калоне, ки дар он асбобу анҷоми рӯзгор ва дигар чизҳои қимматбаҳову арзишмандро гузошта, ба болояш кӯрпаву болиштҳо гузошта мешавад.

Сандуқтарошӣ ё сандуқсозӣ ҳунарҳои миллии қадимаи мардуми тоҷик аст. Ҳамагон чун дигар ашёи зарурӣ дар зиндагии худ аз сандуқҳо зиёд истифода мекунанд. Аксаран сандуқҳоро пеш аз хонадоршавӣ чун ҷиҳози зарурӣ барои ҷойгирнамудани ашёҳои рӯзгор харидорӣ менамоянд. Аз ин рӯй косибоне, ки ба сандуқсозӣ сару кор доранд миёни мардум аз эҳтироми хоса бархурдоранд.

Мувофиқи тафсири «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи «сандуқ» арабӣ буда, ба маънои «қуттии калони филизӣ ё чӯбӣ барои нигоҳ доштани чизҳо» омадааст [11, с. 108]. «Асбоби рӯзгор, қуттии калоне, ки дар он анҷоми рӯзгор, асбоби зинат ва дигар чизҳои нодирро нигоҳ медоранд» [10, с. 1].

Дар ибтидо барои нигоҳдории лавозимот ба сандуқ монандро аз пӯсти ҳайвонҳо омода карда мешуд ва баъдтар сандуқро аз чӯб, филизот месохтагӣ шуданд.

Дар сандуқҳои чӯбӣ ғалла низ нигоҳ медоранд, ки он ҳаҷман калонтар буда, одатан оро намедиҳанд. Пештар дар бозорҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар бозорҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Ӯротеппа ва ғайра растаҳои махсуси сандуқфурӯшӣ буданд. Шашгӯшак, ҳаштгӯшак, қӯчқорак, найзадор, бодомча барин намудҳои сандуқ намунаи барҷастаи санъати амалӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳоло дар Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои Осиёи Миёна корхонаҳои махсуси сандуқсозӣ мавҷуданд.

Сандуқсозӣ дар қатори дигар ҳунарҳои миллӣ равнақ меёбад. Устоҳои моҳир маҳсули дасташонро бо кандакориву гулкорӣ ороиш дода, пешкаши муштариён мегардонанд. Ин пеша аслан мардона аст, зеро усто бояд ҷисман бақувват, чусту чолок ва эҳтиёткор бошад. Вале вақте зан ба ҳунарҳои миллии сандуқсозӣ машғул мегардаду ҳамчун бонуи ҳунарҳои миллӣ ном мебарорад, шояд ба назар аҷибу ҳайратовар намояд.

Саодат Чақалова аз ҷумлаи бонувони одиву хоксор аст, ки касби сандуқсозиро интихоб кардааст. Ӯ зодаи деҳаи Дарёободи ноҳияи Рӯдакӣ буда, аз овони мактабхонӣ ба сандуқсозии падараш Юнус Чақалов ва бародараш Амрулло Чақалов таваҷҷуҳ дошт. Ҳар чӣ медид, онро дар болои қоғазпора ё тахтачаҳо ба тасвир мекашиду бо олоти чӯбтарошӣ шакл медод.

Ҳар як сандуқу сандуқчаҳои бо дастони Саодат Чақалова сохташуда диққати муштариёнро зуд ба худ ҷалб месозад. Албатта, тайёр кардани сандуқ заҳмати зиёдро талаб мекунад. Тахтаҳоро аз дарахти сӯзанбарг ва сафедор омода месозанд, ки онро аз Федератсияи Россия дастрас мекунанд.

Аз рӯи таъкиди ҳунарманд Саодат Чақалова, дар ҳолати тайёр будани маҳсулот дар як рӯз то 2-3 дона сандуқ сохтан имконпазир аст.

Аз тарафи рӯзноманигор Фирӯз Боқӣ дар ҳафтаномаи «Паёми Спитамен» оид ба ҳунарҳои миллӣ ва рӯзгори ҳунарманд Муҳаббат Юлдошева таҳти унвони «Спитамен авлавият ба рушди ҳунармандӣ» мақолае ба нашр расонидааст: «...Ҳунармандони касбу кори гуногун аз шароити мусоиди фаъолият истифода бурда, бо ҳунарҳои миллии худ асбоби рӯзгорро муҳайё месозанд. Дар ноҳияи Спитамен ҳоло зиёда аз 110 бонуи ҳунарманд ба қайд гирифта шуда, бо аҳли оила ва шогирдони худ машғули коранд. Бонувони спитаменӣ асосан дар хона ба ҳунарҳои миллии адрасу атласбофӣ, гилембофӣ, сӯзанидӯзӣ, тоқидӯзӣ машғул гардида, баъзеашон дастранҷи худро ба фурӯш низ мебароранд. Бинобар маълумоти корманди бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен Азиза Валиҷонова дар қайди ин ниҳод то имрӯз 113 бонуи ҳунарманд буда, дар ҷамоати деҳоти Турсун Ӯлчабоев ҳунарманд-сандуқсоз Муҳаббат Юлдошева ва дар ҷамоати деҳоти Истиқлол Гулчирой Қӯзибоева бо ҳунарҳои миллии сандуқсозӣ ва сабадбофӣ машҳуранд. Дуредгарӣ, аз чӯб сохтани ҳар гуна асбоби рӯзгор ва мусиқӣ, сандуқсозӣ, гаҳворасозӣ, кулолгарӣ, танурсозӣ ҳоло ҳам дар ноҳия дар ҳоли рушд мебошанд. Маҳсулоти тайёркардаи ин гуна устоҳо ниёзмандони зиёд дорад» [3, с. 3].

Умурзоқов Шавкат дар Тоҷикистон аз овони таваллудаш зиндагӣ мекунад ва ба ҳунармандӣ – сандуқсозӣ машғул аст, ки дар хонаводаи онҳо аз насл ба насл мегузарад. Бобокалон ва бобои ӯ барои масҷид сутунҳо месохтанд, падараш бошад, ки дар синни 13-солагӣ аз ӯ маҳрум шудааст, дару дарвоза, сутунҳои чӯбини кандакоришуда тайёр мекард. Худи Шавкат Умурзоқов аз соли 1985 ба кандакории сандуқҳои миллӣ шурӯъ кард ва ин ҳунарҳои миллиро ба ду писараш ва ҷиянаш омӯзонид, ки ҳоло бо ин кор машғул буда, ба ӯ кӯмак мекунанд. Ба вай аз падараш дастгоҳи кӯҳнаи харротӣ ба мерос мондааст, ки чанде пеш онро аз Ҷумҳурии Узбекистон оварда буд ва он барояш хеле пурқиммат аст.

Раҷабалиев Акбаралӣ муддати 24 сол аст, ки ба касби пурмашаққати сандуқсозӣ машғул асту луқмаи фарзандонашро аз ҳамин касб ба даст меорад. Ӯ зода ва истиқоматкунандаи деҳаи Файзбахши шаҳри Ҳисор мебошад. Ба гуфти қаҳрамон дар авлоди онҳо касе ба ин ҳунарҳои миллӣ машғул набудааст ва ба дунёи ин ҳунарҳои миллӣ омадани ӯ тамоман ногаҳонист.

Дар баробари сандуқсозӣ вобаста ба фармоиши харидорон усто Акбаралӣ гаҳвора ва ҷевонҳои гуногун низ месозад. Маҳсули дасти ӯ дар чандин намоишҳои ҳунарҳои миллӣ дар шаҳри Ҳисор ва берун аз он ба намоиш гузошта шудааст. Ӯ шукргузор аз он аст, ки аз ҳисоби меҳнати дасти худаш зиндагиашро пеш мебарад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои миллӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуд. Ҳунармандони шаҳру ноҳияи мамлакат аз ин иқдоми неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дилгарм гардида, фаъолияти худро дар ин самт дучанд карда истодаанд. Зеро илму фан ва техникаву технология хеле пеш рафта бошад ҳам, вале талабот ба маҳсулоти дастӣ ва ҳунарҳои миллӣ боқист.

***Адабиёт***


1. *Азизов А.А. Кулолгарӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - 84 с.*
2. *Азизов Ш.Ю. Рушди қолинбофӣ дар Суғд /Ш.Ю.Азизов // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо). - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 128 с.*
3. *Боқӣ Ф. Спитамен, авлавият ба рушди ҳунармандӣ / Ҳафтавори «Паёми Спитамен». – 2018. - №73. – 12 апрел.*
4. *Давлатова Б.Ҳ. Омӯхтани касбу ҳунарҳои миллӣ-талаботи давру замон / Б.Ҳ.Давлатова // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо). - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 128 с.*
5. *Исломов О.А. Рушди санъати ороишӣ-амалӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.А.Исломов, А.Э.Эргашев // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ ва технология (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи вилоятӣ дар мавзуи «Роҳҳо, усулҳо ва методикаи омӯзиши ҳунарҳои миллӣ дар дарсҳои технология ва санъати тасвирӣ» бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Хуҷанд: Ношир, 2019. -144 с.*
6. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 2.11.2023)*
7. *Раҷабов У.Р. Ҳунар муаррифгари фарҳанги миллӣ [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.tajmedun.tj/tj/soli-rushdi-sayyehi-va-hunarhoi-mardumi/unar-muarrifgari-far-angi-mill/ (санаи муроҷиат: 26.10.2023)*
8. *Рӯзиева М.Д. ва диг. Нақши истифодаи воситаҳои аёнӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ / М.Д.Рӯзиева, М.Ҳ.Азимова // Паёми ДМТ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2022. - № 10. - 305 с.*
9. *Сандуқ [Манбаи электронӣ]. - URL http://kitobam.com/cr/sandu/ (санаи муроҷиат: 29.10.2023)*
10. *Толковый словарь таджикского языка (в 2 томах). Душанбе, НИИ языка и литературы им. Рудаки / Под редакцией С. Назарзода, 2008 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (санаи муроҷиат: 5.11.2023)*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I. - Душанбе, 2008. – 996 с.*


## ЗАРУРАТИ ЭҲЁИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ҳунармандӣ аз қадимулайём пайваста ба рӯзгори инсон арзи вуҷуд карда омадааст. Халқи тоҷик мисли халқиятҳои дигар бо хусусиятҳои хосаи худ ҳамқадами замон ба ҳисоб рафта, ҳунарҳои мардумӣ таърихи тӯлониро аз сар гузаронидааст. Зиёда аз 20 сол мешавад, ки дар ҳамаи соҳаҳои мухталиф ислоҳот гузаронида шуда, фаъолияти онҳо ба талаботи замона мутобиқ карда шуда истодааст. Вазифагузории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, зинда кардани ҳунарҳои миллӣ ва мероси ниёгон дар байни мардум зери назорат қарор дорад. Дар тули солҳои охир диққати ҷомеа ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ равон карда шудааст. Бинобар ин дар таълимгоҳҳо сол аз сол сафи омӯзгорони эҷодкору навовар зиёд шуда истодааст ва онҳо мекӯшанд, ки насли наврас бомаърифат ва ҷаҳонбинии васеъдошта ба воя расонанд.



**Калидвожаҳо:** касб, ҳунар, ҳунарҳои миллӣ, ҳунармандӣ, эҳё, посдорӣ.


## НЕОБХОДИМОСТЬ ВОЗРОЖДЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРОФЕССИЙ И РЕМЕСЕЛ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Ремесло существует с незапамятных времен и постоянно распространяется на средства к существованию человека. Таджикский народ, как и другие народы, по своим характерным признакам считался в ногу со временем, а народные ремесла прошли долгую историю. Прошло более 20 лет с тех пор, как были проведены реформы во всех различных отраслях, их деятельность адаптируется к

современным требованиям. Миссия Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона находится под контролем народа для повышения уровня и качества обучения и воспитания, оживления национальных ремесел и Наследия предков. В последние годы внимание общества было сосредоточено на изучении народных ремесел. Поэтому в учебных заведениях с каждым годом растет число творческих и новаторских педагогов, и они стремятся воспитать подрастающее поколение образованным и с широким кругозором.

**Ключевые слова:** профессия, ремесла, национальные ремесла, ремесла, возрождение, охрана.

## THE NEED TO REVIVE NATIONAL PROFESSIONS AND CRAFTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The craft has existed since time immemorial and is constantly spreading to the means of human livelihood. The Tajik people, like other peoples, by their characteristic features were considered to be in step with the times, and folk crafts have a long history. It has been more than 20 years since reforms were carried out in all different industries, their activities are adapting to modern requirements. The mission of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, is under the control of the people to improve the level and quality of education and upbringing, revitalize national crafts and ancestral Heritage. In recent years, the society's attention has been focused on the study of folk crafts. Therefore, the number of creative and innovative teachers in educational institutions is growing every year, and they strive to educate the younger generation educated and with a broad outlook.

**Keywords:** profession, crafts, national crafts, crafts, revival, protection.

**Дар бораи муаллиф**
Рӯзиева Мавлюда Давроновна
Дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992) 92 882 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

**Об авторе**
Рузиева Мавлюда Давроновна
Дотсент кафедры теории и методики дошкольного воспитания
Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1
Тел.: (+992) 92 882 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

**About the author**
Ruzieva Mavlyuda Davronovna
Associate Professor, Department of Theory and Methods of Preschool Education
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Ph.: (+992) 92 882 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

ТДУ 37(091)(575.5)

# ИНТИХОБИ ҲАМСАРУ БУНЁДИ ОИЛА ТИБҚИ ФАРМУДАҲОИ А. СИНО ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

***Хайруллоев Б., Нематов Ф. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар баробари соҳибистиқлол гардидани кишвар раванди таълиму тарбияи атфол низ ҷараёни тозаро ба худ касб кард. Он аз раванди шахшудаи замони Шуравӣ ба раванди эҷодӣ дар заминаи ақидаҳои педагогикаи миллӣ таҳрезӣ шуда истодааст, чунки ақидаҳои таълимию тарбиявии мутафаккирони бузурги халқамонро нодида гирифтан камоли ҷоҳилӣ мебошад. Аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин мефармоянд: “Нақши фарзандони донишманди халқи мо дар ташаккули раванди сивилизатсияи ҷаҳонӣ бисёр барҷаста буда, дар таърих бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст [10, с. 48].

Дар ҳамин замина омӯзиши осори педагогӣ-зебоипарастии мутафаккирони халқамон айни муддао буда, онро истифода намудан раванди таълиму тарбияро зебою рангин месозад. Дар ҳамин замина, мо рӯй овардем ба омӯзиши осори педагогӣ-зебоипарастии яке аз чунин олимони бузурги миллати худ Абуалӣ ибни Сино.

Абуалӣ ибни Сино (Авиценна) яке аз бузургтарин мутафаккирони тоҷику форс буда, дар таърихи тамаддуни башарият мақоми ба худ хосе дорад, чунки ӯ бо осори гаронбаҳои серсоҳаи худ маданияти ҷаҳониро ғанӣ гардонидааст. Бинобар ҳамин ҷаласаи XX – конференсия генералии Юнеско (Париж соли 1978 ) қарори махсусе дар бораи гузаронидани ҷашни 1000 – солагии валодати Абуалӣ ибни Синоро дар миқёси байналмилалӣ тасдиқ намуд. Ибни Сино олими энсиклопедист буда, дар тамоми соҳаҳои илми замони худ асарҳои махсусе офаридааст, ки аз рӯи баъзе маъхазҳо аз 99 то 476 адад шумурда шудааст ва дар инҷо мо ба омӯзиши ақидаҳои психологӣ ва педагогӣ – мусиқии ӯ сару кор гирифтем, ки дар бораи таълиму тарбияи фарзанд ва дар кадом синну сол ба вай чиро омӯхт ва аз чӣ парҳез бояд кардро муайян намуда, хело бомавқеъ нишон медиҳад. Вазифаҳои волидайнро дар тарбияи фарзанд нақши асосӣ медонаду ба мард ҳушдор медиҳад, ки агар хоҳӣ дар оянда саодатманд гардӣ, бояд занеро ҳамсар интихоб намоӣ, ки вай шоиставу накӯ ва дар молат посбон бошаду дар парваришу тарбияи фарзандонат амини ту бошад ва зан бояд аз 17 хислати накӯ, ба монанди хирадмандӣ, бошарм, боифат, бомуҳаббат, зоё, итоаткор, покдил, вазнин, бовиқор ва ғайра бархурдор бошад ва ғаму андуҳро аз дили шавҳараш ба воситаи ахлоқи накӯ ва забони ширинаш рафъ созад [1, с. 28].

Ҳамин тавр, Сино дар бораи паҳлуҳои гуногуни таълиму тарбия изҳори андеша намудааст, ки омӯзиши ин паҳлуҳои афкори ӯ дар раванди тадриси фанни суруд ва мусиқӣ аз фоида холӣ набуда, барои дар оянда, ташаккул додани дониши мусиқӣ – педагогии донишҷӯён заминаи боэътимод мегардад. Ҳамчунин дар ҳамин раванд доир ба ҳуқуқҳои фарзанд дар зимаи волидайнро чунин маънидод сохтааст. Дар вақти фарзанд ёфтан ба ӯ номи накӯ гузоштанро шарти асосӣ медонад, то ки фарзанд дар оянда аз номаш дар хиҷолат набошад ва ҳамчунин бачаро аз корҳои бад дуру аз одате, ки айб шумурда мешавад барканор намуд, то он дар зеҳни бача ҷойгир нагардад. Асоси ғамхорӣ назорат намудани хӯи бача ва муътадил сохтани он бошад, ки бо роҳҳои гуногун муяссар мегарданд ва кӯшиш бояд намуд, то вайро соате тарси сахте ё андӯҳ ва ё бехобию хашми сахт рӯй надиҳад. Ин вобаста ба он аст, ки волидайн ҳама вақт таҳаммул намоянд ва агар ягон чизеро бихоҳад ва писанди вай бошад, он чизро ба вай бояд расонид ё аз чизе безорӣ дорад онро аз пешаш дур бояд кард, ки дар ин амал ду фоида аст: Аввалан ӯ кӯдаки некхӯ парвариш меёбаду ин кор барои ӯ рафтори доимӣ мегардад ва дувум чун хӯи бад натиҷаи навъҳое аз бадмизоҷист, ҳамчунин агар хуи бад ба одат барангезад, боиси бадмизоҷии ӯ гардад ва ҳар дуи он ба ҷонашу танаш офат оваранд. Дар ин раванд Сино таъсири рафтори неку бадро ба миҷози кӯдак хеле бомаврид нишон додааст, ки баъзаи он дар пажуҳишҳои психологию педагогӣ ва мусиқӣ-зебоипарастӣ тасдиқи худро пайдо намуданд. “Раванди тарбияро Сино пайгири намуда баъдан чунин менигарад”.

Вақте, ки бадани бача сахту забонаш дурусту гӯё ва гӯшаш барои шунидану пазируфтани сухан омода ва ботинаш тайёр ба фаро гирифтани илму адаб гардид, яъне ба синни 6 – солагӣ

расад, ӯро ба назди омӯзгори илму адаб бояд бурд ки он омӯзгор дар навбати аввал бояд аз хислатҳои накукорӣ, хирадмандӣ, бовиқору вазнин, бомурувввату покдоман ва боақл бархурдор бошаду роҳи муоширатро бо толибилмон бидонад. Бачаро бо гурӯҳи бачаҳое бояд супорид, ки онҳо аз оилаҳои дорои ахлоқи ҳамида бошанд ва дар вақти таҳсил бо якдигарӣ дар муоширату баҳс пардозанду ва одоби онро донанд, ки ин раванди донишандӯзии хайр мебошад ва сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмиши бача мегардаду ва борои боҳамдигар рафиқ гаштани онҳо заминаи хуб мегардад ва сабаби хислатҳои ғамхорӣ, иззати нафс, эҳтиром доштанро дар онҳо тарбия менамояд, яъне Сино дар таълиму тарбияи кӯдак хело борикбинона назар месозад, ки ҳатто ба инобат гирифтани ҳамсабақону омӯзгорро шарти асосӣ медонад. Дар омӯзиши илмҳо бошад аввало вай омӯзиши Қуръон ва забонро пеш мегузарад, то бача ҳифзи қавоини забонро аз худ кунад ва пас ба шавқи бача назар кунад, ки шавқаш ба кадом илму ҳунар зиёд аст то дар оянда онро бо бача омӯзонад ва бо ҳар кас мувофиқи завқу истеъдодаш илму ҳунар омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи матлуб намедиҳад. Инчунин дар ин раванд тавсия медиҳад, ки бояд омӯзгор хело эҳтиёткор бошад. Пас аз он, ки яке аз ҳунарҳо ва саноатро барои шогирд баргузид, аз андозаи майлу рағбати шогирдаш нисбат ба он иттилоъе ҳосил кунад ва низ бидонад, ки оё дар ин ришта собиқаю дониш дорад ё хайр. Масалан санъати овозхонӣ ё навозандагӣ дар бача дар кадом сатҳ қарор дорад ва баъд ба омӯзишу парвариш доир ба ин намади санъат пардозад [7, с. 56]. Аввалан, дар бораи қисматҳои мусиқӣ, ки аз 2 қисм назария ва амалия (нағма) (эҷод, навозиш, иқоъ ва зарб) ба бача маълумот дода, алоқамандии онҳоро бо шогирдаш фаҳмонида диҳад ва дар як вақт худ дар ягон сози мусиқӣ онро навозад, ки дар натиҷаи ин алоқамандӣ оҳанг сохта мешавад ва бо ҳамин тарз оҳиста-оҳиста дар бораи намудҳои нағма ва иқоъ, бӯъд, фосила ва созҳо мувофиқатии нағмаҳо ва тор, торҳо, ҳарфҳои мусиқӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар дастаи соз ва торҳои сози мусиқӣ ба хонанда маълумот дода тавонад ва бо донишу ҳунари худ ин санъатро дар зеҳни бача ҷойгир созаду бо истифода аз тарзу усулҳои гуногун ва иҷроиши методҳои таълимию тарбиявии суруд ва мусиқӣ онро дар замири хонанда зина ба зина мустаҳкам намояд ва ҳамзамон иҷрои онро аз хонанда дар ҳар машғулият эҷодкорона талаб намояд .

Абуалӣ ибни Сино омӯзиши мусиқиро ҳамчун илм аввалин маротиба бо арифметика алоқаманд дониста, онро бо қисматҳои назариявӣ ва амалӣ ҷудо намудааст. Инчунин омӯзиши назарияро дар як вақт бо амалия якҷоя тавсия додаст, ки ин пешниҳоди хеле муфид буда барои дар оянда дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва мусиқӣ ҷорӣ намудан сазовори дастгирӣ мебошад. Ёдовар бояд гашт, ки системаи омӯзиши классикии мусиқии мо дар заминаи “устоду шогирд” рӯи кор омадааст ва баъдан ба таълифи асарҳои назариявии он такмил ёфта ба сатҳи касбӣ расидааст [8, с. 764]. Барои ба ин зина расидани шогирд Сино муҳайё будани шароити маишии шогирдро амри зарурӣ медонад. Дар ҳамин радиф Сино барои ниёзмандии макон доштани инсонро дар зиндагӣ шарти муҳим медонад ва онро чунин қайд мекунад: “Инсон муҳтоҷ аст ба ин, ки барои худ манзилу маскане интихоб намояд” [10, с. 91]. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар онҳо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андухт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андухтагиро аз даст бурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз байн бибаранд, ҳифз намояд, вале агар худи ҳамин шахс, ки аз зиёдии қут ва ғизояш барои вақти эҳтиёҷот захираву омода намудааст, дар хонаи худ нишаста ба нигаҳбонии андухтааш машғул шавад, дар он сурат ҳамин андухтаро истеъмол менамояд ва ба ҷои он ки барои зиёд шудани он кӯшиш намояду ба он биафзояд, ба хурдани он шурӯъ менамояд ва тамоман мегардад, агар дубора ба касб ва андӯхтани он шуруъ намояд он боз аҳволаш монанди вазъи нахустин гардад.

Хулоса, ҳолаш мисли ҳайвонот гашта ба рӯзгору зиндагии онҳо дучор мешавад. Пас ӯро лозим меояд, ки барои худ ҷонишине интихоб намояд. Ин ҷонишин ҳам бояд касе бошад, ки мавриди боварии ӯ қарор дошта бошад ва барои иҷрои ин вазифаи пурмасъул касе шоиста ва сазовор нест магар зан, ки худ ӯро барои мард ҷуфту мавриди итминону сукунати нафс қарор додааст. Бад-ин ҷиҳат мард зарур мешуморад, ки ба худ ҳамсаре интихоб намояд. Дар интихоби ҳамсар ӯ бояд бисёр бомасъулият бошад ва он зани шоиста ва неку шарики мард мешавад, ки дар мулкаш ҳамвазнаш бошад, дар молаш ва лонааш ҷонишин ва аминӣ вай бошаду дар парвариши фарзандонаш дастгираш бошад. Зани беҳтарин дорои сифатҳои зерин; хирадманд, диндор, бошарм, зираку бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, зоянда, итоаткор, вазнин,боҳайбат, сарфакор ва ғайра бошад ва дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббури наварзад, балки фурӯтан бошаду ғубори ҳусну андуҳро аз дили шавҳараш бо ахлоқи нек ва забони ширин пок намояд, табъи шавҳарашро бо лутфи сухани зебо хуш дорад. Бале дар интихоби ҳамсар ва ҷонишин аз завҷа дида каси дигари боэътимод нест, чунки зан ҳам модари фарзандон буда ва ҳам соҳибхона ҳисоб меёбад ва ин масъулияти бузургро танҳо ӯ иҷро карда метавонад.

Пас аз издивоҷ фарзандоне ба дунё меоянд, ки шумораи аъзоёни хонаводаро зиёд мегардонанд ва дар ин шароит ночор ниёзмандӣ ба хӯроку ғизо ва таҳия барои рӯзи ҳоҷат аз зиёдии ғизо ва хӯрока беш аз пеш мегардад. Бар ин асар тавсияи доираи зиндагонӣ эҳтиёҷ ба кӯмак ва коргузории хизматгор пеш меояд. Пас, он марде, ки ин хонаводаро ташкил додааст, мудир ва масъули афроду касони ин хонавода гашта ва онҳо низ раъияту пайрави ирода ва идораи вай мешаванд. Дар ин раванд аз подшоҳ сар карда то шахси оддӣ ҳама баробаранд ва барои иҷрои ҳамаи ин инсонҳо ниёзманданд ба ғизову хӯрок, ки мояи ҳаёти вай аст ва хонаву манзиле, ки андухтааст дар он ҷо аз дастбурди яғмогарону duздон эмин бимонад ва худаш ҳангоми баргаштан аз кору пайкор, хушона дар онҷо сукунад ва истироҳат бикунад ва ниёзманди занест, ки хонаву дороияшро ҳифзу ҳисорат намояд. Дар ин росто Сино нақши занро дар баробари марди хонадон бузург шуморида, ӯро дар ҳамаи корҳои хонаводагӣ ва зиндагӣ хеле образноку равшан нишон додааст. Алалхусус дар замони пирӣ ва нотавонӣ дастгиру мададгори ӯ буданро хеле возеҳу равшан нишон додааст.

Инчунин одати муҳтоҷ аст ба вуҷуди фарзандон, ки ҳангоми пирӣ ва беморӣ барои рафъи ҳавоиҷ ва лавозими ӯ бикӯшад ва дар замони нотавонию пирӣ ба анҷоми мақсаду мароми вай камар бибандад ва пас аз маргаш номи ӯро зиндаю накӯ нигоҳ доранд. Ҳам чунмн зан муҳтоҷ аст ба коргузорону хидматгороне, ки ба ӯ кӯмаку ёрӣ бинамоянд ва бори мушкилу сахтияшро сабук созанд.

Вақте ки ҳамаи ин ашхос ҷамъ шуданд, ташкилдиҳандаи хонадон мудир ва кафили онҳо гашта ва онҳо таҳти сиёсату тадбири ӯ зиндагонӣ менамоянд. Мард, ки соҳиби зану фарзандон ва хидматгузорону тавобеъ аст, дар хонаводае, ки ин ашхос афроду ҷамъияти онро ташкил додааст, раису мудир мебошад ва вазоифу таклифе ба ӯ мутаваҷҷеҳ аст. Аз ин рӯ бар души вай он вазоифе бармегардад, ки барои аз ҳифзу нигоҳдории афроди хонаводаи худ ва таҳаммули махоҷири онон амал намояд ва дар таъмини эҳтиёҷоташон кӯшиш ба харҷ гузорад ва сиёсату тадбири умумии онҳоро накӯ ва писандида ба ҷо оварад. Ҳамчунин ба василаи насиҳату гуфтугӯ ба корҳою рафторҳои накӯ ва тарсонидан аз корҳои нораво ва амалҳои бад онҳоро дар роҳи зиндагонии зебою солеҳ раҳнамун созад. Бо сабаби ваъда ба ҷазои хуб ба кирдори хуб ва бим додан ба кайфари бад дар муқобили рафтори бад ва ба василаи бахшиш ва ҳилмон ононро ба анҷоми вазифа ва мушкилашон водор созад. Ин матолиб дар он вақт ба роҳӣ дуруст меравад, ки худи амири хонадон аз фазилатҳои накӯ ва гуфтору рафтори шоиста бархурдор бошад сиёсати мард ба нафси худ муқаддам бошад то суди он бештару фузунтар гардад. Бале, дуруст менигорад Сино, шахс ҳамон вақт суханаш корагар мешавад, ки худ дар нафси худ ғолиб бошад ва рафтору кирдор, одоби инсониро нигоҳ дошта тавонад ва ҳар як суханро дар тарозуи ақл бар кашида баъдан онро иброз дорад.

Нахустин сиёсате, ки барои инсон хело сазовор аст, ҳамон сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал, бояд дарислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар кору кӯшиш ба корбурда, хештанро солеҳу некӯ бинамояд. Чӣ нафси одамӣ наздиктарину муҳтарамтарини чеҳраҳост нисбат ба ӯ ва дар миёни онҳо ба иноягу таваҷҷуҳ сазовартар ва шоистатар аст. Агар касе аз уҳдаи сиёсати некӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, онгоҳ боке бар вай нест, вагарна корҳояш ба рӯи хайр нагарданд, чунки нафсро лаҷом задан иродаи бузурги мардро талаб менамояд. Чуноне шоир мефармояд:

*Нафси саркашро мусаххар ақли пуртадбир кард.*
*Саг чу шуд девона, ӯро метавон занҷир кард.*

Пеши нафсро гирифтан барои инсон қувваи бузурги ақл ёрӣ мерасонад ва ақлро ба воситаи омӯзиши зиёд метавон афзун намуд, то болотар аз ин иқдом карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум машғул шавад.

Дар дараҷаи аввал аз ҷумлаи чизҳое, ки вуҷуди он барои касе мехоҳад ба сиёсати нафси худ бипардозад, бояд бидонад, ки барои ӯ ақле ҳаст, ки зиёди одамиро ба корҳои зишту паст ва нораво амр мекунад ва ин нафс дар табиат асли хилқат дорад ва бадиҳои зиёдеро соҳиб мебошад ва ин нафс бояд зери назорати сиёсату тадбири ақл идора шавад. Бале, замоне, ақл болои нафс ғалаба менамояд, ки шахс ба роҳи наку пой гузорад.

Ҳар касе мехоҳад, ки фосидеро ислоҳ кунад, бар ӯ лозим аст, ки он фосидро бишносад, то чизе аз он бар вай пӯшида ва пинҳон намонад. Ислоҳкунанда агар возиби ин шарт набошад, кору ислоҳаш мавриди итминону боварӣ нест. Ҳамчунин касе мехоҳад ба нафси худ сиёсат бикунад ва фосидонро ислоҳ намояд, ҷоиз нест бар ин кор шуруъ намояд, магар пас аз онки ҳамаи намудҳо ва сифати бади нафсро комилан бишносад ва таҳқиқ намояд ва бархе агар аз баъзе онҳо ғафлат бикунад, монанди захме мебошад, ки зоҳири онро ислоҳу рупӯш бинамояд, вале дар ботин чирк боқӣ бимонад ва ин чирк пас аз муддате қувват пайдо карда дубора захмро

ба вуҷуд оварад, ки чирке дар зери пӯст пӯшида шуд, неру гирифта пустро пора карда дар чашм намоён мегардад [5, с. 62]. Ҳамзамон агар аз айбе аз раванди нафс дар ғафлат бимони ва дар мақоми ислоҳу таҷзияи нафс кушиш нанамоӣ, хатари он зиёда мегардад ва мавқеи муносибе ба даст оварад, монанди он чирк дард меоварад.

Дар мақоми муқосиба нафс дар ҳисоби неку бади сифат ва ахлоқи худ дуруст диққат намекунад, балки зиёд камбудӣ ва саҳлангорӣ менамояд. Дар ҳамин раванд ду иллате вуҷуд дорад, ки он ҳам дар қалби боварӣ кӯмак мекунад ва он аст, ки аҳли инсон дар мақоми назар ба аҳволи худ аз муҳокима ва омӯзишҳои ҳавои нафс солим ва эмин намебошанд ва ҳамавақт ба хатогиҳову камбудиҳо дучор гардида дар зиндагӣ раҳгум мезананд ва дар авохир ба нестӣ мерасонад.

Хулоса, Абуалӣ ибни Сино дар ташкили оила ва роҳбурди зиндагӣ бисёр дақиқгар буда, ҳамаи мушкилоти ин раванро дақиқкорона зери таҳлил қарор додааст. Аз ҷумла дар интихоби илму касб ва ҳамсару омӯзгор ӯ тамоми паҳлуҳои таълиму тарбияро мушрикона ва эҷодкорона ба риштаи таҳлил ва санҷиш қарор додааст, яъне пеш аз он ки бачаро дуруст тарбия намояд хусусиятҳои синнусолии тифл ва мизоҷи вайро бояд ба эътибор гирифт, ки дар ин раванд нақши модар ва омӯзгорро назаррас муайян намудааст. Ҳамзамон ба кӯдак тарзе рафтор намуд, ки муҷиби ранҷиши ӯ нагардад, вагарна раванди таълим ва тарбия халалдор гардида, сабаби бебанду бор гардидани тифл мегардад ва ӯро ба роҳи бад мутаваҷҷеҳ мегардонад. Нақши роҳбар ё раиси хонадонро муайян намуда, ӯро подшоҳи оила меҳисобад ва зикр менамояд, ки бояд ӯ аҳли оилаашро дар раванди зиндагӣ ба тамоми зуҳуроти лозимиашон таъмин намояд. Нуктаҳои дар боло зикргардида барои навхонадорони ҷавон хеле бомаврид буда, дар вақти ташкили оилаҳои ҷавон донистани ин донишҳо ва масоилҳо амри зарурӯ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар хонишҳои педагогӣ ин масоилҳо ба эътибор гирифта шаванд.

### *Адабиёт*


1. *Апраскина О. А. Методика музыкального воспитания в школе / О. А. Апраскина. – М.: Просвещение, 1983. - 269 с.*
2. *Арабов И. Дар остонаи ҳаёти оилавӣ / И.Арабов. - Душанбе, 2009. - 352 с.*
3. *Болдырев Н.И. Методика воспитательной работы в школе / Н.И. Болдырев. – М.: Просвещение, 1981. – 268 с.*
4. *Верб М. А. Взаимосвязь эстетической и педагогической культуры будущего учителя // Проблемы эстетического образования и воспитания студентов педагогических вузов / М.А. Верб. – Свердловск, 1981. - 274 с.*
5. *Искусство и эстетическое воспитание молодёжи. – М.: Наука, 1981. – 373 с.*
6. *Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ / Ҷ. Охунов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 247 с.*
7. *Хайруллоев Б. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб. – Душанбе, 2018. – 278 с.*
8. *Хайруллоев Б. Методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2019. – 238 с.*
9. *Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 2010. – 112 с.*
10. *Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1997. - 248 с.*
11. *Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 238 с.*


## ИНТИХОБИ ҲАМСАРУ БУНЁДИ ОИЛА ТИБҚИ ФАРМУДАҲОИ А. СИНО ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД


Мавзуи пешниҳоднамудаи муҳаққиқон мавзуи актуалӣ буда, мувофиқи замони муосир пешниҳод карда шудааст. Дар мақола баҳои баланди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи “Нақши фарзанди донишманди халқи мо дар раванди ташаккули сивилизатсияи ҷаҳонӣ бисёр барҷаста буда, дар таърих бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст”-ро махсус қайд намуданд ва ин нукта қурби мақоларо хело баланд намудааст. Инчунин ақидаҳои Абуалӣ ибни Сино (Ависенна), ки яке аз бузургтарин мутафаккири тоҷику форс буда, барои омӯзиш пешниҳод мегарданд, ки ӯ дар бораи қисматҳои мусиқӣ, ки аз 2 қисм - назария ва амалия (12-7) нағма (эҷод, навозиш, иқоъ ва зарб) иборат аст, омӯзгор ба бача маълумот дода, алоқамандии онҳоро бо шогирдаш фаҳмонида диҳад ва дар як вакт худ дар ягон сози мусиқӣ онро навозад, ки дар натиҷаи ин алоқамандӣ оҳанг сохта мешавадро таҳлил намудаанд.



**Калидвожаҳо:** ҳамсар, оила, А. Сино, нақш, таълим, тарбия, фарзанд, зан, хирадманд, диндор, бошарм, зирак.

**ВЫБОР СУПРУГА И ОРГАНИЗАЦИЯ СЕМЬИ ПО МНЕНИЯМ А. СИНО И ЕГО РОЛЬ В ВОСПИТАНИИ И ОБРАЗОВАНИИ ДЕТЕЙ**

Тема, представленная исследователем, актуальна и представлена согласно современной эпохе. В статье представлено мнение Основоположника мира и национального единства, Лидера нации, Президента страны Эмомали Рахмана о «Роль ученого нашего народа в становлении процесса цивилизации мир очень вебыла и написанной золотыми буквами в истории». Также идеи Абуали ибн Сины (Авиценны), являющегося одним из крупнейших таджикско-персидских мыслителей, предлагают сведения о частях музыки, состоящей из 2-х частей: теории и практики (12-7), песни (создание, звук, игра, деклаация и), чтобы объяснить их связь со своим учеником и в то же время он играет ее на музыкальном инструменте и анализирует мелодию, созданную в результате этой связи.

**Ключевые слова:** супруга, семья, А. Сино, роль, образование, воспитание, ребенок, жена, мудрая, религиозная, застенчивая, умная.

**THE CHOICE OF A SPOUSE AND THE ORGANIZATION OF THE FAMILY ON THE ORDERS OF A. SINO AND HIS ROLE IN THE UPBRINGING AND EDUCATION OF CHILDREN**

The topic presented by the researcher is relevant and presented according to the modern era. The article presents the opinion of the founder of peace and national unity, the leader of the nation, the President of the country Emomali Rahman on “The role of the learned child of our people in the development of the process of civilization, the world is very outstanding and written in golden letters in history”. Also, the ideas of Abu Ali ibn Sina (Avicenna), who is one of the largest Tajik-Persian thinkers, offer information about the parts of music, consisting of 2 parts: theory and practice (1-7), songs (creation, playing, recitation and percussion ) to explain their connection with his student and at the same time he plays it on a musical instrument and analyzes the melody created as a result of this connection.

**Keywords:** spouse, family, A. Sino, role, education, upbringing, child, wife, wise, religious, shy, smart.

**Дар бораи муаллифон**

Хайруллоев Баҳриддин
Номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 22 44 81

Нематов Файзулло Амонович
Ассистенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 65 67 09

**Об авторах**

Хайруллоев Бахриддин
Кандидат педагогических наук, профессор кафедры теории и методики музыкально-художественного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 22 44 81

Нематов Файзулло Амонович
Ассистент кафедры теории и методики музыкально-художественного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 65 67 09

**About the authors**

Khairulloev Bahriddin
Candidate of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Theory and Methods of Music and Art Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 22 44 81

Nematov Faizullo Amonovich
Assistant of the Department of Theory and Methods of Music and Art Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 65 67 09

ТДУ 37.01 (575.3)

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛ ВА ИНТЕРАКТИВӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМ - КАФОЛАТИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

***Муродова Ш. С., Ҷаъфарова Д. Ф.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Ислоҳот дар соҳаи маориф дар Тоҷикистони муосир аз соли 2000 оғоз шудааст. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ бисёр чизҳоро пешгирӣ кард ва пеш аз ҳама ба кадрҳои касбӣ дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла маориф зарба зад. Бисёре аз муассисаҳои таълимӣ бе омӯзгор монданд, қисме аз онҳо кишварро тарк карданд ва бархе аз барои маош ба бозорҳо ба савдо рафтанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаю донишгоҳҳои олӣ баргаштани омӯзгорону устодон бисьёр тадбирҳо андешид, вале проблемаи нарасидани омӯзгорон ҳанӯз пурра ҳал нашудааст. Дар соли 2005, тибқи иттилои расмӣ, дар кишвар норасоии беш аз 10 ҳазор омӯзгор ба чашм мерасид. Бо мақсади кам кардани шиддати масъала хонандагони синфҳои болоӣ ба таълиму тарбия ҷалб карда шуданд. Аммо ин иқдом низ боиси ҳалли мушкилот нагардид ва имкон надошт. Бинобар ин баъдтар Вазорати маориф тасмим гирифт, ки ҳамаи хатмкунандагони донишгоҳҳои педагогиро вазифадор кунад, ки пас аз хатми донишгоҳ камаш се сол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ кор кунанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳамаи давру замон масъалаи таълиму тарбия яке аз мушкилотҳои мубрами замон ба ҳисоб мерафт. Ва пешравии ҷомеа, ҳамқадами замона шудани насли наврас, яъне бархурдор будан аз илми техникаю технология, аз сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ вобастагии мушаххас дорад. Инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» истилоҳи “сифати таълим – тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад” [2] оварда шудааст, ки қонуни мазкур аз мубрамияти масъалаи мазкур шабоҳат медиҳад.

Инчунин дар стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар миёни талаботҳои зиёд ба раванди таълим - истифодаи шаклҳои фаъол ва интерактивии дарсҳо бо мақсади ташаккул ва рушди малакаҳои касбии донишҷӯёнро мегузорад. Қайд карда мешавад, ки таносуби чунин машғулиятҳо аз рӯи мазмуни фанҳои конкретӣ муайян карда мешавад ва умуман дар бисьёр соҳаҳои таълим 20-25 фоизи машғулиятҳои кабинетиро ташкил медиҳад. Мақсади тадқиқоти мазкур муайян кардани усулҳои самараноки таълим, ки ба фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯёни донишгоҳҳо мусоидат мекунад, мебошад. Барои оғоз, мо бояд мафҳумҳои усулҳои таълимии «фаъол» ва «интерактивиро» баррасӣ кунем.

Раванди таълим бо истифода аз усулҳои фаъол ва интерактивӣ, бар хилофи дарсҳои анъанавӣ, ки дар он донишҷӯ шунавандаи ғайрифаъол аст, ба шомил кардани ҳамаи донишҷӯён бидуни истисно ба гурӯҳ асос ёфта, ҳар яки онҳо ба воситаи мубодилаи фаъолонаи дониш дар ҳалли мушкилот саҳми шахсии худро мегузорад.

Мутаассифона, имрӯз байни усулҳои фаъол ва интерактивии таълим тафовути аниқ вуҷуд надорад, як навъ усулҳо ҳам фаъол ва ҳам интерактивӣ тасниф карда мешаванд, бинобар ин, таснифоти аниқи усулҳои интерактивии таълими истифодашаванда вуҷуд надорад. Ба гуфтаи муҳаққиқ В.Н. Кругликова, омӯзиши фаъол чунин ташкил ва гузаронидани раванди таълим мебошад, ки ба фаъолсозии пурраи фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон тавассути истифодаи васеъи ҳам воситаҳои дидактикӣ ва ҳам ташкилию идоракунӣ ва усулҳои фаъолгардонӣ нигаронида шудааст [2].

Муҳаққиқ А.П. Панфилова таснифи шахсии усулҳои интерактивии таълимро пешниҳод мекунад [4, с. 9]:




***Расми 1. Усулҳои интерактивии таълим (А.П. Панфилова)***

*Усули интерактивии таълим* ба якчанд гурӯҳ чудо мешавад, ба монанди усули радикалӣ, усули комбинаторӣ ва усули тағйир додан (такмил додан).

*Усули радикалӣ* ин усули *интерактивии таълим* буда, хоҳиши аз нав сохтани раванди таълим дар асоси истифодаи технологияи компютерӣ (таълимӣ - фосилавӣ, семинарҳои виртуалӣ, конференсияҳо, бозиҳо ва ғайра) мебошад. *Усули комбинаторӣ* бошад маҷмуи унсурҳои қаблан маълум (лексия-муколама, лексия дар ҷуфт ва ғ.) мебошад. Ва инчунин *усули тағйир додан (такмил додан)* – такмил додан, пурра кардани методологияи мавҷудаи таълим бидуни тағйир додани он (масалан, бозии тиҷоратӣ) мебошад.

Тадқиқотчиёни соҳаи педагогика Т.С. Панина, Л.Н. Вавилова усулҳои интерактивии таълимро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд [6, с. 16]:




***Расми 2. Усулҳои интерактивии таълим (Т.Панина, Л.Н. Вавилов)***

1. Баҳс: муколама; муҳокимаи гурӯҳӣ; таҳлили вазъият аз амалия.
2. Бозӣ: бозиҳои дидактикӣ ва эҷодӣ, аз ҷумла бозиҳои корӣ ва нақшбозӣ, бозиҳои ташкилӣ ва фаъолиятӣ.
3. Омӯзиш: тренингҳои алоқа; тренингҳои ҳассос (ба ташаккули соҳаҳои тасвирӣ ва мантиқии шуур нигаронида шудааст) мебошад.

Ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили тайёрии донишҷӯён дар донишгоҳҳои муосир мебошад, ки дар он омӯзгор на танҳо салоҳият ва донишмандии худро нишон медиҳад, балки инчунин диққати донишҷӯёнро ба шаклҳои нави таълимӣ ва маърифатӣ ҷалб менамояд. Барои ин кори инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ ташкил карда мешавад, фаъолиятҳои лоиҳавӣ истифода мешаванд, бозиҳои нақшбозӣ гузаронида мешаванд, кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни иттилоот амалӣ карда мешаванд. Омӯзгор чунин муҳити муошитари тарбиявиро ба вуҷуд меорад, ки ба ҳамкории тиҷоратии иштирокчиён дар рафти баҳодиҳӣ ва назорати ҳамдигар мусоидат мекунад.

Интерактив ("Inter" - мутақобила, "act" - амал кардан) маънои муошират кардан, дар ҳолати гуфтугӯ, будан, муколама бо касе аст. Ба ибораи дигар, бар хилофи усулҳои фаъол, усулҳои интерактивӣ ба ҳамкории васеътари донишҷӯён на танҳо бо омӯзгор, балки бо

ҳамдигар нигаронида шудаанд. Омӯзгор мисли пештара нақша ва муҳтавои дарсро бо истифода аз усулҳои интерактивӣ бо мақсади дар шакли шавқовар ва таъсирбахш пешкаш намудани маводи нав таҳия менамояд [1].

Усулҳои интерактивӣ ба принсипҳои ҳамкорӣ, фаъолияти донишҷӯён, такя ба таҷрибаи гурӯҳӣ ва бозгашти ҳатмӣ асос ёфта, омӯзгор дар чунин дарс ҳамчун ассистент дар корҳои илмии донишҷӯён баромад мекунад. Фаъолияти омӯзгор ба фаъолияти донишҷӯ мубаддал мегардад, ки вазифаи вай барои ташаббуси донишҷӯён шароит фароҳам овардан аст. Иштирокчиён бо якдигар фаъолона муошират мекунанд, вазифаҳоро якҷоя ҳал мекунанд, ихтилофҳоро бартараф мекунанд, забони умумӣ пайдо карда, ба як созиш меоянд. Ташкили дарс аз ҷониби омӯзгор пешакӣ сурат мегирад, супоришу саволҳо барои муҳокима дар гурӯҳҳо бодиққат интихоб карда мешаванд.

Омӯзиши интерактивӣ шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ мебошад. Он ҳадафҳои хеле мушаххас ва пешбинишавандаро дар назар дорад. Мақсади асосӣ ин фароҳам овардани шароити педагогӣ барои таҳсил дар донишгоҳ мебошад, ки дар доираи он донишҷӯ метавонад ба қобилияти зеҳнии худ эътимод дошта бошад, ки худи раванди таълимро самаранок мегардонад. Ба ибораи дигар, омӯзиши интерактивӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши муколамавӣ мебошад, ки дар ҷараёни он робитаи мутақобила байни донишҷӯ ва омӯзгор, инчунин байни худи донишҷӯён сурат мегирад.

Вазифаҳои шаклҳои интерактивии таълим инҳоянд: бедор кардани шавқи донишҷӯён ба дониш; азхудкунии самараноки маводи таълимӣ; ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҷӯён дар ҷустуҷӯи роҳҳо ва вариантҳои ҳалли вазифаи таълимӣ (интихоби яке аз вариантҳои пешниҳодшуда ё дарёфти варианти худ ва асоснок кунии ҳалли); омӯхтани кор дар даста: таҳаммулпазирӣ нисбат ба нуқтаи назари гуногун, эҳтироми ҳуқуқи ҳар як шахс ба озодии баён; ташаккули афкори шахсии донишҷӯён дар асоси далелҳои муайян; расидан ба сатҳи салоҳияти бошууронаи донишҷӯ.

Дар миёни омӯзгорон маъмултарин шаклҳои интерактивии зерин истифода бурда мешаванд: мизи мудаввар (баҳс); ҳамлаи майна (ҳуҷуми ақл, ҳамлаи ақл); case-study (таҳлили ҳолатҳои мушаххас, таҳлили вазъият); дарсҳои маҳорат; кор дар гурӯҳҳои хурд; бозиҳои таълимӣ (нақшбозӣ, симулятсия, тиҷоратӣ, таълимӣ ва ғ.); истифодаи захираҳои давлатӣ (даъвати мутахассис, экскурсияҳо); лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои беруназсинфии таълим (озмунҳо, филмҳо, намоишҳо, намоишгоҳҳо ва ғ.); лексияи интерактивӣ бо истифода аз маводи видео ва аудио; муколамаи сократӣ; муҳокимаи масъалаҳо ва проблемаҳои мураккаб ва мубоҳиса (пешгирии мавқеъ, микёси андешаҳо); “дарахти тасмим”, “таҳлили парванда”, “музокирот ва миёнаравӣ”, “нардбонҳо ва морҳо”; тренингҳо ва ғ.




Бояд гуфт, ки дар рафти тайёр кардани дарс дар асоси шаклхои интерактивии таълим дар назди омӯзгор на танхо масъалаи интихоби шакли самараноки таълим барои омӯзиши мавзуи муайян, балки имконияти ба ҳам пайвастани усулхои таълим, ки бешубҳа ба чуқуртар фаҳмидани мавзуъ ёрӣ мерасонад, зарур аст. Дар ин кор ба принсипҳои методологии зерин такя кардан лозим аст: дарси интерактивӣ лексия нест, балки кори муштараки донишҷӯён оид ба масъалаи мушаххас мебошад; ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим новобаста аз синну сол, вазъи иҷтимоӣ, таҷриба, ҷои кор баробаранд; ҳар як иштирокчӣ ҳуқуқ дорад, ки оид ба масъалаи мавриди баррасӣ андешаи худро дошта бошад; танқиди шахсӣ қобили қабул нест (танҳо идея ё маълумоти нодурустро танқид кардан мумкин аст).

Ҳангоми таҳияи дарси интерактивӣ аз тарафи омӯзгор тавсия дода мешавад, ки ба ҷузъҳои зерин диққати махсус диҳад: синну соли иштирокчиён, шавқу завқи онҳо, касби оянда; чорчӯбаи вақти дарс; таваҷҷуҳи гурӯҳ ба ин дарс.

Рӯйхати шартҳои зарурӣ, ки аз тарафи омӯзгор ва ташкилкунандагони дарс муайян карда мешавад: муайян кардани ҳадафи дарс; аниқ кардани масъалаҳои ҳалшаванда; омода намудани барномаи дарс; омода намудани варақаҳои тақсимотӣ; мавҷудияти таҷҳизоти техникӣ; интихоби саволҳои асосӣ, муайян намудани пайдарпайии онҳо; интихоби мисолҳои амалӣ аз ҳаёт; истифодаи графикҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо, аломатҳо; муносибатҳои эътимодбахш, мусбӣ байни донишҷӯён; гуногунии шаклу усулҳои пешниҳоди иттилоот, шаклҳои фаъолияти донишҷӯён ва ғ.

Муқаддимаи дарс аз хабар дар бораи мавзуъ ва ҳадафи дарс иборат аст. Иштирокчиён бо вазъияти пешниҳодшуда, бо проблемаҳое шинос мешаванд, ки барои ҳалли онҳо бояд кор кунанд, дар назди худ мақсад, вазифаҳо муайян кунанд. Омӯзгор ба иштирокчиён дар бораи шартҳо маълумот медиҳад, дар бораи қоидаҳои кор дар гурӯҳ дастурҳои равшан медиҳад. Агар зарурат вуҷуд дошта бошад, пас шумо бояд иштирокчиёнро муаррифӣ кунед (агар дарс байни гурӯҳҳо, байнисоҳавӣ бошад).

Дар рафти дарс бояд ба фаҳмиши якхелаи семантикии истилоҳот, мафҳумҳо ва ғайра ноил шуд. Барои ин бо ёрии саволу ҷавоб аппарати консептуалӣ, таърифи кории мавзуи омухташавандаро аниқ кардан лозим аст. Сари вақт аниқ кардани аппарати консептуалӣ дар донишҷӯён одати танҳо бо истилоҳоти фаҳмо кор кардан, аз калимаҳои ношинос даст кашидан ё дар ин роҳ фаҳмидани маънои онҳо, мунтазам истифода бурдани адабиёти маълумотнокро ташаккул медиҳад. Хусусиятҳои қисми асосиро шакли интихобшудаи дарси интерактивӣ муайян мекунад. Муайян кардани мавкеъхои иштироккунандагон бояд хеле дуруст ба роҳ монда шавад. Мавқеъгирии интерактивии иштирокчиён аз фаҳмидани мундариҷаи умумӣ барои мавқеъҳои онҳо, инчунин ташаккули маҷмуи нави мавқеъҳо дар асоси далелҳо ва далелҳои пешниҳодшуда иборат аст.

Аз гуфтаҳои боло дармеояд, ки дар шароити омӯзиши интерактивӣ донишҷӯён баландшавии дақиқии дарк, фаъолияти равониро эҳсос мекунанд. Инкишофи интенсивии хислатҳои зеҳнӣ ва эмотсионалии шахсият мушоҳида мешавад: устувории диққат, мушоҳида, қобилияти таҳлил ва ҷамъбаст. Омӯзиши интерактивӣ ба рушди малакаҳои муошират донишҷӯён мусоидат мекунад, ки барои барқарор кардани робитаҳои эмотсионалии байни онҳо, фаъол кардани кори дастаҷамъона ва васеъ намудани доираи имкониятҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

### ***Адабиёт***


1. *Википедия - свободная энциклопедия [Электронный ресурс]. - URL: https://www.ra.m.wikipedia.org/wiki/*
2. *Закон Республики Таджикистан «Об образовании». - Душанбе, 04.07.2013.*
3. *Инновационные педагогические технологии: Активное обучение: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений/А.П. Панфилова. – М.: Издательский центр «Академия», 2009. – 192 с.*
4. *Панфилова А.П. Инновационные педагогические технологии. Активное обучение. – М.: Издательский центр «Академия», 2009. – 13 с.*
5. *Привалова Г.Ф. Активные и интерактивные методы обучения как фактор совершенствования учебно-познавательного процесса в вузе // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 3.; URL: https://science-education.ru/ru/article/ view?id=13161 (дата обращения: 29.05.2023).*
6. *Панина Т.С. Современные способы активизации обучения: / Т.С. Панина, Л.Н. Вавилова. Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. – М.: Издательский центр "Академия", 2006. – 176 с.*
7. *Кругликов В.Н. Интерактивное обучение в высшей школе: проблемы и перспективы / В.Н. Кругликов. - Санкт Петербургский государственный политехнический университет, 2013.*
8. *Шарифов Ф. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо (Интегративное обучение: проблемы, размышления и исследование). - Часть 1 / Ф.Шарифов. - Душанбе: Маориф, 1999. - 171 с.*
9. *Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе / Н.Н. Шоев. - Душанбе: Ирфон, 2005. – 310 с.*
10. *Шоев Н.Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов*

*воспитывающего обучения./ Экспериментальное учебное пособие. / Н.Н. Шоев - Душанбе. Ирфон, 2008. - 536 с.*
11. *Шоҳиён Н.Н. Рақобатшиносӣ ва худташаккулёбии касбӣ / Н.Н. Шоҳиён, Х.И.Икромӣ, Ю.Ш. Наботов, А.С. Ҷаъфаров. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 448 с.*
12. *Шулятьева Е.С. Основные факторы обеспечения конкурентоспособности вуза / Е.С. Шулятьева, А.А. Полякова // Материалы Международной конференции Пермского государственного университета. – Пермь, 2014.*

## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛ ВА ИНТЕРАКТИВӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМ - КАФОЛАТИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

Мақолаи мазкур масъалаҳои истифодаи шаклҳои фаъол ва интерактивии таълимро дар бар мегирад. Азбаски ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили тайёрии донишҷӯён дар донишгоҳҳои муосир мебошад, масъалаи баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён ҳамеша дар назария ва амалияи таълим яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Дидактикаи муосир босуръат инкишоф ёфта, бо мафҳумҳо, равишҳо, технологияҳои таълим, ки талаботи ҷомеаи тағйирёбанда ва пешрафтҳои амалии маорифро инъикос мекунанд, пурра мегардад. Раванди таълим бо истифода аз усулҳои фаъол ва интерактивӣ, бар хилофи дарсҳои анъанавӣ, ки дар он донишҷӯ шунавандаи ғайрифаъол аст, ба шомил кардани ҳамаи донишҷӯён бидуни истисно ба гурӯҳ асос ёфта, ҳар яки онҳо ба воситаи мубодилаи фаъолонаи дониш дар ҳалли мушкилот саҳми шахсии худро мегузоранд. Мутаассифона, имрӯз байни усулҳои фаъол ва интерактивии таълим тафовути аниқ вуҷуд надорад, як навъ усулҳо ҳам фаъол ва ҳам интерактивӣ тасниф карда мешаванд, бинобар ин, таснифоти аниқи усулҳои интерактивии таълими истифодашаванда вуҷуд надорад.

**Калидвожаҳо:** маориф, сифати таълим, таҳсилот, стандарти давлатӣ, раванди таълим, интерактивӣ, омӯзиши фаъол, усули радикалӣ, усули комбинаторӣ, тренинг, музокирот, таҷҳизоти техникӣ, муносибатҳои эътимодбахш, робитаҳои эмотсионалӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АКТИВНЫХ И ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ - ЗАЛОГ КАЧЕСТВЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье рассматривается вопрос использования активных и интерактивных форм обучения. Поскольку внедрение интерактивных форм обучения является одним из важнейших направлений совершенствования подготовки студентов в современных вузах, вопрос повышения познавательной активности студентов всегда был одним из актуальных вопросов дня в теории и практике образования. Современная дидактика стремительно развивается и дополняется концепциями, подходами, образовательными технологиями, отражающими потребности меняющегося общества и практическими разработками в образовании. Учебный процесс с использованием активных и интерактивных методов, в отличие от традиционных занятий, где учащийся является пассивным слушателем, основан на включении в группу всех без исключения учащихся, и каждый из них вносит свой вклад в решение задач посредством активного обмена информацией знание. К сожалению, на сегодняшний день нет четкого разграничения между активными и интерактивными методами обучения, некоторые виды методов классифицируются как активные, так и интерактивные, поэтому отсутствует четкая классификация используемых интерактивных методов обучения.

**Ключевые слова:** образование, качество образования, образование, государственный стандарт, образовательный процесс, интерактивное, активное обучение, радикальный метод, комбинаторный метод, обучение, переговоры, техническое оснащение, доверительные отношения, эмоциональные связи.

## THE USE OF ACTIVE AND INTERACTIVE METHODS IN THE EDUCATION SYSTEM IS THE KEY TO QUALITY EDUCATION

This article discusses the use of active and interactive forms of learning. Since the introduction of interactive forms of education is one of the most important areas for improving the training of students in modern universities, the issue of increasing the cognitive activity of students has always been one of the topical issues of the day in the theory and practice of education. Modern didactics is rapidly developing and supplemented by concepts, approaches, educational technologies that reflect the needs of a changing society and practical developments in education. The educational process using active and interactive methods, unlike traditional classes, where the student is a passive listener, is based on the inclusion of all students without exception in the group, and each of them contributes to solving problems through the active exchange of

information knowledge. Unfortunately, today there is no clear distinction between active and interactive teaching methods, some types of methods are classified as active and interactive, so there is no clear classification of the interactive teaching methods used.

**Keywords:** education, quality of education, education, state standard, educational process, interactive, active learning, radical method, combinatorial method, training, negotiations, technical equipment, trusting relationships, emotional connections.

**Дар бораи муаллифон**

Муродова Шаҳло Сангимуродовна
Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Ҷаъфарова Давлатхоним Файзалиевна
Номзади илмҳои филология, и.в. дотсенти кафедраи математика олӣ ва информатика
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н. Қаробоев, 63/3
Тел.: (+992) 555 55 64 21
E-mail: khonum_82@mail.ru

**Об авторах**

Муродова Шахло Сангимуродовна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Джафарова Давлатханим Файзалиевна
Кандидат филологических наук, и.в. доцент кафедры высшей математики и информатики
Технологический университет Таджикистана
734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабоева, 63/3
Тел.: (+992) 555 55 64 21
E-mail: khonum_82@mail.ru

**About the authors**

Murodova Shahlo Sangimurodovna
Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer of the Department of General Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Jafarova Davlatkhanim Faizalievna
Candidate of Philological Sciences, associate professor of the department of higher mathematics
Technological University of Tajikistan
734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karaboev st., 63/3
Ph.: (+992) 555 55 64 21
E-mail: khonum_82@mail.ru

ТДУ 61-057.875

# СИСТЕМАИ РЕЙТИНГИИ БАҲОИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ПАРАМЕТРҲОИ ФАКУЛТАТИВИИ РАВАНДИ БОЛОНИЯ

***Қодирова Д. Т., Тошматов А.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи А. Рӯдакӣ*

Таҳсилоти муосир – ин асоси бунёдии фаъолияти ҳаёти инсонӣ мебошад, ки ҳамчун арзиши ҷамъбастии маданияти маънавӣ баромад мекунад. Ба ғайр аз маданияти сиёсӣ ва ҳуқуқии таҳсилот инчунин аломатҳои эстетикӣ ва маънавии шахсият дар робитаи зич бо ҳаёти ҷомеа ташаккул ёфта истодааст. Мақсади кор карда баромадани қонуну қоидаҳои иҷтимоии таҳсилот дар ҷомеа ин ташаккул додани неруи зеҳнӣ-маънавии миллат мебошад. Самаранокии кор карда баромадани қонуну қоидаҳои иҷтимоии таҳсилот ин зарурияти омӯзиш аз нуқтаи назари муносибати маҷмуйи мебошад, ки ба ҳисоб гирифтани гуногуншаклии субъектҳои сифаташон гуногуни таҳсилот ва системаҳои робитаи дутарафа ва идоракуниро дар назар дорад.

Шахсият аз рӯйи муносибат нисбат ба қонуну қоидаҳои давлат – ин ҳама вақт объекти таъсир мебошад. Муддати дароз давлат муносибатҳои захиравиро нисбат ба аҳолии худ ба кор бурдааст, идора кардани системаи таҳсилот ба ғояҳои тарбия кардани кормандон, одами кормандро бо назардошти хурди фардият итоат мекарданд, дар баробари ин чӣ тавр дар марҳилаи муосир таҳсилот характери мақсадноки бефосилаи (дар муддати ҳамаи ҳаёт) фаъолиятнокии шахсиятро ба даст меорад, ба истифода бурдани системаҳои таҳсилотӣ, муҳити таҳсилоти бо мақсадҳои такмил додан, қаноатманд кардани талаботҳои фардии таҳсилотӣ равона карда шудааст. Робитаи субъект-субъектии байни иштироккунандагони фаъолиятнокии таҳсилотӣ ташаккул меёбад [14, с. 8].

Рушди системаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакати мо ба тамоюлоти ҷаҳонии глобалӣ муайян карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод кардани таҳсилоти фазои ягонаи таҳсилоти байналхалқӣ фаъолона иштирок мекунад. Аз солҳои 90-уми асри XX сар карда, дар мамлакат мо навкунии системаҳои таҳсилот ба вуҷуд оварда шуда истодааст, ки барои демократикунонӣ ва рушди «ҳамчун системаҳои кушоди давлатӣ-ҷамъиятӣ» - и он равона карда шудааст.

Дар бораи амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №19/24. Бо мақсади амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016 №19/24 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) фармоиш ба амал овард [6, с. 3].

Проблемаи иҷтимоии навкунии қонуну қоидаҳои миллии таҳсилот дар таснифи мақсадҳо, мазмун ва тарзҳои фаъолиятнокии таҳсилот аз талаботҳо ва шартҳои тағйирёбандаи ҷомеа иборат аст.

Проблемаи иқтисодии навкунӣ дар таъмин намудани самаранок кор карда баромадани қонуну қоидаҳои таҳсилот дар фазои иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҷод кардани шароитҳо барои ташаккул додани бозори рақобатпазири хизматрасониҳои таҳсилотии содироти муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ дар ҷаҳон, ва махсусан, дар фазои сиёсӣ ва территориявии аврупо иборат аст, барои ин сохти таҳсилоти олиро дар воҳидҳои ченкунии аврупоӣ ишорат кардан зарур аст (сатҳҳои таҳсилот, кредитҳо, босалоҳиятӣ ва дигарҳо). Мутобиқ кардани шавқу рағбатҳои берунӣ ва дохилӣ ба аз нав ташкил кардани системаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти дастурамали изҳороти Болония равона карда шудааст.

Дар якчанд соли охир ҷомеаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба проблемаҳое бисёр шавқу рағбат пайдо кардаанд, ки бо имкониятҳои нақши ҳаракати

умумиаврупоӣ алоқаманд аст, ки дар зери номи «Раванди Болония», дар навкунии мактабҳои олии миллӣ маъмул аст [12, с. 14].

Мақсади асосии мақолаи мазкур – ин аз назар гузаронидани маълумотҳои адабиётҳое мебошанд, ки ба таърихи рушди раванди Болония, мақсадҳои асосӣ, дастурамали изҳороти Болония, таҳлили маълумотҳо оид ба қадамҳои воқеӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи пайваст шудан нисбат ба раванди Болония иқдом гирифта шудааст, ва инчунин оид ба дар системаи таҳсилоти олии касбии муассисаҳои таҳсилоти олии мо ҷорӣ кардани баҳои рейтингии дониши донишҷӯён ҳамчун яке аз параметрҳои факултативии раванди Болония тааллуқ дорад.

Изҳороти мазкур дар худ шаш ҳолатҳои калидиро дарбар мегирад:

1. Ба кор таъмин кардани хатмкунандагон. Яке аз муҳимтарин ҳолатҳои раванди Болония ин рӯ овардани муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба натиҷаи охирин мебошад: дониши хатмкунандагон бояд татбиқ шаванда бошанд ва ба чӣ фоидаи халқи мамлакати худ, ва инчунин чӣ халқи дигар мамлакатҳои Аврупо истифода бурда шаванд. Дараҷаи академикӣ ва дигар ихтисосҳо бояд ба талабот барои бозори меҳнати аврупоӣ риоя карда шаванд, эътироф кардани тахассуси касбиро содатар ва осонтар кардан лозим аст. Барои эътироф кардани ихтисос, ки муассисаи олии муайян додааст, дар ҳама ҷо истифода бурдани замима нисбат ба диплом, ки ЮНЕСКО тавсия додааст, ба нақша гирифта мешавад [1, 4, с. 96, 45]. Ба шакли аниқ даровардани ҳуҷҷатҳои донишҷӯйӣ, ки сатҳ ва сифати донишҳои аз худ кардаро, барои муқоиса кардани маълумоти олӣ дар мамлакатҳои гуногун тасдиқ мекунад. Чунин чорабиниҳо бояд банд будани шаҳрвандони аврупоро бо маълумоти олӣ ва қобилияти рақобатпазирии байналхалқии таҳсилоти олии аврупоро таъмин намояд [8, с. 104].

- Замима аз рӯйи хоҳиши донишҷӯй ройгон дода мешавад.
- Замима дар забони мамлакати муассисаи таҳсилоти базавӣ ва дар яке аз забонҳои паҳншудаи аврупоӣ пур карда мешавад (аз рӯйи одат англисӣ).
- Замима бояд ба таври қатъӣ шакли ба тартиб даровардашударо доро бошад ва аз ҳашт қисм иборат аст.

2. Системаи дусатҳаи маълумоти олӣ. Базавӣ ва баъдидипломӣ (бакалавриат ва магистратура). Даври якум на камтар аз се сол давом мекунад. Даври дуюм бояд нисбат ба ҳосил кардани дараҷаи магистр ё ин ки дараҷаи докторӣ оварда расонад.

Проблемаи калон дар бисёр мамлакатҳо ин аз андозаи зиёд номгӯйи барзиёдатии ихтисосҳо ва тахассусҳо мебошад, илова бар ин чӣ дар Аврупо, ва инчунин чӣ дар дигар мамлакатҳои ИДМ. Инчунин тафовути хеле калон байни дараҷаи илмӣ мавҷуд аст, ки дар донишгоҳҳо ва академияҳо дарёфт мекунанд. Барои таъмин намудани стандартикунонии дараҷаҳо ва тахассусҳо ба нақша гирифта шудааст, ки ба системаи дусатҳҳаи савияҳои маърифатӣ-ихтисоси гузашта шавад: бакалавр ва магистр. Бакалавр – ин мутахассис мебошад, ки метавонад аз рӯйи ихтисос кор кунад ё ин ки таҳсилро давом диҳад, барои ин ба дараҷаи дуюм – дар магистратура таҳсилро давом диҳад. Дараҷаи магистр мавҷуд будани донишҳои хеле амиқи бунёдии донишҷӯйиро дар назар дорад ва ба маснади илмӣ равона карда шудааст. Таълим дар даври якум бояд 3-4, ва дар даври дуюм – 1-2 солро ташкил диҳад. Таҳсилоти баъдидипломӣ дар докторантура иҷро карда мешавад, ва ин имконият медиҳад, ки баъди 7-8 соли таълим дараҷаи илмии доктори илм дарёфт намояд. Дар мамлакатҳо-иштирокчиёни раванди Болония бояд, ки як дараҷаи докторӣ бошад, мисол доктори фалсафа дар мувофиқа доираи донишҳо – илмҳои табиӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ, иқтисодӣ ва дигарҳо [9, 13, 12, с. 45].

3. Муассисаи системаҳои кредитӣ аз рӯйи системаи кредитӣ – трансфертии Аврупоӣ (ECTS). Кредит гуфта воҳиди шартиро меноманд, ки дар он ҳаҷми таҳсилот муайян карда мешавад. Ба сари ҳар як чунин воҳид миқдори муайяни мафҳумҳои аз худ кардашуда, робитаҳои байни мафҳумҳо, малакаҳои кор карда баромадашуда, яъне меҳнатталабии умумии донишҳо ва малакаҳои ҳосилшуда истодааст, ки кори мустақилонаи донишҷӯён ва супоридани онҳо имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ, ва дигар намуди корҳои таълимиро дарбар мегирад. Барои ба даст овардани дипломи аврупоии бакалавр ҷамъ кардани 180-240 соат кредитҳо, ва барои дараҷаи магистр – илова бар ин 60-120 соат талаб карда мешавад.

Маҳз системаи кредитҳоро ҳамчун воситаи баланд бардоштани тезҳаракатии донишҷӯён ҳангоми гузариш аз як барномаҳои таълимӣ ба дигараш дида мебароянд, ки барномаҳои таҳсилоти баъдидипломиро дарбар мегирад. ECTS воситаи бисёрмақсадаи эътироф кардан ва тезҳаракатии донишҷӯй, воситаи тағйир додани барномаҳои таълимӣ, ва инчунин воситаи интиқоли кредитҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии дигар мамлакатҳо мегардад. Системаи кредитии захира кардашуда имконият медиҳад, ки ҳамаи муваффақиятҳои донишҷӯй, на фақат сарбории таълимӣ, балки инчунин иштироки он дар таҳқиқотҳои илмӣ, конференсияҳо, олимпиадаҳои предметӣ ва м. и. ба назар гирифта шавад. Дар мамлакатҳои алоҳида ҳамчун шарти ҳисоб кардани кредитҳо чунин талаботҳоро пешниҳод мекунанд: сарбории таълими бояд 50% ва зиёдтар корҳои мустақилонаи донишҷӯйро дарбар гирад. Ба туфайли системаи кредитии захира кардашуда донишҷӯй метавонад дар донишгоҳи як мамлакат дохил шавад, ва онро дар дигараш ба итмом расонад; дар раванди таълим метавонад, ки донишгоҳ ё ин ки ихтисоси интихоб кардашударо иваз намояд; таълимро дар дилхоҳ марҳила ба анҷом расонида, дараҷаи бакалавр ё ин ки магистрро ба даст дарорад, таҳсилро дар доираи зиндагӣ барои худ муносиб давом диҳад [10, с. 80].

4. Ба таври ҷиддӣ рушд додани тезҳаракатии хонандагон (дар асоси иҷро кардани ду марҳилаи пешина). Васеъ кардани тезҳаракатии ҳайати муаллимон ва дигар кормандон бо роҳи санҷиши доираи вакте, ки аз тарафи онҳо барои кор дар минтақаи Аврупо сарф карда шудаанд. Барқарор кардани стандартҳои таҳсилоти ваҷди миллӣ. Барои дарк ва тасдиқ кардани қобилиятнокии рақобатпазирии дониш ва маҳорати худ, ҳар як донишҷӯй бояд имконият пайдо кунад, ки ҳатто муддати кӯтоҳ дар хориҷа таҳсил ва таҷриба ҳосил намояд, ва ба туфайли ин дар муассисаи олии асосӣ вай метавонад миқдори соатҳоеро кам намояд, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷи бахшида шудаанд. Тезҳаракатии донишҷӯён мувофиқи мақсад омода кардан нисбат ба супурданитестҳои забонии навъи TOEFL, тестҳо барои дохил шудан дар магистратура аз рӯйи иқтисодиёти GRE, менеҷменти GMAT ва дигарҳо мусоидат мекунад [14, с. 9].

5. Ба тартиб даровардани маълумоти олӣ дар мамлакатҳои гуногун нисбат ба стандартҳои ягона. Ин ба кор карда баромадани нақшаҳои таълимии монанд, тренингҳо, таҳқиқотҳо дахл дорад [5, с. 41].

6. Дар ҳаёт ҷорӣ кардани консепсияҳои таълими бефосила (абадӣ), ки ба инсон муддати зиндагӣ ба даст овардани якчанд дипломҳо ва дараҷаи илмиро имконият медиҳад, ва ба донишгоҳ – нисбатан таъминоти молиявӣ-моддиро аз ҳисоби додани базаи иттилоотӣ-моддӣ барои хоҳишмандони давом додани таҳсил беҳтар мегардонад. Дар асоси ин консепсия ғояи LLL (Life Long Learning) – таҳсилоте ҷой дорад, ки дар ҳамаи тули ҳаёт муносиб аст [1, с. 129].

Бо мақсади амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016 №19/24 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) аз 4 январи соли 2017 қарори мазкур мавриди амал қарор дода шавад. Инчунин бо фармоиши мазкур Нақшаи корӣ аз рӯйи ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба фазои маълумоти олии Аврупо ва Нақшаи корӣ аз рӯйи амалӣ кардани принсипҳои изҳорот ва байноти Болония тасдиқ карда шуд, ки дар рафти ҷаласаи вазирони маорифи давлатҳо-иштирокчиёни раванди Болония дар давраи солҳои 1999-2017, дар системаи таҳсилоти олии қабул карда шуд.

Гурӯҳи байниташкилотӣ бомуваффақият кор карданд: дар интернет-захираҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо шарҳу эзоҳи талаботҳои ҳуҷҷатҳои раванди Болония омода ва ҷойгир карда шуданд; ба таври даврӣ маводҳои аналитикӣ ва консептуалӣ аз рӯйи масъалаи раванди Болония дар маҷаллаҳо, рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ нашр карда шуданд; web- сайт бо маълумот оид ба ҳолати амалӣ кардани ҳолати изҳороти Болония дар ситемаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуданд; таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии истифода бурдани системаи воҳиди санҷишии таҳсилотӣ барои муайян кардани меҳнатталабии

барномаи таҳсилотӣ ва фаъолиятнокии таълимии донишҷӯён омӯхта шуданд; таҷриба дар давлатҳо-иштирокчиёни раванди Болония таҳлил карда шуданд, ки ба созишномаи Лиссабон барои амалӣ кардан дар таҷрибаи миллӣ эътироф кардани ҳуҷҷатҳои хориҷӣ доир ба маълумот ҳамроҳ шуданд [12, с. 12].

Аз тарафи Вазорати маориф ва илм ҳуҷҷатҳои маводҳои иттилоотӣ-ташкилотӣ ва дархост барои дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди Болония барои равона кардан дар сохтори мувофиқ ба забони англисӣ омода карда шуд, ки раванди Болония идора мекунад. Дархост барои дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди Болония ва ҳисоботи миллӣ оид ба ҳолат ва рушди таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар котиботи Болония, ва инчунин вазирони маорифи он мамлакатҳое равона карда шудааст, ки дар тули солҳои 2011-2012 раванди Болонияро идора мекунанд: Арманистон, Венгрия, Дания, Озарбойҷон ва Руминия.

Таҳлили ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ ва дигари изҳороти Болония ва як қатор созишномаҳои ҷаласаи вазирони маорифи мамлакат-иштирокчиёни ба он пайрав тасдиқ мекунанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди Болония дохил шуда, уҳдадории ҳуқуқиро аз рӯйи дохил кардани манфиатҳои миллии тағйиротҳо дар сохт, ки ба муносибатҳои ташкилотӣ ва мазмуни маълумоти олӣ ҷавобгӯй нест доро нест. Тағйироти асосии системаҳои маълумоти олӣ, ки дар ҷорӣ кардани як қатор принсипҳои изҳороти Болония (дохил кардани системаҳои бисёрсатҳии маълумот, босалоҳиятии амсилаи хатмкунанда, кӯтоҳ кардани муҳлати омодагии мутахассисон ва м. и.) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, аллакай аз талаботҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ва доираи иҷтимоии мамлакат хотима ёфтаанд.

Дар айни замон ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба раванди Болония аз мамлакатҳо чорабиниҳои хурди ташкилотиро талаб мекунад, ки амалӣ кардани он нисбат ба раванди Болония пайванд нест, марҳилаи муосири рушди системаҳои миллии системаҳои таҳсилоти олӣ, ва маҳз чунинҳо дар назар дошта шудаанд:

- мустаҳкам кардани қонуниятҳои системаҳои кредитӣ-модулии ташкил кардани раванди таълим;
- ҷорӣ кардани системаҳои арзиши меҳнатталабии барномаи таҳсилотӣ бо истифода бурдани системаҳои воҳиди санҷишӣ аз рӯйи навъи ECTS;
- ҷорӣ кардани намунаи нави замима нисбат ба диплом оид ба маълумоти олӣ, ки ЮНЕСКО/Шурои Аврупо (Diploma Supplement) кор карда баромадааст, ва бо намуна мувофиқ аст;
- ташаккул додани системаҳои менеҷменти сифати маълумоти олӣ, ки ҳамаи талаботҳои стандартҳои байналхалқии силсилаҳои ISO 9001- ро қаноатманд мекунад.

## *Адабиёт*


1. *Байденко, В.И. Болонский процесс. Курс лекций / В.И. Байденко - Изд-во Логос. - М.: 2004. - 208 с.*
2. *Болонский процесс: нарастающая динамика и многообразие (документы международных форумов и мнения европейских экспертов) / Под научной редакцией проф.В.И. Байденко. - М., 2002. - 409 с.*
3. *Болонский процесс [Электронный ресурс]. – 2011. - Режим доступа: http://bologna.owwz.de/project-team.html?&L=3 (дата доступа: 01.02.2012).*
4. *Болонский процесс: европейское высшее образование – Информационный бюллетень №4, выпуск №7 от 13.03.03 // Издательство ВГМУ, Витебск, 2003 г. – С. 36.*
5. *Вербицкая, Л. А., Касевич, В. Б. О модернизации российской высшей школы: сегодняшние проблемы и возможные решения // Вопросы образования. - 2005. - № 4.*
6. *Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145.*
7. *Давыдов, Ю.С. Болонский процесс и Российские реалии / Ю.С. Давыдов - М.: МПСИ, 2004. – 78 с.*
8. *Добрынин, М.А. Болонская декларация как фактор формирования европейского образовательного пространства / М.А. Добрынин // Педагогика. - 2006. - № 9. - С. 103-108.*
9. *Геворкян, Е. Н., Матова, Г. Н. Болонский процесс и сотрудничество в области обеспечения качества образования: опыт Российской Федерации // Вопросы образования. - 2005. - № 4.*

10. *Жученко, А.А., Исоньков, Ж.В. Европейская система зачетного перевода (ECTS) // Материалы для участников работ по внедрению ECTS в учебный процесс. - Екатеринбург, 2005. – С. 79-95.*
11. *Касевич, В.Б., Светлов Р.В., Петров А.В., Цыб А.А. Болонский процесс в вопросах и ответах. - Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2004. - 108 с.*
12. *К вопросу о вступлении Республики Беларусь в Болонский процесс [Электронный ресурс]. – 2011. - Режим доступа: edubelarus.info/uploads/ehea/analiz.pdf (дата доступа: 01.02.2012).*
13. *Лукичев, Г. А. Развитие образования в государствахучастниках Болонского процесса // Высшее образование сегодня. - 2003. - № 8.*
14. *Монастырская, Т.И. Оценка нагрузки студентов в рамках европейской системы зачетных единиц /Т.И.Монастырская, В.Шатц // Высшее образование сегодня. - 2009. - №6. - С. 8-13.*

## СИСТЕМАИ РЕЙТИНГИИ БАҲОИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ПАРАМЕТРҲОИ ФАКУЛТАТИВИИ РАВАНДИ БОЛОНИЯ

Масъалаҳои раванди Болония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуъҳои аз ҳама оммавӣ гардидааст, ки оид ба он семинарҳо, мизҳои мудаввар, монографияҳо, мақолаҳо бахшида шудааст. Дар оғоз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди мазкур худро дар канор мегирифт. Лекин дар соли 2016 мамлакати мо ба таври расмӣ оид ба мақсади ҳамроҳ шудан нисбат ба раванди Болония худро эълон намуд ва дар соли 2017 дар Изҳороти Болония имзо гузошт. Аллакай дар марҳилаи муосир бисёр муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакати мо марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани самтҳои вектории алоҳидаи раванди Болонияро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ оғоз намуданд. Махсусан системаи таҳсилоти иборат аз ду сатҳ, баҳои рейтингии дониш ва м. и. ворид карда шуд. Барои боз ҳам самаранок, фасеҳ, сифатнок ва ҳавасманд гардонидани баҳои донишҳои донишҷӯён муассисаҳои таҳсилоти олӣ системаҳои параллелии баҳо дохил намуданд (ба онҳо баҳои рейтингӣ ва модулӣ-рейтингии дониши донишҷӯён тааллуқ доранд), ки дар системаи таҳсилоти аврупоӣ фаъолона истифода бурда мешаванд. Системаи мазкур инъикоси воқеиро дар дастурамали кор карда баромадашуда оид ба гузаронидани назорати ҷории бомуваффақиятӣ, давомоти машғулиятҳо, аттестатсияи фосилавии донишҷӯён ва дар навбати худ дар системаи таҳсилоти олии донишгоҳи мо, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дарёфт намуд.

**Калидвожаҳо:** раванди Болония, баҳои рейтингии дониши донишҷӯён, назорати ҷории бомуваффақиятии донишҷӯён, минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ, нерӯйи зеҳнӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ, ҳамгироии аврупоии таҳсилоти олӣ.

## РЕЙТИНГОВАЯ СИСТЕМА ОЦЕНКИ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ КАК ОДИН ИЗ ФАКУЛЬТАТИВНЫХ ПАРАМЕТРОВ БОЛОНСКОГО ПРОЦЕССА

Проблематика Болонского процесса в Республике Таджикистан стала одной из самых популярных тем, которой посвящаются семинары, круглые столы, монографии, статьи. Первоначально Республика Таджикистан оказалась в стороне от данного процесса. Однако в 2016 году наша страна официально объявила о намерении присоединиться к Болонскому процессу и подписать в 2017 г. Болонскую Декларацию. Уже на современном этапе многие ВУЗы нашей страны начали поэтапное внедрение отдельных векторных направлений Болонского процесса в систему высшего профессионального образования. В частности, вводится двухуровневая система образования, рейтинговая оценка знаний и т.п. Для более эффективной, гибкой, качественной и стимулирующей оценки знаний студентов высшие учебные заведения вводят параллельные системы оценки (к ним относится рейтинговая и модульно – рейтинговая оценка знаний студентов), которые активно используются в европейской системе образования. Данная система получила реальное отражение в разработанном положении о проведении текущего контроля успеваемости, посещаемости занятий, промежуточной аттестации студентов и соответственно в системе высшего образования нашего ВУЗа, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоҳ Рудаки.

**Ключевые слова:** Болонский процесс, рейтинговая оценка знаний студентов, текущий контроль успеваемости студентов, зона европейского высшего образования, интеллектуального, культурного, социального и научно-технического потенциала, европейской интеграции высшего образования.

## RATING SYSTEM OF STUDENT KNOWLEDGE ASSESSMENT AS ONE OF THE OPTIONAL PARAMETERS OF THE BOLOGNA PROCESS

The problems of the Bologna process in the Republic of Tajikistan has become one of the most popular topics, which are devoted to seminars, round tables, monographs, articles. Initially, the Republic of Tajikistan turned out to be aloof from this process. However, in 2016, our country officially announced its intention to join the Bologna process and sign the Bologna Declaration in 2017. Already at the present stage,

many universities of our country have begun the phased introduction of certain vector areas of the Bologna process into the system of higher professional education. In particular, a two-level system of education, a rating assessment of knowledge, etc. are being introduced. For a more efficient, flexible, high-quality and stimulating assessment of students' knowledge, higher education institutions introduce parallel assessment systems (these include rating and module-rating assessment of students' knowledge), which are actively used in the European education system. This system has received a real reflection in the developed regulation on the ongoing monitoring of academic performance, class attendance, intermediate certification of students and, accordingly, in the higher education system of our university, Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki.

**Keywords:** Bologna process, rating assessment of students' knowledge, current monitoring of student progress, area of European higher education, intellectual, cultural, social and scientific and technical potential, European integration of higher education.

**Дар бораи муаллифон**

Қодирова Дилафрӯз Толибовна
Номзади илмҳои физика–математика,
дотсенти кафедраи методикаи таълими
физика ва технологияи материалҳо
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 93 538 00 33

Тошматов Абдунабӣ
Номзади илмҳои физика–математика,
дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва
назариявӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988 45 51 47

**Об авторах**

Кодирова Дилафруз Толибовна
Кандидат физико–математических наук,
доцент кафедры методики преподавания
физики и технологии материалов
Кулябский государственный университет
имени А.Рудаки
734065, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 93 538 00 33

Тошматов Абдунаби
Кандидат физико–математических наук,
доцент кафедры общей и теоретической
физики
Кулябский государственный университет
имени А.Рудаки
734065, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988 45 51 47

**About the authors**

Kodirova Dilafruz Tolibovna
Candidate of Physical and Mathematical
Sciences, Associate Professor of the Department
of methods of teaching physics and materials
technology
Kulyab State University named after A. Rudaki
734065, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov st., 16
Ph.: (+992) 93 538 00 33

Toshmatov Abdunabi
Candidate of Physical and Mathematical
Sciences, Associate Professor of the Department
of general and theoretical physics
Kulyab State University named after A. Rudaki
734065, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov st., 16
Ph.: (+992) 988 45 51 47

ТДУ 37:574 (575.3)

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИМОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ГУМАНИСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Ҳайдарова Н. М., Тураев З. Н., Мансурова Ҷ. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар ҷаҳони муосир тафаккури педагогӣ дар ду ҷараёни асосӣ инкишоф меёбад: авторитарӣ, ки ба нуфузи ҳокимияти калонсолон ва тобеияти кӯдак асос ёфтааст ва гуманистӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои хонандаро эътироф мекунад. Байни онҳо доираи васеи ҷараёнҳои педагогӣ зуҳур намуда бошад ҳам, ҷаҳони пешрафта педагогикаи гуманистиро интихоб кардааст.

Ҳадафҳои раванди таълиму тарбия, ҳамчун нерӯи инкишофдиҳандаи ҷомеа бо хусусиятҳои табиати ҷомеае, ки дар он амалӣ мешавад, ба сохтани ҷомеаи солиму солимфикр, созандаю ободкор нигаронида шудааст. Дар асоси сарқонуни кишвари мо, ки дар назди аҳолии мамлакат вазифаи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёдро мегузорад, шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ ва идеали шаҳрвандӣ, ки дар он шахсият ва овозу фикру ақидаи ӯ ҳамчун ҷузъи давлат ҳисобида мешавад, ба сифати ҳадафҳои ниҳоии таълим мушаххас ва возеҳу равшан муайян гардидааст. Афзалияти принсипи гуманистӣ ва бартарият додан ба тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ дар низоми таҳсилот дар Конститутсияи кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, стандартҳои таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуққуқӣ, дар шароити реформаи низоми таҳсилот аз мақсад ва вазифаҳои асосӣ тавсиф гардидааст. Барои низоми таҳсилот ин маънои гузаштан аз муносибати автократӣ, ки ба ташаккули шахсиятҳое ҳамчун "иҷрокунандагон" махсус гардонида шудааст, ба муносибатҳои гуманистӣ дар раванди таҳсилот мебошад, ки ба ташаккули шахсиятҳое ҳамчун “идоракунандагони” давлату ҷомеа ба шумор меравад.

Дар Конститутсияи кишвари мо омадааст: “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд” (Моддаи 5). Ҳамчунин дар сарсухани Конститутсия озодӣ ва ҳуқуқи шахс муқаддас шумурда шудааст.

Дар банди аввали Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин омадааст: «Ҳама одамон озод ва бо шаъну шараф ва ҳуқуқҳои баробар таваллуд мешаванд. Онҳо дорои ақл ва виҷдонанд ва бояд бо якдигар дар руҳияи бародарӣ рафтор кунанд".

Дар пештоқи даромадгоҳи ЮНЕСКО суханони гуманисти бузурги классики тоҷику форс Саъдии Шерозӣ ҳаккокӣ гардидааст:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд...

Дигаргуншавии ҷомеа, ки дар босуръат ташаккулёбии симои маънавии инсон, ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ-гуманистии иҷтимоии ӯ таҷассум меёбад, ба ҳалли мушкилоти ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбат ё тағйирот дар иқтисоди миллӣ, демократикунонии ҷомеа, баланд бардоштани некӯаҳволии моддии мардум, ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, мушкилоти қитъавию глобалӣ, экологӣ ва сиёсати байнанмилалӣ нигаронида шудааст.

Барои ҳамагон маълум аст, ки беҳбудии ҷомеа дар замони муосир аз системаи маорифе, ки бар заминаи ғояҳои гуманизм асос ёфтааст, алоқаманд аст. Зеро педагогикаи гуманистӣ, ба эътирофи арзиши аслии шахсият, ҳуқуқҳояш ба ба инкишофи озод ва зоҳир намудани қобилияту имконият ва нерӯи ботинии ӯ нигаронида шудааст [2, с. 172].

Ҳадафи дигаргуниҳои татбиқшудаистода аз шароити зарурии некӯаҳволии ҷомеа ва шаҳрвандони он, таъмини хушбахтии шахсии ҳар як инсон ба шумор меравад. Ин раванд оғози марҳилаи нав дар таърихи ахлоқии ҷомеа, замони ташаккули консепсияи нави ахлоқӣ-гуманистӣ, ки моҳияти он амалӣ шудани ҳақиқатест, ки арзишҳои муҳимтарини ҳуқуқии инсон ба зиндагии шоиста мебошад ба шумор меравад. Педагогикаи гуманистӣ дар дар тули таърихи инкишофи худ бо ҷустуҷӯӣ ва таҳияи консепсияи ошкор кардани принсипҳои

фаъоли таълиму тарбияи шахс, дар ӯ ташаккул додани қобилиятҳои худшиносӣ, худмуайянкунӣ ва худамалинамоӣ алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки ғояҳои гуманизм дар таърихи афкори педагогии ҷаҳонӣ, махсусан классикаи халқи тоҷик ҳамеша аз талаботҳои асосӣ ба шумор рафта, то замони мо фонди тиллоии ғояҳои пешқадами гуманистиро ба мерос гузоштааст. Мушкилии ба танзим даровардан ва ташаккул додани муносибатҳои башардӯстона дар ҷомеа нав набуда решаҳои муносибатҳои башариро дар гузаштаи дур пайдо кардан мумкин аст. Одамӣ ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ ҳангоми шикор, гуруснагӣ, беморӣ ва сар задани хавфу хатар ба ҳамдигар дасти кӯмак дароз менамуд.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои Ю.С. Владимиров нишон додаанд, ки ёрии байниҳамдигарии инсонҳо дар асоси фаъолияти муштарак, ҳамчун ҳимояи манфиатҳои якдигар, дар ҷомеаи ибтидоӣ ба вуҷуд омадааст [3, с. 35].

Ҳамин тариқ, заминаҳои муносибатҳои башардӯстона дар ибтидои пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба миён омада бошад, ҳам нуқтаҳои назар аз мавқеи фалсафӣ, равонӣ ва педагогӣ гуногун ба назар мерасанд.

Агар ба адабиёти замони антиқа назар кунем, аллакай аз замонҳои қадим сар карда, аз ҷумла, дар натурфалсафаи Юнони қадим ба таблиғи идеали шахси озод, қодир ба тафаккури интиқодӣ, худшиносии инкишофёбандаи шахсият вомехӯрем. Дар ин замон Протагор инсонро "ченаки ҳама чиз" арзёбӣ намуда, Суқрот як консепсияи томи педагогиро бо номи "Худро бишинос"пешниҳод намуда буд.

Замони эҳё ба мо як гурӯҳ мутафаккиронро дод, ки инсонро на танҳо маҳсули табиат, балки ҳамчун худофаранда меҳисобиданд. Чунин мутафаккирони гуманист ба монанди Витторино де Фелтре, Эразми Роттердамӣ, Томас Мор, Франсуа Рабле, Мишел Монтен, Томасо Кампанелла, чунин мешумориданд, ки мазмуни таълим бояд бо рушди тафаккури мустақилона, эҷодкорона ва худфаъолиятии кӯдакон нигаронида шавад.

Ғояҳо дар бораи шахсияти фаъоли озод, ки онро дар фаъолияти муташаккили бонизом ташаккул додан мумкин аст, ба Ян Амос Коменский тааллуқ дорад. Ян Амос Коменский, аз принсипи табиатан тарбиятпазирии шахсият истифода намуда, табиатан озод ва фаъол будани шахсиятро нишон дод. Ба қавли ӯ, дар натиҷаи дуруст ва вобаста ба ниёзҳои ботиниаш ба роҳ мондани тарбияи кӯдак, вай ҳамчун шахсияти фаъолу озод ба камол расида, худ ва ҷаҳонро дигар мекунад.

Тибқи ақидаҳои Жан-Жак Руссо, муқаррароти асосии тарбияро бояд инҳо ташкил намоянд: боварӣ намудан ба нерӯи ботинии кӯдак; назорати инкишофи бемайлони кӯдак; таъмини озодӣ дар гуфтор рафтор. Ҳамин тариқ, ӯ озодиро принсипи асосии тарбия медонист ва онро ба ду маъно шарҳ медиҳад: ҷисмонӣ (ба маънои озодии фаъолият) ва равонию ботинӣ(озодии андеша ва тафаккур).

Барои инкишофи педагогикаи гуманистӣ, дар асрҳои 18–19 ғояҳои идеалистони классики немис Иммануил Кант, Иоганн Фихте, Фридрих Шеллинг, Георг Гегел таъсири хеле муҳим расонидаанд. Ба ақидаи онҳо, инсон ҳамчун як махлуқи мутафаккир метавонад ҳадафҳои худро муайян карда тибқи он рушди худро таъмин намояд.

Махсусан Имануиил Кант инсонро бинобар доштани шуур аз муҳимтарин махлуқоти олам шуморида, аршиши олӣ доштани онро қайд менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки худшиносии шахс набояд ба ташаккули эгоизмро оварда расонад. Танҳо бо ақл назорат кардани маънавият ва рафтори шахсият дар ҷомеа метавонад пеши роҳи эгоизмро гирад [10, с. 20].

Нависандаи бузурги рус Лев Николаевич Толстой дар касби омӯзгорӣ принсипи гуманистиро пеш аз ҳама дар ифодаи муҳаббат ба кӯдакон дидааст. "Муаллими меҳнатдӯст, - навиштааст Толстой, - муаллими хуб хоҳад буд, аммо на барои шогирдон. Агар муаллим ба кор ва шогирдон муҳаббат дошта бошад, пас вай муаллими комил аст" [8, с. 362].

Пешсафони педагогикаи гуманистӣ дар ин марҳила, Эдуард Клапареде, К.Н. Вентсел, Януш Корчак, Рудолф Штайнер, Селестин Френе ва Мария Монтессорӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо, чунин меҳисобиданд, ки кӯдак бояд дар маркази раванди педагогӣ қарор гирад, субъектҳои дигари ин раванд бояд ба фароҳам овардани шароит барои инкишоф ва ошкор сохтани нерӯи зеҳнии ӯ равона карда шаванд [12, с. 172].

Ин мутафаккирон тарафдори гузарониданиислоҳот дар педагогикаи замонашон буда, барои дигаргунсозии мактаб дар баробари такмил додани назария ва усулҳои педагогӣ,

тағйири нуқтаи назар ва мавқеи калонсолонро нисбати кӯдак зарур мешумориданд. Омӯзиши ҷаҳони ботинии кӯдак, ниёзҳо ва хусусиятҳои равонию физиологии кӯдак бояд ҳам ҳадаф ва ҳам мазмуну мундариҷаи педагогикаи гуманистӣ бошад.

Имрӯз воқеияти педагогӣ нишон медиҳад, ки кам системаҳои педагогие вуҷуд доранд, ки дар воқеъ, роҳи садсоларо тай намуда, на танҳо дар варианти муаллиф зинда монданд, балки мавқеъҳои худро мустаҳкам намуда, дар низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ мавқеи муайянеро ишғол намудаанд. Ва яке аз онҳо, консепсияи педагогии Монтессори мебошад [6, с. 224].

Дар консепсияи шахсии педагогии Монтессорӣ шахсияти ҳар як кӯдак ҳамеша чун фардияти нодиру беназир ва дорои ҳуқуқҳои муҳаббат ва эҳтиром шуморида шуда, вазифаи муаллим кӯмак расонидан ва дастгирӣ намудани шахсияти кӯдак дар раванди инкишоф мебошад. Яъне тарзи тафаккур, эътиқод ва назари омӯзгор бояд ба такмили шахсияти кӯдак нигаронида шавад. Албатта, ҳар як консепсияи педагогӣ дорои хусусиятҳои фарққунандаи худ мебошад, бинобар ин ҳар як омӯзгор ё падару модар ҳуқуқ дорад мантиқан системаи педагогии мувофиқро интихоб намояд [6, с. 224].

Дар барқароршавии педагогикаи гуманистӣ нақши бузургеро ғояҳои инсондӯстонаи мутафаккири файласуфи идеалистӣ амрикоӣ Д.Дюи (1859-1952) бозидааст. Ӯ ғояҳои гуманистиро ба раванди таҳсилот ворид намуда, асосгузори педагогикае, ки дар маркази диққат ва андешаҳояш ташаккули шахсияти кӯдак меистад, гардид. Мувофиқи ақидаҳои Дюи ва методикаи таълими дар заминаи назарияи педагогии у баамаломада, субъекти асосии раванди таълим кӯдак, ниёзҳои маърифатию ҷисмонӣ, қобилият ва тафаккури он ба шумор рафта, нақши муаллим дар роҳбарӣ намудан ба раванди таълим, додани мустақилият ба кӯдак дар донишандӯзӣ ва ба ангезишдарории ҳисси кунҷкобии ӯ муаян мегардад. Д. Дюи ҳанӯз солҳои 20-уми асри XX принсипҳои муносибатҳои устоду шогирд ва ё муаллим ва хонандаро таҳия намуд. Д. Дюи принсипҳои зеррини таҳсилоти гуманистиро таҳия намудааст:

- мустақимият (истифодаи усулҳои педагогие, ки диққати хонандаро ба фаъолият равона месозад, на он ки муаллим бо фаъолияти ӯ роҳбари намояд);
- ошкорӣ (иҷозат додан ба гуногунрангии фаъолияти хонандагон дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо);
- кӯшиш намудан(дар фаъолияти таълимӣ “ғарқ” гардидан, машғул гаштан, шавқмандии зиёд ба мазмуни мавзуъ ба хотири баровардани ниёзҳои худ);
- масъулият ҳамчун ҷузъиёти муносибати бохирадона ба олам (инсон бояд дар рафти фаъолият бояд дарки оқибати ҳар як амали худро ёд гирад. На инки дар корҳои худ ба таваккул роҳ дихад) [9, с. 3].

Дар замони барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ, ки консепсияи тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ ба ҷаҳонбинии марксистӣ-ленинӣ асос ёфта буд, ҳамчун заминаи консепсияи гуманистии эътирофшудаи давлат ва соҳаи маориф фаъолияти педагогии В.А. Сухомлинский, А.С. Макаренко, С. Т.Шатский қабул гардид. Хусусияти фарққунандаи системаҳои таълимии эҷодкардаи онҳо гуманизм буда, ҳадафи тарбияи ахлоқиро онҳо дар ташаккули сифатҳои гуманистӣ дида буданд, ки ҳатто баъзе педагог ва психологҳои гуманисти Ғарб низ ба ақидаи онҳо такя намудаанд [11, с. 304-308].

Ҳангоми таҳияи асосҳои назариявии таҳқиқот мо ба асарҳои П.П. Блонский, Н.К. Крупская, А.С. Макаренко, В. Сухомлинский, С. Т. Шатский, ки дар ҳалли проблемаи гуманизатсиякунонии тафаккури насли наврас саҳми арзанда гузошта ба назария ва амалияи асосҳои тарбияи ахлоқии хонандагон аз синни хурди мактабӣ замина гузоштанд, такя намудем.

Дар заминаи таҳқиқот, таҳлил ва муқоисаи адабиёт мо ба хулосае омадем, ки асоси камолоти шахсият дар фаҳмиши мутафаккирон ва равшанфикрони асримиёнагии тоҷику форс, дар ягонагии камолоти фикрӣ ва ахлоқӣ зоҳир гардида, натиҷаи он ташаккули шахсияти комил, ки тавассути рушди ботинӣ олами моддиро ночиз шуморида шахсиятро ба мартабаи олӣ мебардорад. Идеали тарбия дар тафсири мутафаккирон на танхо азхудкунии дониш ва камолоти ахлоқиро дар бар мегирифт, балки дар тафсири онҳо ҳудуди мафҳуми идеали ахлоқ ва шахсияти комил дар ҳамгироӣ бо паҳлӯҳои ҷисмонӣ ва эстетикии тарбия васеъ гардида аст. Яъне мушкилии тарбияи меҳнатӣ ба раванди тарбияи ахлоқӣ-гуманистии халқи тоҷик ворид шуд. Ин ҳолат аз ҷузъиёти нав ва тараққихоҳи мушкилии тарбияи гуманистӣ-ахлоқии тоҷик ба шумор мерафт.

Омӯзиши осори мутафаккирони тоҷик моро ба хулосае оварданд, ки на танҳо инкишофи андешаҳои онҳо дар бораи паҳлуҳои гуногуни тарбияи ахлоқи-гуманистӣ, балки омилҳои ташаккулдиҳандаи шахсиятро муайян намоем. Гуфтан мумкин аст, ки дар инкишофи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик қобилияти фардии инсон, нақши тарбия дар ташаккули он ҳиссаи калон гу-зоштааст. Онхо тавонистаанд дарк намоянд, ки фаъолияти инсон шуури ӯро ташаккул медиҳад [7, с. 148].

Академик М.Лутфуллоев дар китоби «Эҳёи педагогикаи Аҷам» ба масъалаи сарчашмаҳои зуҳури инсондӯстӣ ва дар куҷо пайдо шудани аввалин ақидаҳои инсондӯстӣ дахл намуда, бо далелҳои раднашаванда исбот мекунад, ки аввалин ақидаҳои инсондӯстӣ дар Шарқ зуҳур намуда, баъдан ба ақсоми олам паҳн гардидаанд. Устод ба олимони Ғарб бо боварӣ мурожиат намуда мегӯяд, ки: «Агар шиори «Эй мардум, одам шавед!» (Жан-Жак Руссо) дар Аврупо дар асри XVII садо дода бошад, пас ибораи «Ба ғайр аз инсоният чизи гаронмоятар нест» 1800 сол пештар аз дар Шарқ гуфта шудааст [7, с. 106].

Муносибати оқилона, одилона, баробарҳуқуқӣ, некхоҳона ва адолати иҷтимоӣ ба шахсият, озодӣ, меҳнат ва шаъну шарафи инсонӣ асоси методологии андешаҳои инсондӯстонаи мутафаккирон ва маорифпарварони халқи тоҷикро ташкил додааст.

Ин хусусияти хоси адабиёти бадеӣ ва халқии классикии халқи тоҷик, ба куллӣ аз фаҳмишҳои аврупоии гуманистӣ фарқ мекунанд.

Ақидахои гуманистӣ дар ҳамаи давру замон, бо ҳалли масъалаҳои ташаккули инсони комил нигаронида шуда, ташкили шароит барои инкишофи мутаносибатҳои хайрхоҳона ва мутаносибан фоиданоки ҷамъиятӣ аз ҳадафҳои асосиаш ба шумор мерафтааст.

Мутафаккирони гуманисти барҷастаи асрҳои миёнаи даврони давлати Сомониён (Розӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва ғ.) дар самти инсондӯстонаи таълиму тарбия рушди неруҳои эҷодии шахс, эҳсосот, ақлу ақл, ирода, ишқу муҳаббат чун қонуни асосии зиндагӣ (Хайём), мехрубонӣ хамчун асоси табиати инсон (Носири Хисрав) нақши боризеро гузоштаанд.

Номи Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хисрав Ҷомӣ ва бисёр дигарон дар солномаи башарият бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Илмхои астрономия, риёзиёт, табиатшиносӣ, фалсафаро бе бузургтарин кашфиёт ва дастовардҳои Абуалӣ Сино, Абурайҳон Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Закариёи Розӣ, Имом Тирмизӣ, Умари Хайём, Форобӣ ва дигарон тасаввур кардан душвор аст. Номи ин фарзандони шуҳратманди халқи тоҷик дар баробари дигар нобиғаҳои башарият, робитаи ногусастанӣ бо ақоиди ахлоқӣ-гуманистӣ дорад.

Равандҳои демократкунонӣ дар ҷумҳурӣ, бухрони амиқи иқтисодию маънавии дар натиҷаи ҷанги гражданӣ ба амал омада дар назди низоми таҳсилот вазифаҳои ҷадиди таълимӣ-тарбиявии бачагону наврасонро гузошт, ки на танҳо ба талаботи бозори меҳнат, балки ба иштироки мустақилона ва эҷодкорона дар ҳаёт нигаронида шудааст.

Решаҳои ин навъи тарбия аз адабиёт ва фарҳанги бою рангин ва куҳани классикию муосири тоҷик, ки таърихи чандҳазорсола дошта ҳамчунин заминае барои рушди фарҳанги мадании дигар қавму миллатҳо гузоштааст, об мехурад.

Маҳз таърихи куҳани тамаддуни таҳаммулпазир ва ахлоқӣ-гуманистии миллати тоҷик сабаб гардид, ки дар фосилаи кӯтоҳи таърих, ҷанги шахрвандӣ ба истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ табдил ёфта фазои ободкорию созандагӣ, сулҳу салоҳ, дӯсьтию рафоқат ба миён омад.

Дар ин ҷода сиёсати шахси инсондӯсту инсонпарвар, тарғибгари сулҳу созандагӣ, шахси накӯном, инсони комил, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза бузург мебошад.

Ҷомеаи муосир аз низоми таҳсилот вазифаҳои сифатан навро, ки барои ба ҳаёт омода кардани насли наврас ҳал намояд. Ҷомеаи мутамаддин яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти ҷомеаи имрӯзаро дар такмили низоми мавҷудаи таҳсилот медонанд. Аксари кишварҳо, ҳатто кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ақибмонӣ ва номуносиб будани низоми таҳсилоти худро дарк намуда, барои расидан ба сатҳи зарурии таҳсилот, фарҳанг, солимии ахлоқӣ, равонӣ ва ҷисмонӣ кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дода истодаанд.

Таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ, барномаҳо, санадҳои қонунгузорӣ, консепсияҳо, стандартҳо, асосҳои назариявӣ, таҷрибаи кори муштараки омӯзгорони навовар нишон дод, ки ҳарчи зудтар ба пуррагӣ ба гуманизатсияи низоми таҳсилот ва умуман муносибатҳои ҷамъиятӣ гузаштан зарур аст. Ҳамзамон, бисёре аз муаллифон гуманизатсияро яке аз самтҳои

афзалиятноки ислоҳоти низоми таҳсилот медонанд. Дар айни замон ғояҳои инсонпарварӣ дар барномаҳои таълимии муасиссаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавкеи бартаридоштаро касб намуда, ҷузъи ҷудонашавандаи фанҳои таълимӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро имзо кардааст ва ба ин васила уҳдадор мешавад, ки риояи ҳуқуқҳои дар Конвенсия зикргардидаро нисбати ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакон таъмин намояд.

Конвенсия ҳуқуқи кӯдакро ба таҳсил муайян карда ӯро бо фарҳанг, забон ва арзишҳои маънавии худ ва дигар халқҳо шинос мекунад.

Солҳои охир ислоҳот ва дигаргунсозиҳои демократӣ дар низоми таҳсилот боиси он гардид, ки субъектҳои низоми таҳсилот барои беҳтар намудани фаъолият дар самти гуманизатсияи таълим корҳои зиёдеро ба анҷом расонида бошанд, ҳам аммо натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии чандинсола оид ба таҳияи проблемаи гуманизатсияи низоми таҳсилот шоҳиди онанд, ки ин масъала бо вуҷуди аҳамиятнок ва ҳалталаб буданаш, таври кофӣ баррасӣ ва таҳлил карда нашудааст.

Муносибати мутақобилаи ин ҷузъиёти таркибии раванд, асолати ташаккул ва инкишофи онҳо дар марҳилаҳои гуногуни синну сол омӯхта шуда, шароити тарбия ва ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ гуманистӣ бо назардошти хусусиятҳои синну соли кӯдакон муайян ва асоснок карда шуда бошанд ҳам, аммо мушкилоти гуманизатсияи шахсияти насли наврас ҳанӯз пурра ҳал нашудааст.

Зеро моҳиятан фарҳанги гуманистии шахс ҳамчун хусусияти интегративӣ дошта, хислатҳои шахсиятро аз нуқтаи назари муносибати ҳамаҷониба ба он баррасӣ намуда, имкониятҳои хониши адабиёти бадеӣ ва дигар омилҳоеро, ки ба ташаккул ва инкишофи он таъсиррасонандаанд дарёфт намуда, роҳҳои нисбатан мусоид ва самараноки ташаккули фарҳанги ахлоқӣ-гуманистии шахс, инчунин шароити психологию педагогиеро, ки имкон медиҳанд раванди ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии шахсият муваффақиятноктар гардад ошкор месозад.

Илми педагогикаи муосир бояд мушкилоти низоми таълиму тарбияро аз нав дида баромада, ҷустуҷӯи моделҳои навро дар системаи тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ фаъолона давом дода, технологияҳои нави таълимӣ-тарбиявиро барои таъмини демократикунонӣ ва гуманизатсияи таҳсилот аз ҳадафҳои асосии реформаи соҳаи маориф қарор диҳад. Набояд дар сиёсати давлатӣ нисбат ба инкишофи шахсияти кӯдак ҳамчун ба масъалаи дуюмдараҷа нигариста, дар муносибат бо созмонҳои кӯдакону наврасон, ки нерӯи бузурги тарбияи ахлоқӣ-гуманистиро доранд ба формализм, консерватизм роҳ дода шавад. Зеро мо шоҳиди он гардидем, ки дар як фосилаи кӯтоҳи таърихи, ки дуршавии кӯдакону наврасон аз созмонҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ мушоҳида гардид, ба чӣ оварда расонид. Имрӯз, низ гоҳо аз раванди таълим дур мондани кӯдакон ва ё ба он муносибати беэътиноёнаи волидайну муаллимон гоҳо ба назар мерасад, ки бартарф намудани он зарур ва муҳим буда, пешравии ҷомеаи навсохташудаистодаи демократии мо аз рафъи ин мушкилӣ вобастагии ҷиддӣ дорад [3, с. 400].

Бартараф намудани ин зиддиятҳо яке аз проблемаҳои мубрамтарин ва глобалии иҷтимоию-педагогӣ ба шумор меравад. Огоҳӣ дар бораи аҳамияти бунёдии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии шахс тағйироти куллиро дар тамоми системаи педагогӣ тақозо мекунад, ки ҳадафи он фароҳам овардани шароит барои ташаккули шахсияти озод, инсондӯст, худогоҳ ва ташаккули фарҳанги инсодӯстонаи он мебошад.

Бартарафсозии ҳолати буҳронии раванди таълим ва ахлоқи ҷомеа тавассути гуманизатсияи муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули бомуваффақияти салоҳиятҳои ахлоқӣ - гуманистии шахс имконпазир аст. Тарбияи ахлоқи-гуманистӣ ва муносибатҳои башардӯстона дар синфҳои ибтидоӣ, на танҳо аз рушди тафаккур дар бораи муносибатҳои башардӯстонаи кӯдакон, балки аз қобилияти вокуниши эмотсионалӣ ба рӯйдодҳои гуногун, ба мисли шодӣ кардан, ҳамдардӣ кардан, норозигӣ кардан ва ғайра вобаста аст. Муносибати ҳассосонаи хонандагони хурдсол ба амалҳои дигарон ҳамон вақт равшан зоҳир мешавад, агар маънои ин амалҳоро, муносибати муайяни калонсолонро нисбати худ ва инчунин муоширати мустақилона бо якдигарро дарк намоянд.

Синну соли хурди мактабӣ на танҳо давраи кӯдакӣ ва яке аз марҳилаҳои рушди шахсият аст, балки давраи бениҳоят муҳими ҳаёти инсонӣ, зинаи навбатӣ ба сӯи қуллаест, ки

шахсияти комил номида мешавад. Ин марҳила ҳассостарин давраи тарбияи инсон ба шумор рафта дар он ҳаётти стихиявӣ-бешуронаи инсон ба марҳилаи шуурнокона амалӣ намудани фаъолиятҳояш мегузарад.

Кӯдак қобилияти мустақилона идора кардани рафтори худро ҳосил карда, ба назорати бошууронаи фаъолияти амалии худ сар мекунад. Дар ин давраи синну соли дар кӯдак азхудкунии қоидаҳо, меъёрҳо, принсипҳои ахлоқӣ, ташаккули одатҳои ахлоқии рафтор босуръат мегузарад. Ҳассосияти ахлоқӣ, яке аз механизмҳои муҳими дохилии танзимкунии рафтор, муайян кардани сатҳи камолоти инсон, фарҳанги ахлоқии ӯ ба шумор меравад.

Ташаккули сифатҳо ва салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ дар хонандагони хурдсол, дар раванди намудҳои гуногуни фаъолият, дар шаклҳои гуногуни муносибатҳои байнишахсӣ сурат мегирад. Дар кӯдак бояд ба эҳсоси ҳамдардӣ, шарикӣ ташаккул ёфта, омӯзгор вазифадор аст, ки хислатҳои бепарвоӣ ва рафтори беақлонаи кӯдакро сари вақт мушоҳида намуда ислоҳ намояд.

Эҳёи арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа дар амал бо зарурати объективии гуманизатсия кардани шахсияти хонандаи хурдсол хеле оҳиста, зиддиятнок ва бо таҳияи нокифояи назариявии ин масъала сурат гирифта истодааст. Ин зиддият дар байни зарурати объективии гуманизатсияи шахсияти кӯдак ва мавҷуд набудани шароити педагогии аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои бомуваффақият амалӣ намудани ин раванд ва ба он омода набудани муаллимони синфҳои ибтидоӣ мушоҳида мешавад.

Мо ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии шахсро дар сохтори тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун хислати зарур ва ҷудонашавандаи шахс, хусусияти сифатӣ ва муҳими фарҳанги маънавии ӯро дар маҷмуъ чун заминаи гуманизатсияи ҷомеа ва инсон дар замони муосир мешуморем. Салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ пеш аз ҳама дар шуур, сатҳи маърифат ва огоҳии гуманистӣ, эътиқодҳо, инчунин дар фаъолият, барангезандаҳои рафтор, самти фаъолият, дар ченаки устуворӣ ва чандирияти он зоҳир мешавад. Мо салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии шахсиятро ҳамчун хусусияти таркибӣ ва ҷудонашавандаи шахсият шуморида, дараҷаи инкишофи онро бо воситаи принсипҳои ахлоқи ҳаматарафаи инсонӣ, шуурнокӣ ва иҷрои амиқ фаъолиятҳо дар ҷомеа, эҷодкорӣ дар иҷрои ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандии худ, саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеа муайян менамоем.

Марҳилаи мусоид барои ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии шахс бояд давраи кӯдакӣ ҳисобида шавад, зеро ин замон ташаккули шахсият, сифатҳои ахлоқии он ба амал омада, таваҷҷуҳи махсуси омӯзгорон ва волидонро талаб мекунад. Дар синфҳои ибтидоӣ ташаккули ақидаҳо, консепсияҳо, нуқтаи назарҳо, эътиқодҳо ба амал меояд. Хусусияти конкретӣ ва ноустувори идеалҳои хонандагони хурдсол дар ибтидои таҳсил тадриҷан хусусиятҳои таҳлилӣ, таркибӣ, умумӣ ва устуворӣ пайдо мекунад. Ниёзхои хонандаи хурдсол ташаккул ёфта худро бо образҳои идеалӣ муқоиса карда, бошуурона аз паси идеал рафтан пайдо мешавад. Аҳамияти "шароити дохилӣ", ки аз ҷониби равоншиносон ҳамчун системаи хосиятҳои равонии инсон фаҳмида мешавад, кам гардида таъсири омилҳои беруна - ҷамъият зиёд мешавад. Хонандаи хурдсол барои фаъолияти мустақилона ва фаъолона саъй карда, ба масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, худнамоишдиҳиаш дар назари ҳамсинфон ва калонсолон афзояд ҳам, аммо онҳо чи гуна истифода бурдани меъёрҳои ахлоқро дар амалҳои воқеӣ, дар рафтори ҳаррӯза намедонанд. Онҳо ба муошират майл намуда, кӯшиш менамоянд, ки захираи луғавиашонро бой намоянд. Бо иштиёқ дар фаъолиятҳои махсус ташкилшудаи беруназдарсӣ иштирок намуда рафтори иҷтимоиашонро тақвият бахшида, зарурияти мувофиқи меъёрҳои ахлоқӣ амал карданро, ки ҳамчун ангезаи ба вуҷудоварандаи ва танзимкунандаи фаъолият дарк мекунанд.

### ***Адабиёт***


1. *Абдунабӣ С. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри севум / А. Сатторзода. – Душанбе: Маориф, 2018. - 320 с.*
2. *Валеева Р.А. Теория и практика гуманистического воспитания в европейской педагогике (первая половина ХХ века). - Казань: КГПУ, 1997. - 172 с.*
3. *Владимиров Ю. С. Природа пространства и времени: Антология идей. - М.: URSS, 2015. - 400 с.*
4. *Каримова И. Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся*

*таджикской школы: дис. ... д-ра пед. наук. - Душанбе, 2000. - 254 с.*
5. *Консепсияи мактаби миллӣ (Концепция национальной школы). - Душанбе: Матбуот, 2003. - 23 с.*
6. *Монтессори. Антология гуманной педагогики. - М.: Изд. дом Шалвы Амонашвили, 1999. – 224 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 1997. - 148 с.*
8. *Толстой Л.Н. Педагогические сочинения. - М., 1956. – 362 с.*
9. *Джон Дьюи Дж. От ребёнка — к миру, от мира — к ребёнку (Сб. статей). — М.: Карапуз, 2009.*
10. *Иммануил Кант: 1724-1804. К двухсот пятидесятилетию со дня рождения. И.Канта /АН СССР. Ин-т философии. – М.: Наука, 1973. – 534 с.*
11. *Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям / В.А.Сухомлинский. Изд. 2-ое. - Киев: Радянська школа, 1972. – 244 с.*
12. *Клапаред, Эдуар [Электронный ресурс]. –* URL: https://www.krugosvet.ru/enc/psihologiya-i-pedagogika/klapared-eduar

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИМОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ГУМАНИСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола муаллифон адабиётҳои илмӣ-методӣ ва психологию педагогиро таҳлил намуда, муайян кардаанд, ки истифодаи равишҳои инсондӯстона ба тарбияи ахлоқии хонандагони синни томактабӣ дар таҳсилоти фарогир рушди ҳавасмандии маънавиро ҳамчун омодагӣ ба муошират бо хонандагони хусусиятҳои хосдошта таъмин менамояд. Мо муносибати инсондустонаро ба тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун як шакли ташкили раванди таълим, ки ба ташаккули муносибатҳои ахлоқии субъектҳои раванди таълим ва тарбия нигаронида шудааст дуруст меҳисобем. Муаллифон инчунин шартҳои педагогиро муайян кардаанд, ки ба ташаккули тарбияи инсондӯстона дар мактаббачагон мусоидат мекунанд: истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолияти муштарак дар муҳити ғайримонеа (ташкили лоиҳаи гурӯҳӣ, саҳнагузории афсона, эҷоди видео ва ғ.); бо воситаи истифодаи методи интерактивӣ ва технологияи нави таълим баланд бардоштани ахлоқи гуманистии хонандагони хурдсол.

**Калидвожаҳо:** инсондӯстӣ, салоҳият, бомаърифат, замонавӣ, тафаккур, иродаи қавӣ, консепсия, кифоят, ҳамгироӣ.

## МЕТОДОЛОГИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБУЧЕНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ГУМАНИСТИЧЕСКИХ КОМПЕТЕНЦИИ МЛАДЩИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье авторы проанализировали научно-методическую и психолого-педагогическую литературу и выявили, что применение гуманистического подхода к нравственному воспитанию младших школьников в инклюзивном образовании обеспечивает развитие нравственной мотивации как готовности взаимодействовать со сверстниками с ограниченными возможностями здоровья с учетом моральных принципов и норм. Гуманистический подход к воспитанию младших школьников рассматривается нами как организация воспитательного процесса, направленного на формирование нравственных взаимоотношений между субъектами воспитания с учетом оптимальных условий для их свободного и гармоничного развития. Также авторы определили педагогические условия, способствующие формированию гуманистической воспитанности младших школьников: использование различных форм совместной деятельности в условиях без барьерной среды (создание группового проекта, инсценировка сказки, создание видео и т.д.); учет интересов всех детей; применение интерактивных средств и технологий в процессе нравственного обучения и воспитания младших школьников; активизация рефлексивной самоорганизации.

**Ключевые слова:** гуманизм, компетенность, образованный, современный, мышление, твёрдая воля, концепция, достаточность, интеграция.

## METHODOLOGY OF PEDAGOGICAL TRAINING IN THE FORMATION OF HUMANISTIC COMPETENCIES OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN

In the article, the authors analyzed the scientific-methodological and psychological-pedagogical literature and revealed that the application of a humanistic approach to the moral education of younger schoolchildren in inclusive education ensures the development of moral motivation as a willingness to interact with peers with disabilities, taking into account moral principles and norms. The humanistic approach to the education of younger schoolchildren is considered by us as the organization of the educational process aimed at the formation of moral relationships between the subjects of education, taking into account the optimal conditions for their free and harmonious development. The author also identified pedagogical conditions that contribute to the formation of humanistic upbringing of younger schoolchildren:

the use of various forms of joint activity in a barrier-free environment (creating a group project, staging a fairy tale, creating a video, etc.); taking into account the interests of all children; the use of interactive tools and technologies in the process of moral education and upbringing of younger schoolchildren; activation of reflexive self-organization.

**Keywords:** humanism, competence, educated, modern, thinking, firm will, concept, sufficiency, integration.

**Дар бораи муаллифон**
Ҳайдарова Наргис Мансуровна
Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 886 88 89 90
E-mail: nargis1983@mail.ru

Тураев Зокирҷон Норумбекович
Ассистенти кафедраи методикаи таълими биология ва биологияи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 977 09 03
E-mail: zokir.turaev.92@mail.ru

Мансурова Ҷамила Сулаймоновна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

**Об авторах**
Хайдарова Наргис Мансуровна
Ассистент общеуниверситетской кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 886 88 89 90
E-mail: nargis1983@mail.ru

Тураев Зокирджон Норумбекович
Ассистент кафедры методики преподавания биологии и общей биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 977 09 03
E-mail: zokir.turaev.92@mail.ru

Мансурова Джамила Сулаймоновна
Кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

**About the authors**
Haidarova Nargis Mansurovna
Assistant of the University Department of Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 886 88 89 90
E-mail: nargis1983@mail.ru

Turaev Zokirjon Norumbekovich
Assistant of the department of teaching methods of biology and general biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 977 09 03
E-mail: zokir.turaev.92@mail.ru

Mansurova Jamila Sulaimonovna
Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the University Department of Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

ТДУ 371 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ИНКИШОФИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Бегова Ф. И.**
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Инкишофи ҷамъиятии инсон раванди азхудкунӣ ва истеҳсолкунии таҷрибаи иҷтимоии ҳар як фард ва системаи муносибатҳои байниҳамдигарии он дар ҷомеа мебошад [6, с. 102]. Иҷтимоисозӣ дар раванди таълим, тарбия ва худомӯзӣ ин тавсифи ҳадафҳои ҳар як шахс буда, ба онҳо ноил шудан, ҳисси худбаҳодиҳии худро тарбия кардан ва ба мавқеи худ дар ҷомеа боварӣ ҳосил кардани ӯ мебошад.

Ҷомеасозӣ як падидаест, ки дар чорроҳаи ҷомеашиносӣ, антропология ва психологияи иҷтимоӣ ҷойгир аст. Ҷомеашиносӣ ҷомеасозиро аз нуқтаи назари муҳити зист, яъне он шароиту омилҳое баррасӣ мекунад, ки ташаккули шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ салоҳиятдорро муайян мекунанд. Антропологҳо таъсири фарҳангро ба раванди иҷтимоишавии фард таъкид мекунанд. Тибқи равиши антропологӣ натиҷаи муҳими ҷомеасозӣ мутобиқшавии шахс ба фарҳанге мебошад, ки дар он зиндагӣ мекунад [2, с. 65].

Психологияи иҷтимоӣ шахсиятро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ баррасӣ мекунад. Аммо дар баробари ин дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи он низ қайд кардан зарур аст, аз ҷумла:

- характер ва ирода;
- манфиатҳо ва ниёзҳои инсон;
- самт дар ҷомеа ва вижагиҳои ҷаҳонбинӣ;
- қувваи инкишофи рӯҳии ӯ;
- дониши ҷамъшуда;
- шуурнокӣ ва худшиносӣ.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки субъект чӣ тавр муҳитро қабул мекунад ва бо муносибатҳои иҷтимоии худ бо одамони дигар муошират мекунад.

Раванди иҷтимоисозии шахсият ба фаъолияти кӯдак, нақши ӯ дар меҳнат, аз таъсири ҷаҳони атроф, аз он вобаста аст, ки ҷомеа ва кишвар баҳри насли оянда чи гуна ғамхорӣ мекунанд. Оё дар вақти таълим хусусиятҳои синну сол ва фардии кӯдак ба назар гирифта мешаванд, оё ӯ душвориҳои худро мустақилона ҳал карда метавонад, мустақилияти ӯ чӣ гуна ташвиқ карда мешавад, боварии худ ба қобилияти ҷисмонию равонӣ чӣ гуна инкишоф меёбад [1].

Ақидаҳое вуҷуд доранд, ки бо мурури синну сол шароити рушди дохилӣ аз ҳама ҷиҳат мусоидтар мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки ҳама гуна давра барои ташаккули психика дар самти муайян мусоидтар (ҳассос) аст. Давраҳои ҳассос (ҳар синну соли кӯдакӣ аз нуқтаи назари худ ҳассос аст) аз беҳамтоии марҳилаҳои инфиродии рушд ва имкониятҳои нисбатан бузурги кӯдакӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар ин давраҳо барои инкишофи психика дар самтҳои гуногун шароит ба вуҷуд меояд ва баъдан ин қобилиятҳо бо мурури замон суст мешаванд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар баъзе синну сол барои рушди ҳассосият ба дар баъзе синну сол паҳлӯҳои воқеият, дар баъзеи дигар - ба дигар шартҳо майл доранд. Ҳассосияти инфиродӣ ба муҳити зист низ муҳим аст [9, с. 44]. Инкишоф падидаест, ки натиҷаи ҷараён ва натиҷаи тағйироти миқдорӣ ва сифатии инсонро дар бар мегирад.

Натиҷаи тараққиёт ин ташаккули инсон ҳамчун илмҳои биологӣ ва илмҳои умумигуманитарию педагогии эҷодиётӣ дар ҷамъият мебошад. Инкишофи иҷтимоии шахсият дар афзоиши равонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ифода меёбад, аммо инкишофи биологии шахс бошад, бо инкишофи ҷисмонӣ муайян карда мешавад, ки он тағйироти морфологӣ ва физиологиро дар бар мегирад. Инсон маҳз дар раванди рушд, пас аз расидан ба дараҷае, ки ӯро барандаи худшиносӣ ҳисоб кардан мумкин аст ва ба фаъолияти мустақили дигаргунсозанда қодир аст, шахсият мешавад.

Рушди инсон як раванди хеле душвор, тӯлонӣ ва дорои зиддият мебошад. Тағйирот дар бадани инсон дар давоми тамоми умри ӯ ба амал меояд, вале хусусияти ҷисмонӣ ва ҷаҳони маънавии инсон бо ба мактаб омаданаш махсусан шадидан тағйир меёбад [8]. Шахсият хусусияти иҷтимоӣ мебошад, ки он хусусиятҳоеро нишон медиҳад, ки дар зери таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми муошират бо одамони дигар ташаккул меёбанд. Инсон бо усули тарбияи мақсаднок ва пурмазмун ҳамчун шахсият ташаккул меёбад.

Барои шахс шудан лозим аст, ки инсон сифатҳои худро, ки табиатан ба ӯ хос аст ва дар раванди тарбия ҳам дар фаъолият ва чи дар амал ба даст овардааст, нишон диҳад ва ошкор намояд. Раванди иҷтимоишавии шахсиятро се марҳилаи асосӣ метавон шумурд:

1. Марҳилаи якум ин давраи томактабӣ, даврае, ки дар он фаъолияти кудак дар асоси бозӣ бартарӣ дорад;

2. Марҳилаи дуюм ин давраи мактабхон шудан, яъне давраи дарки фаъоли воқеияти атроф мебошад;

3. Марҳалаи сеюм ин раванди худомӯзӣ, беруназмактабӣ ва омӯзиш дар донишкада мебошад.

Шахс вақте, ки аз табиат ва ҷомеаи атрофаш бо пурраги огоҳ мегардад, «ман»-и худро такмил медиҳад; ҷаҳонбинии вай шакл мегирад. Дар таҳқиқоти педагогӣ синну соли мактаби ибтидоӣ таваҷҷӯҳи хоса дорад. Дар синни ҳафтсолагӣ вазъи иҷтимоии кӯдак тағйир меёбад: таъсири оила суст шуда, таъсири омӯзгор ва ҳамсинфон зиёд мешавад.

Ҳар як кӯдак ба шароити тағйирёфта ва муҳити тағйирёфта ба таври гуногун муносибат мекунад ва мутобиқ мешавад. Дар ин ҳолат, хусусиятҳои инфиродии шахс, аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дар ин синну сол дарки хониш, масъулият ва идроки хонандаи хурдсол ба фаъолияти таълимӣ ҳассос аст.

Хусусиятҳои психологии мактаббачаи хурдсол аввалан ин: боварии амиқ ба муаллим; эътиқод ба ҳақиқати ҳар чизе, ки таълим дода мешавад; эътимоди меҳнатдӯстӣ ва ғайра мебошад. Фаъолияти равонии онҳо ба такрор, қабули ботинӣ ва тақлид нигаронида шудааст [11, с. 32]. Мактаббачагони хурдсол на танҳо ба фаъолиятҳои таълимӣ, балки ба корҳои беруназсинфӣ, ки дар онҳо қобилияти нави худро нишон дода метавонанд, мувофиқанд. Дар муносибатҳои кӯдакон бо муаллимон ва ҳамсолон тағйироти ҷиддӣ ба амал меоянд. Хоҳиши хонанда ба машғул шудан ба фаъолияти муштарак ва муошират бо ҳамсолонаш хеле равшан намоён шудааст.

Дар ин давра фаъолият ва муошрати бачагони ҳафтсоларо муаллим танзим мекунад. Мактаббачагон маҳз бо роҳбарии муаллим малакаҳои кори дастаҷамъонаро ба даст меоранд, ки самти иҷтимоӣ доранд. Кӯдакон дар муносибат бо ҳамсолон на ҳама вақт забони умумӣ пайдо мекунанд. Имконияти ба миён омадани вазъиятҳои муноқишаро, ки кӯдак баъзан мустақилона дарк карда наметавонад, истисно кардан мумкин нест. Гарчанде ки дар муқоиса бо кӯдакони синни томактабӣ, мактаббачагони хурдсол қодиранд рафтору кирдори худро таҳлил кунанд.

Хусусан дар ин гуна мавридҳо кӯмаки муаллим лозим ва зарур аст, ки бо усули бозикунӣ ва вазъиятҳои ба ин монанд, ба бачаҳо дар дарки зиддиятҳои мавҷуда ёрӣ мерасонад ва ба бачагон тай кардани вазъиятҳои муайяни ҳаётро меомӯзонад. Дар мактаббачагони хурдсол заминаҳои ба даст овардани эътиқоди баланди ахлоқӣ ташаккул меёбанд, дурустии баҳодиҳии ахлоқӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Инчунин сатҳи тафаккур ва мутобиқати он ба меъёр меафзояд, чун қоида, ҳаҷми мафҳумҳое, ки дар арзёбӣ истифода мешаванд, ташаккул меёбанд ва дарки ангезаҳои маънавии рафтор амиқтар мешавад.

Азхудкунии донишҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол бо самтҳои зерин пеш меравад, яъне: таркиби сифатии донишҳои ахлоқӣ такмил меёбанд, сохтори ботинии он тағйир меёбад, шуурнокӣ ва ҳаҷми он меафзояд [6, с. 22]. Амалиёти мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба қадри кифоя фарқ карда нашудааст, бинобар ин ба онҳо на ҳамеша якхела баҳо дода мешавад. Аммо дар баробари ин, дар миёни хислатҳои муҳим чун саховатмандӣ, ҳассосият, омодагӣ ба кӯмак, эҳсосоти онҳо меафзояд, ки ин шарти зарурии ташаккули ҳамдардӣ, меҳрубонӣ ва дӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва майли адолат дар кӯдакон мебошад. Инчунин муносибати эҳтиромона нисбат ба калонсолон ва ҳамсолони худи онҳо мебошад.

Кӯдакони ҳафтсола эҳтиёҷоти худро ба таври интенсивӣ инкишоф медиҳанд: тамоюли онҳо тағйир меёбад, ниёзҳояшон бештар бошуур ва идорашаванда мешаванд. Ҳама навъҳои худбаҳодиҳӣ ба назар мерасанд: мутавозиншудаи мувофиқ, аз ҳад зиёд баҳодиҳии мутавозин

ва номутавозунӣ (аз ҳад зиёд ё нодида гирифташуда). Дар ин синну сол худбаҳодиҳӣ зери таъсири баҳодиҳии калонсолон ташаккул меёбад. Дар байни кӯдакон ва калонсолон робитаи зич вуҷуд дорад, ки то ҳол интизори таҳлил аст. Як чиз комилан равшан аст: дар мавридхое, ки муаллим ба сифатхои инсондӯстӣ, ахлоқӣ баҳо медиҳад, бача кӯшиш мекунад, ки хислатҳои барҷастаро инкишоф диҳад.

Мазмуни худбаҳодиҳӣ дар кӯдак тағйир меёбад: худбаҳодиҳии мушаххаси вазъиятӣ бештар умумӣ мешавад. Умумияти худбаҳодиҳӣ меъёри рафтори ахлоқиро ифода мекунад. Ин идеал барои кӯдакон намунаи ахлоқист. Мактаббачагони нӯҳсола қодир ба худ баҳогузорӣ карда метавонанд, мактаббачаҳои хурдсол бошад, танҳо таҳти роҳбарии калонсолон ё гурӯҳи ҳамсолон худдорӣ карда метавонанд [6, с. 22]. Ҳавасмандӣ дар синни мактаби ибтидоӣ ба ангезае табдил меёбад, ки фаъолиятро ба вуҷуд меорад. Муҳимтарин тарбияи ин синну сол ҳамдардӣ (қобилияти ҳамдардӣ) мебошад.

Ҳамдардӣ ба амалҳои инфиродии кӯдак ва ҳам ба рафтори умумии вай таъсири бузург расонида, пайвандгари таҷрибаи ахлоқию инсонпарварии шахсият мегардад. Хусусияти ташаккули шахсияти мактаббачаи хурдсол майли ӯро ба ташаккули инсоният муайян мекунад. Ба фаъолият ва рафтори у вобаста кардани шаклхои гуманистӣ шохаҳои нави психологиро ба вучуд меоварад, ки дар синну соли муайян ташаккул меёбанд, инҳоянд:

- тафаккури абстрактӣ;
- нақшаи корҳои дохилӣ;
- худсарии амалҳо;
- худдорӣ ва худбаҳодиҳӣ.

Ин хусусиятҳо барои тарбияи муваффақи шахсияти аз ҷиҳати инсонпарварӣ устувор заминаҳои мусоид фароҳам меоранд [6, с. 23].

Л.С. Славина қайд кардааст, ки дар ин синну сол баъзе кӯдакон ба ҳолати ҳаяҷонии пуршиддат майл доранд, ки дар рафтори онҳо метавонад дағалӣ, табъи гарм ва ноустувории равонӣ зоҳир шавад. Эътимод, итоаткорӣ ва қабулпазирӣ новобаста аз мундариҷа ва тамоюли таъсир ва шахси таъсиркунанда, хатари таъсири беназоратро, ки наврасони алоҳидаи рафтори девиантӣ ба мактаббачагони хурдсол дошта метавонанд, дар дохили худ пинҳон мекунанд.

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки барандаи ваколатдор (муаллим, падару модар ва ғайра) дорои фазилатҳои зарурии ахлоқӣ бошад [10, с. 33]. Инкишофи равандҳои равонӣ ва хислатҳои шахсият дар он сурат муваффақтар хоҳад шуд, ки кӯдак барои ин дар давраи ҳассос ҳарчи бештар имконият пайдо кунад. Калонсолоне, ки ӯро иҳота мекунанд, бояд дар хотир дошта бошанд, ки маҳз худи онҳо шароити иҷтимоӣ ва педагогиро фароҳам меоранд, ки дар он инкишофи шахсияти кӯдак пурра амалӣ мегардад.

Аз даст надодани вақт ва мусоидат намудан ба ифшои пурраи хислатҳои инфиродӣ дар лаҳзаи муносибтарин вазифаи падару модар ва устодони ӯ мебошад. Хулоса, дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулосае биёем, ки раванди иҷтимоишавии фард як раванди доимии ҳаётии мутобиқшавӣ ва пайвастани хусусиятҳои фарққунандаи шахс бо шароити иҷтимоӣ ва қоидаҳои маъмули рафтори ҷомеа мебошад. Ҷамъиятнокӣ натиҷаи ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳо, шарти зарурии худшиносии интенсивӣ, такмили худ ва ноил шудан ба арзишҳои дилхоҳи рушд мебошад.

Ташаккули шахсиятро бе кӯмаки дигарон амалӣ кардан мумкин нест, ба он дидаву дониста таъсир расонида, барои ин заминаҳои психологию педагогӣ фароҳам овардан лозим аст. Иҷтимоисозии оммавӣ, суст назоратшаванда ва равонашуда бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак метавонад таъсири осеби фаврӣ ва ҳам осеби дерӣ дошта бошад. Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем хусусиятҳои зерини ташаккули сифатҳои иҷтимоиро дар мактаббачагони хурдсол қайд кунем:

- таъсири мақсаднок ба кӯдак;
- давомнокии таъсир;
- муносибати инфиродӣ.

Тараққиёти ҷамъият дар навбати худ ташаккули тарбия буда, асоси онро тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ, ватандӯстӣ ва ғайра ташкил мекунад.

### *Адабиёт*

1. Антонова, М. В. Социализация личности в современных социокультурных условиях [Электронный ресурс] / М. В. Антонова // Фестиваль педагогических идей «Открытый урок» 2004–2005 гг. – Режим доступа: http://festival.1september.ru/articles/214545/
2. Кожанов, И. В. Этнокультурная социализация учащихся: теоретические аспекты / И. В. Кожанов, М. Б. Кожанова // Вестник Чувашского государственного педагогического университета им. И. Я. Яковлева. – 2012. – № 2 (74). Ч. 2. – С. 64–70.
3. Кон И.С. Ребёнок и общество (Историко-этнографическая перспектива) / М.: Наука, 1988. – 336 с.
4. Кузьмина Н.В. Гражданско-патриотическое воспитание посредством деятельности волонтёрских групп в школе // Образовательная среда сегодня: стратегии развития. – 2015. – № 2 (3). – С. 236-237.
5. Львова С.В. Развитие волонтёрского движения в системе образования // Наука 21 века: вопросы, гипотезы, ответы. – 2016. – № 1 (16). – С. 40-44.
6. Максимов, В. Г. Педагогическая диагностика в школе : учебное пособие для студентов высших педагогических учебных заведений / В. Г. Максимов. – М. : Издательский центр «Академия», 2002. – 272 с.
7. Мудрик А.В. Социализация человека. / А.В. Мудрик - М.: РАО МПСИ, 2009. – 564 с.
8. Подласый, И. П. Педагогика: 100 вопросов – 100 ответов [Электронный ресурс] : учебное пособие для вузов / И.П. Подласый. – Режим доступа: http://www.pedlib.ru
9. Реан, А. А. Психология человека от рождения до смерти / А. А. Реан. – СПб. : Прайм-Еврознак, 2002. – 656 с.
10. Сироткин, Л. Ю. Младший школьник, его развитие и воспитание: учебно-методическое пособие / Л. Ю. Сироткин, А. Н. Хузианхметов. – Казань: Изд-во «Матбугат-йорты», 1999. – 212 с.
11. Фридман, Л. М. Психологический справочник учителя / Л. М. Фридман, И. Ю. Кулагина. – 2-е изд., доп. и перераб. – М. : Совершенство, 1998. – 432 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 №1294, аз 17.05.2018 №1532, аз 04.04.2019 №1594, аз 08.06.2022 №1885, аз 24.12.2022 №1938). URL: https://mmk.tj/system/files/Legislation/762_tj_0.pdf


## ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ИНКИШОФИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Дар мақола проблемаҳои иҷтимоигардонии шахсият мавриди баррасӣ қарор гирифта, шартҳои педагогии амалигардонии он, инчунин хусусиятҳои инкишофи сифатҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавсиф карда шудаанд. Дар айни замон, системаи маориф яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбанда ба шумор меравад, зеро зарурати мутобиқшавии иҷтимоии шахс дар ҷомеаи муосир тағир додани ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи таълимро тақозо мекунад. Бинобар ин ба тарбияи сифатҳои ҷамъиятии мактаббачагон бештар диққат дода мешавад. Дар ҳалли ин масъала синну соле, ки раванди иҷтимоии шахсият оғоз меёбад, аҳамияти кам надорад. Аз ин лиҳоз, ба ин раванд дар синни ибтидоӣ шуруъ кардан оқилона аст.



**Калидвожаҳо**: ҷомеасозӣ, ҷомеашиносӣ, психологияи иҷтимоӣ, мактаббачагон, хурдсолон, муаллимон, кӯдакон, инсондӯстӣ.


## ХАРАКТЕРИСТИКА ПРОЦЕССА РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫЕ КЛАССЫ


В статье обсуждаются проблемы социализации личности, описываются педагогические условия ее реализации, а также особенности развития социальных качеств учащихся младших классов. В настоящее время система образования является одной из наиболее быстро развивающихся сфер, поскольку необходимость социальной адаптации человека в современном обществе требует изменения целей, задач и содержания образования. Поэтому больше внимания уделяется воспитанию социальных качеств школьников. В решении этой проблемы немаловажное значение имеет возраст, в котором начинается социальный процесс личности. Поэтому разумно начинать этот процесс в раннем возрасте.



**Ключевые слова:** социализация, социология, социальная психология, школьники, маленькие, учителя, дети, человечество.

**CHARACTERISTICS OF THE PROCESS OF DEVELOPMENT OF SOCIAL QUALITIES IN STUDENTS OF PRIMARY CLASSES**

In the article, the problems of personality socialization are discussed, the pedagogical conditions for its implementation, as well as the characteristics of the development of social qualities of elementary school students are described. Currently, the education system is one of the fastest growing fields, because the need for social adaptation of a person in modern society requires changing the goals, tasks and content of education. Therefore, more attention is paid to education of social qualities of schoolchildren. In solving this problem, the age at which the social process of personality begins is of no small importance. Therefore, it is wise to start this process at an early age.

**Keywords:** socialization, sociology, social psychology, schoolchildren, little ones, teachers, children, humanity.

**Дар бораи муаллиф**
Бегова Фарзона Иброҳимовна
Муаллими калони кафедраи педагогикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 800 11 19 18
E-mail: begovaf88@mail.ru

**Об авторе**
Бегова Фарзона Иброхимовна
Старший преподаватель кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 800 11 19 18
E-mail: begovaf88@mail.ru

**About the author**
Begova Farzona Ibragimovna
Senior teacher of the department of general pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 800 11 19 18
E-mail: begovaf88@mail.ru

ТДУ 803.0(075.8)

# ПРОБЛЕМАИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДӢ ДАР АДАБИЁТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ ВА ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГӢ

***Кучов Р. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон то имрӯз ғояи асосии афкори пешқадами ҷамъиятии башар буд ва мемонад. Марбут ба ин дар олами муосир файласуфон, ҷомеашиносон, психологҳо ва педагогҳо ба коркарди масоили назариявии рушди шахсият таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Мо бояд моҳияти ҳамоҳангӣ ва гуногунҷанбагии шахсиятро дақиқ тасаввур бикунем, зеро инсони нав худ аз сари худ ба вуҷуд намеояд, то чунин шахсият ташаккул дода шавад.

Мо масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки ҳам дар адабиёти махсуси педагогӣ, ҳам дар адабиёти фалсафӣ тафсири ягонаи ҳаммаъноии ҳамоҳангии шахсият вуҷуд надорад. Дар адабиёти фалсафии шӯравӣ ин мафҳумро чунин шарҳ додаанд: «Ҳамоҳангии шахсият чунон навъи худтатбиқгардонии ӯро ифода мекунад, ки кулли соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, кулли воситаҳои худтатбиқгардонии инсон (меҳнат, муошират, талабот, маърифат, азхудкунии эстетикии ҷаҳон, вақти холӣ ва ғайра) дар асл баробараҳаммият мешаванд, ҳамаи онҳо омили якдигар шуда, якдигарро пурра менамоянд» [2, с. 13].

Г. Н. Филонов мавқеи мушобеҳеро ишғол мекунад, ки барои ӯ «ҳамоҳангии сохтори иҷтимоии шахсият, пеш аз ҳама, масири ба он мутобиқи фаъолияти иҷтимоиеро назардошт менамояд, ки номутаносибии дар натиҷаи рушди нобаробари яке аз ҷанбаҳои шахсият аз ҳисоби дигар ҷанбаҳо ё ташаккули онҳо дар асоси мухталифи иҷтимоӣ баамалояндаро истисно мекунад» [6, с. 119].

Сарфи назар аз ин, фаромӯш набояд кард, ки рушди шахсият инфиродикунонӣ, балки натанҳо иҷтимоигардонии он, бадастоварии муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне бадастоварии интихобии муносибатҳои мазкур дар шакли такрорнопазири инфиродӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар замони антиқа файласуфҳои барҷастаи Юнони Қадим, ҳамчун Арасту, Афлотун, Суқрот ва Ҳераклит категорияи ҳамоҳангиро бо ҳолати муайяни ягонагии ба тазод наздик мувофиқат додаанд. Зери мафҳуми ҳамоҳангӣ одатан мувофиқати тафовутҳои сифатие, ки дар якҷоягиянд ва аз моҳияти худи шайъ бармеоянд, дар назар дошта мешавад.

Масъалаи ташаккули шахсиятро мавриди таҳлил қарор дода, яқин, онро ҳамчун проблемаи ҷустуҷӯи ҳалли муттаҳидсозии ҳамоҳанг ва аз байн бурдани ин ихтилофот фаҳмидан зарур аст.

Бо ақидае розӣ нашудан мумкин нест, ки ҳамоҳангӣ раванди ташаккул ва рушди шахсиятро тавсиф менамояд, зеро он дар раванди рушди ҳар як ҷанбаи шахсият - эҳсосот, ирода, ақл падид меояд. Ташкил ва ташаккули ҳамоҳангӣ раванди табиӣ ва худмухтор нест. Барои ташаккули ҳаматарафаи шахсият тарбияи дуруст ҳамеша муҳим буд. Пас, мо ба ҷанбаи педагогии масъалаи дар пеш гузошташуда мегузарем.

Таҳкурсии методологияи педагогиро ҳамеша асосҳои муносибати фалсафӣ ба омӯзиши инсон ташкил медоданд. Тарбияи мафҳуми «инсон» дар фалсафа ҳамчун инсони фард тавзеҳ дода мешавад ва ақидаи мазкури педагогӣ аз фалсафӣ фарқ мекунад, ки дар он «инсон» махлуқи авлодист.

Методика, аз психологияи хурдсолӣ сар карда то геронтология, бо педагогикаи шахсият, психология ва соҳаҳои он; психологияи ҷомеа, идоракунӣ, муҳит ва ғайра зич марбут аст.

Аммо методология ва методикаи мафҳуми «шахсият» ташаккул меёбад, коркарди асосӣ ва пажӯҳиши муносибатҳои психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ-педагогӣ ба омӯзиш ва азхудкунии мафҳуми инсони муосир дар ҷомеа оғоз меёбад.

Пайдоиш ва рушди ғояҳои педагогӣ дар зери таъсири шароитҳои ҷамъиятӣ-таърихӣ ба амал омадааст. Гардиши ҳалкунанда дар илм дар аввали асри XVII ба вуқӯъ пайваст. Яъне коркарди методологияи нави таҳқиқи илмӣ шурӯъ гашт, ки бо номи Ф. Бэкон (1561 - 1626) вобаста мебошад. Ӯ эълон дошт, ки дониши илмӣ донишест, ки дар натиҷаи озмоиш, таҷриба ба даст оварда мешавад.

Педагоги чех Ян Амос Коменский нахустин педагоге буд, ки зидди таълими шифоҳӣ баромадааст. Ақидаи ӯ аз он иборат буд, ки донишҷӯ бояд омӯзад ва азхуд кунад, инро бояд барои тасаввури мустақим пешниҳод кард. Қоидаи аввалия бояд он бошад, ки ашё табиатан дар эҳсосот инъикос меёбанд. Ӯ нигоштааст, ки таълим бояд аёнӣ бошад, яъне шайъ ё объект барои азхудкунӣ ё омӯзиш бояд дар шакли ҳиссиётӣ пешниҳод карда шавад [3, с. 149].

Яъне он чунин тавсиф дода мешуд, ки ҳамчун мабдаи кулли донишҳо дар марҳалаи ибтидоии таърихи таълими аёнӣ амал менамуд. Бо вуҷуди ин таълими аёнӣ маҳз таълими эҳсосӣ шуморида мешуд (тавассути ҳаёти воқеӣ, мусавварахо, ашё) ва дар асоси ин он ҳамчун тамошои беамалиёте ба ҳисоб мерафт, ки дар раванди он азхудкунӣ сурат мегирифт.

Баррасии масъалаи рушди принсипи аёният бо номи чунин олимон-педагогҳои бузург, мисли Ф. Фробел, И. Гербарт, К. Д. Ушинский, Г. Песталотси алоқаманд аст. Онҳо таъйид менамуданд, ки воситаи муҳимми аёният метавонанд объектҳои воқеӣ бошанд, на тасвири онҳо.

Проблемаи ташаккул ва рушди фардияти эҷодӣ яке аз ҷанбаҳои асосии мубрами иҷтимоӣ, идеологӣ, амалӣ ва илмии ташаккули шахсияти донишҷӯ дар раванди тарбияи коллективӣ мебошад.

Омӯзишҳо ва таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки раванди аз лиҳози иҷтимоӣ арзишманди ташаккули фардият ҳам такомули нишонаҳои созандагии кӯдак, ҳам ташаккули психологияи коллективонаи ӯро дар бар мегирад. Идоракунии босаводонаи педагогӣ, ки ба омӯзиши муфассали лаёқатҳои инфиродии кӯдак асос меёбад, шарти дерини самаранокӣ ва натиҷабахшии истифодаи коллективи гурӯҳи донишгоҳӣ дар самти мазкур аст.

Г. И. Кочерян дар рисолаи доктории худ изҳор намудааст, ки омӯзиши проблемаҳои ташаккул ва рушди шакли нави шахсият яке аз вазифаҳои мубрами ҷомеаи мо мебошад ва бо ин розӣ нашудан мумкин нест [4, с. 111-117].

Дар замони демократикунонӣ ва гуманистикунонӣ татбиқ гардондани ин вазифа аҳаммияти принсипиалии иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад. Дар баробари ин масъалаҳои зиёде пайдо мешаванд, ки ҳалли онҳо фақат дар натиҷаи муносибати маҷмуӣ, яклухт имконпазир мегардад. Амалисозии ин муносибат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи педагогикаи муосир мебошад.

Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки барои амалӣ гардондани таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, иҷрои дастурҳо ва вазифаҳои дар раванди тағйироти ҷомеаи мо пешгузошташуда аз беху реша дигаргун сохтани методикаи тарбияи насли нав, ташаккули шахсият зарур аст. Дар ин зимн ба ҳисоб бояд гирифт, ки одам махлуқи натанҳо иҷтимоӣ, балки биологӣ низ мебошад, аз ин лиҳоз ба робитаи педагогика бо дигар илмҳо такя бояд кард.

Рушди инсони навро ҳамчун раванди таърихӣ пазируфтан лозим аст. Бояд барои ташаккули инсони нав замони мусоиду мувофиқ фаро расад.

Дар ташаккули шахсият нақши ҳалкунандаро тарбия мебозад, ки он омили пешбари рушди шахсият дар ҷомеаи муосир аст. Ҷанбаи дохилии тарбия ташаккул мебошад. Муносибати байниҳамдигарии чунин мафҳумҳо, аз қабили «шахсият», «тарбия» ва «иҷтимоигардонии шахсият», эҳтимол, ин гуна тасаввур карда мешавад: раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, азхудкунӣ ва фарогирии муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дорои марҳалаҳои муайян аст, яъне ташаккул ва рушди шахсият иҷтимоигардонӣ мебошад. Рафт ва раванди тарбия ташаккули шахсият, раванди ташаккулёбист [1, с. 114].

Тавре маълум аст, тафаккур шакли олии фаъолияти бошууронаи одам мебошад, ки он маърифати воқеияти ҳақиқӣ, муносибатҳо, робитаҳо, қонунҳои асосии воқеиятро дар бар мегирад. Тамоми олам объекти тафаккур аст, донишҳо, фикрҳо, ғояҳо, мулоҳизот бошанд, ба сифати натиҷаҳои он амал менамоянд. Дар навбати худ, натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ дар раванд ва рафти тафаккур муттаҳид мешаванд, онро ғанӣ мегардонанд, рушди онро дар

ҷомеа муайян мекунанд. Қатъи назар аз ин, тафаккур бо забон мустақиман алоқаманд аст, ҳарчанд бо он тавъам нест. Ба ақидаи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс: «Забон воқеияти мустақими тафаккур мебошад». Рушди тафаккур ба ҷомеа, тарбия, таълим, саъю кӯшишҳои худи одам марбут аст. Чунин равандҳо, ҳамчун таҳлил, хулоса, абстраксиякунонӣ, муошират аз лиҳози таркиби худ ба тафаккур дохил мешаванд. Тафаккури мафҳумӣ (абстрактӣ) ва тафаккури бадеӣ аз ҳам фарқ доранд, вале фарқи онҳоро мутлақ шуморидан мумкин нест. Ҳар фард ба андозаи зарурат маводи фикрии аллакай мавҷудбудаи аз ҷониби дигар одамон, дигар наслҳо дастрасшуда (ғояҳо, мафҳумҳо, тимсолҳо), донишҳои дар раванди тафаккур андӯхташударо истифода мебарад. Проблемаи асосӣ ва мубрами педагогӣ иқтибоси эҷодкоронаи ин мавод (хусусият, ҳаҷм, шакл, принсипҳои интихоб) мебошад.

Бад-ин минвол, мо метавонем ба тафаккур мафҳуми комил ва густардае диҳем, ки он раванди дониши умумӣ ва ғайримустақими олами атроф мебошад. Валекин тафаккур дар маърифат воқеан ҳам нақши муҳим мебозад, барои берун баромадан аз таҷрибаи мустақими эҳсосот ва тасаввурот имкон медиҳад, ҳудудҳои маърифатро васеъ менамояд, барои ҳукм баровардан ва донистани он чӣ, ки одам табиатан намебинад ва тасаввур намекунад, мусоидат менамояд. Илм, ки нерӯи асосии истеҳсолии даврони мост, дар назди шахсияти инсон, алалхусус дар назди фаъолияти фикрии ӯ талаботи нави баланд мегузорад [5, с. 46-51].

Проблемаи рушди тафаккури мустақилонаи донишҷӯён проблемаи кифоятан муҳим аст ва шомили хусусияти иҷтимоӣ, давлатӣ мебошад. Роҷеъ ба проблемаи ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои донишҷӯён вақтҳои охир дар дидактика равиши ояндадор ба вуҷуд омадааст.

Номавҷудии хулосаҳои васеи амалияи рушди тафаккури донишҷӯён, коркард нагардидани асосҳои дидактикии ташаккули он барои ба вуҷуд овардани назарияи ягонаи машғулияти тарбиядиҳанда ва рушдбахшандае, ки ба фаъолияти амалии коллективҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсири хуб мерасонад, монеъ мешавад.

Олимон нақшаи кори бо ҳам алоқаманди муаллим ва донишҷӯ зимни таълимро ҷамъбаст кардаанд, ки дар он давраҳои асосии фаъолияти фикрии донишҷӯён бо такя ба сохтори фаъолияти маърифатӣ муайян карда шудаанд. Дар раванди фаъолияти таълимӣ фаъолияти фикрии донишҷӯён функсияҳои мухталиф: пешгӯикунандагӣ, мундариҷавӣ, рефлексивӣ, хулосавӣ ва ғайраро иҷро менамояд. Дар баробари мундариҷавӣ иҷрои функсияҳои тарбиявӣ ва ташаккулдиҳанда дар асоси баҳисобгирии функсияҳои тафаккур дар таълим ва барномаи коркардшудаи ташаккули қобилиятҳои фикрӣ зимни тарҳрезии машғулият хеле муҳим аст.

Яъне таҳлили муназзам ва таърихӣ-мантиқии мафҳуми раванди фаъолияти фикрии донишҷӯ дар нақши шайъи мураккаб ва рушдёбанда имкон медиҳад, ки тафсири кори тафаккур зимни таълим муқаррар карда ва тавсифи дидактикии он, ки ҳамчун қобилияти умумии шахсият пойгоҳи амалиётии татбиқсозии мақсадҳои таълим мебошад, пешниҳод карда шавад. Ташаккул ва рушд бахшидани тафаккури донишҷӯён маънои ба таври ҳадафмандона идора намудани раванди зина ба зинаи азхудкунии донишҳо, таълими воситаҳо ва усулҳои фаъолияти тафаккур ва роҳҳои алоҳидаи маърифати илмии ба синну соли донишҷӯён мувофиқ, ҷорӣ кардани таълими мудаллал ва бар ин асос ҷаҳонбиниро дорад. Маҳорати иҷро намудани вазифаҳои мураккаби гуногун, ташаккулдиҳии қобилиятҳои муҳимтарини тафаккур дар асоси барномаи коркардшудаи рушди тафаккур бо меъёрҳои дидактикии тафаккури ташаккулёфта.

Қисматҳои асосии фаъолияти фикрӣ байни ҳам ба таври мураккаби забонӣ вобаста мебошанд. Тафаккури донишҷӯён натанҳо аз лиҳози синну сол ғайриҳудудӣ, балки инчунин марбут бо қисматҳои асоситарини он рушд меёбад: раванди донишандӯзӣ метавонад аз ташаккули усулҳо ва воситаҳои зарурии фаъолият пеш гузарад, аммо далелҳо ба дараҷаҳои ташаккули донишҳо ва усулҳои кор ҳама вақт мувофиқат наменамоянд.

Низом ва барномаи ташаккул ва рушди фаъолияти фикрии донишҷӯён барои мувофиқ гардонидани азхудкунии усулҳо ва донишҳои фаъолияти ақлонӣ дар маҷмуъ ва таъсири байниҳамдигарии тарбия ва рушди ангезаи мусбат; рушди фаъолияти фикрии донишҷӯён аз сатҳи таҷрибавӣ ба сатҳи назариявӣ; мураттабӣ, мақсаднокии таълими донишҷӯён дар ягонагӣ бо тарбия; мусаллаҳгардонии омӯзгорон бо методикаи илман асосноки таълими ташаккулдиҳанда шароит фароҳам меоранд.

Тафаккур бо забон, нутқ зич алоқаманд аст. Бидуни забон ва нутқ фикр наметавонад на ҷараён ёбад, на вуҷуд дошта бошад ва на пайдо шавад. Мо тавассути калимаҳое андеша меварзем, ки онҳоро зери лаб ё бо овози баланд талаффуз мекунем, яъне тафаккур дар шакли нутқ ифода мегардад. Одамоне, ки якчанд забонро ба андозаи баробар хуб медонанд, комилан возеҳ мефаҳманд, ки дар ҳар лаҳзаи муайян онҳо бо кадом забон андеша меронанд. Фикр дар нутқ натанҳо шакл мегирад, рушд мекунад, балки ҳамчунин тавҷеҳ меёбад [5, с. 53-57].

Одамон калимаҳо ва қоидаҳои грамматикии ин ё он забонро истифода бурда, бо якдигар гап мезананд. Забон низоми аломатҳои лафзиест, ки бо ёрии он робитаи миёни халқҳо амалӣ мешавад. Раванди истифодаи забон бо мақсади муошырати одамон нутқ мебошад. ҳамзамон бо ин, нутқ ва забон бо ҳам муносибати зич доранд ва яклухтие мебошанд, ки бо он тавҷеҳ дода мешавад, ки дар ҷараёни муошырати нутқии одамон забони ҳама гуна халқ асос ёфта ва рушд кардааст.

Воситаи муошырати одамон яке аз функсияҳои забонро ташкил медиҳад. Функсияи дигари аз ин на камтар муҳимми забон аз ғояе бармеояд, ки фаъолияти фикрӣ дар шакли нутқ амалӣ мегардад, яъне нутқ воситаи тафаккур мебошад. Бо ёрии амалиёти фикрӣ: таҳлил ва ҷамъбаст, муқоиса, хулоса ва мушаххасгардонӣ, асбтраксия тафаккури инсон татбиқ меёбад.

Се шакли асосии тафаккур фарқ карда мешавад: мулоҳиза, хулоса ва мафҳум. Тафаккури одам, мисли дигар равандҳои психикӣ, шомили тафовутҳои муҳимми шахсӣ мебошад. Хусусиятҳои шахсии тафаккури инсон, пеш аз ҳама, натиҷаи ташаккул ва рушди ақли ӯ дар раванди ҳаёт, донистани воқеият, дар раванди таълим аст. Қатъи назар аз ин, тафаккур амали кифоятан бисёрҷанба ва мураккаби психикӣ мебошад ва онро ба таври одиву яктарафа тавсиф кардан ғайриимкон аст. Тафовути амалиёти фикрии одам дар сифатҳои гуногуни тафаккур ошкор мегардад. Мубрамтарини онҳо вусъат ва умки ақл, чандирии фикр, суръатнокӣ ва танқиднокӣ, мустақилияти ақл мебошад. Хусусиятҳои аслии шахсияти инсон ҳамин сифатҳои тафаккур (ё сифатҳои ақл) дар раванди таълим мебошанд [5, с. 63-68].

Зикр намудан меарзад, ки фаъолияти фикрӣ бо маҳорати инсон ҷиҳати дастурҳои навтарин пешниҳод кардан ва ҷавобҳову роҳҳалҳои зарурирo ошкор гардондан дар руҷӯъ ба дастгирии дигар шахсон тавсиф карда мешавад. Бо фикрронии мустақилона ва ғайримустақилонаи донишҷӯён вохӯрдани муаллимони забони хориҷӣ зуд-зуд иттифоқ меафтад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини муассисаи таҳсилоти олии муосир парвариши тафаккури мустақилонаи донишҷӯён мебошад.

Яъне дар фаъолияти маърифатии одам, ки соҳаҳои мухталифи ҳаётро фаро мегирад, вусъатнокии ақл, шавқу рағбати ҳамаҷониба, ҷаҳонбинии фарох ифода меёбад. Умқи ақл нақши мубрам мебозад, ки он дар маҳорати фурӯ рафтан ба моҳияти масъалаҳои мураккабтарин, маҳорати ошкоргардонии мушкилот дар ҷое, ки дигар одамон нисбати он мутараддид намешаванд, зуҳур меёбад.

Боз як воқеиятро зикр кардан лозим аст, ки дар озодандешӣ чандирии ақл муҷассам мешавад, ки он бо таъсири усулҳои бадастоварда ва тарзҳои ҳалли вазифаҳо дар таҷрибаи пешин, амалиёти худро зуд тағйир додан дар маҳорат марбут ба шароит ифода меёбад.

Суръатнокии ақл низ нақши вижа мебозад, ки он маҳорати инсонро ҷиҳати дар вазъияти номушкил зуд ҷобаҷо шудан, на ба зудӣ қабул намудан ва андешидани ҳалли одилона ташкил медиҳад. Лекин маҳорати инсон ҷиҳати баҳои объективона додан ба афкори худ ва бегона, ҳамаҷониба ва дақиқ санҷидани тамоми хулосаҳо ва қоидаҳо далели танқиднокии ақл мебошад. Одам метавонад ба дараҷаи гуногуни хулосабарорӣ андеша ронад, ба тасаввурот ё мафҳумҳо дар раванди тафаккур такя намояд. Бар ин асос, дар психология се навъи асосии тафаккур: шайъӣ-амалӣ, аёнӣ-тамсилӣ, абстрактӣ тафовут дода мешавад [5, с. 62-64].

Он навъи тафаккур, ки бо амалиёти воқеӣ нисбати ашё вобаста аст, тафаккури шайъӣ-амалӣ мебошад. Навъи тафаккуре, ки ба таассурот ё тасаввурот такя менамояд, тафаккури аёнӣ-тамсилӣ аст. Тафаккури абстрактӣ ё ғайривоқеӣ асосан ба донишҷӯён ва калонсолон хос мебошад. Ин навъи тафаккур тавассути мафҳумҳо зоҳир мегардад, ки тавре аллакай барои мо маълум аст, он аз аёнияти мустақими барои тасаввурот ва таассурот хос маҳрум мебошад.

Навъҳои номбаршудаи тафаккур ба муҳассилини синну соли гуногун хосанд. Нутқи одамон вобаста ба шароитҳои мухталиф хусусиятҳои вижа пайдо мекунад. Навъҳои

гуногуни нутқ мутобиқи ҳамин ҷудо карда мешаванд. Дар маҷмуъ бештар нутқи берунӣ ва дохилиро фарқ менамоянд. Нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ нутқи беруниро ташкил медиҳанд. Нутқи шифоҳӣ, дар навбати худ, монологӣ ва диалогӣ мешавад.

Функсияи муоширатро нутқи берунӣ иҷро мекунад, ба туфайли ин дастрас будан ба тасаввуроти дигар одамон аломати асосии он мебошад. Ғайр аз ин, нутқи шифоҳӣ ва хаттиро дар забон фарқ мекунанд. Одам шунавандагонро дарк менамояд, ба вокуниши онҳо нисбати суханони худ зимни нутқи шифоҳӣ таваҷҷуҳ мекунад. Нутқи шифоҳӣ, вобаста бо шароитҳои гуногуни муошират, ба худ тарзи нутқи диалогӣ ё монологӣ мепазирад.

Нутқи хаттӣ ба хонандаи ҳузурнадошта нигаронида шудааст, ки ӯ нависандаи хатро намешунавад ва намебинад ва эҳтимол навиштаро баъди чанд муддат хоҳад хонд.

Гуфтугӯ, суҳбати ду ё якчанд нафаре, ки бонавбат гап мезананд, нутқи диалогӣ мебошад. Мо чунин меандешем, ки дар рушди нутқ ин навъи кор басо самаранок аст. Дар суҳбат ширкат наварзида, нутқи монологӣ онро ба назар мегирад, ки дигар одамон фақат гӯш мекунанд, танҳо як шахс гап мезанад. Лексияҳо, маърузаҳо, суханрониҳо дар маҷлисҳо, ки ба рушди нутқ мусоидат менамоянд, ба шаклҳои монологии нутқ тааллуқ доранд.

Раванди дохилии бесадои нутқӣ нутқи дохилӣ мебошад. Қабати лафзии тафаккур низ нутқи дохилӣ аст. Он ҳеҷ гоҳ дар шакли нутқи муфассали пур аз ҷумлаҳо зоҳир намегардад, хеле маҳдуд ва мухтасар аст. Чун қоида, нутқи муфассали дохилиро он вақт истифода мебаранд, ки дар раванди тафаккур мушкилот ҳис карда шавад, аммо тафаккури мустақилона дар ҳамин вазъият ба ташаккулёбӣ шурӯъ мекунад.

Дар раванди рушди кӯдак ва рушди фаъолияти маърифатии ӯ тадриҷан қобилияти андешрониаш ташаккул меёбад. Вақте мағзи сар воқеиятро дар эҳсос ва идрок, ки асоси ҳиссиётии тафаккурро ташкил медиҳад, инъикос менамояд, ҳамон гоҳ маърифат шурӯъ мешавад.

Ба ақидаи С. Л. Рубинштейн, омӯзиши равандҳои психикӣ, фаъолияти психикӣ вазифаи асосии таҳқиқоти психологӣ мебошад: «Пеш аз ҳама, таҳқиқи тафаккур бояд онро ҳамчун раванди хулоса, ҷамъбаст, таҳлил кушода диҳад. Натиҷаи он -- тимсоли шайъ -- дар шуур гӯиё берун аз раванд амал мекунад, чунки ахирӣ зимни идрок фаҳмида намешавад. Таҳқиқи психологӣ бояд вазъияти маҷрои равандро тағйир бахшида (ба давраҳои ибтидоии ташаккули идрок руҷӯъ карда, шароитҳои душвори идроки шайъро ба вуҷуд оварда), дар ҳар сурат раванди идрок -- таҳлили ҳиссиётӣ (масалан, босиравӣ), ҷамъбасти ҷанбаҳои ҷудокардаи таҳлил, хулоса, тафсирро дар ҳолати мазкур ошкор созад. Инро ба ҳисоб гирифта, раванд ва фаъолиятро аз якдигар фарқ кардан лозим аст. Пеш аз ҳама, ахириро, яъне вақте ки ҳамкории субъект бо олами атроф дар раванди фаъолияти инсон дар ҷомеа ба амал меояд» [5, с. 71-76].

Ҳангоме ки ангезаҳои одам, муносибати ӯ ба масъалаҳои дар пеш гузоштааш баррасӣ мешаванд, тафаккур ҳамчун фаъолият баррасӣ мегардад. Чунин фаъолияти фикриро шахсӣ меноманд (пеш аз ҳама ангезавӣ). Агар таркиби тартиботии фаъолияти фикрӣ, яъне раванди вазифаи фикрӣ, мавриди омӯзиш қарор гирад, тафаккур аз лиҳози тартиботӣ амал менамояд. Мисли он дар воқеият, раванди воқеии фаъолияти фикрӣ, тафаккур дар худ ҳам фаъолият ва ҳам равандро таҷассум мекунад (одам худаш фикр меронад, на ин, ки фикр одиякак ба сараш ояд) ва ҳамчунин фаъолиятеро, ки он маҷмуи равандҳоро дар бар мегирад (хулоса, абстраксиякунонӣ ва ҳоказо).

Ба андешаи С. Л. Рубинштейн, «… тафсири муайяни таълим (ва тарбия) ба ин ё он назарияи тафаккур, умуман психикӣ, мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, ҳама «ташкилаҳо»-и фаъолияти ақлонӣ -- донишҳо, тимсолҳо, мафҳумҳо, амалиёти ақлонӣ ва ғайра бояд аз нуқтаи назари психологӣ ҳамчун натиҷаҳои равандҳои психологӣ ошкор гардонида, онҳо ҳам барои назария ва ҳам барои амалия ба ҳисоб гирифта шаванд» [5, с. 82].

Назарияи тафаккур ва нутқи махсусан мавриди таҳлил қарордодаи С. Л. Рубинштейн дар заминае возеҳ мешавад, ки он амали семантикии нутқро ба сифати мустақил (ва баробарҳуқуқ бо амали коммуникативӣ) инкор менамояд. Ӯ навиштааст: «Ахирӣ мафҳуми ҳаммаънои тафаккур нест, зеро ҳама муҳтавои воқеан муҳимми семантикӣ на худ ба сари худ, балки танҳо дар раванди фаъолияти маърифатии инсон (аз ҷумла, фаъолияти фикрӣ) ба вуҷуд меояд. Валекин сарфи назар аз муносибати зич ва гусастанопазири тафаккур бо нутқ, он воситаҳо ва тарзҳои алоқаманди худро дорад, ки онҳо ба нутқӣ шомил нестанд. Мо чунин мепиндорем, ки дар ҳолати проблемавӣ (вазифаи пешина) тафаккур ҳамчун раванд оғоз меёбад. Ва кулли фаъолияти фикрӣ маҷмуан дар лаҳзаи пайдоиши давраи якум, ё давраи охирии он, ё ҳолати охир натиҷаи ояндаи (алҳол номаълум ва аз ин сабаб маҷҳул), ё самараи

раванди фикриро ташкил медиҳад. Ба туфайли ин, чунин натиҷаро ҳамчун аллакай пешакӣ ё комилан азалӣ додашуда ба асос гирифтан мумкин нест. Ин натиҷаи оянда ба андозаи кам ё беш дар рафти кулли раванди тафаккур муқаррар карда мешавад, аз ин рӯ ҳама гуна тафаккур ҳамеша пешакӣ ҳис кардани маҷҳул ва пешбинии умуман донистанашаванда (аз ҷумла, пешбинии ҳалли проблема ё вазифа) мебошад. Аммо ин маъное надорад, ки аллакай ҳолати интиҳоие ба сифати меъёри барвақт пешниҳодшуда ва сирф аёнӣ мавҷуд аст, ки бо он мустақиман якбора ё бетаъхир натиҷаҳои мобайнии фаъолияти фикрӣ муқоиса карда шаванд. Бидуни ин меъёр фикран пешакӣ ҳис кардани маҷҳул ба амал меояд. Яке аз сифатҳои асосии худтанзимкунии тафаккур бо тафовут аз муқаррарсозии равандҳои мураккаби танзимшаванда фақат ё бештар дар асоси робитаҳои мутақобил аз ҳамин иборат мебошад. Одам худаш меъёрҳои торафт боэътимодтари хударзишгузории ҳар як фикрашро дар раванди пешбинии ҳалли вазифаи фикрӣ коркард менамояд» [5, с. 91-92].

Дар идома С. Л. Рубинштейн таъкид мекунад: «Чунон ки маълум аст, субъекти фаъолияти амалӣ ва назарӣ худи одам мебошад. Ҳамин тариқ, ҷанбаи фаъолиятии тафаккур ҳамон ҷанбаи шахсиятӣ аст, тафаккур ҳамчун фаъолият ҳамон нақша ва муҳтавои шахсиятӣ аст. Ин ҷо на ду дараҷаи гуногун, балки як дараҷаи ягонаи шахсиятӣ -- дараҷаи тафаккур вуҷуд дорад. Тафаккур ҳамчун раванд -- қатъи назар аз алоқаи ҷудонашавандааш бо шахсият -- бо тафовут аз ин бештар худмухтор мебошад: инсон дар ҷомеа метавонад худро барои ҳал кардани вазифа ё проблемаи дар пеш гузошташуда (яъне иҷро кардани тафаккур ҳамчун фаъолият) маҷбур созад, аммо ӯ онро дар рафти андешаронӣ ҳамчун фаъолият ҳал кардан метавонад ё не, ин танҳо аз кӯшишҳо ё талошҳои шахсии ӯ вобаста нест» [5, с. 93].

Мо онро ба асос гирифтем, ки дар психологияи синнусолӣ синни донишҷӯро (курсҳои 1-2, 17-18-солагӣ) ҳамчун наврасии барвақтӣ шуморидан пазируфта шудааст (101:301). Барои интихоби усулҳо ва методҳо зимни ташкил додани машғулияти ба шахсият нигаронидашуда доир ба забони олмонӣ хусусиятҳои синнусолӣ таъсир мерасонанд. Дар ин робита, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ҳангоми тарбия ба такомули нерӯҳои ақлонии муҳассилин мусоидат менамояд.

Ҳамчун давраи рушди шахсият мундариҷаи мушаххаси наврасӣ дар навбати аввал бо шароитҳои иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Бисёр масъалаҳои дидактикӣ ба ташаккул ва рушди шахсияти фаъоли эҷодии донишҷӯён дар давраи муосири пажӯҳиш равона карда шудаанд. Ширкати ӯ дар шаклҳои мухталифи фаъолият натиҷаи рушди ҳаматарафа ва ҳамоҳанги насли оянда мебошад. Роҷеъ ба проблемаҳои ҷудогонаи фаъолияти меҳнатӣ, бадеӣ, эстетикӣ, маърифатӣ ва ҷамъиятӣ, ташаббускории эҷодии донишҷӯён дар илм ва амалияи педагогӣ шумораи кифоии омӯзишҳо ва пажӯҳишҳо мавҷуд аст.

Масъалаҳои марбут бо воридсозии донишҷӯён ба муошират, ки дар шаклҳои гуногунтарин зуҳур меёбанд, тули солиёни зиёд мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба мубодилаи таҷриба, донишҳои донишҷӯён мусоидат мекунанд, амалиёти онҳо ва амалиёти рафиқонашонро ба арзишдоварии интиқодӣ бармеангезад.

Фаъолияти ғайринутқӣ, ки он нафақат ба мубодилаи донишҳо ва таҷрибаҳо, балки ба муошрати маънавии одамон низ мусоидат мекунад, ки бидуни он ҳаёт ва фаъолияти одам дар маҷмуъ тасаввурнопазир аст. Равандҳои таълиму тарбия барои раванди педагогӣ дар маҷмуъ, фаъолияти нутқӣ барои педагогика имкониятҳои беохир дорад. Он ба тамоми фаъолияти одаме, ки дар ташкилдиҳии он ширкат меварзад, хос мебошад.

Фаъолияти нутқӣ ҳамчун ҷанбаи ҳатмии раванди таълим ҳамчун омили мусоидаткунанда ба маҳорати педагогии омӯзгор, равандҳои таълиму тарбия баррасӣ карда мешавад. Аз ҷониби ҳар омӯзгоре, ки онро бояд ҳамчун вазифаи ҷудоинопазири иҷтимоӣ-педагогии фаъолияти ҳаётии худ бипазирад, ташкили фаъолияти нутқии донишҷӯён роҳбарии ҷиддӣ иқтизо менамояд. Маълум аст, ки фаъолияти нутқӣ ба ташаккул ва рушди мавқеи фаъолонаи донишҷӯ дар фаъолиятмандии маърифатӣ, инчунин ба барқарорсозии равобити мусбати ӯ бо таълим, муошират ва мунозира мусоидат мекунад.

Такомули фаъолияти нутқӣ дар раванди таълим дар асоси мураккабгардонии ҳама қисматҳои сохтории он, намунаҳои гуногуни муошрати нутқии омӯзгор ва донишҷӯён, дар асоси муносибатҳои байни субъектҳо ба амал меояд.

Муҳаққиқон тибқи принсипи робитаи объективии дар миёни забон ва равандҳои маърифатӣ вуҷуддошта масъалаҳои назарияи педагогии фаъолияти нутқиро ҳал менамоянд, инчунин проблемаҳое аз қабили ташаккул ва рушди нутқи донишҷӯён, маҳорати нутқи шифоҳӣ, фарҳанги нутқӣ ва муошрати нутқӣ дар маҷмуъ ошкор гардонда мешаванд (8, 35, 40, 48 ва ғайра).

Дар назарияи педагогии фаъолияти нутқӣ ба масоили фарҳанги нутқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, ки он ҳамчун яке аз зуҳуроти мубрами ҳолати рӯҳии одам, фарҳанги тафаккури ӯ хидмат мерасонад, он дар нақши асоси мундариҷавӣ ва қисмати тартиботии фаъолияти нутқӣ баррасӣ мегардад ва воситаи муқтадири ташаккули шахсияти аз лиҳози ҳамоҳангӣ рушдкарда мебошад.

Миқдори зиёди таҳқиқоти як қатор муаллифон, ки ин масъалаҳоро вобаста бо давраҳои гуногуни таълим меомӯзанд, ба проблемаи ташаккули шуури ҷамъиятии донишҷӯён бахшида шудааст (А. З. Иоголевич, М. Х. Болдирева, Г. И. Оглоблина, А. И. Матвеева ва дигарон).

Дар низоми умумии тарбия ин олимон кӯшидаанд, ки мақом ва нақши шуури ҷамъиятиро асоснок намоянд, методҳо ва шаклҳои корҳо бо донишҷӯёнро, бештар дар вақти берун аз дарс, нишон диҳанд. Бо вуҷуди ин, хиради ҷамъиятӣ нафақат дар кори беруназсинфӣ, балки ҳамчунин дар раванди омӯзиш ва пажӯҳиши ҳама фанҳои донишгоҳӣ, аз ҷумла дар дарсҳои забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ташаккул меёбад.

Раванди ташаккули пурсамари тасаввурот ва мафҳумҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар шуури донишҷӯён дар шароитҳои дузабонӣ ҳанӯз кифоятан таҳқиқ карда нашудааст, дар ҳоле, ки маҳз ҳамин синну сол марҳалаи ташаккули ҷаҳонбинӣ аст ва он ҳамчун ташаккул ва рушди низоми ақидаҳо ва назарҳо тавсиф карда мешавад.

Шавқу рағбатҳои ҷамъиятӣ-сиёсии донишҷӯён аксар замон марбут бо рушди умумии ақлонӣ ва густардагии ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳо нисбат ба донишҷӯёни синни миёна амиқтаранд. Аммо хоҳиши ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ дар донишҷӯёни курсҳои болоӣ падидор мегардад.

Вазифаҳои ташаккули шуури ҷамъиятӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ асосан тавассути маводи матнҳои дарсии дузабона ва дуфарҳангӣ ба амал меоянд. Муҳимтарин самти мувофиқгардонии раванди ташаккули ақоиди ҷамъиятӣ-сиёсӣ интихоби мундариҷаи маводи таълимӣ мебошад. Ҳамчун мақсаднокӣ ва аҳаммиятнокӣ, мувофиқати ҳаҷмҳои онҳо, навгонии нисбӣ барои донишҷӯён, сатҳи таъсиррасонии эмотсионалӣ, тамоми маводҳои таълимӣ бояд ба талаботи муқарраршуда дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ҷавобгӯ бошанд.

***Адабиёт***


1. *Береснев С. Д. К вопросу о преподавании иностранных языков в национальной школе/ С. Д. Береснев // Иностр. языки в школе. - 1956. - № 4. – 390 с.*
2. *Василькова Ю.В. Социалисты - утописты об образовании и воспитании. Идеал человека будущего / Ю.В. Василькова - М.: Педагогика, 1989. - 182 с.*
3. *Кадыров И. Межпредметные связи как средство идейно-политического воспитания студентов / И.Кадыров: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе, 1981. - 260 с.*
4. *Кочарян Г.И. Комплексный подход в исследовании проблем формирования личности (пед. аспект) / Г.И. Кочарян: Автореф. дис. .. д-ра пед. наук. - Тбилиси, 1989. – 271 с.*
5. *Рубинштейн С. Л. Проблемы общей психологии. - М., 1976. – 282 с.*
6. *Филонов Г.Н. Проблемы эффективности воспитания личности в условиях развитого социализма / Г.Н. Филонов. – М., 1978. – 224 с.*


## ПРОБЛЕМАИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДӢ ДАР АДАБИЁТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ ВА ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГӢ


Дар мақолаи мазкур сухан роҷеъ ба проблемаи ташаккул ва рушди шахсияти эҷодӣ дар адабиёти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ матраҳ шудааст. Инчунин дар мақоли зикр карда шудааст, ки дар адабиёти махсуси педагогӣ, ва дар адабиёти фалсафӣ тафсири ягонаи ҳаммаънои ҳамоҳангии шахсият вуҷуд надорад. Дар адабиёти фалсафии шӯравӣ ин мафҳумро чунин шарҳ додаанд: «Ҳамоҳангии шахсият чунон навъи худтатбиқгардонии ӯро ифода мекунад, ки кулли соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, кулли воситаҳои худтатбиқгардонии инсон (меҳнат, муошират, талабот, маърифат, азхудкунии эстетикии ҷаҳон, вақти холӣ ва ғайра) дар асл баробараҳаммият мешаванд, ҳамаи онҳо омили якдигар шуда, якдигарро пурра менамоянд. Ҳамзамон, фаромӯш набояд кард, ки рушди шахсият инфиродикунонӣ, балки натанҳо иҷтимоигардонии он, бадастоварии муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне бадастоварии интихобии муносибатҳои мазкур дар шакли такрорнопазири инфиродӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** тафсир, эстетикӣ, ҳамоҳангӣ, ҷаҳонбинӣ, худтатбиқгардонӣ, муошират, гуногунҷанбагӣ,ҷомеашиносон, файласуфон.

## ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОЙ ЛИЧНОСТИ В СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКОЙ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье рассматривается проблема формирования и развития творческой личности в социально-философской и психолого-педагогической литературе. В пословице также упоминается, что в специальной педагогической литературе и в философской литературе не существует единого синонимического толкования гармонии личности. В советской философской литературе это понятие объяснялось следующим образом: «Гармония личности представляет собой такой тип самореализации, при котором все сферы жизнедеятельности человека, все средства самореализации человека (труд, общение, запросы, познания) эстетическое освоение мира, свободное время и т. д.) они равнозначны, все они становятся факторами друг друга и дополняют друг друга. В то же время не следует забывать, что развитие личности есть индивидуализация, а не только ее социализация, приобретение общественных отношений, то есть избирательное приобретение этих отношений в неповторимой индивидуальной форме.

**Ключевые слова:** интерпретация, эстетика, гармония, мировоззрение, самореализация, коммуникация, многообразие, социологи, философы.

## THE PROBLEM OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF CREATIVE PERSONALITY AND SOCIAL-PHILOSOPHICAL AND PSYCHOLOGICAL-PEDAGOGICAL LITERATURE

In this article, the problem of the formation and development of creative personality and socio-philosophical and psychological-pedagogical literature is considered. In the proverb it is also mentioned that in special pedagogical literature and in philosophical literature there is no single synonymous interpretation of the harmonious personality. In Soviet philosophical literature, this concept was explained as follows: "Personal harmony is a type of self-realization, in which all spheres of human life, all means of human self-realization (work, communication, requests, knowledge), aesthetic mastery of the world, free time, etc. d.) they are equal, all of them become factors of each other and complement each other. At the same time, we should not forget that the development of personality is individualization, and not only its socialization, the acquisition of social relations, that is, the selective acquisition of these relations in a unique individual form.

**Keywords:** interpretation, aesthetics, harmony, outlook, self-realization, communication, diversity, sociologist, philosopher.

**Дар бораи муаллиф**
Кучов Раҳматулло Мақсадович
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони фаронсавӣ-олмонӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 27 61 79
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

**About the author**
Kujov Rahmatullo Maksadovich
Candidate of pedagogical sciences, head of the chair of teaching methods of foreign languages (French and German languages)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 27 61 79
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

**Об авторе**
Куджов Рахматулло Максадович
Кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой методики преподавания иностранных языков (французкий и анлглийский язык)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 27 61 79
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

ТДУ 372.8:891.550

# ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ АФСОНА ДАР ЗИНАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ХОНИШИ АДАБӢ

***Зикаева С. З.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Яке аз жанрҳои аввалинтарину муҳимтарини адабиёт, ки аз гузаштаи хеле дур, ҳатто аз замони ибтидоӣ то имрӯз барои ташаккули маънавию ахлоқии инсоният нақши ногусастанӣ дорад, афсона ба шумор меравад. Афсона аз зумраи жанрҳоест, ки аз эҷодиёти шифоҳии халқ ба адабиёти китобӣ ворид гардида, ба андешаи аксари муҳаққиқон пайдоишаш аз оғози ҷамъияти ибтидоӣ сарчашма гирифтааст. Таърихи тӯлонӣ доштани пайдоиши афсона аз он шаҳодат медиҳад, ки инсоният аз гузаштаи бисёр дур эҳтиёҷ ба тарбият дошта, барои ташаккули тафаккури наслҳои оянда ҳамеша ба адабиёт рӯ овардааст. Тавре маълум аст, халқи тоҷик дар афсонаҳои худ масоили гуногуни иҷтимоӣ: қаҳрамониҳои мардуми меҳнаткаш, адолатхоҳиву вафодорӣ, садоқату самимият, инсондӯстиву ватанхоҳӣ ва шафқату меҳрубониро ҳамеша тараннум кардааст. Таълими афсона аслан аз синни бисёр хурдсолӣ шурӯъ мегардад. Дар баъзе оилаҳои тоҷик ба кӯдакон аз синни яксолагӣ, дар баъзеи дигар аз синни 3-4-солагӣ ва дар гурӯҳе аз оилаҳо аз синни 5-6-солагӣ ба афсонагӯӣ оғоз мекунанд. Афсонаҳо одатан аз ҷониби бибиву бобо, падару модар, холаву амма ба наврасон гуфта мешавад. Дар ҳар сурат афсона аз жанрҳоест, ки аввалин бор тадриси ғайрирасмии он аз ҳудуди оила сарчашма мегирад. Баъдан, афсонашунавии наврасон дар муассисаҳои томактабӣ низ анъанаи хосе дорад. Ҳатто, аз ҷониби мураббияҳо бо иштироки наврасон афсонаҳои намоишӣ ташкил гардида, ба саҳна гузошта мешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими расмии афсона дар курси хониши эзоҳӣ (1-4) ба роҳ монда шудааст. Аммо дар курси хониши бадеӣ (5-7) омӯзиши афсона нисбатан васеъ роҳандозӣ мешавад, зеро аз лиҳози биологиву психологӣ ташаккули синнусолии хонандагон чунин муносибатро тақозо мекунад [3, с. 9]. Умуман, афсона ҳамчун жанри бадеӣ дар синфи 5 таълим дода мешавад. Барои таълими афсона дар синфи 5 мутобиқи барномаи таълим ҳамагӣ 1 соат ҷудо гардидааст [3, с. 9]. Дар китоби дарсии синфи 5 ҳамагӣ 3 афсона: “Эраҷи тилисмшикан”, “Деҳқон ва кӯзаи зар”, “Савоби нимта нон” барои тадрис пешниҳод шудааст. Афсонаҳои номбурда аз лиҳози мазмуну мундариҷа пурра ҷавобгӯи талаботи психологиву биологии хонандагони синфи 5 маҳсуб меёбанд.

Тадриси афсонаҳои мазкур аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ метавонанд бо методҳои гуногун: нақл, суҳбат, баҳс, мушоҳида, муқоиса, аёният ва ғайра ба роҳ монда шаванд, аммо дар раванди таълим мутобиқи стандартҳои муосири соҳаи маориф талаботи муносибати босалоҳият ба таълим бояд риоя шавад. Омӯзгори фанни адабиёт вазифадор аст, ки таълими мавзуъро бо ба инобат гирифтани унсурҳои **хонандагон чиро донанд, чиро тавонанд, чиро азёд кунанд ва чиро дар ҳаёт татбиқ кунанд**, амалӣ намояд. Масалан, зимни таълими афсонаи “Савоби нимта нон” барои он ки хонандагон афсонаро воқеан аз худ кунанду донанд, муаллим бояд вобаста ба талаботи синнусолии наврасон афсонаро қаблан аз худ карда, бо маҳорати тамом онро нақл кунад. Дар ин зина нақли муассири муаллим барои ташаккули унсурҳои дигари таълим нақши калидӣ дорад. Бинобар ин, омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки шогирдонаш аз нақли вай мутаассир гардида, пеш аз ҳама фанни таълимиро дӯст доранд, баъдан, омӯзгорро эҳтиром кунанд ва дар ин замина ҷаҳони тахайюлии худро ғанӣ гардонанд. Мазмуну мундариҷаи афсонаи мавриди таҳқиқ чунин аст:

Рӯзе як одам аз роҳе гузашта истода буд, ки ба санге пешпо хӯрду нохунаш хун шуд. “Боз дигар одамҳо ҳам пешпо нахӯранд” гуфта, мардак сангро аз роҳ гирифта партофтанӣ шуда, дид, ки аз таги санг як хишти пухта менамояд. Хиштро бардошт, аз таги он як сандуқча баромад. Калиди сандуқча дар лабаш бастагӣ буд. Мардак калидро гирифту сандуқчаро кушод, ки як мор баромад. Мор ду ғел заду мори калон шуд. Баъд ба гардани мардак печиду гуфт:

- Ҳозир ман туро заҳр мезанам.

Мард гуфт:

- Ман тура аз сандуқ озод кардам, маро заҳр мезанӣ. Наход ба ҷойи некӣ бадӣ ояд?

Онҳо дар ҳамин муноқаша буданд, ки аз роҳ панҷ аспакӣ пайдо шуд. Аспакиҳо аз онҳо пурсиданд, ки:

- Чӣ муноқаша доред?

Мардак ҳодисаро гуфта дод. Он панҷ кас ҳарчанд ба мор гуфтанд, ки “Ин одам туро озод кардааст, ту ӯро заҳр занӣ ноинсофӣ мешавад”, мор қабул накард. Аспакиҳо диданд, ки гапашон намегузарад, аз баҳраш гузаштанду ба роҳашон рафтан гирифтанд.

Онҳо гузашта рафта буданд, ки аз роҳ сӣ аспакӣ пайдо шуд. Ин сӣ кас ҳам ҳарчанд ба мор гуфтанд, ки “Ба ҷойи некӣ бадӣ накун”, мор розӣ нашуд, онҳо ҳам ба роҳашон рафтанд.

Баъд аз роҳ як бача пайдо шуд. Бача пурсид:

- Чӣ муноқаша доред?

Мардак воқеаро гуфт. Бача пурсид:

- Ин мор аз кадом сандуқ баромад?

Мард гуфт:

- Аз ин сандуқ.

Бача аз мор пурсид:

- Аз ҳамин сандуқ баромадӣ?

Мор гуфт:

- Ҳа, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бача гуфт:

- Ту ҳам дурӯғ мегӯӣ, ин одам ҳам дурӯғ мегӯяд. Ту бо ҳамин ҷуссаат дар ин сандуқча чӣ тавр ғунҷидӣ?

Мор гуфт:

- Рост мегӯям, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бача гуфт:

- Набошад, канӣ даро ман бинам.

Мор боз ду ғел заду асли қадим барин шуда, ба сандуқ даромад. Бача даррав сандуқро пӯшиду дарашро қулф карда, ба замин гӯронд.

Мард бисёр шод шуда, ба бача гуфт:

- Эй писар, ту кистӣ, ки маро аз чанголи аҷал раҳо кардӣ?

Бача гуфт:

Ман савоби он нимта нони ту ҳастам, ки як рӯз ба гадо дода будӣ. Агар ҳамон рӯз нонро ба гадо бутун медодӣ, ман барвақттар омада, туро халос мекардам [2, с. 30-31].

Тавре маълум аст, дар афсонаи мавриди назар калимаву ибораҳои душворфаҳм хеле каманд, аммо дар ҳар сурат муаллим вазифадор аст, мафҳумҳои мураккабро маъникушоӣ кунад. Чунончи:

-муноқаша - баҳс, ҷанҷол, хархаша, ҷидол;

-аз чанголи аҷал раҳо кардӣ – аз марг халос кардӣ;

-нони бутун – нони ношикаста, нони пурра, якто нон.

Баъди нақли муассири муаллим ва маъникушоии калимаҳои мураккаб, хонандагон бояд афсонаро бо усули хомӯшона хонда, хулосаҳояшонро ҷамъбаст кунанд. Танҳо мутобиқи талаботи **унсури дуюми муносибати босалоҳият**, шогирдон афсонаро пурра нақл карда, моҳияту мазмуни онро шарҳ медиҳанд. Хонандагон аз мазмуни афсона бояд масъалаҳои зеринро таҳлил карда тавонанд:

-ҷойгоҳи некӣ дар ҳаёти инсоният;

-бадӣ кардан ва оқибатҳои он;

-эҳтиёткорӣ дар масъалаи маҳсулоти аз роҳ ёфташуда;

-дар ивази некӣ бадӣ накардан;

-хусусиятҳои мор ва инсонҳои морсифат;

-нигоҳ доштани одоби роҳгузарӣ;

-бетафовут набудан нисбати мусибати ба сари дигарон омада;

-исрор кардан барои аз байн бурдани беадолатӣ.

Мутобиқи муносибати босалоҳият ба таълим шогирдон дар баробари шарҳ дода тавонистани мазмуну муҳтавои афсона, бояд ба масоили марбут ба ҳаёти ҳаррӯза низ дар заминаи маводи омӯхтаашон эътибор диҳанд.

Талаботи **сеюми унсури босалоҳият**, ки аз ёд карда тавонистани порчае аз матн ё шеър аст, мувофиқи маҳорати омӯзгории устод ба роҳ монда мешавад. Масалан, вобаста ба мавзуи афсонаи мавриди назар муаллим метавонад дар мавзуи саховату накӯкорӣ, самимияту инсондӯстӣ порчаҳои шеърӣ интихоб намуда, барои азёд кардан ба хонандагон пешниҳод кунад. Чунончи, аз ашъори панду ахлоқии Шайх Аттори Нишопурӣ дар мавзуи саховатмандӣ:

*Аз саховат мард ёбад сарварӣ,*
*Шукр неъматро диҳад афзунтарӣ.*
*Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ дар амон,*
*Рав, накӯӣ кун ту бо халқи ҷаҳон.*
*Ҳар киро одат шавад ҷуду карам,*
*Дар миёни халқ гардад муҳтарам.*
*Ҳар кӣ кори нек ё бад мекунад,*
*Он ҳама медон, ки бо х(в)ад мекунад.*
*Ай бародар, бандаи маъбуд бош,*
*То тавонӣ, бо сахову ҷуд бош.*
*Бош аз бухли бахилон пурҳазар,*
*То насӯзад мар туро нори сақар [9, с. 40-41].*

**Унсури чаҳоруми муносибати босалоҳият**, ки татбиқи натиҷаҳои омӯхташуда дар ҳаёт аст, хонандагон аз натиҷаи маводҳои тадрисшуда бояд дар ҳаёти ҳамарӯза некӯкору саховатманд, меҳрубону самимӣ, инсондӯсту парҳезкор бошанд. Омӯзгори адабиёт бояд аз дарсаш замоне мутмаин шавад, ки шогирдонаш дар муносибат бо хешу ақрабо, ҳамсинфону ҳаммактабон, устодону бузургсолон хислатҳои некӯкориву самимиятро зоҳир кунанд.

Дар раванди таълими афсона дар синфи 5 муаллим бояд **марҳилаҳои муносибати босалоҳият**ро низ ба эътибор гирад. Марҳилаҳои таълими босалоҳият: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ мутобиқи талаботи психологиву биологии хонандагони синну соли муайян ба роҳ монда мешавад. Дар синфи 5 зимни таълими афсонаи мавриди назар барои амалӣ гардидани **марҳилаи дарки матн** хонандагон бояд хониши хомӯшонаву овозии афсонаро иҷро кунанд. Бо дарназардошти синну соли хонандагон муаллим бояд тарзи дурусти хондани афсонаро бехатову муассир пешниҳод карда, шогирдонро дар ин самт раҳнамоиву раҳкушоӣ кунад. Дар ҳамин марҳила омӯзгор бояд калимаҳои калидии афсонаро бо шогирдон муайян кунад. Чунончи: “одам”, “мард”, “аспакӣ”, “мор” “савоб”, “некӣ”, “нон”, “ҳодиса”, “гадо” ва “бача” дар матни афсона аз калимаҳое мебошанд, ки бори маъноро бо худ мекашанд.

Дар **марҳилаи дуюм**, ки баҳодиҳӣ ба матн ном дорад, афсона аз лиҳози назариявӣ баҳогузорӣ мешавад. Масалан, вобаста ба афсонаи зикршуда хонандагон бояд бо роҳбарии устод мавзуъ, ғоя ва санъатҳои бадеии афсонаро ташхис кунанд. Барои хонандагони синфи 5 ташхиси ин ки афсонаи мавриди таълим дар мавзуи саховатмандӣ эҷод шуда, тарғибгари ғоя ё худ ақидаи некиву саховатмандӣ маҳсуб меёбад, кофист. Дар ҳамин марҳила бояд калимаву мафҳумҳои мураккаб маъникушоӣ шаванд. Масалан: мунoқаша – баҳс, ҷанҷол; аз чанголи аҷал раҳо шудан – аз марг наҷот ёфтан; нони бутун – нони ношикаста маънидод мешавад. Ҳамчунин, омӯзгор бояд мавқеи санъатҳои бадеиро низ бо шогирдон дар афсона муайян кунад. Хонандагон бояд донанд, ки дар афсонаҳо асосан мавқеи истифодаи санъати муболиға назаррас мебошад. Бинобар ин, ташхис кардани хусусиятҳои санъати муболиға дар афсона бисёр муҳим аст. Масалан, хонандагон бояд донанд, ки: “Гоҳо нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефарорад, ки ин ҳолати тасвир муболиға ном дорад” [7, с. 59]. Дар афсонаи мо ин санъат чунин истифода шудааст: “...Мардак калидро гирифту сандуқчаро кушод, ки як мор баромад. Мор ду ғел заду мори калон шуд...” [2, с. 31]. Дар воқеа ду ғел задану мори калон шудани мори хурд санъати муболиға аст. Ва ё дар воқеаи баъдӣ санъати зикршуда чунин истифода шудааст: “...Мор боз ду ғел заду асли қадим барин шуда, ба сандуқ даромад. Бача дарҳол сандуқро пӯшиду дарашро қулф карда, ба замин гӯронд” [2, с. 31]. Дар ин порча низ ҳодисаи боз ду ғел задану мори хурд шудани мори бадҳайбат муболиға аст. Донистани хусусиятҳои умумии ин ё он санъати бадеӣ барои хонандагони синфи 5 ҷиҳати ташаккули дарки

зебоипарастии онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд, зеро ҳадаф аз истифодаи санъати бадеӣ дар асарҳои бадеӣ маҳз ҷаззобияту зебоӣ бахшидан ба сухан аст.

Вобаста ба талаботи **марҳилаи сеюми таълими босалоҳият,** ки тағйири матн аст, хонандагон имкон доранд, маҳорати эҷодкории худро ба таври шифоҳӣ ташаккул диҳанд. Яъне, дар ин марҳила, омӯзгор вазифадор аст, нутқи шифоҳии шогирдонро такмил дода, онҳоро ба ҳозирҷавобию нуктасанҷӣ даъват кунад. Ин раванд аслан бо усули проблемавӣ шакл мегирад. Масалан, омӯзгор дар заминаи муҳтавои афсонаи мавриди назар бояд дар синф тавассути саволҳои проблемавӣ фазои мусоид ташкил кунад:

- Дар афсонаи мазкур чанд образ мавҷуд аст ва оё мумкин аст, образҳои дигарро ворид намоем?
- Кунҷковӣ одати хуб аст ё бад?
- Кунҷковии мард дар афсона хуб буд ё не?
- Агар дар ҷои мард мебудед, барои аз балои мор раҳо шудан чӣ кор мекардед?
- Чаро афсона “Савоби нимта нон” ном дорад?
- Оё рафтори аспакиҳо хуб буд ё не ва агар ба ҷои онҳо мешудед чӣ кор мекардед?
- Аспакиҳо ба фикри шумо бояд чӣ кор мекарданд?
- Чаро дар афсона аспакиҳои зиёд коре карда натавонистанду як бачаи хурдсол мушкили мардро ҳал кард?
- Саховатмандӣ гуфта чиро мефаҳмед ва ё кадом амалҳоро саховатмандӣ гуфтан мумкин аст?
- Чаро писарак ба мард гуфт, ки “агар як нони бутун ба гадо медодӣ, барвақттар меомадам”?
- Ба фикри Шумо чаро мард як нони бутунро садақа накардааст?

Чунин тарзи масъалагузорӣ имкон медиҳад, ки як дарси босалоҳият ташкил гардида, шогирдон адабиётро дар робита бо ҳаёт омӯзанд. Аз дигар нуқтаи назар чунин тарзи саволгузорӣ дар байни шогирдон гуногунандеширо ба вуҷуд меорад ва хонандагон дарк мекунанд, ки дар ҳаёт барои пешрафту ташаккул ҳатман бояд фикри мухолифро шунида тавонанд.

Дар **марҳилаи чаҳорум** хонандагон бо кӯмаки омӯзгор нутқи хаттии худро ташаккул медиҳанд, зеро мутобиқи талаботи меъёрҳои ин марҳила онҳо бояд андешаҳояшонро дар шакли эссе ҷамъбаст кунанд. Роҳандозии ин марҳила аз ҷониби устод шакл мегирад. Масалан, муаллим метавонад вобаста ба мавзуъ чунин номгӯйи корҳои хаттиро пешниҳод кунад:

- “Ту некӣ мекуну дар даҷла андоз”
- “Аз саховат мард ёбад сарварӣ”
- “Некӯӣ кардан аз фазилатҳои наҷиби инсонист”
- “Рав накӯӣ кун ту бо халқи ҷаҳон”
- “То тавонӣ бо сахову ҷуд бош”
- “Бош аз бухли бахилон пурҳазар”
- “Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем”

Навиштани эссе аз ҷониби хонандагон имкон медиҳад, ки муаллим дониши хаттии шогирдонро мавриди санҷиш қарор дода, натиҷаи дарсҳои забони тоҷикиро низ таҳлил намояд. Зеро муаллими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадриси забони тоҷикиро низ ба роҳ мемонад.

Умуман, аз нуқтаи назари методистон раванди таълими мавзуи афсона дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад аз чунин қисматҳо иборат бошад:

- Хониши бадеии матни афсона;
- Шарҳи калимаву ибораҳои ношинос, эзоҳи ҷумлаҳои образнок;
- Нақли мазмуни афсона аз ҷониби хонандагон;
- Тавсифи симои қаҳрамонони афсона, тариқи суҳбат муайян намудани хислатҳои қаҳрамонон;
- Баровардани хулосаҳои нахустин аз мазмуни афсона;
- Муайян кардани хусусиятҳои жанрии афсона;
- Муқоисаи афсона бо жанрҳои дигари осори шифоҳии мардумӣ [1, с. 80].

Таълими дурусти афсона дар синфи 5 аз бисёр ҷиҳат барои ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон муфид аст. Зеро “Хонандагони ин синну сол афсонаҳоро бисёр дӯст медоранд ва дар раванди нақли бадеии омӯзгор онҳо мазмуну мундариҷаи афсонаро хеле хуб ба хотир

мегиранд ва дигар фаромӯш намекунанд". Муаллими воқеӣ бо тадриси ин мавзуъ имкон дорад дар вуҷуди хонандагонаш ба таври ҳамешагӣ ҳисси баланди инсон буданро тарбият намуда, ташаккул диҳад.


***Адабиёт***

1. *Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олии Тоҷикистон). Қисми 1. – Хуҷанд: Ношир, 2012. - 483 с.*
2. *Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 5) / таҳиякунандагон: Т.Мирзод, Р.Ҳамидов, М.Пирзод. – Душанбе: Маориф, 2017. - 302 с.*
3. *Барномаи таълими адабиёти тоҷик (бо тавсияи Вазорати маориф ва илми ҶТ) / мураттибон: Ҳайати Шурои коршиносони назди Вазорати маориф ва илми ҶТ оид ба таълифи барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11. – Душанбе: Маориф, 2007. - 42 с.*
4. *Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1970. – 218 с.*
5. *Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.*
6. *Мулло Абдусамад. Методикаи таълими адабиёти тоҷик (Китоби дарсӣ барои донишҷуёни факултетҳои филологияи тоҷики муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: Ирфон, 2014. - 418 с.*
7. *Ҳазрати Иноятхон. Тарбият / тарҷума ва таҳқиқи Ю. Юсуфӣ. - Душанбе: Адиб, 2010. - 321 с.*
8. *Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам / муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.*
9. *Дӯстов К.А., Зикаева С. З. Дастури методӣ (барои иҷрои КМРУ ва саволномаҳои санҷишӣ (тестӣ) аз фанни забони тоҷикӣ дар низоми кредитии таҳсилот). - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019.*


## ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ АФСОНА ДАР ЗИНАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ХОНИШИ АДАБӢ


Дар мақолаи мазкур масъали таълими босалоҳияти афсона дар курси хониши адабӣ, дар синфи 5 пурра мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар мақолааш оиди унсурҳо ва марҳилаҳои таълими босалоҳияти афсона ба таври муфассал маълумот додааст. Ҳамчунин, усулҳо ва равишҳои таълими афсонаро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудааст. Мақолаи мазкур барои муаллимони мактабҳои миёна ва умумӣ ҳамчун дастури раҳнамо хидмат хоҳад кард. Зеро тавре муаллиф қайд кардааст, афсона аз жанрҳои аввалинтарину муҳимтарини адабиёт буда, аз гузаштаи хеле дур, ҳатто аз замони ибтидоӣ то имрӯз барои ташаккули маънавию ахлоқии инсоният нақши ногусастанӣ дорад. Афсона аз зумраи жанрҳоест, ки аз эҷодиёти шифоҳии халқ ба адабиёти китобӣ ворид гардида, ба андешаи аксари муҳаққиқон пайдоишаш аз оғози ҷамъияти ибтидоӣ сарчашма гирифтааст.



**Калидвожаҳо:** афсона, унсурҳо, марҳилаҳо, таҳқиқот, усулҳо, методистон, жанр.


## ГРАМОТНОЕ ОБУЧЕНИЕ СКАЗКАМ В ПРЕПОДАВАНИИ КУРСА ЛИТЕРАТУРНОГО ЧТЕНИЯ


В данной статье всесторонне исследован вопрос грамотного обучения сказкам ва курсе литературного чтения в 5 классе. В своей статье автор дает подробную информацию об элементах и этапах грамотного обучения сказкам. Также он предложил методы подходы к обучению сказкам. Также он предложил методы и подходы к обучению сказкам в ощеобразовательных учреждениях. Данная статья послужит пособием для учителей средних и ощеобразовательных школ. Потому что как, отмечал автор, сказка является одним из древнейших и важнейших жанров литературы, и с очень далекого прошлого, даже с начала времен и до наших дней, она играет неотъемлимую роль в духовно-нравственном формирование человечества. Сказка – один из жанров, вошедших в книжную литературу из устного творчества народа, и по мнению большинства исследователей, ее приосхождение восходит к началу первобытно-общинного строя.



**Ключевые слова:** сказка, элементы, фазы, исследование, методы, методисты, жанры.


## PROGRAMMATIC TEACHING OF FAIRY TALES IN THE COURSE TEACHING LITERARY READING


This article comprehensively examines the issue of competent teaching of fairy tales in a literary reading course in the 5th grade. In his article, the author will provide detailed information about the elements and stages of competent teaching of fairy tales. He also proposed methods and approaches to teaching tales. He also proposed methods and approaches to teaching tales in educational institutions. This article will serve

as a manual for teachers of secondary and secondary schools. Because, as the author noted, the fairy tale is one of the oldest and most important genres of literature, and from the very distant past, even from the beginning of time to the present day, it has played an integral role in the spiritual and moral formation humanity. Fairy tale - one of the genres that entered book literature from the oral creativity of the people, and according to most researchers, its origin dates back to the beginning of the primitive peasant system.
**Keywords:** fairy tale, elements, phases, research, methods, methodologists, genres.

**Дар бораи муаллиф**
Зикаева Саида Зайдуллоевна
Дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 745 82 45
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

**Об авторе**
Зикаева Саида Зайдуллоевна
Доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 745 82 45
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

**About the author**
Zikaeva Saida Zaidulloevna
Associate Professor of the Department of methods of teaching tajik language and literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 745 82 45
E-mail: zikaeva_1982@mail.ru

ТДУ 372.853(575.3)

# ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА ДАР СИНФИ X

***Умаров У. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар шароити имрӯза талаботи беинтиҳои бозори меҳнат ба мутахассисони рақобатпазир аз он далолат мекунад, ки мо бояд доир ба равияи интихобнамудаи худ салоҳиятҳои мушаххас дошта бошем, зеро ҷомеаи имрӯза талабгори мутахассисони босалоҳият мебошад.

Аз ин рӯ, ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карданд [3].

Дар асоси ин пешниҳоди Пешвои миллат барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бояд омӯзгоронеро тарбия намоянд, ки барои татбиқи муносибати босалоҳият ба раванди таълими фанҳои мактабӣ омода бошанд, зеро таълиму тарбияи муваффақонаи насли наврас аз таҷрибаи касбӣ, фазилат ва маданияти баланди омӯзгор вобаста аст.

Ҳамчунин, гузариш аз низоми анъанавӣ ба муносибати нави таълим – муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ методҳои таълим ва нақши омӯзгорро ба куллӣ тағйир дод. Муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома ва эҳтиёҷоти ҷомеа мусоидат намуда, талаботи шахсро ҳангоми омӯзиш қонеъ мегардонад. Дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад. Ин хусусиятҳо муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байни ҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Тавре гуфтем, дар муносибати босалоҳият ба таълим нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Нақши омӯзгор аз интиқолдиҳандаи дониш ба роҳнамои хонандагон, ёвару маслиҳатчӣ, намоишдиҳандаи малакаву маҳорат, санҷишгари дараҷаи азхудкунии дониш, малака ва маҳорати онҳо табдил меёбад.

Аз ин рӯ, мову шумо – омӯзгорони муҳтарам роҳу равишеро бояд пеш гирем, ки шогирдонамон тавассути таълим ба зиндагии оянда омода бошанд, зеро ҷаҳони имрӯза инсонеро интизор аст, ки ниҳоят пуртаҷриба бошад, ҳалли ҳама гуна мушкилотро саривақт ва бетаъхир ёфта тавонад. Тамоми саъю кӯшиш ва талоши системаи маорифи имрӯзаи кишвар барои ҳамин аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инсонеро ба камол расонанд, ки насли баркамол бо дили пур Тоҷикистони азизро ба онҳо супорад.

Мутаассифона, ҳоло ҳам омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аз методҳои анъанавӣ, яъне аз низоми ягонаи мактабии синфӣ-дарсӣ истифода мебаранду ба методҳои омӯзиши интерактивӣ диққат намедиҳанд ва дар амалияи кору фаъолияташон истифода намекунанд. Ҳол он ки дар раванди таълими физика шинос намудани хонандагон на танҳо бо методҳои интерактивӣ аҳамиятнок аст, балки дар амал ҷорӣ намудани онҳо низ аз аҳамият холӣ нест.

Таҳлили китобҳои дарсии амалкунанда [4] ва барномаи таълимӣ [1] ба хулосае меоранд, ки ҳам дар барнома ва ҳам дар китобҳои дарсӣ барои ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон тавассути татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика шароиту имкониятҳои мувофиқ зиёданд. Тадқиқот нишон дод, ки ҳам дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам дар раванди машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика методҳои интерактивии таълимро барои ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон истифода кардан имконпазир аст. Инро тадқиқоти олимон Коротаева Е.В [2], Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г [5], Умаров У.С [8, 9], Шевченков Н.А [10] тасдиқ менамоянд.

Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани ягон тадқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ, мавҷуд набудани маводи таълимию методӣ ба забони тоҷикӣ барои омӯзгорони физикаву хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, дурусту самаранок истифода накардани методҳои интерактивии таълим барои ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон, мубрамият ва замонавӣ будани мавзуи тадқиқотро собит менамояд.

Сабаби интихоби методҳои интерактивии таълим аз он иборат аст, ки онҳо воситаи самараноки омӯзиш ба ҳисоб меравcovered. Ҳамон методе самараноктар ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз мавод ва вақти кам мақсадҳои таълимии хонандагон амалӣ шаванд [6]. Бинобар ин, пеш аз интихоби метод, омӯзгор бояд аниқ донад, ки чиро таълим доданӣ ҳаст ва шогирдонаш чиро бояд омӯзанд (мақсадҳои таълимии мавзуъ кадом аст?). Агар вай мақсад дошта бошад, ки шогирдонаш маҷмуи донишҳои амиқи муайянро азхуд кунанд, пас методи на он қадар фаъолро интихоб карданаш лозим мешавад, вале агар эшон мақсади омӯзонидани малакаю маҳоратеро дошта бошад (масалан, озмоиш гузаронида тавонистан ё масъала ҳал карда тавонистан), пас интихоби методҳои интерактив мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин ҳолат мувофиқати хуб ба назар мерасад, зеро одатан интихоб ва истифодаи методи аз ҳама самараноктар барои хонандагон низ хеле шавқовар аст [6].

Методҳои омӯзиши интерактивӣ методҳое мебошанд, ки ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгор талаб мекунанд [7, с. 268]. Методи таълим ва омӯзиши интерактивӣ аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии амсилаи интерактивии таълим: ин имконияти муҳокимаронихо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи хонанда, шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ мебошад [8, с. 57].

Акнун ба сифати мисол якчанд вазъиятҳои таълимиро ҳангоми омӯзиши физика дар синфи X-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [1, 4] пешниҳод мекунем.

**1. “Чархи ақидаҳо + Супориши шакли кушода”.**

**Мавзуъ:** «Суръати ҳаракати мунтазам ва номунтазам» [9, с. 152].

***Лаҳзаи дарс***

1. Барои он ки шавқи хонандагонро бедор намуда, сатҳи донишҳои азхудкардаи онҳоро доир ба мавзуи нав ошкор созад, омӯзгор пешниҳод мекунад, ки хонандагон дар гурӯҳҳои хурд “Чархи ақидаҳо” таҳия намоянд.

2. **Супоришҳои таълимӣ:**

– Навиштани 4-5 далел дар бораи суръат (он чӣ ки медонанд).

– Тартиб додани 2-3 савол аз рӯйи мавзуи нав – чиро донистан мехостед?

– Пешниҳоди кори худ ба гурӯҳи дигар.

3. Омӯзгор назари худро дар шакли “Чархи ақидаҳо” пешниҳод мекунад, ки аз инҳо иборат аст:

- Вектори суръат чист?
- Вектор ва траекторияи ҳаракатро чӣ гуна муайян намудан мумкин аст?
- Оё суръат манфӣ шуда метавонад?
- Ҳаракати мунтазам ва номунтазам чист?
- Суръати миёнаи ҳаракат чист ва онро чӣ тавр ҳисоб мекунанд?
- Чаро суръати ҳаракати киштиро бо узелҳо чен мекунанд ва узели баҳрӣ ба чӣ баробар аст?

4. Омӯзгор “Супориши шакли кушода”-ро ба миён гузошта, ба гурӯҳҳо пешниҳод мекунад, ки фарзияҳои худро омода намоянд:




**2. Занҷирҳои сарбастаи мантиқӣ** [9, с. 152].

***Дар огози дарс:*** омӯзгор дар тахтаи синф рӯйхати истилоҳот, мафҳумҳо, зуҳуроти асосиро оид ба мавзуъ бо тартиби тасодуфӣ менависад. Вазифаи хонандагон: пайдо кардани тартиби дуруст (хаттӣ ё

шифоҳӣ сохтани занҷири мантиқӣ, чӣ пас аз чӣ воқеъ мешавад) ва пешгӯйӣ намудани он, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

**Масалан. Мавзуъ:** Диффузия

Моеъ, гарм, ҷисми сахт, суръат, диффузия, ҳарорат, сардӣ, газҳо.

Дар рафти омӯзиш хонандагон занҷири мантиқии худро муқоиса мекунанд, дигаргуниҳо ворид месозанд.

**Дар охири дарс:** омӯзгор як қатор мафҳумҳо ва истилоҳотеро пешниҳод мекунад, ки тартиби мантиқӣ вайрон карда шудаанд. Вазифаи хонандагон: ошкор кардани хатоҳо ва ислоҳ намудани онҳо бо асоснок намудани пешниҳоди худ (хаттӣ ё шифоҳӣ, дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд).

из треугольник $ECD$ находим: $ED = y = c\sin x$ из треугольник $ABK$ находим $AK = b\cos 2x$.

$$z = b\cos 2x = b\left(2\cos^2 x - 1\right) = b\left(2\cdot\left(\frac{c}{2b}\right)^2 - 1\right) = 2b\cdot\frac{c^2 - 4b^2}{4b} = \frac{c^2 - 2b^2}{2b};$$

Из этого уравнения последовательно находим.

$$\frac{c^2-4b^2}{2b}+d+\frac{c^2}{2b}=a$$

$$d=\frac{c^2-2b^2-c^2}{2b}=a$$

$$d=a-\frac{\left(c^2-b^2\right)}{2b}=a-\frac{c^2-b^2}{2}=\frac{ab-c^2+b^2}{b}=\frac{b^2+ab-c^2}{b};$$

$$d=\frac{b^2+ab-c^2}{b}.$$

**Задача №5**. В треугольнике $ABC$ точка $O$ центр описанной окружности, точка $L$ лежит на отрезке $AB$ и $AL=LB$. Описанная около треугольника $ALO$ окружность пересекает прямую $AC$ в точке $K$. Найти площадь треугольника $ABC$, если $\angle LOA=45^0$, $LK=7$, [1, с. 50].

**Решение**. $OL\perp AB$ (так как $OL$ часть диаметра окружности, описанной около треугольника $ABC$ и $L$ середина $AB$). Таким образом, $\angle ALO=90^0$.




Следовательно, $AO$ является диаметром окружности, описанной около треугольника $ALO$, откуда немедленно следует, что обе окружности касаются друг друга в точке $A$. Проведем их общую касательную $MAN$. Углы $\angle NAK$ и $\angle ALK$ равны (первый образован касательной $AN$ и хордой $AK$ и опирается на дугу $AK$; второй вписан в меньшую окружность и опирается на ту же дугу).

Аналогично, $\angle NAC=\angle NAK=\angle ABC$. Тогда $\Delta ABC\sim\Delta ALK$ (по двум углам), а поскольку радиусы описанных около этих треугольников окружностей относятся как $2:1$, то как же относятся и стороны, а площади их – как $4:1$. Найдем $S_{\Delta ALK}$. Углы $\angle AKL$ и $\angle AOL$ равны между собой и равны $45^0$, поскольку они вписаны в меньшую окружность и опираются на одну и ту же дугу. Тогда $S_{\Delta ALK}=\frac{1}{2}LK.AK\sin\angle AKL=14\sqrt{2}.$ Наконец, $S_{\Delta ABC}=56\sqrt{2}.$

**Задача №6.** В треугольнике $ABC$ длина $AB$ равна $3, \angle ACB=\arcsin\frac{3}{5}$. Хорда $KN$ окружности описанной около треугольника $ABC$, пересекает отрезки $AC$ и $BC$ в точках $M$ и $L$ соответственно. Известно, что $\angle ABC=\angle CML,$ площадь четырёхугольника $ABLM$ равна $2a$ длина $LM$ равна 1 [4, с. 65]. Найти высоту треугольника $KNC$, опущенную из вершины С и его площадь.



**Решение**. Треугольники $ABC$ и $MCL$ подобны (по двум углам), при этом коэффициент подобия равен $K = \frac{AB}{ML} = 3$.

Следовательно, отношение площадей треугольников $ABC$ и $MCL$ равно 9. Зная площадь четырёхугольника и площадей треугольников получим уравнение $2 + S = 9S$, откуда $S = \frac{1}{4}$.

Далее, по известному углу $ABC$ и хорде $AB$ вычислим радиус описанной около треугольника $ACB$ окружности

$$R = \frac{AB}{2\sin LACB} = \frac{5}{2}.$$

Угол $CMN$ измеряется полу суммой дуг $\widehat{AK}$ и $\widehat{CK}$ (так как этот угол равен сумме углов $\angle KNA$ и $\angle CAN$ как внешний угол треугольника $AMN$, а эти углы – вписанные в окружности и опираются на дуги $\widehat{AK}$ и $\widehat{CK}$). Но $\angle CMN = \angle CBA$ по условию и угол $CBA$ опирается на дугу $\widehat{AC} = \widehat{AK} + \widehat{KC}$. Таким образом $\widehat{KC} = \widehat{CN}$, а это влечет равенство хорд $KC$ и $CN$.

Следовательно, треугольник $KCN$ равнобедренный. Тогда высота $CT$ треугольник $KCN$ является, во первых, медианной (откуда $KT = TN$) и, во вторых частью диаметра $CP$. По свойству пересекающихся хорд имеет. $KT \cdot TN = CT \cdot TP$. Высота $CT$ может быть найдена из соотношения $CT = \frac{2S_{\Delta CML}}{ML} = \frac{1}{2}, a\ TP = 2R - CT = \frac{9}{2}$. Тогда $KT = \sqrt{CT} \cdot TP = \frac{3}{2}$, а $KN = 3$ и $S_{\Delta KCN} = \frac{1}{2} \cdot \frac{1}{2} \cdot 3 = \frac{3}{4}$.

### *Литература*


1. *Александров Б.И. и др. Пособие по математике для поступающих в вузы. - М.: Просвещение, 1986. - 250 с.*
2. *Вересова Е.Е., Денисова Н.С., Полякова Т.Н. практикум по решению математических задача. М.: Просвещение, 1990. - 295 с.*
3. *Герасимова И.С. , Гусев В.А., Маслова Г. Г. и др. Сборник задач по геометрии. - М.: Просвещение, 1997. - 285 с.*
4. *Методика преподавания математики в средней школе частная методика. Составитель В.И. Мишин. - М: Просвещение, 1987. – 458 с.*
5. *Прасолов В.В. Задачи по планиметрии, часты 1. - М.: Наука, 1986. - 320 с.*
6. *Сборник конкурсных задач по математике для поступающих в ВТУЗ ы по ред. - М.: Сканави 4–е изд. - М: Высшая школа, 1980. – 385 с.*


## К МЕТОДИКЕ РЕШЕНИЯ ПЛАНИМЕТРИЧЕСКИХ ЗАДАЧ НА ВЫЧИСЛЕНИЕ


Целью данной статьи является метод формирования профессиональных методических умений в процессе обучения практике решения математических задач. Для этого в статье решены следующие вопросы: формирование профессиональных методических умений у будущего учителя; разделение учащихся на две группы и получение окончательных результатов; использование примеров конкретных вопросов на практике.



**Ключевые слова**: формирование, умение, методы, обучение, профессионал, проблема, план, признак, анализ, отношение, преобразование, расчет, реализация, определение.


## ДАР БОРАИ УСУЛИ ҲАЛ КАРДАНИ МАСЪАЛАҲОИ ПЛАНИМЕТРӢ


Ҳадаф аз мақолаи мазкур методикаи ташаккулдиҳии малакаҳои методии касбӣ дар раванди омӯзиши практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ дар маводи геометрӣ мебошад. Бо ин мақсад панҷ масъала дигор ба ҳасобкунии параметрҳои фигураҳои ҳамор мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки дар ин раванд донишчуён бо усулҳои методии тарзи ҳал шинос карда мешаванд.



**Калидвожаҳо:** ташаккулдиҳӣ, малака, методҳо, тайёрии касбӣ, масъала, нақша, аломат, таҳлил, алоқамандӣ, табдилдиҳӣ, ҳисобкунӣ, татбиқ, муайянкунӣ.

## ON THE METHOD FOR SOLVING PLANIMETRIC COMPUTATION PROBLEMS

The purpose of this article is a method for the formation of professional methodological skills in the process of teaching the practice of solving mathematical problems. For this purpose, the following questions are solved in the article: the formation of professional methodological skills of the future teacher; dividing students into two groups and obtaining the final results; using examples of specific questions in practice.

**Keywords**: formation, skill, methods, training, professional, problem, plan, feature, analysis, attitude, transformation, calculation, implementation, definition.

**Об авторе**
Хушов Хушмухаммад Юсупович
Старший преподаватель кафедры методика преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 42 25 84
E-mail: khushov1956@mail.ru

**Дар бораи муаллиф**
Хушов Хушмуҳаммад Юсупович
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 42 25 84
E-mail: khushov1956@mail.ru

**About the author**
Khushov Khushmuhammad Yusupovich
Senior teacher of Department of Methods of Teaching Mathematics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 42 25 84
E-mail: khushov1956@mail.ru

ТДУ 372.851

# РУШДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ МАТЕМАТИКА ДАР МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

***Ҷонмирзоев Э.***
*Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ*

Вобаста ба ворид намудани стандарти фаннӣ ҳамчун ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим тартиби таҳияи стандарти фаннӣ хусусияти маҷмуӣ пайдо намуда, дар баробари шарҳи масъалаҳои марбут ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии фан, соҳаи истифодаи он, ҳадафу вазифаҳо, мазмун ва ҳаҷми таълими фан, мафҳумҳои асосии фанни таълимӣ ва ғайра қисматҳои зерин низ ба он ворид шудаанд:

- салоҳиятҳои умумиву фаннӣ ва шарҳи онҳо;
- нишондиҳандаҳои салоҳиятҳо;
- воситаҳои асосии муайянкунандаи алоқамандии салоҳиятҳо ва мазмуни таълим;
- воситаҳои муайянкунандаи ташаккули салоҳиятҳо ва арзёбии онҳо.

Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки пеш аз ҳама шарҳ ва моҳияти якчанд мафҳумҳоро, ки дар стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омадааст, мавриди таҳлил қарор диҳем. Дар зер масъалаи мазкур бо назардошти талаботи байналмилалӣ ва мутобиқати он бо стандартҳои фаннии таҳияшуда, ки ба талаботи давру замон вобаста аст, матраҳ карда мешавад.

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои “*компетенция”* ва “*компетентность”*, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд. Бештари таҳлили адабиётҳо маҳз ба ҳамин иқтибосҳо ва аз назари илмию методӣ таснифи онҳоро дар бар мегиранд.

Мафҳуми салоҳият дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” – лоиқ будан, сазовор будан ва шоистагӣ тавсиф дода шудааст.

Аз ин лиҳоз, тавсифи мафҳумҳои мазкурро аз якчанд сарчашмаҳои илмӣ барои хулосаи зарурӣ дида мебарорем.

Дар “Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоӣ”-и таҳсилот мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст:

1. Қобилияти ягон кор (амал)-ро хуб ва самаранок иҷро кардан.
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан.
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст.

**Салоҳият –** маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвастае, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд [4].

Дар асоси тавсифи боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилиятнок ва боэътимод иҷро карда метавонад.

Муносибати босалоҳият равандест, ки дар ҷараёни он дониш ва малакаҳои ҳаётан муҳим рушду такомул ёфта, тарзу роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо ташаккул дода мешавад.

Ҳадафи асосии рушди босалоҳиятии хонандагон, пеш аз ҳама, дар сатҳи баланд пешниҳод намудани натиҷаи амал дар ҳамаи соҳа ва самтҳо, аз ҷумла таҳсилот, ба ҳисоб меравад.

Таълими босалоҳият тибқи фаҳмиши васеъ натиҷаи таҳсилот арзёбӣ гардида, он дигар натиҷаҳои таълимро низ фаро мегирад. Он барои расидан ба мақсад ҳам захираҳои дохилӣ – дониш (азхудкунии маълумот), маҳорат (амал), малака (амали сатҳи олӣ, яъне автоматикунонидашуда), маҷмуи арзишҳо, меъёр, муносибат, сабаб ва ҳам захираҳои берунӣ – манбаи маълумот, воситаҳои иртиботӣ (коммуникатсионӣ), воситаҳои моддӣ-техникӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари педагогӣ татбиқи муносибат дар таълим имкон медиҳад, ки шахс дар рафти он ба маҷмуи салоҳиятҳо соҳиб гардад. Ҳар як салоҳияти алоҳида маҷмуи мураккаби амалҳост, ки ҳамгироии дониш ва татбиқи онро дар назар дорад. Онро дар шакли ҷадвали зерин нишон додан мумкин аст:




***Ҷадвали 1. Хонандагон чиро бояд омӯзанд?***

Муносибати босалоҳият зарурати ташаккули донишҳои асосӣ, маҷмуи малака ва маҳоратҳоро инкор намекунад, зеро салоҳият дастоварди натиҷагириҳои умумӣ ба шумор меравад. Дар айни замон муносибати босалоҳият фаъолият ва амалро дар ҳар як ҳолати муайян ва ё проблема дар мадди аввал мегузорад. Яке аз қисматҳои таркибии муносибати босалоҳият дарк намудани тарзҳои қабул ва фаҳмиши маводи таълимӣ аз тарафи хонандагон мебошад.

Аз нуқтаи назари муносибати босалоҳият натиҷаи асосии фаъолият ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мебошад. Тахти мафҳуми салоҳиятҳои асосӣ дар ҷараёни таълим қобилияти мустақилона фаъолият намудани хонанда ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ҳаётӣ дар шароити гуногун (муқарраӣ ва ғайримуқаррарӣ) фаҳмида мешавад [2].

Тибқи андешаҳои мутахассисони соҳа, аз ҷумла, А.В.Хуторской, И.А.Зимняя ва дигарон, салоҳиятҳои асосӣ дар сохтори ду ва ё зиёда зина муайян мешаванд. Аз ҷумла, дар зинаи якум намудҳои фаъолият (амалҳо, ҳаракатҳо) ва проблемаҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд, ки роҳи ҳалли онҳоро бояд хонанда намоиш диҳад. Дар зинаҳои дигар фаъолиятҳои асосӣ (натиҷаҳои интизории омӯзиш) аниқ дарҷ мешаванд, ки онҳо барои ҳалли бомуваффақияти проблема-супоришҳои *муайян кардан, муқоиса намудан, шарҳ додан, коркард, ҳамгиро кардан, назорат кардан ва ғайра* зарур ҳаст.

Ҳангоми таҳияи натиҷаҳои таълим вобаста ба муносибати мазкур талаб карда мешавад, ки дар ибтидо салоҳиятҳои умумӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешаванд ва новобаста ба фанни таълимӣ ташаккул дода мешаванд. Яъне, салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун натиҷаи таълими фанҳои гуногун шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд (мисли занҷири пайванд байни фанҳои мухталиф ва маҷмуи донишу малака ва маҳоратҳо). Онҳо робитаи байнифанниро инъикос ва таъмин намуда, малакаҳои ҳаётӣ низ ба шумор мераванд.

Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод мешавад. Ба ибораи дигар, он муайян мекунад, ки хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонанда имконияти озмоиш (машқи зиёд то ҳосил шудани малака) фароҳам оварда мешавад.

Ба мақсади ба низом даровардан ва ба қолаби ягона ҷо додани талаботи муносибати босалоҳият дарсҳо мувофиқи марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешаванд. Ташаккули салоҳият муназзамӣ ва машқи зиёдро талаб мекунад. Ҳангоми банақшагирии дарсҳо ба эътибор гирифтани ҳар як марҳилаи ташаккули салоҳиятҳо зарур аст. Дар зер марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба таври аёнӣ нишон дода шудааст:

Биёед, ҳар як марҳаларо баррасӣ менамоем.

**Марҳилаи 1.**

Дар ин марҳила хонандагон бо проблема (фаъолияти таълим) рӯ ба рӯ мешаванд. Аз хонандагон иҷрои ягон амале, ки ҳоло аз уҳдаи он намебароянд, талаб карда мешавад. Хонандагон мувофиқи фаҳмиш ва дониши заминавиашон ин амалро иҷро мекунанд. Проблемаи гузошташударо дарк мекунанд, яъне мефаҳманд, ки амалро иҷро карда

наметавонанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон мақсад гузоранд ва барои иҷрои амал ҳавасманд гарданд.

**Марҳилаи 2.**

Дар марҳилаи дуюм хонандагон ба таҳлили тартиби иҷрои амал ва пешниҳоди фарзияҳо шуруъ мекунанд. Ҳар як қадамро муҳокима мекунанд. Дар асоси қолаби пешниҳодшуда машқ мекунанд.

**Марҳилаи 3.**

Дар марҳалаи сеюм хонандагон қоидаҳо тартиб дода, дар ин асос машқ мекунанд. Муайян мекунанд, ки қоидаҳои тартибдодаашон ба онҳо барои ҳалли проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд ё не. Машқҳои пайиҳам ва гуногунро иҷро мекунанд.

**Марҳилаи 4.**

Дар марҳилаи чорум хонандагон қоидаҳои тартибдодаашонро бо қоидаҳои асл муқоиса карда, як қоидаи асосӣ таҳия мекунанд ва дар асоси он кори худ ва дигаронро месанҷанд. Хонандагон ғалатҳои содиршударо дар асоси қоида муайян ва ислоҳ мекунанд.

**Марҳилаи 5.**

Дар марҳилаи панҷум хонанда амалро мустақилона дар шароити гуногун истифода мебарад. Акнун ба хонанда зарурати баргаштан ба қоидаҳо вуҷуд надорад, зеро аллакай ӯ салоҳиятнок шудааст. Аммо барои эътимод ҳосил кардан, хонандагон якчанд корҳои санҷиширо иҷро мекунанд. Малакаи ҳосилшударо дар шаклҳои гуногун ва мундариҷаи нав истифода мебаранд. Корҳои лоиҳавӣ иҷро мекунанд. Барои аз худ кардани малакаҳои нав омода мешаванд [5].

Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама, ба омӯзгорон зарур аст, ки дар таълими низоми босалоҳияти хонандагон ба мафҳумҳои асосии таълими босалоҳият диққати зарурии хешро ба рушди касбӣ равона кунанд, то ки аз уҳдаи таълими босалоҳият дар дарси математика баромада тавонанд. Аз ин хотир, бояд омӯзгорон дар фаъолиятҳи касбии худ ба марҳилаҳои асосии таълим диққат диҳанд.

***Салоҳиятҳои омӯзгор*** - *ин маҷмуи дониш, маҳорат, арзиш ва муносибатҳои ба ҳам пайванде мебошад, ки ҳалли мушкилоти мушаххаси фаъолияти касбиро таъмин месозад.*

Доираи салоҳиятҳои омӯзгор мушахас таъкид менамояд, ки омӯзгор ва дигар кормандони соҳаи маориф бояд дорои кадом арзиш, дониш ва маҳоратҳои касбӣ бошанд.

Доираи салоҳиятҳои омӯзгор ба се қисмат ҷудо мешаванд:

**1. Арзиш ва муносибатҳои касбӣ**

Дар ин қисм, арзишҳои асосӣ ва муносибатҳои касбии омӯзгор гуруҳбандӣ карда шудаанд. Ин арзишҳои омӯзгор дар зинаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва дар тули фаъолияти таълимӣ ба даст омада, муносибатҳои касбии худро дар асоси онҳо танзим мекунад. Арзиш ва муносибатҳои касбӣ омили асосии муайянкунанда ва танзимкунандаи фаъолияти омӯзгор буда, ду зинаи дигар (донишҳо ва маҳоратҳо) низ бар асоси он муайян мегарданд.

**2. Дониши касбӣ**

Дар ин зина огоҳӣ, фаҳмиш, иттилооти ақлонию зеҳнӣ ва илмие, ки омӯзгор дар зинаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва дар тули фаъолият ба воситаи омӯзиш ва роҳнамоии дигарон аз худ мекунад, гуруҳбандӣ карда шудаанд.

**3. Маҳорати касбӣ**

Ин қисм маҷмуи маҳоратҳои касбиеро дар бар мегирад, ки омӯзгор дар зинаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва дар тули фаъолият ба даст оварда, пайваста онҳоро такмил медиҳад ва истифода мебарад.

Салоҳияти омӯзгор ин маҷмуи дониш, маҳорат, арзиш ва муносибатҳои ба ҳам пайванде мебошад, ки ҳалли мушкилоти мушаххаси фаъолияти касбиро таъмин месозад. Доираи салоҳиятҳои омӯзгор барои он ба се категория ҷудо карда шудааст, ки мафҳумҳо возеҳ шарҳ дода шаванд. Аммо бояд дар назар дошт, ки қисмҳои зикршуда дар алоҳидагӣ ба ташаккули салоҳиятҳои омӯзгор мусоидат карда наметавонанд. Салоҳиятҳо дар натиҷаи ҳамгироии ҳар се қисматҳо ташаккул мeёбанд [7].

**1. Арзишҳо ва муносибатҳои касбӣ**

*Омӯзгор дорои арзишҳои зерини касбӣ мебошад:*

- ростқавлӣ;
- суботкорӣ;

- ҷасорат;
- саъю кӯшиш;
- ғамхорӣ;
- беғаразӣ ва одамдӯстӣ;
- адолат;
- таҳаммулпазирӣ;
- тағйирпазирӣ.

*Омӯзгор аз рӯи чунин принсипҳои адолати иҷтимоӣ амал мекунад:*

- эҳтироми ҳуқуқи хонандагон тибқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак (UNCRC) ва дастгирию рушди ҳаматарафаи онҳо;
- садоқат ба принсипҳои демократия ва адолати иҷтимоӣ тавассути муносибату амали одилона, шафоффият ва фарогирӣ сарфи назар аз синну сол, ниёзу хусусиятҳои фардӣ, ҷинс, мансубияти нажодию қавмӣ ва эътиқоди динӣ;
- эҳтиром гузоштан ба гуногунии вазъи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва муҳити зист;
- эътироф ва тарғиби принсипҳои шаҳрвандии миллӣ ва глобалӣ;
- ҳидояти шогирдон ба роҳи дуруст ваояндаи беҳтар бо назардошти вазъи ноустувор, хатарҳои глобалӣ ва мушкилоти воқеии ҷаҳон;
- фарогирии арзишҳои таҳсилотӣ ва иҷтимоии рушди устувор, эътирофи ҳуқуқ ва вазифаҳои насли имрӯза ва оянда [8].

*Омӯзгор дар муносибат бо хонандагон, ҳамкорон, волидон ва ҷомеа фарҳанги эътимод ва эҳтиромро риоя менамояд:*

- омӯзгор бояд тавассути фаоълияти касбӣ ва рафтор, фарҳанги эътимод ва эҳтиромро ҷиҳати сазовори боварӣ гардидан ва эҳтиром гузоштан ба коллективи мактаб ва дигар нафароне, ки ба зиндагии хонандагон дар дохил ва берун аз муҳити хониш таъсир мерасонанд, рушд диҳад;
- эҷоди муҳити ҳамдигарфаҳмӣ байни хонандагон;
- эҷоди муҳити солиму бехатар барои ҳамаи хонандагон;
- нишон додани масъулият барои ҳавасмандгардонӣ ва рӯҳбаландкунии ҳамаи хонандагон бо дарки шароити иҷтимоию иқтисодии онҳо, хусусиятҳои фардию ниёзҳои махсуси онҳо ва бо назардошти монеаҳо дар роҳи омӯзиш;
- эҳтиром намудани вазъи некуаҳволию эҳсосотӣ ва рушди зеҳнии ҳар як хонанда;
- фаъолияти беғаразона ва одилона, сӯйистифода накардан аз мақому мартабаи омӯзгорӣ, талаб накардани хизмати иловагӣ ва ё тамаъ аз хонандагон;
- эҳтиром намудани шаъну шараф ва эътибори шахсияти ҳар як хонанда;
- эҳтиром гузоштан ба сирри ҳамкасбону хонандагон ва ошкор насохтани маълумоте, ки дар раванди ҳамкорӣ ва муносибатҳои касбӣ ҷамъоварӣ шудааст.

*Омӯзгор муносибати касбиро дар кору фаъолияти худ ба роҳ мемонад.*

- машғул шудан ба тамоми ҷанбаъҳои фаъолияти касбӣ ва бо шавқу завқ, бо ҳисси созгорӣ ва аз назари интиқодии созанда ҳамкорӣ кардан бо коркунони соҳаи маориф;
- нишон додани масъулият барои омӯзиши дарозмуддат ва рушди касбӣ ва маҳорату малакаи роҳбарӣ, ҳамчун ҷанбаи асосии касбият ва фаъолияти муштарак;
- ҳифз намудани шаъну шарафи касби омӯзгорӣ;
- пешгирӣ намудан ва роҳ надодани зиддияти байни фаъолияти касбӣ ва манфиатҳои шахсӣ, ки метавонад ба хонандагон таъсири манфӣ расонад;
- машғул нашудан ба фаъолияти касбӣ дар зери таъсири ягон мавод, ки саломатии омӯзгорро барои таълимдиҳӣ ӯ ғайриимкон мегардонад;
- ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва қоидаҳои дахлдор, риояи тартиб ва дастурамалҳои қабулшуда;
- ба таври муносиб ба роҳ мондани ҳама гуна муошират бо хонандагон, ҳамкорон, волидон, роҳбарияти мактаб ва дигарон, аз ҷумла, муошират тавассути воситаҳои электронӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои пайваста ва машварат бо волидон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба манфиати хонандагон буда дар беҳтар намудани раванди таълиму тарбия мусоидат менамоянд;
- аз тарафи омӯзгор поквиҷдонона ва дилгармона иҷро намудани вазифаҳои таълиму тарбия, ғамхорӣ, некхоҳӣ, рӯҳияи баланд ва муносибати ғайри хусуматангез намудан дар ҳамаи ҳолатҳои корӣ.

**2. Дониши касбӣ**

***Стандарт, нақша, барнома ва маводи таълимӣ***

*Омӯзгор аз мундариҷа ва муҳтавои низомномаҳои амалиёт бохабар аст ва роҳҳои татбиқи онро хуб мефаҳмад:*

- принсипҳои таҳияи куррикулум ва дар ҳама гуна шароити омӯзишӣ татбиқ кардани онро дақиқ дарк менамояд;
- дониши мустаҳкам ва фаҳмиши дақиқи раванди тағйир ва такмил додани куррикулумро дорад;
- бо кадом тарз муайян намудани робитаро бо дигар қисматҳои барномаи дарсӣ, ки ба омӯзиши беруназфаннӣ мусоидат мекунанд, мефаҳмад.

*Омӯзгор доир ба қисматҳои куррикулум дониши назариявӣ ва амалӣ дорад:*

- дорои дониш ва фаҳмиши дақиқи назария ва амалияи дар куррикулум зикргардида мебошад;
- бо кадом тарз мутобиқ сохтан ва истифодаи самтҳои куррикулумро вобаста ба ниёзҳои ҳамаи хонандагон мефаҳмад;
- бо кадом тарз таҳия, мутобиқ сохтан ва истифодаи маводи таълимиро бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастрасии хонандагон мефаҳмад;
- усулҳои ҳамкориро бо омӯзгорон ҷиҳати мусоидат намудан ба робитаи байнифаннӣ дарк менамояд;
- бо кадом тарз ҳамкорӣ карданро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷаҳонӣ ҷиҳати фароҳамсозии шароити воқеӣ барои омӯзиши робитаи байнифаннӣ дарк менамояд.

*Омӯзгор оиди тарҳрезии бараномаҳои таълимии ҳамгиро ва пешрафта дониш ва фаҳмиши зерин дорад:*

- медонад, ки чӣ тавр нақшаи таълимро таҳия ва омӯзиши самаранокро бо назардошти шароит ва таҷрибаҳои гуногун ба роҳ монад;
- роҳҳои асоснок намудани мавзуи дарсиро вобаста ба самтҳои куррикулум ва қонеъ намудани ниёзҳои ҳар як хонанда мефаҳмад;
- нақши худро ҳамчун роҳбари гурӯҳ барои таҳия ва амалисозии куррикулум медонанд.

*Омӯзгорон замина ва шароити омӯзишро хуб мефаҳманд, уҳдадориашонро дар таълими малакаҳои донишандӯзӣ, ҳисобдорӣ ва омӯзиши марбут ба риштаҳои мухталифи зерин иҷро менамоянд:*

- чӣ тавр беҳтар намудани малакаҳои хуби идрок, дастгирии вазъи хуби эҳсосотӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонии ҳар як хонанда ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти онҳоро медонад;
- дорои дониш ва фаҳмиши қисматҳои куррикулум мебошад, ки ба рушди шахсӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ ва некуаҳволии ҳар як хонанда мусоидат мекунанд;
- бо кадом тарз таҳия намудани барномаҳои инфиродии омӯзишро дар асоси эҳтиёҷоти хонанда мефаҳмад ва роҳҳои муайян намудани эҳтиёҷоти таълимиро медонад.
- дорои дониши мустаҳкам ва фаҳмиши пурраи истифодаи технологияи информатсионӣ-коммуникатсионист ва чӣ тавр истифода намудани технологияро барои беҳтар намудани сифати таълиму омӯзиш медонад.
- дорои дониши мустаҳкам ва фаҳмиши усулҳо ва назарияҳои асосии таълимӣ мебошад, ки барои ба роҳ мондани ташаккули самаранраноки малакаҳои донишандӯзӣ ва ҳисобкунӣ ба кор бурда мешаванд.
- аз воситаҳои афзалиятнок ва ҷории таҳсилот пурра бохабар аст.

*Омӯзгор дорои маълумот ва фаҳмиши принсипҳои арзёбӣ, сабткунӣ ва гузоришдиҳии зерин мебошад:*

- чӣ тавр татбиқ намудани принсипҳои арзёбӣ, сабткунӣ ва гузоришдиҳиро ҳамчун қисми таркибии раванди таълим мефаҳмад;
- усулҳои арзёбӣ, методҳо сабткунии маълумотҳоро оиди арзёбӣ ва зарурати пешниҳоди гузоришро мефаҳмад;
- чӣ тавр истифода кардани арзёбиро дар муҳокима намудани пешрафт, беҳтар намудани таълиму омӯзиш ва муайян намудани қадамҳои минбаъда мефаҳмад;
- натиҷаҳои арзёбиро дар муайянсозии дастовард ва камбудиҳо, роҳҳои такмили таълиму омӯзиш ва ба роҳ мондани фаъолияти минбаъда хуб истифода мебарад;
- дар бораи талаботҳои арзёбии муассисаҳое, ки аз аккредитатсия мегузаронанд маълумоти хуб дорад.

***Низоми таҳсилот ва масъулиятҳои касбӣ***

*Омӯзгор хусусиятҳои асосии низоми таҳсилот, сиёсат ва фаъолиятро дар соҳаи маориф мефаҳмад:*

- омилҳои асосии ба низоми таҳсилоти миллӣ ва байналмилалӣ таъсиррасонро мефаҳмад;
- қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро медонад;
- аз ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва касбии мақоми боэътимоди омӯзгор дар назди хонандагон бохабар аст ва таъсири онро ба вазифа ва уҳдадории ҳамарӯзаи ӯ мефаҳмад.

*Омӯзгор дар бораи мактаб ва муҳити таҳсилот, ки худ фаъолият дорад маълумот ва уҳдадориҳои касбии худро медонад:*

- дар бораи муассисаи таълимии худ, аз ҷумла нақши мақоми маориф, ташкил ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ, стратегияи пешрафт, такмили маҳорати касбӣ ва робитаи ҳамаи онҳо бо фаъолияти касбии худ, дониши хуб ва маълумоти пурра дорад;
- аз уҳдадориҳои шартномавӣ ва ҳуқуқии худ ҳамчун омӯзгор бохабар мебошад;
- аҳамияти иҷрои уҳдадорӣ ва вазифаҳо, риояи ахлоқи хосро дар тамоми соҳаҳои омӯзиш мефаҳмад;
- нақш ва вазифаҳои худро ҳамчун омӯзгор дар муносибат ба ҳайати коллективи омӯзгорон, дигар муассисаҳои ҳамкор ва Ассосиатсияи волидон хуб дарк менамояд.

***Назарияҳо ва таҷрибаҳои педагогӣ***

*Омӯзгор оид ба принсипҳои таълим ва назарияи педагогӣ дониши зерин дорад.*

- оиди марҳилаҳои рушди маърифатӣ, иҷтимоӣ ва эҳсосотии хонандагон ва ниёзҳои ҳар яки онҳо дониш ва фаҳмиши васеъ дорад;
- назарияҳои омӯзишро мефаҳмад ва ҳангоми банақшагирии таълиму тадрис ба онҳо такя менамояд;
- роҳҳои амалӣ мондани фаъолияти низомҳои табиӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсию иқтисодиро хуб дарк менамояд ва чӣ тавр бо таҷрибаи касбӣ алоқаманд доштани онҳоро мефаҳмад.

*Омӯзгор аҳамияти тадқиқот ва машғул шудан ба таҳқиқоти касбиро медонад:*

- арзиш ва дастрас намудани натиҷаҳои таҳқиқоти мувофиқро дар соҳаи маориф дарк менамояд ва истифодаи онҳоро ба роҳ мемонад.
- чӣ тавр ба тарзи интиқодӣ дар таҳқиқот, арзёбиҳои фардӣ ё муштарак иштирок карданро медонад ва истифодаи онҳоро бо мақсади беҳтар намудани сифати таҳсилот ба роҳ мемонад [9].

**3. Маҳорати касбӣ**

*Омӯзгор нақшаҳои дарси муосир, ҳамгиро ва ҳавасмандкунандаро бо назардошти талаботи куррикулум ва ниёзу қобилиятҳои фардии хонандагон омода сохта метавонад:*

- дар вазъият ва марҳилаҳои гуногун барои ба роҳ мондани таълим ва омӯзиши пурсамар ва бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳои ҳамаи хонандагон, аз ҷумла, ташаккули малакаҳои омӯзиш, банақшагирии муносибро ба роҳ мемонад;
- алоқамандии фазоии миёни соҳаҳои дониш ва фанҳо, робитаи онҳоро бо талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷаҳонӣ васеътар дарк менамояд.

*Омӯзгор бо хонандагон иртиботи зич дорад ва бо онҳо ҳамкории самаранокро ба роҳ монда метавонад:*

- дараҷаи хуби саводнокӣ ва малакаҳои ҳисобдориро дар фаъолияти касбӣ нишон медиҳад;
- восита ва усулҳои гуногуни муоширатро, аз ҷумла васоити ахборро бо мақсадҳои беҳдошти таълим, ҷиҳати дастгирӣ ва инкишофи муносибатҳои некбинона барои ташвиқ, ҷалби таваҷҷуҳ ва ширкати хонандагонро дар омӯзишҳо истифода мебарад;
- бо ҳамаи хонандагон ба тарзи муносиб муошират менамояд, то ки ҳисси боварии онҳоро ба донишандӯзиашон ташакул диҳад;
- аз стратегияҳои таъсирбахшу гуногунҷабҳа барои густариши фикррониии сатҳи баланд (тафаккури таҳлилӣ) истифода мебарад ва дар хонандагон ҳисси кунҷковӣ, шавқу завқро бедор менамояд.
- ба хонандагон мақсади омӯзишро мефаҳмонад ва бо онҳо роҳҳои шарҳу тавзеҳи муасирро дар сатҳи муносиб ҷустуҷӯ менамояд;
- ҳамкории байни хонандагонро ҷиҳати омӯзиши якҷоя созмон медиҳад;

- дорои дониш ва фаҳмиши хуби стратегияи арзёбӣ аст, то ки ба омӯзиши хонандагон мусоидат намояд;

- моҳияти машавaратиро дарк менамояд ва бо кадом роҳ рӯҳбаланд намудани хонандагонро медонад;

- барои ҳавасманд намудани хонандагон, иштироки онҳо дар мубоҳиса ва интихоби роҳи ҳалли масъалаҳои мураккаб ва баҳсангез имкониятҳоро фароҳам меорад.

- таъсири усули шахсии муоширати худ ба хонандагон ва дигар иштирокчиёни раванди таълимро баррасӣ менамояд.

*Омӯзгор барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти хонандагон ва таъмини рушди қобилияти онҳо аз як қатор стратегияҳо ва маводи таълимӣ истифода карда метавонад:*

- стратегияҳои эҷодӣ ва тахайюлпазирии омӯзишро истифода мебарад, ки ба манфиат ва эҳтиёҷоти хонандагон ҳамчун фард, гурӯҳ ва синф мутобиқ мебошанд;

- навъҳои гуногуни маводи инноватсионии равияҳои таълим, аз ҷумла, технологияҳои электрониро истифода мебарад ва дар ҳолатҳои зарурӣ имкониятҳои омӯзиши беруназсинфиро фаъолона ҷустуҷӯ менамояд;

- таҷрибаи касбиро ба таври мунтазам арзёбӣ ва асоснок карда, оид ба беҳтар намудани таъсири онҳо ба тафаккури тамоми хонандагон чораҳои зарурӣ меандешад;

- имкониятҳоро барои омӯзиш бо назардошти тағйирпазир будани фарзияҳо ва густариши ҷаҳонбинии хонандагон фароҳам меорад.

*Омӯзгор аз хонандагон интизориҳои зиёд дошта метавонад:*

- супоришу фаъолиятҳои омӯзишии гуногунро, ки рӯҳияи худбовариро дар хонандагон эҷод намуда ба пешрафти ҳамаи онҳо мусоидат менамояд ва кӯмаки муассире барои омӯзиш мерасонад, ҳатмӣ иҷро менамояд;

- монеаҳои омӯзишро хуб муайян намуда барои бартарафсозии онҳо посухҳои муносиб медиҳад ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар робита ба ниёзҳои хонандагон маслиҳат меҷӯяд;

- барои баланд бардоштани сифати сатҳи интизориҳои хонандагон масъулият нишон медиҳад.

*Омӯзгор дар фаъолиятҳои муштарак ҳамкории босамар карда метавонад:*

- фарҳангеро рушд медиҳад, ки дар муҳити он хонандагон бошуурона дар тасмими донишандӯзӣ дар муассисаи таълимиашон ширкат варзанд;

- муносибатҳои созандаи кориро бо ҳамаи кормандон, волидон ва муассисаҳои ҳамкор ба роҳ монда, барои дастгирии омӯзиш ва пешрафти раванди таълим дар ҳолатҳои зарурӣ нақши роҳбарикунандаро ба уҳда мегирад.

*Омӯзгор муҳити омӯзишии бехатар, ғамхорона ва ҳадафмандро бунёд карда метавонад:*

- синф ё ҷойи кори амну бехатар, шароити хуб ташкилшуда, идорашаванда ва мусоидро бо истифода аз ороишоти мураттаб навсохта барои худ фароҳам меорад;

- фазои мавҷудаи синфро барои гузаронидани фаъолиятҳои умумисинфӣ, гурӯҳӣ, фардӣ ва омӯзиши мустақилона самаранок истифода мебарад;

- имкониятҳои омӯзиши беруназсинфӣ, аз ҷумла, шиносоии бевосита бо табиат ва дигар шаклҳои омӯзиш дар дохил ва берун аз ҳудуди мактабро истифода мебарад;

- хонандагонро қодир намояд то аз манбаъҳои хуб интихобшуда, аз ҷумла, технологияҳои электронӣ пурра истифода баранд;

- қоидаҳои ҳифзи саломатӣ ва бехатариро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи таҷрибаи касбӣ хуб дарк намуда, дар фаъолияти касбии худ дуруст истифода бурда тавонад.

*Омӯзгор муносибатҳои тарафайни объективонаро инкишоф дода метавонад:*

- барои кор бо ҳар як хонанда ғамхорӣ ва масъулиятро нишон медиҳад;

- барои таъмини некуаҳволии ҳар хонанда масъулият дорад;

- стратегияҳои гуногунро барои таҳкими робитаҳо бо хонандагон, тарғиби рафтори мусбат ва қадрдонӣ кардани дастовардҳои онҳо ба таври мураттаб бояд истифода мебарад;

- сиёсати муассисаи таълимиро дар бораи рафтори намунавӣ, аз ҷумла стратегияҳо барои муайянкунӣ ва пешгирии зуроварӣ дар байни хонандагон, ба тарзи одилона, дақиқбинона ва бошуурона идора кардани рафтори хонандагон дар муассисаи таълимӣ ва атрофи он ба роҳ мемонад;

- дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҳамкорон ва масъулон дар робита ба идоракунии рафтори хонандагон маслиҳат гирифта онро дар амал истифода менамояд;

- равишҳои идора кардани кору амали худро арзёбӣ ва асоснок менамояд ва дар мавридҳои зарурӣ барои қабул намудан ва мутобиқ шудан ба равишҳои нав худро омода месозад;

- ҳолатҳои рӯҳӣ-равонӣ ва психологии хонандаро дарк менамояд ва ҷиҳати бартараф намудани он чораҳои дахлдор меандешад.

*Омӯзгор метавонад арзёбӣ, сабткунӣ ва натиҷагириро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим истифода барад:*

- ба таври мунтазам доираи васеи стратегияҳо, усулҳо ва маводи дахлдорро бо мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, ки ба ниёзҳои ҳамаи хонандагон, талаботи куррикулум, ниҳодҳои тахассусдиҳанда ва аккредитатсия ҷавобгӯ аст, таҳия ва истифода менамояд;

- ҳамаи хонандагонро имкон медиҳад то ба худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳӣ ба ҳамсинфон машғул шуда аз раванди таълим баҳравар гарданд;

- ба таври мунтазам ва ҳадафмандона натиҷаҳои арзёбиро ҷамъоварӣ ва баррасӣ менамояд то сатҳу сифати таълим ва омӯзишро баланд мебардорад, талаботи куррикулум ва ниҳодҳои тахассусдиҳандаро қонеъ мегардонад;

- натиҷаҳои арзёбиро ҷиҳати муайян кардани эҳтиёҷот барои рушд дар сатҳи синфӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ ҳамчун асоси муколама ҷиҳати таъмини пешрафт ва ба ҳадаф расидани хонандагон истифода мебарад;

- ҳисоботи возеҳро оид ба пешрафт, рушди шахсӣ, иҷтимоӣ ва эҳсосии хонандагон барои волидон ва дигар муассисаҳои дахлдор ба таври созанда ва дақиқбинона омода ва пешниҳод мекунад.

*Омӯзгор метавонад ба таври интиқодӣ ба омӯзиши адабиёту тадқиқоти соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф машғул шавад:*

- адабиёти таълимӣ ва тадқиқотии дахлдорро мутолиа, таҳлил ва ба таври интиқодӣ арзёбӣ намояд;

- бо мақсади такмили маҳорату малакаи касбӣ ва мавриди интиқод қарор додани он ба омӯзиши мунтазами адабиёт ва тадқиқот машғул шавад.

*Омӯзгор барои тақвияти омӯзиш ва такмили малакаи касбии худ бояд ба андешаронӣ ва мулоҳизаронӣ машғул шавад:*

- бо назардошти меъёрҳои амалкунандаи касбӣ ба андешаронӣ машғул шавад;

- нуқтаи назари интиқодиро ба таҷриба ва рушди маҳорати касбии худ алоқаманд намояд ва ба мубоҳисаи мунтазами касбӣ машғул шавад;

- бо назардошти фикру ақидаҳои дигарон дақиқбинона ва ба таври мунтазам фаъолияти худро дар синф мутобиқ гардонад ва арзёбӣ намояд;

- дар таҳияи куррикулум, дурнамои рушди мактаб, банақшагирӣ ва бозомӯзию такмили малакаҳои касбӣ фаъолона ширкат варзад;

- барои мусоидат ба рушди касбии ҳамкорон ва донишҷӯён бо расондани кӯмак, додани машваратҳои судманд, мубодилаи таҷриба ва ҷустуҷӯи имкониятҳо барои тақвияти омӯзиш ҳамкорӣ намояд;

- маълумоти пурра ва портфолиоро дар бораи омӯзиш ва рушди маҳорати касбӣ ва нақшаи амал барои такмили ихтисос, инчунин, арзёбии таъсири онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои хонанда ва фаъолияти касбии худ ҷамъоварӣ намояд.

*Омӯзгор малака ва дониши худро бо тадқиқотҳои соҳаи маориф таҷдид менамояд.*

- бо мутолиа ва таҳлил, аз назари интиқодӣ арзёбӣ намудани як қатор адабиётҳои соҳаи маориф ва тадқиқотӣ машғул мешавад;

- ба таври мунтазам бо тадқиқот ва омӯзиши адабиётҳо машғул мешавад ва фаъолияти касбии худро тақвият бахшида доираи итилооти худро пурра менамояд;

- натиҷаи тадқиқотҳо ва андешаҳои пешрафтаро оид ба раванди беҳдошти сифати таҳсилот тавссути нашрияҳо ба чоп мерасонад.

*Омӯзгор бо волидон ва ҷомеа ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мемонад:*

- ба таври мунтазам волидонро ба корҳои мактабӣ ҷалб намуда, роҳҳои гуногуни иштироки волидонро дар чорабиниҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, дар қабули қарорҳо дар бораи омӯзиш ва беҳдошти иҷтимоии хонандагон ҷустуҷӯ менамояд ва ҳамкории созандаро бо онҳо ба манфиати таълими хонандагон ба роҳ мемонад;

- роҳҳо ва усулҳои гуногуни ҳавасмандсозиро барои иштироки аъзои оила ё мутахассисони соҳаи нигоҳубини кӯдак дар фаъолиятҳои муассисаи таълимӣ ба кор мебарад;

- ҳамкории самарабахшро бо аҳли ҷомеа бо мақсади қонеъгардонии ниёзҳои асосии ҷомеа ва ҷалби онҳо ҷиҳати дастгириию кӯмаки муассисаи таълимӣ ва фаъолиятҳои он роҳандозӣ мекунад.


***Адабиёт***

1. *Атахонов Т., Лутфуллоев М. Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ / Т.Атахонов. - Душанбе, 2005. - 224 с.*
2. *Бахарева С. Развитие критического мышления через чтение и письмо / С. Бахарева // Учеб. - метод. пособие. – Новосибирск, 2003. - 234 с.*
3. *Безрукова В.С. Все о современном уроке в школе: проблемы и решения / В.С. Безрукова. - М., 2004. - 127 с.*
4. *Гузик Н.П. Учить учиться / Н.П. Гузик – М., 1981. – 88 с.*
5. *Джураев А. Обучение навыкам письма как путь усвоения учебных дисциплин и формирования критического мышления // Ученые записки. ХГУ имени ак. Б.Гафурова. - 2005, - 112 с.*
6. *Джураев А. Формирование критического мышления как часть реформирования гуманитарного образования / А. Джураев. – Худжанд, 2011. - 86 с.*
7. *Загашев И.О., Заир-Бек С. И. Критическое мышление: технология развития / И.О.Загашев, С. И. Заир-Бек. - СПб., 2003. - 284 с.*
8. *Заир-Бек С. И., Муштавинская И.В. Развитие критического мышления на уроке / С. И. Заир-Бек. - М., 2004. - 175 с.*
9. *Клустер Д. Что такое критическое мышление? / Д. Клустер // Критическое мышление и новые виды грамотности. - М., 2005. – С. 5-13.*


## РУШДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ МАТЕМАТИКА ДАР МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ


Мақола дар бораи фардикунонии ҷараёни таълим бо истифодаи усули фаъол мебошад. Инчунин дар хонандагон мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳиро ташаккул медиҳад. Илова бар ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки дониши назариявиро дар амал татбиқ намоянд. Дар ин усули тадрис омӯзгор метавонад алоқамандсозии ҷараёни таълим бо ҳаётро мувофиқ гардонад, то ки хонандагон аз мавзуи омӯхташаванда маълумти зарурӣ пайдо менамоянд. Ҳамин тариқ, тафриқаи бисёрсоҳаи гуногунзина имконият медиҳад, на танҳо тайёрии сифатии хонандаҳоро барои таълими минбаъда дар макотиби олӣ амалӣ намояд, балки ба воситаи фаъолияти гуногуни таълимӣ ба ҳар яки онҳо шароити мусоидро барои нигоҳ доштан ва инкишофи мустақилияти онҳо ёрӣ мерасонад. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои самаранокии муносибатҳои ба хонандагон равонагардида, яъне дар шакли ҳамфаъол, бо тарзи ташкили муҳити дидактикии мусоид равона шудааст.



**Калидвожаҳо:** усули фаъол, мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳӣ, такрор (репродуктивӣ), баҳодиҳӣ дар ҳамкорӣ, эҷодӣ (креативӣ), таълими тафриқавӣ, муносибати тафриқавӣ.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ УЧИТЕЛЯ МАТЕМАТИКИ В СВЯЗИ С ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТЬЮ


Статья посвящена индивидуализации процесса обучения, при помощи активных методов. Активные методы позволяют повышение у учащихся самостоятельность, способность и умение самоуправлять, диалогизацию, анализ и оценивание. В этом методе обучения учитель имеет возможность связивать процесс обучения с жизнью, чтобы учащихся при изучение матерала получили необходимие знания. Таким образом, многообразные степенные дифренциации позволяют не только пависить качественное подготовке для дальнешей подготоаке в вищых учебных завиденях, но и помогаеть им способов самостоятельного развития. Использование инновационой технологии в процессе обучения повышает активные отношения, связанные с учащимся и способствуют необходимой дидактической организации данного процесса.



**Ключевые слова:** активный способ, самостоятельность, способность и навыки самоуправления, диалогизация, анализ и оценка, повторение (репродуктивный), оценка при совместной деятельности, творчество (креативный), дифференцированное обучение.

## PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF THE MATHEMATICS TEACHER IN RELATION TO TEACHING COMPETENCE

This article is about the individualization of the educational process by using the active teaching method. Moreover, it develops students' independence, self-management, communication, analysis, and evaluation skills. In addition, it allows students to apply theoretical knowledge in practice. In this teaching method, the teacher can the teaching process to life, so that the students get the necessary information about the topic they studied. In this way, multi-disciplinary and multi-level differentiation allows not only to implement the qualitative preparation of students for further education in higher schools, but also helps each one of them to maintain and develop their independence through various educational activities.The use of innovative technologies is aimed at effective student-oriented relations, in an interactive way of creating a favorable didactic environment.

**Keywords:** active method, independence, abilities and self-management skills, communication, analysis and assessment, repetition (reproductive), assessment in collaboration, creativity (creative), differential education, differential approach.

**Дар бораи муаллиф**
Ҷонмирзоев Эраҷ
Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калон
Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ
Тел.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

**Об авторе**
Джонмирзоев Эрадж
Кандидат педагогических наук,
старший преподаватель
Филиал Института повышения квалификации и переподготовки работников образования ГБАО
Тел.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

**About the author**
Jonmirzoev Eraj
Candidate of Pedagogical Sciences,
Senior teacher
Institute for Advanced Studies and Retraining of Educational Workers GBAO
Ph.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

ТДУ 574.6:477

# ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Саидзода И. М., Ризоев С. С., Саидҷаҳфаров А. И.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон*
*дар ноҳияи Рашт*

Ҷомеаи имрӯза дар марҳилаи рушдёбӣ қарор дошта, рӯз аз рӯз дар раванди таълим навгониҳои навини илмию техникиро мушоҳида намудан мумкин аст. Тамоми навгониҳои илму техникӣ аз ҷумла технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба раванди таълим бевосита таъсиррасон мебошанд.

Вақте сухан дар бораи методҳои навин ва усули таълим меравад, дилхоҳ шахс бояд дарк намояд, ки методҳои навини таълимиро танҳо дар ҳолати босамар истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди тадриси дарсҳо пай бурдан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таълим асосан аз ду мафҳумҳои асосӣ: методикаи таълим ва технологияҳои таълимӣ истифода мебаранд, ки “Методикаи таълим” аз мафҳуми “Технологияҳои таълимӣ” ба куллӣ фарқкунанда мебошанд. Зеро методикаи таълим метавонад, вобаста аз ҳадафҳо, мундариҷа ва воситаҳои таълимӣ усулҳои гуногунро фарогир бошад. Технологияҳои таълимӣ бошанд, самаранок истифода намудани усулҳои навини таълимиро аз қабили таълими фосилавӣ, тахтаҳои электронӣ, технологияи муосир ва ғайраро дар бар мегирад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим мавқеи махсусро ишғол намуда, муҳити кории навро ба вуҷуд меоранд. Тавассути технологияҳои иттилоотӣ чунин муҳити кориро фароҳам овардан мумкин аст:

1. *Муҳити техникӣ.* Истифодаи сахтафзорҳо ва дигар навъи таҷҳизоти таълимии барои дарс пешбинишуда;
2. *Муҳити барномавӣ.* Маҷмуи воситаҳои барномавӣ, нармафзорҳои таълимӣ, захираҳои электронӣ, пойгоҳҳои додаҳо ва ғайра;
3. *Методҳои махсуси таълим*. Чунин восита ва методҳои махсус, ки онҳо барои аз худ намудани мазмун ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ пешбинӣ шудаанд [5, с. 10].

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем, принсипҳои асосии методологии истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар раванди таълими фанни алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳлил қарор дода, усулҳои навини раванди таълимро мувофиқи хусусиятҳояшон аз диди нав ба роҳ монем.

Ба ақидаи муҳаққиқ И. Ефремов истифодаи технологияҳои компютериро бояд дар раванди таълим бо роҳҳои зерин амалӣ намуд:

1. Истифодаи технологияҳои компютерии дар раванди баъзе аз мавзуъҳои дарсӣ ҳамчун аёнияти таълимӣ барои вазифаҳои муайяни дидактикӣ;
2. Ҳамчун воситаи асосии таълимӣ дар раванди ҳисобкунии масъалаҳо;
3. Ҳамчун монотехнология дар ҳолате, ки тамоми омӯзиш ва идоракунии раванди таълим, аз ҷумла таҳлили дарсҳо ва мониторинги сифати таълим бо истифодаи компютер ба роҳ монда мешавад [4, с. 5].

Муҳаққиқон Н. А. Каллур ва Ю.В. Герман [5] чунин қайд менамоянд, ки “Компютерро дар раванди таълим метавон, дар ҳамаи марҳилаҳои таълимӣ ҳангоми тадриси дарсҳо истифода намуд. Масалан, ҳангоми пешниҳоди маводҳои нав, марҳилаи мустаҳкамкунии дарс, такрор намудан, назорати раванди таълим, истифодаи бозиҳои дидактикӣ ва ғайра”.

Дар баробари ин гуфтаҳо метавон қайд намуд, ки компютер барои хонанда нақши омӯзгор, аёният, объекти омӯзишӣ ва садҳо нақши дигарро бозида метавонад. Агар омӯзгор маҳорати баланди истифодабарӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотиро дошта бошад, он гоҳ бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки раванди омӯзиши маводҳои таълимӣ даҳҳо маротиба боло бурдан имконпазир мегардад. Зеро мушкилии пурсиши вазифаи хонагӣ, омодасозии муҳассислин ба азхуднамоии фаъолонаи маводи таълимӣ, мустаҳкамкукнӣ маводи таълимӣ ва назорати фаъолияти хонандагонро бевосита тавассути ТИК идора намудан мумкин аст.

Имрӯз дар сиситемаи маориф мафҳуми усулҳои анъанавии таълим ва усулҳои муосири таълим бо таври васеъ истифода мешаванд, ки ин усулҳоро аз ҳамдигар бояд фарқ намуд (расми 1). Нақшаи амалишавии расми 1 нишон медиҳад, ки чӣ гуна усулҳои анъанавии таълимро бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва нармафзорҳои чандрасонаӣ пурра кардан мумкин аст.




***Расми 1. Муқоисаи усулҳои анъанавии таълим аз усулҳои муосири таълим***

Муҳаққиқ М. Миронова [8] чунин ақида дорад, ки маҳорати ба ҳам пайвастани воситаҳои анъанавӣ ва муосири таълим аз тахассус ва малакаи омӯзгор вобаста буда, аз ӯ методи истифодабарии самараноки технологияҳои иттилоотиро талаб мекунад. Зеро истифодаи ТИК аз омӯзгор оид ба асосҳои педагогии иттилоотонии раванди таълим салоҳияти баландро талаб мекунад.

Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, метод ва усулҳои истифодабарии технологияҳои компютерӣ аз мазмуни дарси тадрисшаванда вобастагӣ дорад. Зеро ҳар як намуди технологияи компютерӣ аз функсия ва хусусиятҳои ба худ хос вобастагӣ дошта, онҳо дар раванди таълим гуногунҷанба арзёбӣ мешаванд. Масалан, мо метавонем дар раванди таълим чунин функсияҳои аз ҳамдигар фарқкунандаи технологияҳои компютериро истифода намоем:

- *инструменталӣ* – ҳамчун асбобҳои аёнӣ ва татбиқи онҳо;

- *намоишӣ* – намоиш додани маводҳои таълимӣ тавассути барномаҳои рӯнамосоз (слайдҳо, блокнақшаҳо, диаграммаҳо ва ғайра);

- *омӯзиш* (симуляторҳо) ва амсоли онҳо [10-13].

Бо истифода аз ТИК намудҳои гуногуни дарсҳоро ба роҳ мондан имконпазир аст. Аз қабили дарс-суҳбат бо истифода аз технологияҳои махсуси компютерӣ, ки он ҳамчун воситаи аёнӣ истифода шудааст; дарс-таҳқиқот бо гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ дар раванди таълим; дарсҳои амалӣ, дарс-санҷишҳо, дарсҳои гурӯҳӣ ва амсоли инҳо [5, с. 8].

Дар солҳои охир, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо бо истифодаи босамари ТИК ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки компютерро дар якчан марҳилаҳои муайяни дарс истифода намудан лозим аст. Масалан, ҳангоми дарсҳо аз фанҳои математика, алгебра, геометрия ва амсоли инҳо компютер дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

- ҳангоми пешниҳоди ҳисоботҳои шифоӣ (бо истифода аз имкониятҳои ҷойдошта қобилияти саривақтии пешниҳоди супоришҳо ва ислоҳи хатоиҳои ҷойдошта);

- ҳангоми пешниҳод намудани маводи нави таълимӣ (бо истифода аз аёниятҳои гуногун; амсилаҳои нав; визуалингардонӣ ва ғайра);

- дар ҳолати санҷиши корҳои мустақилона (бо истифода аз барномаҳои махсусгардонидашуда, натиҷаи корҳои мустақилона бо таври фаврӣ ва зуд санҷида мешаванд);

- ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва душворфаҳм (тартиб додани нақшаи корӣ, ташаккул додани малака ва маҳорати хонанда барои дарки муҳтавои масъалаҳои пешниҳодшуда ва амсоли онҳо);

- истифодаи самараноки захираҳои электронии таълимӣ (захираҳои электронӣ дар ташаккул додани ҷанбаҳои дидактикии фаъолияти омӯзишии хонанда нақши муҳимро мебозанд);

- ташаккул додани фаъолияти эҷодкоронаи хонанда дар раванди иҷроиши корҳои мустақилона ва боло бардоштани маърифатии зеҳнии онҳо оид ба фазои иттилоотии имрӯза;

- истифодаи босамар аз шабакаи умумиҷаҳонии интернет ҳангоми омода намудани корҳои мустақилона;

- истифодаи ТИК ҳамчун воситаи ёрирасон дар корҳои беруназсинфӣ;

- истифодаи нармафзорҳои махсуси тестӣ ҷиҳати баҳодиҳии дониши хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимӣ.

Вақте ки сухан дар бораи истифодаи босамари ТИК дар раванди таълим меравад, бояд ҳар як иштирокчии ин раванд хусусиятҳои муҳимтарини татбиқи компютерро донад. Инчунин, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда тавонад. Чунин хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқкунандаанд:

- хонанда ҳамчун субъекти омӯзишӣ гашта, компютер аз он фаъолнокиро талаб мекунад (тавассути нармафзорҳои санҷиши дониш);

- фарқият дар байни таълими анъанавӣ ва таълимот муосир бо истиффодаи ТИК бевосита мушоҳида мегардад;

- суръати омӯзиши маводҳои таълимӣ ба маротиб афзоиш меёбад;

- дар раванди таълим аз ҳисоби вақт ташаккули малакаҳои техникӣ ва эҷодии зиёдати хонандагон кам мешавад;

- дар раванди пешниҳоди супоришҳо барои вазифаи хонагӣ имкониятҳои зиёд пешниҳод мешаванд (тавассути нармафзорҳои компютерӣ имконият фароҳам меояд, барои ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ масъалаҳои нав пешниҳод карда шаванд);

- хатоиҳои аз ҷониби хонанда ошкоршуда пайгирӣ шуда, аз сари нав коркард мешаванд;

- ба фаъолияти мустақилонаи хонанда баҳодиҳии фаврӣ сурат мегирад;

- раванди санҷиши корҳои мустақилона дар кӯтоҳтарин муҳлат бо сарфаи ками вакт анҷом дода мешаванд;

- маводҳои таълимие, ки дастраси ба онҳо маҳдуд аст, тавассути шабакаи интернет аз махзанҳои бузурги иттилоотӣ дастрас карда мешаванд;

- тавассути бозиҳои дидактикии педагогӣ раванди таълимро диққатҷалбкунанда намуда, малака ва маҳорати хонандагонро дар омӯзиши маводҳои пешниҳодшуда вусъат бахшидан мумкин аст [5; 6; 10-13].

Аз таҳлили хусусиятҳои ТИК, ки дар боло қайд намудем бармеояд, ки тавасути технологияҳои иттилоотӣ тамоми раванди таълимро дигаргун намудан мумкин аст. Зеро он имкониятҳои дидактикие, ки тавассути нармафзорҳои компютерӣ пешниҳод мешаванд, нисбат ба таҳсилоти анъанавии қаблӣ хеле зиёд мебошанд. Дар адабиётҳои илмӣ-таълимӣ коршиносон технологияҳои компютерӣ ва татбиқи онҳоро дар раванди таълим як пешрафти инқилобӣ шуморидаанд [5, с. 8].

Аз таҷрибаи муассисаҳои таълимии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон бармеояд, ки барои расидан ба дастовардҳои навини илму техника, дар ҳамаи фаъолиятҳои таълимӣ ба технологияҳои навин рӯ овардан зарур аст. Зеро, маҳз бо татбиқи босамари технологияҳои навин имконияти арзёбии масъалаҳои баҳсталаб аз байн рафта, қобилияти эҷодии зеҳнии хонандагон рушд мекунад. Масалан, дар раванди таълим яке аз имкониятҳо метавонад, ба роҳ мондани видеоконференсияҳо бошад, ё ин ки пайваст шудан ба вебинарҳои таълимии омӯзишӣ ва ғайра. Маҳз бо татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолиятҳои таълимӣ пешрафти соҳаи маорифро дидан мумкин аст.

Дар раванди таҳқиқотҳои худ В.П.Беспалко [2] тамоми маҷмуи воситаҳои барномавии махсусро, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, ҳамчун нармафзорҳои педагогии таълимӣ арзёбӣ намудааст, ки мо онҳоро дар шакли блокнақшаи расми 2 пешниҳод намудем.




***Расми 2. Нармафзорҳои таълимии педагогӣ***

Солҳои охир дар бисёр муассисаҳои таълимӣ истифодаи босамари шабакаи умумиҷаҳонии интернет мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, бояд қайд намуд, ки барои назорати раванди таълим ва ҳамоҳангсозии робитаи байни волидайн бо муассисаҳои таълимӣ нармафзорҳои махсуси назоратӣ сохта шудаанд ва онҳоро танҳо тавассути шабакаи интернет истифода намудан имконпазир аст.

Интернет ба омӯзгор ва хонанда имконияти бештари мубодилаи иттилоотиро пешниҳод менамояд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми технологияҳои интернетӣ дар он аст, ки ҳам хонанда ва ҳам омӯзгор барои интихоби захираҳои иттилоотӣ, ки дар раванди таълим истифода мешаванд имконияти васеъ доранд.

Имрӯз мушоҳида мешавад, ки зиёда аз 90%-и истифодабарандагони интернет танҳо шабакаи умумиҷаҳониро бо мақсади фароғати истифода мебаранд. Ҳол он ки тавассути интернет имкониятҳи бузурги дастрасӣ пайдо намудан ба махзанҳои иттилоотии ҷаҳон фароҳам омада, оид ба дилхоҳ фанни таълимӣ маводҳои заруриро пайдо намудан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки фазои маҷозӣ хеле бузург буда, аз ҳамаи захираҳои иттилоотии он пурра истифода намудан ғайриимкон аст. Аммо шуморе аз сомонаҳои муайянро, ки дар онҳо захираҳои электронии таълимӣ ҷойгир шудаанд, истифода намудан хеле муфид аст.

Дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ-педагогии худ Г. К. Селевко қайд менамояд, ки "... технологияҳои иттилоотии таълимӣ асосан тавассути технологияҳои таълими фосилавӣ, технологияҳои компютерии таълимӣ ва технологияҳои чандрасонаӣ (мултимедӣ) роҳандозӣ карда мешаванд" [14, с. 41].

Аз ҳама технологияи бештар паҳншуда, ки қариб дар ҳама раванди таълим истифода бурдани он имконпазир аст, технологияи чандрасонаӣ (мултимедӣ) мебошад. Технологияи чандрасонаӣ яке аз технологияҳои муосир ба ҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки маводҳои матнӣ, садоӣ, видеоӣ, графика ва аниматсияҳо бо ҳам муттаҳид карда шуда, ба таври ҷолиб нишон дода шаванд [9].

Технологияҳои чандрасонаӣ вобаста аз фанни таълимӣ ва мавзуи дарсӣ бо роҳҳои гуногун тарҳрезӣ ва истифода бурда мешаванд. Масалан, дар раванди тадриси фанҳои дақиқ, аз қабили математика, алгебра, геометрия ва ғайра чандрасонаҳоро дар речаҳои намоишӣ, инфиродӣ ва фосилавӣ истифода намудан мумкин аст.

***Дар речаи намоишӣ ҳолатҳои зерин дида мешаванд:***

- бо таври шифоҳӣ дар оғози дарс вазифаҳои пешниҳодшуда бо истифода аз видеопроектор барасӣ карда мешаванд;
- дар ҳолатҳои пешниҳоди маводҳои нав;
- ҳангоми санҷиш ва баҳодиҳии супоришҳо барои корҳои мустақилона пешниҳодшуда,ислоҳи хатоиҳои ошкоршуда ва ғайра.

***Дар речаи инфиродӣ ҳолатҳои зерин дида мешаванд:***

- дар ҳолати кор карда баромадани маводҳои назариявӣ;
- ҳангоми такрори маводи дарсии дастрасшуда;
- дар ҳолатҳои махсугардонидашудаи даври санҷишӣ.

***Дар речаи фосилавӣ бошад, ҳолатҳои зерин дида мешаванд:***

- ҳангоми фарогирии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ;
- дар фаъолияти лоиҳавии хонандагон;
- дар ҳолати санҷиши лоиҳаҳои вазифавӣ [1, с. 5].

Дар бисёр мавридҳо барои таҳияи маводҳои чандрасонаии таълимӣ омӯзгорон аз барномаи PowerPoint истифода мебаранд. Яке аз сабабҳои истифодаи ин барнома аз он иборат аст, ки дилхоҳ маводро мо метавонем, бо таври қулай ва фаврӣ бо имкониятҳои ин барнома тарҳрезӣ намоем. Технологияҳои компютерӣ бо ҳамоҳангсозии барномаҳои рӯнамосоз ва проектор имкон медиҳад, то унсурҳои асосии маводи таълимӣ бо таври ҷолиб пешниҳод карда шаванд. Табиист, ки дар ин ҳолат дарк ва азхуднамоии мавод аз ҷониби хонандагон беҳтар гардида, малакаи эҷодии онҳо рушд мекунад.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи барномаҳои рӯнамосоз ва тавассути онҳо пешниҳод намудани маводҳои таълимӣ раванди дарсро бакуллӣ тағйир медиҳад. Зеро дар ҳолати самаранок истифода намудани ин технологияҳо неруи эҷодии омӯзгор ва хонанда тақвият ёфта, имконияти сарфа намудани вақт пайдо мешавад.

Муҳаққиқ Я. А. Коменский аввалин шуда истифодаи визуалии маводҳоро дар раванди таълим ҳамчун принсипи умумии педагогӣ арзёбӣ намудааст. Дар таҳқиқотҳои худ, ӯ дар бораи визуаликунонии раванди таълим андешаҳои худро чунин баён намудааст: "Агар мо хохем, ки ба хонандагон дар бораи ашё ва ё умуман ягон объект дониши ҳақиқӣ ва амиқ диҳем, бояд ҳама омилҳоро тавассути мушоҳидаи шахсӣ ва аз рӯйи корҳои исботшуда омӯзем ва бо таври возеҳ пешниҳоди хонандагон гардонем" [7, с. 125].

Хулоса, дар раванди таҳқиқот ҷанбаҳои методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Тавассути технологияҳои иттилоотӣ раванди таълимро бакуллӣ тағйир додан мумкин будааст. Аз ин рӯ, бояд дар тамоми муассисаҳои таълимӣ методи самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотиро дар рафти машғулиятҳои таълимӣ ба роҳ монанд. Чунки дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми санҷишҳо мушоҳида мешавад, ки на ҳамаи омӯзгорон моҳияти истифодаи ТИК-ро дарк намудаанд. Махсусан, дар раванди таълими фанҳои дақиқ зарурати нишон додани аёниятҳои бештар пеш меояд ва ин мушкилотро танҳо дар ҳолати самарнок татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ бартараф намудан мумкин аст.

### *Адабиёт*


1. *Апатова, Н.В. Информационные технологии в школьном образовании / Н.В. Апатова. – М.: Педагогика, 1994. – 228 с.*
2. *Беспалько, В.П. Программированное обучение: дидактический аспект / В.П. Беспалько. – М.: Педагогика, 1970. – 300 с.*
3. *Герман, Ю.В. Дидактические аспекты применения информационных технологий на уроках математики / Ю.В. Герман // Содружество наук. Барановичи-2010: тезисы докладов VI Междунар. науч.-практ. конф. молодых исследователей, 19–20 мая 2010 г., Барановичи, Респ. Беларусь: в 2 ч. / редкол.: А.В. Никишова (гл. ред.) [и др.]. – Барановичи: РИО БарГУ, 2010. – Ч. 1. – С. 97-98.*
4. *Ефремов, И. Компьютерные технологии обучения: дайджест: Газета «Математика» № 15 / И. Ефремов. – М.: «Первое сентября», 2008.*
5. *Каллаур Н.А. Методика обучения математике учащихся средней школы с помощью*

информационных технологий / Н.А.Каллаур, Ю.В.Герман // Монография. – Минск: БГУ, 2008. – 151 с.
6. Каллаур, Н.А. Проблемы проведения педагогического эксперимента по использованию информационных технологий на уроках математики в средней школе / Н.А. Каллаур, Ю.В. Герман // Педагогические науки: теория, история, инновации технологии: науковий журнал. – №2 (4). – СумПДУ им. А.С. Макаренка, 2010. – С. 302-309.
7. Коменский, Я. А. Великая дидактика / Я.А. Каменский // – М.: Учпедгиз, 1955. – 409 с.
8. Миронова, М. Конструирование урока математики с использованием ИКТ / М. Миронова // Газета «Математика». – 2008. - № 15.
9. Полат, Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования: учебное пособие / Е.С. Полат. – М.: Академия, 2002. – 325 с.
10. Саидзода, И.М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / Саидзода И.М., Ҳайётов Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. - Душанбе, 2021. - №3. – С. 293-300.
11. Саидов, И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. - Душанбе, 2021. - №4. – С. 220-227.
12. Саидов, И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон / Саидов И.М., Мирзоев С. , Ҳайётов Қ.// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика психология. - 2021. - №1 (33). – С. 60-64. ISSN 2617-5620.
13. Саидов, И.М. Хизматрасониҳои технологияҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М., Ҳайётов Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. – Душанбе, 2020. - №4 (4). – С. 160-164.
14. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учебное пособие / Г. К. Селевко. – М.: Народное образование, 1998. - 256 с.

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақола ба масъалаи омӯзиши ҷанбаҳои методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Аз таҷрибаи муассисаҳои таълимии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон бармеояд, ки барои расидан ба дастовардҳои навини илму техника, дар ҳамаи фаъолиятҳои таълимӣ ба технологияҳои навин рӯ овардан зарур аст. Зеро маҳз бо татбиқи босамари технологияҳои навин имконияти арзёбии масъалаҳои баҳсталаб аз байн рафта, қобилияти эҷодии зеҳнии хонандагон рушд мекунад. Тавассути технологияҳои иттилоотӣ раванди таълимро бакуллӣ тағйир додан мумкин аст. Аз ин рӯ, бояд дар тамоми муассисаҳои таълимӣ методи самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотиро дар рафти машғулиятҳои таълимӣ ба роҳ монанд. Зеро дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми санҷишҳо мушоҳида мешавад, ки на ҳамаи омӯзгорон моҳияти истифодаи ТИК-ро дарк намудаанд. Махсусан, дар раванди таълими фанҳои дақиқ зарурати нишон додани аёниятҳои бештар пеш меояд ва ин мушкилотро танҳо дар ҳолати босамар татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ бартараф намудан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** технологияи иттилоотӣ, салоҳиятнокӣ, раванди таълим, омӯзгор, самаранокӣ, таҷриба, метод, таҷриба, фаъолият.

## МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Статья посвящена изучению методических аспектов использования информационных технологий в образовательном процессе. Из опыта образовательных учреждений развитых стран мира известно, что, для того чтобы достичь новых достижений в науке и техники не обходимо обращаться к новым технологиям во всей образовательной деятельности. Ведь при эффективном применении новых технологий исчезает возможность оценки спорных вопросов, развивается интеллектуальное творчество учащихся. Как мы уже упоминали в начале, образовательный процесс можно полностью изменить с помощью информационных технологий. Поэтому необходимо использовать методику эффективного использования информационных технологий в процессе образовательной деятельности во всех образовательных учреждениях. Ведь во многих случаях при тестировании наблюдается, что не все преподаватели осознали суть использования ИКТ. Особенно, в процессе преподавания точных предметов необходимо проявлять больше видимости и преодолеть эту проблему только в случае эффективного применения информационных технологий.

**Ключевые слова:** информационные технологии, компетентность, образовательный процесс, педагог, эффективность, опыт, метод, опыт, деятельность.

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article is devoted to the study of methodological aspects of the use of information technologies in the educational process. From the experience of educational institutions in the developed countries of the world, it is known that it is necessary to apply new technologies in all educational activities in order to achieve new achievements in science and technology. Because, it is with the effective application of new technologies that controversial issues may disappear, and in the future, the assessment of the intellectual creativity of students develops. As we mentioned above, the educational process can be completely changed with the help of information technology. Therefore, it is necessary to use the methodology for the effective use of information technology in the process of educational activities in all educational institutions. Because in many cases during testing it is observed that not all teachers understood the essence of the use of ICT. In particular, in the process of teaching exact subjects, it is necessary to show greater transparency, and to overcome this problem only in the case of the effective use of information technology.

**Keywords:** information technologies, competence, educational process, teacher, efficiency, experience, method, experience, activity.

**Дар бораи муаллифон**
Саидзода Исроил Маҳмад
Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Ризоев Самариддин Сунъатуллоевич
Муаллими калони кафедраи информатика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 937 38 39 84
E-mail: rizoev-84@mail.ru

Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович
Омӯзгори калони кафедраи информатика-барномасозӣ
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рашт, к. Э. Муҳиддинов, 63
Тел.: (+992) 985 92 92 00
E-mail: ahlidin_5111@mail.ru

**Об авторах**
Саидзода Исроил Махмад
Кандидат технических наук, доцент кафедры информатики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Ризоев Самариддин Сунъатуллоевич
Старший преподаватель кафедры информатики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 937 38 39 84
E-mail: rizoev-84@mail.ru

Саиджахфаров Ахлиддин Илёсович
Старший преподаватель кафедры информатики-программирования
Таджикский педагогический институт в Раштском районе
Республика Таджикистан, р. Рашт, ул. Э. Мухиддинова, 63
Тел.: (+992) 985 92 92 00
E-mail: ahlidin_5111@mail.ru

**About the authors**
Saidzoda Isroil Mahmad
Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
Ph.: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Rizoev Samariddin Sunatulloevich
Senior teacher of informatics department
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
Ph.: (+992) 937 38 39 84
E-mail: rizoev-84@mail.ru

Saidjahfarov Ahliddin Ilyosovich
Senior teacher of the department informatic-programmist
Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht district
Republic of Tajikistan, Rasht, E. Muhiddinov st., 63
Ph.: (+992) 985 92 92 00
E-mail: ahlidin_5111@mail.ru

ТДУ 378.004

# РУШДИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ
**(дар муассисаҳои олии техникӣ)**

***Одилов З. Р.***
*Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии*
*Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд*

Мусаллам аст, ки масъалаи инкишоф ва рушди муносибати босалоҳият ҳангоми таълим ва таҳсил аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла В. И. Байденко, И. А. Зимняя, А. В. Макаров, В. В. Рябов, Ю. Г. Татур, Ю. В. Фролов, А. В. Хуторская ва дигарон ба таври васеъ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо то ҷое маълум аст, мавзуи рушди муносибати босалоҳият дар раванди омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватаниро ҷалб накардааст. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур ин қазия дар мисоли донишҷӯёни соли аввали Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд ба таври алоҳида ва муфассал ҳаллу фасл қарор мегирад.

Бояд таъкид намуд, ки роҷеъ ба масъалаи мазкур, дар Тоҷикистон муҳаққиқ Шарифов И.Ҷ. дар мавзуи “Педагогические условия повышения эффективности преподавания информатики в вузе на основе современных информационных технологий” ҷиҳати рушди муносибати босалоҳияти донишҷӯён бо истифода аз тавсияҳои методӣ ва корҳои лабораторӣ дар дарсҳои амалӣ сатҳи салоҳиятнокии онҳоро санҷида, барои боз ҳам беҳтар намудани дигар қобилиятҳо кӯшиш ба харҷ додааст. Ба назари мо, номбурда барои инкишоф додани муносибати босалоҳият бештар бо истифодаи фанни математика мисолу намунаҳои гуногунро ба кор бурда, дар асоси натиҷаву таҳлилҳои худ, тавсияҳои худро гузоштааст [9].

Роҷеъ ба масъалаи мазкур олимон ва муҳаққиқони рус, аз ҷумла В. И. Байденко, И. А. Зимняя, А. В. Макаров, В. В. Рябов, Ю. Г. Татур, Ю. В. Фролов, А. В. Хуторская дар таҳқиқоти илмии хеш фикру андешаҳои ҷолиб ироа намудаанд. Бинобар ин, аз овардани мисолу намунаҳо аз таҳқиқоти онҳо худдорӣ намуда, зикри китобу рисолаҳои онҳоро дар феҳристи адабиёт лозим шуморидем.

Баррасии адабиёти психологиву педагогӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ, ки ба масъалаҳои ҷорӣ бахшида шудаанд, дар мафҳуми “салоҳияти касбӣ” якчанд равиш ба миён меорад. Масалан, муҳаққиқони хориҷӣ аксар вақт ин мафҳумро “дониши амиқ”, “ҳолати дуруст анҷом додани вазифаҳо”, “қобилияти иҷрои фаъолияти воқеӣ”, “самаранокии амалҳо” баррасӣ мекунанд [4].

Асосҳои назариявии техникаи иттилоотиро гурӯҳи илмҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) ташкил менамоянд, ки онҳоро дар як сатҳ ҳам ба математика ва ҳам ба кибернетика мансуб донистан мумкин аст: назарияи иттилоот, назарияи алгоритмҳо, мантиқи математикӣ ва ғайра [7, с. 186].

Раванди омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ буда, ба таълими он аз 5 то 6 кредит ҷудо карда шудааст. Фанни технологияи иттилоотӣ тибқи нақшаи таълимии ин ихтисос омӯзонида мешавад. Мақсади таълими фанни мазкур дар он аст, яъне салоҳиятҳое, ки ба мудариҷаи ихтисос вобаста мебошад ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Ҳар як ихтисос мундариҷаи таълимии худро дорад ва аз Стандарти ихтисос гирифта мешавад. Бинобар ин фанни технологияи иттилоотӣ аз рӯйи мунтариҷаи ихтисос дарс дода мешавад. Донишҷӯ дар оянда ҳамчун мутахассис аз донишгоҳ ба ҷойи кор меравад ва аз донишҳои андухтаи худ бе ягон маъмоният кор ва фаъолият бурда метавонад. Масалан, ба ихтисоси иқтисодиёт аз рӯйи модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ мазуъҳои фан пешбинӣ карда шудааст:

- муқаддимаи фан ва мафҳумҳои асосӣ;
- таъминоти техникии компютерҳо;
- таъминоти барномавии компютерҳо;

- системаҳои оператсионӣ (CO Windows);
- таҳриргари матнӣ ва графикии Microsoft Word;
- ҷадвалӣ электронии Microsoft Excel;
- истифодаи рӯнамосозҳои (слайдҳои) тасвирӣ барои баромадҳо;
- барномаҳои графикӣ бо рангрезии функсионалӣ;
- таҳияи алгоритмҳо ва татбиқи системаҳои ҳисоб;
- забонҳои (муҳитҳои) барномасозӣ;
- барномаҳои зиддивирусӣ;
- хадамоти интернет.

Дар раванди омӯзиши фан аз тамоми имкониятҳо ва аз он ҷумла васоити техникӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

- тахтаи интерактивӣ;
- проектор;
- компютер;
- наворҳои дарсӣ;
- айёниятҳо;
- қисмҳои компютер ба намуди реалӣ;
- пайвасти шабака ва ғайра.

Яке аз васоити техникӣ ин тахтаи интерактивӣ мебошад, ки дар асри 21 бояд тамоми омӯзгорон аз ин тахтаи интерактивӣ ба таври васеъ истифода баранд. Дар айни ҳол дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд тахтаи интерактивӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Донишҷӯ ҳамон вақт салоҳиятнокии фанро ба худ гирифта метавонад, ки омӯзгор бо усулҳои нав мавзуъҳои ба ваъзи ҳозира таалуқдоштаро истифода бурда тавонад.

Аҳамияти тахтаи интерактивӣ дар он аст, ки дар худ имкониятҳои хело васеъро фароҳам овардааст. Масъалан, вақте ки омӯзгор тахтаи интерактивиро истифода мебарад, аввал барномаи онро дар компютер насб менамояд, баъд аз насб кардани барнома проекторро бо компютер пайваст намуда, ноқили тахтаи интерактивро ҳам ба компютер пайваст кардан лозим аст. Сипас, тахтаи интерактивӣ имконият медихад, ки аз бастаҳои шаблони дар тарафи чап қарордоштаро истифода бурда, имконияти истифодабарандаро васеъ мегардонад[10.,6с]. Яке аз мавзуъҳое, ки дар самти ихтисосҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст, дар мавзуи “Ҳалли матритсаҳо дар барномаи MS Excel” мебошад. Салоҳиятнокии мавзуъро бо якaнд мисолу масъалаҳо таҳлил менамоем.

Бо ёрии ҷадвали электронии MS Excel корҳои зеринро иҷро кардан мумкин аст:

тартиб додан ва коркарди автоматии ҷадвали маълумотҳо;

- ҳисобукитоби мураккаби молиявӣ, иқтисодӣ, муҳандисӣ, математикӣ ва ғайра;
- ҳисоббарориҳои якхела бо маҷмуи калони маълумоти ададӣ;
- автоматикунонии ҳисоббарориҳои ҷамъбастӣ;
- коркарди натиҷаҳои экспериментҳо;
- муайянкунии қимати оптималии параметрҳо;
- ҳалли масъалаҳо бо усули интихоби қимати параметрҳо;
- тайёркунии ҳуҷҷатҳои ҷадвалии гуногун (бланкаҳо);
- дар асоси маълумоти додашуда сохтани графику диаграммаҳо.

Ҷадвалии электронии MS Excel яке аз бастаҳои пакети Microsoft office ба ҳисоб меравад. Ҷадвалии электронии MS Excel дар байни ҷадвалҳои электронии ширкатҳои дигар бартарӣ дорад, зеро ширкати Microsoft онро мудом инкишоф медиҳад. Рӯйхати функсияҳои MS Excel хеле зиёд мебошанд ва онҳо нисбат ба дигар ҷадвалҳои электронӣ муфассалтар коркардшуда мебошанд[6].

Барои ҳал намудани матрисаҳо дар барномаи MS Excel аз категорияи функсияҳо “Ссылки и массивы” ва “Математические” истифода бурда мешавад. Дар категорияи “Математические” функсияҳои МОПРЕД, МУМНОЖ, МОБР мавҷуд аст. Дар категорияи “Ссылки и массивы” функсияи ТРАНСП мавҷуд мебошад. Асосан барои ҳал намудани матрисаҳо функсияҳои МОПРЕД, МУМНОЖ, МОБР истифода карда мешавад [3].

**Вазифаҳои МОПРЕД, МУМНОЖ, МОБР, ТРАНСП**

- функсияи МОПРЕД (массив) барои ҳисоб намудани қимати муайянкунандаи матритса хизмат мекунад;

- функсияи МУМНОЖ(массив1;массив2) барои зарб намудани матритсаҳо хизмат мекунад;

- функсияи МОБР(массив) барои ёфтани матритсаи баръаксӣ хизмат мекунад;

- функсияи ТРАНСП(массив) барои иваз намудани ҷои сатру сутунҳои матритсаи додашуда хизмат мекунад.

Ба ғайр аз функсияи МОПРЕД боқимонда функсияҳои (МОПРЕД, МУМНОЖ, МОБР) бо воситаи пахши якҷояи комбинатсияи тугмаҳои «Ctrl + Shift + Enter» иҷро карда мешавад.




***Расми 1. Натиҷаи функсияҳои додашуда дар барномаи Ms Excel***

Барои ҳал намудани СМАХ-и тартиби 2-ро дар барномаи Ms Excel аз чунин методҳои дар поён овардашуда истифода мебарем:

- бо методи крамер;
- бо методи матрисавӣ.




***Расми 2. Натиҷаи СМАХ-и тартиби ду бо методҳои крамер ва матрисавӣ дар барномаи Ms Excel***

Донишҷӯ барои дуруст дарк намудани мавзуи дарс аз навори мултимедиавие, ки омода карда шудааст, истифода мебарад.

Имрӯзҳо технологияи мултимедиа — ин яке аз самтҳои пешрафти информатикунонии раванди таълим мебошад. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ базаи

моддӣ, инчунин баланд бардоштани дарачаи ихтисоси устодон пешрафти бомувафаккияти татбиқи технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон дар маориф дида мешавад.

Мултимедиа ва гипермедиа-технологияҳо боигариҳои таълимии тавоноро дар худ ҷамъ меоварад, ки онҳо метавонанд муҳити ташаккулро таъмин созанд ва онҳо пеш аз ҳама ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тааллуқ доранд. Технологияи мултимедиа ва телекоммуникатсия муносибати салоҳиятнокии методиро дар системаи умумии таълим боз мекушояд. Технологияҳои мултимедиа имконияти истифодабарии маводҳои таълимиро дар шабакаҳои интернети ва CD - курсҳои интерактивӣ фароҳам меорад [1].

Ҳар як истифодабаранда метавонад маводи мулимедиавиро бо худ гирад ва онро мустақилона дар муҳити барномаи MS Excel иҷро намояд. Ин маводи мултимедиавӣ бо садо, аск ва дигар имкониятро бо худ дорад, ки истифодабаранда бе ягон маъмоният истифода бурда метавонад. Асосан ин маводи мултимедавӣ барои курсҳои аввал омода карда шудааст, ки яке аз роҳҳои содатарин ва фаҳмотарин мебошад. Он масъалаҳои матрисавие, ки ҳамчун дар рӯйи коғазҳо ҳал карда мешуданд, на ҳамаи донишҷӯён фаҳмида метавонанд, барои он ки донишҷӯён аз ҳар гӯшаи канори ҷумҳурӣ ворид мегарданд, таҳкурсӣ надоранд. Хубии ин маводи мултимедиавӣ дар он аст, ки донишҷӯ он мисолу масъалаҳое, ки аз тарафи устод вазифагузорӣ карда мешавад, аз рӯйи ин маводи мултимедавии омодакардашуда вазифаҳои худро бартараф карда метавонад.

Дар мисол яке аз ин навори мултимедавиро, ки ба мавзуи функсияи «МОПРЕД» бахшида шудааст, ҳалли онро дар навор нишон дода шудааст. Дар ин расми зерин порчаи ҳалли масъала дар навор оварда шудааст.




***Расми 3. Навори мултимедиавӣ***

Дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар лабораторияҳо гузаронида мешавад. Агар донишҷӯ мустақилона дар компютер кор карда тавонад, дар оянда дар ҷойи корӣ бе ягон душворӣ кори худро аз рӯйи самти ихтисос ба пеш бурда метавонад. Омӯзгор бояд аз рӯйи стандарти давлатии таҳсилот ба самти ихтисос мавзуъҳоро мувофиқ намуда, дарс гузарад ва ба ҳар як мавзуъ кори мустақилона дода, дониши донишҷӯро баланд бардорад. Дар поён расм аз порча лаҳзаи дарсӣ оварда шудааст.



***Расми 4. Синфхонаи лабораторӣ***

Чӣ тавре ки дар акс ҷараёни таълим оварда шудааст, дар Донишкадаи политехникӣ ҳамаи шароит мусоид аст, ки ба ҳар як донишҷӯ як компютер рост меояд ва донишҷӯ салоҳиятнокии фанро дарк карда метавонад. Агар донишҷӯ аз оғози таълим пурра ба дарс иштирок карда тавонад, дар оянда тавассути салоҳияте, ки аз ин фанни мазкур гирифтааст, бе ягон душворӣ кори худро ба пеш мебарад. Пояи асосии илму техника ин фанни технологияи иттилоотӣ мебошад. Беҳуда нест, ки дар тамоми самт ва ихтисосҳо ин фанни технологияи иттилоотӣ ҳатмӣ омӯзонида мешавад.

Дар раванди дарс таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар донишҷӯ дар дарсҳои назариявӣ 15-20 фоиз мавзуъро аз худ намояд, ҳангоми корҳои амалӣ қариб 80 фоизи мавзуъро аз бар менамояд. Ба ин васила донишҷӯ ба корҳои амалӣ ва истифодабарии компютер бо барномаҳои зарурие, ки ба самти ихтисоси худ лозим аст, ҳавасмандона истифода бурда метавонад[8].

**Супоришот барои иҷроши корҳои мустақилонаи назоратшаванда:**

1. Амалҳои зеринро бо матрисаҳои додашуда иҷро кунед:

1.1. $A+B;\quad A-C+B;\quad C+B-A.$;

1.2. $A+3B;\ 4A-5B,\ C+5A$;

1.3 $A\cdot B; A^2\cdot C;\ B^3+C$;

<u>*Вариантҳо:*</u>

$$A=\begin{pmatrix}1 & 0 & -2\\ 1 & 3 & -1\\ 1 & -2 & 2\end{pmatrix};\ B=\begin{pmatrix}2 & -1 & 0\\ -1 & 2 & 3\\ 1 & -1 & 3\end{pmatrix};\ C=\begin{pmatrix}3 & -1 & 1\\ 0 & 2 & -1\\ 0 & -1 & 2\end{pmatrix};$$

2. СМАХ-и тартиби дуро бо методхои зерин хал намоед:

2.1.бо методи Крамер;

2.2.бо методи матрисави

$$1)\ \begin{cases}3x-5y=13,\\ 2x+7y=81.\end{cases}\quad \{(16,7)\}\quad 2)\ \begin{cases}3x-4y=-6,\\ 3x+4y=18.\end{cases}\quad \{(2,\ 3)\}$$

$$3)\ \begin{cases}3x+y=7,\\ -5x+2y=3.\end{cases}\quad \{(1,\ 4)\}\quad 4)\ \begin{cases}7x+6y=6,\\ 3x+4y=9.\end{cases}\quad \{(-3,\ 4{,}5)\}$$

$$5)\ \begin{cases}5x-5y-4z=-3,\\ x-y-5z=11,\\ 4x-3y-6z=-9.\end{cases}\quad \{(0;-1;\ 2)\}\quad 6)\ \begin{cases}x-4y-2z=0,\\ 3x-5y-6z=-21,\\ 3x+y+z=-4;\end{cases}\quad \{(-2;-3;5)\}$$

Барои санҷидани дониши донишҷӯ ҳар рӯз дарси пурсишу машваратӣ (ДПМ) дар соатҳои аввал гузаронида мешавад ва қобилияти азхудкунии фан аз ҷониби донишҷӯён санҷида мешавад. Мутобиқи натиҷаи санҷиш ба донишҷӯён аз 0 то 10 хол ҳамчун натиҷаи

санҷиши ҷорӣ гузошта мешавад. Инчунин дар дарси якум барномаи таълимӣ (силлабус) ва супориш барои кори мустақилонаи назоратшаванда КМН (нусхаҳои чопӣ ё дар файли формати PDF) барои нусхабардорӣ ба донишҷӯён дода мешавад, ки донишҷӯ аллакай медонад, ки дар мавзуи дарси оянда чиро меомӯзад. Тақсимоти вариантҳо аз рӯйи супоришот гузаронида мешавад. Донишҷӯ баъди гирифтани супориши КМН вариантҳои худро мустақилона дар компютер иҷро менамояд. Дар дарси рӯзи дувум донишҷӯ натиҷаи КМН-и рӯзи якум иҷронамудаашро дар назди омӯзгор ҳимоя менамояд. Ба ғайр аз дида баромадани кори мустақилонаи назоратшаванда ҳамчунин азхудшавии дарсҳои рӯзи гузашта санҷида мешавад. Аз рӯйи натиҷаи санҷиш ва дида баромадани қисми КМН ба донишҷӯ балҳои санҷиши ҷорӣ гузошта мешавад.

Донишҷӯ бояд дар соатҳои машғулияти машваратӣ (ММ) иштирок намояд, инчунин ӯ метавонад бо саволҳои худ ба омӯзгор мурочиат кунад, зеро машғулияти машваритӣ маҳз барои дуруст дарк кардан ва мустаҳкмкунии мавзуи гузашта пешбинӣ шудааст.

Иҷрои чунин кори мустақилона метавонад донишҷӯро ҷиҳати сайқал додани салоҳиятҳои умумикасбӣ мусоидат кунад.

Аз руйи низомномаи кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар шакли баҳогузории ҳуруфӣ бо истифода аз ҳарфҳои A (A, A-), B (B+, B, B), C (C+, C, C-), D (D, D-) ва F (Fx, F) ифода карда мешавад.

Донишҷӯ дар ду марҳила соҳиби балл шуда метавонад. Донишҷӯ имкогӯнияти аз устоди дарсдиҳанда 50 балл ва аз маркази тестӣ 50 балл гирифтанро дорад ва дар умум донишҷӯ соҳиби 100 балл мегардад. Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ аз рӯйи эквиваленти ададии он муайян карда мешавад.

Дар поён таҳлилҳо ва натиҷаҳо дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С Осимӣ гузаронида шуд [5].

Дар ҷадвали 1 натиҷаи имтиҳони марҳилаи 1 ва 2, ҳамчунин корҳои мустақилонаи назоратшавандаи 1 ва 2 оварда шудааст.

***Ҷадвали 1. Натиҷаи имтиҳони марҳилаи 1, 2 ва корҳои мустақилонаи назоратшаванда (КМН)-и 1 ва 2***

| **Номгӯйи корҳои назоратӣ** | **Баллҳо** | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **10** | **9** | **8** | **7** | **6** | **5** | **4** | **3** | **2** | **1** | **0** |
| Натиҷаи имтиҳони марҳилаи 1 | 1 | 0 | 1 | 2 | 3 | 3 | 6 | 6 | 0 | 0 | 1 |
| Натиҷаи имтиҳони марҳилаи 2 | 2 | 3 | 4 | 4 | 2 | 2 | 2 | 4 | 0 | 0 | 0 |
| КМН 1 | 1 | 4 | 1 | 1 | 6 | 1 | 3 | 5 | 0 | 0 | 1 |
| КМН 2 | 2 | 3 | 4 | 5 | 2 | 1 | 3 | 2 | 0 | 0 | 1 |




***Расми 5. Натиҷаи балли ниҳоии устод бо воситаи диаграмма***




***Расми 6. Натиҷаи балли ниҳоии маркази тестӣ ба воситаи диаграмма***




***Расми 7. Натиҷаи шумораи баҳо бо ҳарф дар диаграмма***

Аз таҳлилҳо ба чунин хулсаҳо омадан мумкин аст, ки донишҷӯ дар кадом ҳолат дарсро аз худ карда метавонад, агар ҳар як омӯзгор мавзуи дарсиро таҳлил кунад, дар амал исбот ва татбиқ намояд, донишҷӯ дарсро хуб дарк карда метавонад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқу омӯзиши роҳҳои нави муносибати босалоҳият дар таълим бармеояд, ки аз ҷониби ҳар омӯзгор мавзуи дарсӣ тавре бояд таълим дода шавад, ки донишҷӯён донишҳои азхудкардаи худро фаромӯш насозанд. Аз мулоҳизаи таҳлилу омӯзиши натиҷаҳои ниҳоии донишҷӯён равшан гардид, ки онҳо бештар ба омӯзиш ва супоридани имтиҳон таваҷҷуҳ намуда, дар натиҷа рушди муносибати босалоҳият аз доираи диққати онҳо дур мондааст. Аз ин лизоҳ, роҳҳои навро бояд ҷустуҷӯ намуд, ки мавзуи дарсӣ ба вазъи ҳозира мувофиқат намояд. Ҳамзамон, омӯзгорони фанни технологияи иттилооти бояд аз рӯйи самти ихтисос дарси худро ба роҳ гузошта, бештар ба рушди муносибати босалоҳият нисбат ба фанни хеш кӯшиш ба харҷ диҳанд.

## *Адабиёт*


1. *Джаджа В.П. Мультимедийные технологии обучения: Учебное пособие. – Самара: СФ ГБОУ ВПО МГПУ, 2013. – 98 с.*
2. *Жук О.Л., Сиренко С. Н. Педагогика. Практикум на основе компетентностного подхода: Учебное пособие для преподавателей, аспирантов и студентов высших учебных заведений / Под общей редакцией О.Л. Жук. – Мн.:РИВШ, 2007. – 169 с.*
3. *Никифоров, С. Н. Информатика для I курса. Ч. I: учеб. пособие по выполнению лабораторных работ по курсу «Информатика» / С. Н. Никифоров; СПбГАСУ. – СПб., 2011. – 100 с.*

4. *Нугмонов М, Раҳимов А.А., Одилов З.Р. Асосҳои назариявии муносибати босалоҳият аз технологияи иттилоотии муассисаи таҳсилоти олии техникӣ дар шароити низоми кредитии таълим / М. Нугмонов, А.А. Раҳимов, З.Р. Одилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISS 2074-1847). – Душанбе, 2022. - № 7. - С. 244-252.*
5. *Одилов З.Р. Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд [Манбаи электронӣ]. – URL: http://isu.dpdtt.tj/source/teacher/index.php?function=teachers_report&polugodie=2&dis_id=5207&id_grup=7854&kredit=2&k=1&stat=0&god=2022 (санаи муроҷиат: 23.05.23).*
6. *Одилов З.Р. Технологияи информатсионӣ: Дастури методӣ / З.Р. Одилов. - Хуҷанд: ДПДТТХ, 2019. – 185 с.*
7. *Одилов З.Р. Рушди технологияи иттилооти дар раванди таълим // Конференсияи 2-юми илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Идораи сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: ДПДТТХ, 2021. – 298 с.*
8. *Сафаров М.С., Бобохонова З.И. Рушди салоҳиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (ISSN: 2222-9809). – Душанбе. – 2021. – С. 155-160.*
9. *Шарифов И. Ч. Педагогические условия повышения эффективности преподавания информатики в вузе на основе современных информационных технологий: Автореф. Курган-Тюбе, 2009. – 23 с.*
10. *Галимова Э.Г., Маклаков А.С., Музафаров И.Г. Использование интерактивной доски Interwrite dualboard в учебном процессе: Метод. рекомендации для учителей. - Казань: ПМЦ ПК и ППРО КФУ, 2013. – 32 с.*

## РУШДИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ (дар муассисаҳои олии техникӣ)

Дар мақола рушди муносибати босалоҳият дар раванди омӯзиши технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои олии техникӣ мавриди муҳокима баррасӣ карда шудааст. Барои такмил додани дониш, маҳорат ва малакаи муайян яке аз роҳҳое мавҷуд аст, ки ин ҷорӣ намудани муносибатҳои босалоҳият дар таълим мебошад. Дар мақола оид ба истифодабарии васоити таълим ва чӣ тавр таълим додани фанни мазкур, ки ба вазъи ҳозира истифода бурда мешавад, гуфта шудааст. Инчунин, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим имконияти роҳҳои нави омӯзишро фароҳам меорад. Ҳар як ихтисос тибқи нақшаи таълимии фан омӯзонида мешавад. Мақсади таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар он аст, яъне салоҳиятҳое, ки ба мудариҷаи ихтисос вобаста мебошад ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Ҳар як ихтисос мундариҷаи таълимии худро дорад ва аз Стандарти ихтисос гирифта шуда, омӯзонида мешвад.Бинобар ин дар мавзуи "Ҳалли матритсаҳо дар барномаи MS Excel" бо нишондоди усулҳои таълимии истифодашаванда, ҷиҳати ташаккул додани салоҳиятҳои донишҷӯ муфассал баён карда шудааст. Дар мақолаи мазкур донишҷӯе, ки салоҳиятҳои фанро хуб дарк намудааст ва дар охир санҷиши имтиҳонот гирифта шуда, таҳлил ва натиҷаҳо муайян гашт, ки муносибати босалоҳият нақши калиди дорад.

**Калидвожаҳо:** муносибати босалоҳият, салоҳиятнокӣ, стандарти фан, технологияи иттилоотӣ, барномаи таълим, функсияҳои математикӣ, мултимедиа, васоити таълим ва натиҷаи имтиҳонот.

## РАЗВИТИЕ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОХОДА В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ (в высших технических вузах)

В статье рассматривается формирование компетентностного подхода в процессе обучения информационным технологиям в технических вузах. Одним из способов совершенствования определенных знаний, навыков и умений является внедрение компетентностных установок в образование. В статье речь идет об использовании образовательных средств и преподавание этого предмета, что применимо к текущей ситуации. Также внедрение компетентностного подхода в образовании дает возможность внедрения новых способов обучения. Каждая специальность преподается в соответствии с учебным планом предмета. Цель обучения предмету информационных технологий состоит в обучении студентов компетенциям, связанных со специализацией. Каждая специальность имеет свое образовательное содержание и изучается из Стандарта специальности, что подробно изложено в теме «Решение матриц в программ MS Excel» с указанием методов обучения, используемых для развития компетенций студента. Студенту, хорошо разбирающемуся в

компетенциях предмета, концу изучения предмета становится понятно, что компетентное отношение играет ключевую роль.

**Ключевые слова:** компетентный подход, компетентность, предметный стандарт, информационные технологии, учебная программа, математические функции, мультимедиа, учебные носители и результаты экзаменов.

## DEVELOPMENT OF A COMPETENCE APPROACH IN THE PROCESS OF STUDYING INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE CONDITIONS OF THE CREDIT SYSTEM OF EDUCATION (in higher technical universities)

The article deals with the formation of the competence approach in the process of teaching information technology in technical universities. One of the ways to improve certain knowledge, skills and abilities is the introduction of competence-based attitudes in education. The article deals with the use of educational tools and teaching this subject, which is applicable to the current situation. Also, the introduction of the competency-based approach in education provides an opportunity to introduce new ways of learning. Each specialty is taught in accordance with the curriculum of the subject. The purpose of teaching the subject of information technology is to teach students competencies related to the specialty. Each specialty has its own educational content and is studied from the Standard of the specialty, which is detailed in the topic "Solution of matrices in MS Excel programs" with the indication of teaching methods used to develop the student's competencies. The student who is well versed in the competencies of the subject, at the end of the study of the subject becomes clear that the competent attitude plays a key role.

**Keywords:** competency approach, competence, subject standard, information technology, curriculum, mathematical functions, multimedia, learning media and exam results.

**Дар бораи муаллиф**
Одилов Зуҳриддин Раҳимҷонович
Омӯзгори калони кафедраи математикаи олӣ ва физика, факултети информатика ва энергетика
Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. И. Сомонӣ, 226
Тел.: (+992) 92 879 91 62
E-mail: zzuhriddin.87@mail.ru

**Об авторе**
Одилов Зухриддин Рахимджонович
Старший преподаватель кафедры высшей математики и физики, факультет информатики и энергетики
Политехнический институт ТТУ имени ак. М.С. Осими в г.Худжанде
735700, Республика Таджикистан г. Худжанд, пр. И. Сомонӣ, 226
Тел.: (+992) 92 879 91 62
E-mail: zzuhriddin.87@mail.ru

**About the author**
Odilov Zukhriddin Rakhimdzhonovich
Senior Lecturer of the Department of Higher Mathematics and Physics, Faculty of Informatics and Energy
Polytechnic Institute of TTU named after academician M.S. Osimi in Khujand
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Ave., 226
Ph.: (+992) 92 879 91 62
E-mail: zzuhriddin.87@mail.ru

ТДУ 378.1:004

# ОИД БА ИСТИФОДАИ БАРНОМАИ MAPLE ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Гуломнабиев С. Г.***
*Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

Дар вақтҳои охир дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон марҳилаи гузариш ба сатҳи нави рушду инкишоф бо раванде вобаста аст, ки он дар умум бо номи раванди информатикунонӣ вирди забонҳо гаштааст. Ба тарви мухтасар ин вожаро чунин метавон шарҳ дод: Информатикунонӣ раванди системавӣ буда, ворид кардани дастовардҳои илми компютерӣ ва технологияҳои нави иттилоотиро ба ин ё он фаъолияти амалишудаистода дар назар дорад, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани самаранокии кор мебошад. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин раванд ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ,- ҳаёти илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ хос аст. Метавон гуфт, ки дар солҳои охир, сатҳи рушди ҳамаи соҳаҳо аз ин раванд вобастагии калон дорад. Бинобар ин насли ояндаро мебояд, ки дар бораи равандҳои иттилоотӣ ҳар чи бештару бештар донишҳои заруриро ба даст оранд ва қодир бошанд, ки онҳоро дар амал татбиқ карда тавонанд [1, с. 14].

Дар низоми таълим низ истифодаи технологияҳои компютерӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад. Дар ин низом, асосан, дар ҷодаи татбиқи технологияҳои нав, нақши устодони илми математика ва илмҳои компютерӣ дар ҳаёти насли оянда калон аст.

Яке аз роҳҳои назарраси татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳои математика, ин истифодаи системаҳои математикаи компютерӣ дар раванди дарс мебошад. Маҳз, талаботи рузафзуни соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба бастаҳои барномавии универсалӣ ва махсус, ки барои ҳалли масъалаҳои гуногуни амалӣ заруранд, боиси пайдо шудани маҳсулотҳои барномавии гуногун, аз он ҷумла, системаҳои математикаи компютерӣ дар бозор гардид. Дар бозори системаҳои муосири математикӣ ҳоло як қатор ширкатҳои калон ба монанди Macsyma, Inc., Waterloo Maple Software, Inc., Wolfram Research, Inc., MathWorks, Inc., MathSoft, Inc., Sciface GmbH ва гайра мавҷуданд, ки ба таҳия ва такмили системаҳои муосири математикӣ ба монанди MATLAB, Mathcad, Maple, Mathematica, Macsyma, MuPAD, S-PLUS машғул мебошанд [13].

Ин системаҳои муосири математикӣ дар марҳилаи кунунӣ ба «маҳсулот»-и хеле мукаммал ва ҳамзамон универсалӣ табдил ёфтаанд, ки тавассути онҳо масъалаҳои гуногуни математикиро ҳал кардан мумкин аст. Аз он ҷумла истифодаи ин системаҳо дар тадриси қисмҳои математика дар муассисаҳои таълимӣ аз аҳамият холӣ нест [5].

Дар мақола оид ба истифодаи яке аз ин системаҳо дар раванди дарс сухан меравад. Ин барномаи Maple буда, маҳсулоти ширкати Waterloo Maple Software мебошад. Аксар вақт Maple-ро системаи ҳисобкунии рамзӣ е системаи алгебраи компютерӣ низ меноманд. Maple имкон медиҳад, ки ҳисобҳои рақамӣ, ҳисобҳои алгебравии рамзӣ дар ҳамҷоягӣ бо таҳрири матн дар як варақаи корӣ иҷро карда шаванд. Аз тарафи дигар, Maple таҳриргари графикии хеле тавоно ба ҳисоб меравад. Инчунин, Maple дорои забони барномарезии махсуси худ буда, имконият фароҳам меорад, ки илова ба функсияҳои бисери стандартии сохташуда функсияҳои нав ба осонӣ сохта шаванд. Инро тавассути протседураҳо ва модулҳо амалӣ кардан мумкин аст [6].

Боис ба тазаккур аст, ки интерфейси сода, қоидаҳои оддии кор бо фармонҳо, функсияҳои бисёри стандартӣ ва имкониятҳои васеи сохтани фармонҳои нав тавассути протседураҳо мусоидат карданд, ки Maple дар байни истифодабарандаҳо маъруфият пайдо кунад ва пайваста мавриди истифода қарор гирад.

Дар мақола асосан имконияти тавассути протседураҳои оддитарин васеъ кардани имкониятҳои истифодабарии ин барнома нишон дода шудааст. Протседура зербарномаест, ки аз фармонҳо ва ифодаҳои Maple иборат аст. Дар асл, протседураро низ фармони Maple ҳисобидан мумкин аст. Фарқият фақат дар он аст, ки вай аз ҷониби истифодабаранда сохта мешавад [4].

Намунаи оддитарини протседура ин оператори функсионалӣ мебошад. Онро аз байни ифодаҳое, ки дар тарафи чапи саҳифаи кории барнома, ки дар расми 1 нишон дода шудааст, ба осонӣ интихоб кардан мумкин аст. Синтаксиси оператори функсионалӣ, чи хеле ки аз расм намоён аст, чунин аст:

$$f := a -> y, f := (a, b) -> z$$

Расми 1. Саҳифаи кории барнома
Рисунок 1. Рабочий дист программы
Figure 1. Working dist of the program




Бо истифода аз оператори функсионалӣ, метавон ба осонӣ функсияҳои як тағйирёбанда

$$f(x): \mathrm{R} \to \mathrm{R}, f := x -> x\hat{}3 + 2 * x;$$

ду тағйирёбанда

$$g(x, y): R^2 \to R, g := (x, y) -> x\hat{}3 + 2 * y;$$

инчунин функсияҳои вектории як тағйирёбанда

$$u(x): \mathrm{R} \to \mathrm{R}^2, u := x -> (3 * x, 3 * x\hat{}4 - 1);$$

функсияҳои вектории ду тағйирёбанда

$$v(x, y): R^2 \to R^2, v := (x, y) -> (y + x, y - x);$$

-ро муайян кард.

Функсияҳои дар боло овардашударо бо чунин тарз, бо истифода аз протседура низ муайян кардан мумкин аст.

$$f := proc\ (x)\ options\ operator, arrow;\ x\hat{}3 + 2 * x\ end\ proc$$
$$g := proc\ (x, y)\ options\ operator, arrow;\ x^3 + 2 * y\ end\ proc$$
$$u := proc\ (x)\ options\ operator, arrow;\ 3 * x, 3 * x\hat{}4 - 1\ end\ proc$$
$$v := proc\ (x, y)\ options\ operator, arrow;\ y + x, y - x\ end\ proc$$

Пас аз муайян кардани функсия бо чунин тарз, бо ӯ ҳамаи амалиётҳое, ки нисбати функсия иҷро кардан маъно дорад, амалӣ кардан мумкин аст.

Масалан, қимати функсияҳои муайяншударо дар ягон нуқта бевосита тавассути ҳуруфчиини фармонҳои зерин ёфтан мумкин аст:

$$f(4);\ 72$$
$$g(4, 2);\ 68$$
$$[u(5)];\ [15, 1874]$$
$$[v(5, 6)];\ [11, 1]$$

Ҳосила ва ҳосилаҳои хусусии функсияҳои мазкурро ба тариқи зайл ёфтан мумкин аст.

$$diff(f(x), x);\ 3\,x^2 + 2$$
$$diff(g(x, y), x);\ 3\,x^2$$
$$diff([u(x)], x);\ [3, 12x^3]$$
$$diff([v(x, y)], x);\ [1, -1]$$

Бо ёрии оператори функсионалӣ функсияҳои дар интервалҳои гуногун бо формулаҳои гуногун додашударо низ ба осонӣ сохтан мумкин аст:

$$p := x -> if\ x < 0\ then\ 1 + x^{\wedge}3;\ else\ 1 - x^{\wedge}3;\ end\ if;$$

Ин оператор функсияи

$$p(x) = \begin{cases} 1 + x^3, x < 0, \\ 1 - x^3\ x \geq 0. \end{cases}$$

-ро муайян мекунад. Барои ёфтани қимати функсия, масалан, кифоя аст, ки ифодаҳои $p(-2), p(-1), p(3), p(4)$-ро ҳуруфчинӣ намоем. Дар натиҷа ҳосил мекунем: $-7, 0, -26, -63$.

Функсияи

$$w = \begin{cases} -x^2, x \leq -1, \\ x^2, -1 < x < 3, \\ -x + 4, x \geq 3, \end{cases}$$

-ро тавассути протседура муайян мекунем [4]

$$w := proc(x)\ if\ x \leq -1\ then\ -x^{\wedge}2;\ elif\ -1 < x\ and\ x < 3\ then\ x^{\wedge}2;\ else\ -x + 4;\ end\ if;\ end\ proc$$

```
w := proc(x)
    if x <  − 1 then
        − x^2
    elif  − 1 < x and x < 3 then
       x^2
    else
        − x + 4
    end if
end proc
```

Барои сохтани графики ин функсия дар фосилаи (-5, 6) кифоя аст, ки фармони $plot(w, -5..6)$-ро иҷро намоем.

Расми 2. Графики функсия
Рисунок 2. График функции
Figure 2. Graph of the function




Расми 2

Ба воситаи оператори функсионалӣ аз ифодаи математикӣ ва тағирёбандаҳои дар он истифодашаванда оператори функсионалиро сохтан мумкин аст. Масалан, агар ифодаи $2 * x^2 + x$ дода шуда бошад, он гоҳ тавассути фармонҳои зерин

$$p := 2 * x^2 + x;\ f := unapply(p, x);$$

функсияи

$$f := proc\ (x)\ options\ operator, arrow;\ 2 * x^{\wedge}2 + x\ end\ proc$$

яъне функсияи $f := x -> 2 * x^{\wedge}2 + x$-ро ҳосил мекунем. Тавассути фармони $diff(f(x), x)$ ҳосилаи функсия ва тавассути фармони $eval(diff(f(x), x), x = 4)$ қимати $f'(4)$ -ро меёбем.

$$diff(f(x), x);\ 4x + 1$$

$$eval(diff(f(x), x), x = 4);\ 17$$

Синтаксиси нисбатан пурраи протседура чунин аст [4]

$proc_{name} := proc\ (parameterSequence :: type) :: returnType;$

$local\ localSequence;$
$global\ globalSequence;$
$option\ optionSequence;$
$description\ descriptionSequence;$
$uses\ usesSequence;$
$statementSequence;$
$end\ proc$

$parameterSequence$ - пайдарпайии параметрҳои формалӣ мебошад. Барои ҳар як параметрҳои формалӣ бо ёрии оператори нуқтаи дукарата :: навъи он эълон карда мешавад. Барои параметрҳо инчунин қимати онро таъин кардан мумкин аст.

$returnType$ навъи қимати баргардандаи протседураро ифода карда, параметри ғайриҳатмӣ мебошад.

$local$ - калимаи хидматӣ мебошад, ки барои тавсифи пайдарпайии тағйирёбандаҳои локалӣ истифода мешавад. Тағирёбандаҳои локалӣ тағирёбандаҳое мебошанд, ки танҳо дар дохили протседура мавриди истифода карор мегиранд.

$global$ –калимаи хидматӣ буда, барои тавсифи пайдарпаии тағирёбандаҳои глобалӣ хизмат мекунад. Тағирёбандаҳои глобалӣ тағйирёбандаҳое мебошанд, ки локалӣ нестанд, аммо дар дохили протседура низ истифода мешаванд. Барои тағйирёбандаҳои глобалӣ навъи онро дар дохили протседура муайян кардан мумкин нест.

$option$ —калимаи хидматӣ барои тавсифи пайдарпайии опсияҳои протседура истифода мешавад. Ба сифати опсия калимаҳои махсус, ба мисли operator (оператор) ва ғайра истифода мешаванд,

$description$ - калимаи хидматӣ буда, пас аз он шарҳҳои тайинот, вазифаҳои протседура ва амалиёти он навишта мешаванд.

Якчанд фармонҳоро бо овардани мисолҳои мушаххаси татбиқи онҳо, дар алоҳидагӣ, дида мебароем, ки минбаъд барои сохтани протседура лозим ҳастанд.

Фармони $Divisors$ ҳамаи тақсимкунандаҳои мусбати ададро ёфта, дар шакли маҷмуъ пешниҳод мекунад. Масалан:

$Divisors(100);\ \{1,2,4,5,10,20,25,50,100\}$

$$Divisors(960);\ \{1,2,3,4,5,6,8,10,12,15,16,20,24,30,32,40,48,60,$$
$$64,80,96,120,160,192,240,320,480,960\}$$
$$Divisors(256);\ \{1,2,4,8,16,32,64,128,256\}$$

Фармони $ifactor$ адади додашударо ба зарбкунандаҳои сода ҷудо карда бармегардонад. Масалан:

$$ifactor(700);\ 7 * 2\text{^}2 * 5\text{^}2$$
$$ifactor(460);\ (2)^2\ (5)\ (23)$$
$$ifactor(340);\ (2)^2\ (5)\ (17)$$

Фармони $iquo(m,n)$ ҳосили тақсим (қисми бутун)-и адади m ба n -ро ҳисоб карда, бармегардонад: Масалан:

$$iquo(23,4);\ 5$$
$$iquo(60,7);\ 8$$
$$iquo(43,4);\ 10$$

Фармони $iquo(m,n)$ бақияи тақсими адади m ба n -ро ҳисоб карда, бармегардонад: Яъне агар $m = n * q + r, r < n$ бошад, он гоҳ

$$q = iquo(m,n), r = irem(m,n);$$
$$irem(23,4);\ 3$$
$$irem(230,41);\ 25$$
$$irem(123,5);\ 3$$

Фармони $nops(u)$ миқдори элементҳои ифодаи $u$ -ро бармегардонад.

$$nops([1,4,9]);\ 3$$
$$nops([1,4,9,10]);\ 4$$
$$nops([1,4,9,10,8,19]);\ 6$$

Фармони $op(k, u)$ элементи $k$ -уми ифодаи (маҷмуи) $u$ – ро бармегардонад.

$$op(3, [1, 4, 9, 10]);\ 9$$
$$op(5, [1, 4, 7, 6, 9, 10, 8]);\ 9$$
$$op(6, [1, 4, 9, 10, a, b]);\ b$$

Фармони $isprime$ адади сода будан ё набудани ададро муайян мекунад.

$$isprime(1);\ false$$
$$isprime(2);\ true$$
$$isprime(17);\ true$$

Фармони $igcd(m, n)$ калонтарин тақсимкунандаи умумии ададҳои $m$ ва $n$ ро ёфта бармегардонад. Масалан:

$$igcd(630, 420);\ 210$$
$$igcd(63, 42);\ 21$$
$$igcd(3630, 3420);\ 30$$

Барои ёфтани хурдтарин каратнокии умумӣ фармон ё функсияи $ilcm(m, n)$ пешбинӣ шудааст.

ilcm(90, 60); 180

Буриши ду маҷмуъ, яъне элементҳои умумии ду маҷмуъро тавассути фармони $intersect$ ёфтан мумкин аст.

$$\{1, 2, 3, 4\}\ intersect\ \{3, 4, 5, 6\};\ \{3, 4\}$$

Функсияҳои max ва min мувофиқан элементҳои калонтарин ва хурдтарини маҷмуъҳоро ёфта бармегардонанд.

$$max([1, 2, 3, 4, 5, 20]);\ 20$$
$$min([1, 2, 3, 4, 5, 20]);\ 1$$

Бо истифода аз фармонҳои муоинашуда якчанд протседураҳоро тартиб медиҳем.

Протседураи зерин ($maximin$) ададҳои максималӣ ва минималии маҷмуро муайян мекунад. Дар он фармонҳои $nops(t)$ ва операторҳои $for\ i$ ва $if$ истифода шудаанд.

$$maximin := proc(s :: list(integer))local\ max, min, i; max := s[1];\ to\ nops(s)\ do\ if max < s[i]\ then\ max := s[i];\ end\ if;\ n := s[1];\ if\ s[i] < min\ then\ min := s[i];\ end\ if;\ end\ do;\ max, min;\ end\ proc$$

```
maximin := proc(s::(list(integer)))
    local max, min, i;
    max := s[1];
    for i to nops(s) do
        if max < s[i] then max := s[i] end if;
        min := s[1];
        if s[i] < min then min := s[i] end if
    end do;
    max, min
end proc
```

Натиҷаи протседура чунин аст:

$$maximin([-1, 2, 3, 4, -5]);\ 4, -5$$
$$maximin([-10, 20, 73, 14, 78]);\ 78, -10$$

Фаҳмост, ки максимум ва минимуми маҷмуъҳоро тавассути фармонҳои боло низ ёфтан мумкин аст.

$$max([-1, 2, 3, 4, -5]);\ 4$$
$$max([-10, 20, 73, 14, -51, 78]);\ 78$$
$$min([-1, 2, 3, 4, -5]);\ -5$$
$$min([-10, 20, 73, 14, -51, 78]);\ -51$$

Протседураи зерин ҳамаи ададҳои содаро дар фосилаи додашуда муайян карда, миқдор ва рӯйхати онҳоро мебарорад [14]

```
ADADISODDA := proc(a, b :: integer)local MIKDOR, SODDA, n;
MIKDOR := 0; SODDA := [   ]; for n from a to b do if isprime(n)then
 MIKDOR := MIKDOR + 1; SODDA := [op(SODDA), n]; end if;
 end do; MIKDOR, SODDA; end proc;
```

```
ADADISODDA := proc(a, b::integer)
    local MIKDOR, SODDA, n;
    MIKDOR := 0;
    SODDA := [ ];
    for n from a to b do
        if isprime(n) then MIKDOR := MIKDOR + 1; SODDA := [op(SODDA), n] end if
    end do;
    MIKDOR, SODDA
end proc
```

Якчанд натиҷаҳои протседураро дида мебароем.

$$ADADISODDA(10, 36);\ 7, [11, 13, 17, 19, 23, 29, 31]$$

$$\text{ADADISODDA}(10, 30);\ 6, [11, 13, 17, 19, 23, 29]$$

$$\text{ADADISODDA}(30, 60);\ 7, [31, 37, 41, 43, 47, 53, 59]$$

Натиҷаи якум онро мефаҳмонад, ки дар байни ададҳои 10 ва 36, 7 то адади сода мавҷуд буда, ин ададҳо $11, 13, 17, 19, 23, 29, 31$ мебошанд.

Акнун ду роҳи истифодаи протседура дар ёфтани калонтарин тақсимкунандаи умумии ду ададро дида мебароем. Хотиррасон мекунем, ки калонтарин тақсимкунандаи умумии ду адад, ин калонтарин ададе мебошад, ки ададҳои додашуда ба он бе бақия тақсим мешаванд. Чи хеле, ки дар боло қайд кардем, дар барнома фармони махсуси сохташуда мавҷуд аст, ки дар ҳолати истифода кардани он калонтарин тақсимкунандаи умумии ду адад ба зудӣ ефта мешавад. Ин фармони $igcd(m, n)$ мебошад [2]

Маълум аст, ки барои ёфтани калонтарин тақсимкунандаи умумии ду адади m ва n аз алгоритми зерин истифода бурдан мумкин аст.

-Маҷмуи таксимкунадаҳои адади m - ро ёфта, бо ҳарфи A ишора мекунем;

-Маҷмуи таксимкунадаҳои адади n - ро ёфта, бо ҳарфи B ишора мекунем;

-Буриши ин маҷмуъҳоро ёфта, бо ҳарфи C ишора мекунем;

-Элементи калонтарини маҷмуи C-ро меёбем.

Дар асоси ин алгоритм протседураро тартиб медиҳем [2]

```
KTU := proc(m :: integer, n :: integer)
 local A :: list, B :: list, C :: list, F :: list, R :: integer;
          with(NumberTheory); A := Divisors(m); B := Divisors(n);
              C := A intersect B; R := max(C) ; A, B, C, R; end proc;
```

```
KTU := proc(m::integer, n::integer)
    local A::list, B::list, C::list, F::list, R::integer;
    with(NumberTheory);
    A := NumberTheory:-Divisors(m);
    B := NumberTheory:-Divisors(n);
    C := A intersect B;
    R := max(C);
    A, B, C, R
end proc
```

Натиҷаи протседура

$$A, B, C, R := KTU(630, 420);\ A;\ B;\ C;\ R;$$

$\text{A} = \{1, 2, 3, 5, 6, 7, 9, 10, 14, 15, 18, 21, 30, 35, 42, 45, 63, 70, 90, 105, 126, 210, 315, 630\}$

$\text{B} = \{1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 10, 12, 14, 15, 20, 21, 28, 30, 35, 42, 60, 70, 84, 105, 140, 210, 420\}$

$\text{C} = \{1, 2, 3, 5, 6, 7, 10, 14, 15, 21, 30, 35, 42, 70, 105, 210\}$

$R = 210$

Протседура маҷмуъҳои A, B, C ва калонтарин тақсимкунандаи умумии ададҳои 630 ва 420 -ро муайян кард. Ҳамин тариқ КТУ $(630, 420) = 210$ аст.

Калонтарин тақсимкунандаи умумии ададҳои бутунро бо истифода аз алгоритми Евклид низ ёфтан мумкин аст. Алгоритми Евклид ба тасдиқоти зерин асос ёфтааст.[2]

Барои ду адади дилхоҳи натуралии m ва n (m>n) баробарии КТУ$(m, n) =$ КТУ$(m - n, n)$ дуруст аст.

Бигзор m ва n ададҳои бутун бошанд, ки ба нол баробар нестанд ва пайдарпаии ададҳои $r_1, r_2, r_3, r_4 \dots r_k$

$$m > n > r_1 > r_2 > r_3 > r_4 > \cdots > r_k$$

чунин сохта шудааст, ки ҳар як адади $r_i$ – и навбатӣ бақия аз тақсими адади пешоянд $r_{i-2}$ ба адади пешояндаш $r_{i-1}$ мебошад, яъне

$$m = nq_0 + r_1, n = r_1q_1 + r_2, r_1 \dots = r_2q_2 + r_3, \dots r_{n-1} \dots = r_nq_n$$

Он гоҳ калонтарин тақсимкунандаи умумӣ КТУ(m,n), ба охирин узви ғайринолии ин пайдарпайӣ баробар аст. Дар асоси ин алгоритм протседураро тартиб медиҳем [14].

$$KTU := proc(m, n)\ local\ q, r1, r2, r, s;\ r1 := m;\ r2 := n;\ while\ r2 <> 0\ do\ q := iquo(r1, r2);\ r := irem(r1, r2);\ s := cat(convert(r1, string), "=", convert(q, string));\ s := cat(s, "*", convert(r2, string), "+", convert(r, string));\ printf("\%s\backslash n", s);\ r1 := r2;\ r2 := r;\ end\ do;\ return\ r1;\ end\ proc$$

```
KTU := proc(m, n)
    local q, r1, r2, r, s;
    r1 := m;
    r2 := n;
    while r2 <> 0 do
        q := iquo(r1, r2);
        r := irem(r1, r2);
        s := cat(convert(r1, string), "=", convert(q, string));
        s := cat(s, "*", convert(r2, string), "+", convert(r, string));
        printf("%s\n", s);
        r1 := r2;
        r2 := r
    end do;
    return r1
end proc
```

Натиҷаи протседура

$KTU(630, 420);$

$630 = 1 * 420 + 210$

$420 = 2 * 210 + 0$

$210$

$KTU(6380, 420);$

$6380 = 15 * 420 + 80$

$420 = 5 * 80 + 20$

$80 = 4 * 20 + 0$

$20$

Қайд мекунем, ки барномаи Мепл, махсусан, қисми протседураҳои онро барои тартиб додани вариантҳои корҳои контролӣ, ки супоришҳои онҳо аз ҷиҳати мазмун якхела буда, бо ҷавобҳояшон фарқ мекунанд, мавриди истифода қарор додан ба мақсад мувофиқ аст. Дар илми тестология чунин вариантҳоро вариантҳои паралелл меноманд. Масалан, дар мисоли функсияи дутағйирёбанда ёфтани қимати функсия ва ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду дар ягон нуқтаи дода шударо, дида мебароем [15].

$$f := proc\ (x,y)\ options\ operator, arrow;\ x\text{^}2 * y\text{^}3 + x\text{^}3 + y\text{^}2\ end\ proc$$

$F0 := proc(x,y)\ f(x,y);\ end\ proc;$
$F1 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),x);\ end\ proc;$
$F2 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),y);\ end\ proc;$
$F3 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),x,x);\ end\ proc;$
$F4 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),x,y);\ end\ proc;$
$F5 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),y,x);\ end\ proc;$
$F6 := proc(x,y)\ diff(f(x,y),y,y);\ end\ proc;$

$$a := -1, b := -1$$

$F0(x,y);\ eval(F0(x,y),[x = a, y = b]);$

$$x^2\ y^3 + x^3 + y^2\ -1$$

$F1(x,y);\ eval(F1(x,y),[x = a, y = b]);$

$$2xy^3 + 3\,x^2\ 5$$

$F2(x,y);\ eval(F2(x,y),[x = a, y = b]);$

$$3x^2y^2 + 2y\ 1$$

$F3(x,y);\ eval(F3(x,y),[x = a, y = b]);$

$$2y^3 + 6x\ -8$$

$F4(x,y);\ eval(F4(x,y),[x = a, y = b]);$

$$6xy^2\ -6$$

$F5(x,y);\ eval(F5(x,y),[x = a, y = b]);$

$$6xy^2\ -6$$

$F6(x,y);\ eval(F6(x,y),[x = a, y = b]);$

$$6xy^2\ + 2, -4$$

Дар сатри якум тавассути протседура функсияи

$$f(x,y) = x^2\ y^3 + x^3 + y^2$$

ворид карда шудааст. Сатрҳои 2-8 барои ёфтани ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва тартиби ду

$$\frac{\partial f}{\partial x}, \frac{\partial f}{\partial y}, \frac{\partial^2 f}{\partial x^2}, \frac{\partial^2 f}{\partial x \partial y}, \frac{\partial^2 f}{\partial y \partial x}, \frac{\partial^2 f}{\partial y^2}$$

хизмат мекунанд [3] Дар сатри дигар ба тағйирёбандаҳои $a$ ва $b$ тавассути оператори бахшиш ($:=$) ададҳои -1 ва -1 бахшида шудаанд.

Сатрҳои минбаъда муроҷиат ба протседураҳои болоӣ мебошанд, ки дар натиҷа ҳосилаҳои хусусӣ ва қимати ададии онҳо дар нуқтаи додашуда ёфта шуда, дар як сатр навишта мешаванд. Барои тартиб додани варианти дигар кифоя аст, ки функсияи навро ворид намуда, тавассути оператори бахшиш ($:=$) қиматҳои $a$ ва $b$ -ро иваз намоем. Барои ёфтани ҷавобҳои варианти нав танҳо як амал, тугмачаи  -ро пахш кардан кифоя аст.

Ҳамин тариқ, аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки истифодаи барномаи Maple дар раванди таълим аз аҳамият холӣ нест. Барномаҳои муосири компютерии математикӣ имкон медиҳанд, ки таълими математика дар донишгоҳ бо назардошти он ки донишҷӯён ба компютер майлу хоҳиши зиёд доранд, баланд бардошта шавад.

### *Адабиёт*


1. *Аладьев В.З., Бойко В.К., Ровба Е.А. Программирование в пакетах Maple и Mathematica: Сравнительный аспект. - Беларусь: Гродно: Изд-во Гродненского университета, 2011. - 517 с.*
2. *Банникова Т.М., Баранова Н.А. Основы теории чисел: учебно-методическое пособие. - Ижевск, 2009. - 95 с.*
3. *Бугров, Я.С. Высшая математика в 3 т. Т.1 в 2 книгах. Дифференциальное и интегральное исчисление: Учебник для академического бакалавриата / Я.С. Бугров, С. М. Никольский. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 501 с.*
4. *Говорухин, В.Компьютер в математическом исследовании: Maple, MATLAB, LaTeX / В.Говорухин, В.Цибулин. – Питер, 2001. – 633 с.*

5. *Гуломнабиев, С. Г. Исследование устойчивости решений систем линейных дифференциальных уравнений с помощью программы Maple. / С. Г. Гуломнабиев // Вестник Таджикского национального университета, серия естественных наук. – 2021. – №2– С. 41-52.*
6. *Гуломнабиев, С. Г. Оид ба тасвири графикии ҳалли муодилаҳои дифференсиалии оддӣ ба воситаи барномаи Maple / С. Г. Гуломнабиев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ. – 2022.– №2 (12) – С. 75-84.*
7. *Гуломнабиев, С. Г. О разрешимости одной системы линейных дифференциальных уравнений в пространстве ограниченных на всей оси функций. Международный научно-исследовательский журнал. – 2020. – № 6-1 (96). – С. 18-22.*
8. *Гуломнабиев, С. Г. О решениях однородной системы линейных дифференциальных уравнений в пространствах суммируемых функций / С. Г. Гуломнабиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2019.– № 2. – С. 91-95.*
9. *Дьяконов В.П. Maple 6. Учебный курс. – Питер, 2001. – 608 с.*
10. *Дьяконов В. Maple 10/11/12/13/14 в математических расчетах. – М.: ДМК Пресс, 2011. – 800 с.*
11. *Дьяконов В. П..Энциклопедия компьютерной алгебры.—М.: ДМК-Пресс, 2009. – 1264 с.*
12. *Савотченко С. Е., Кузьмичева Т.Г. Методы решения математических задач в Maple: Учебное пособие – Белгород: Изд. Белаудит, 2001. – 116 с.*
13. *Таранчук, В. Б. Основные функции систем компьютерной алгебры : пособие для студентов фак. прикладной математики и информатики / В. Б. Таранчук. – Минск: БГУ, 2013. – 59 с.*
14. *Халидова О.Х., Оленев А.А. Применение СКА Maple на примере изучения основ «Теории чисел» // Международный студенческий научный вестник. – 2018. – № 6.*
15. *Шипачев, В.С. Высшая математика. Базовый курс: Учебное пособие для бакалавров / В.С. Шипачев; Под ред. А.Н. Тихонов. - М.: Юрайт, 2013. - 447 с.*

## ОИД БА ИСТИФОДАИ БАРНОМАИ MAPLE ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Яке аз роҳҳои назарраси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳои математика ин истифодаи системаҳои математикаи компютерӣ мебошад. Ин системаҳои муосири математикӣ дар марҳилаи кунунӣ ба системаҳои хеле мукаммал ва ҳамзамон универсалӣ табдил ёфтаанд, ки тавассути онҳо масъалаҳои гуногуни математикиро ҳал кардан мумкин аст. Аз он ҷумла истифодаи ин системаҳо дар тадриси қисмҳои математика дар муассисаҳои таълимӣ аз аҳамият холӣ нест. Дар мақола оид ба истифодаи яке аз ин системаҳо дар раванди дарс сухан меравад. Ин барномаи Maple буда, имкон медиҳад, ки ҳисобҳои рақамӣ, ҳисобҳои алгебравии рамзӣ дар ҳамҷоягӣ бо таҳрири матн дар як варақаи корӣ иҷро карда шаванд. Инчунин, Maple дорои забони барномарезии махсуси худ буда, имконият фароҳам меорад, ки илова ба функсияҳои бисери стандартии сохташуда функсияҳои нав ба осонӣ сохта шаванд. Инро тавассути протседураҳо амалӣ кардан мумкин аст. Дар мақола асосан имконияти тавассути протседураҳои оддитарин васеъ кардани имкониятҳои истифодабарии ин барнома нишон дода шудааст. Сараввал оид ба намунаи оддитарини протседура - оператори функсионалӣ маълумот оварда шуда аст. Сипас як қатор фармонҳои Maple бо мисолҳои мушаххас дида баромада шуда, дар асоси онҳо протседураҳои одитарин тартиб дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** системаи математикаи компютерӣ, Maple, фармони Maple, оператори функсионалӣ, саҳифаи корӣ, системаи ҳисобкунии рамзӣ, системаи алгебраи компютерӣ.

## ОБ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ПРОГРАММЫ MAPLE В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Одним из наиболее значимых способов использования информационных технологий на уроках математики является использование систем компьютерной математики. Эти современные математические системы на современном этапе стали очень полными и в то же время универсальными системами, с помощью которых можно решать различные математические задачи. В том числе использование этих систем при обучении математике в учебных заведениях имеет немаловажное значение. В статье рассматривается использование одной из таких систем в учебном процессе. Это программа Maple, которая позволяет выполнять числовые, символьные алгебраические вычисления наряду с редактированием текста на одном рабочем листе. Также в Maple есть свой специальный язык программирования, позволяющий легко создавать новые функции в дополнение к множеству стандартных встроенных функций. Это можно сделать с помощью процедур. В статье в основном показана возможность расширения возможностей использования данной программы за счет простейших процедур. Сначала дается информация о простейшем примере процедуры - функциональном операторе. Затем разбирается ряд команд Maple с конкретными примерами и на их основе составляются простейшие процедуры.

**Ключевые слова:** система компьютерной математики, Maple, команда Maple, функциональный оператор, рабочий лист, система символьных вычислений, система компьютерной алгебры.

## ABOUT USING OF THE MAPLE PROGRAM IN THE EDUCATIONAL PROCESS

One of the most significant ways of applying information technology in mathematics classes is the using of computer mathematics systems. These modern mathematical systems at the present stage have become very complete and at the same time universal, with which you can solve various mathematical issues. Including the using of these systems in math teaching in educational institutions have big influences. In the article considered the use of one of these systems in the educational process. This is a Maple program that allows you to perform numerical, symbolic algebraic calculations along with text editing on the same worksheet. Maple also has its own special programme language that makes it easy to create new functions in addition to the many standard built-in functions. This can be done with procedures. In the article mentioned the possibility of expanding the possibilities of using this program through the simplest procedures. First, information is given about the simplest example of a procedure - a functional statement. Then a number of Maple commands analyzed with specific examples and the simplest procedures are compiled on their basis.

**Keywords:** The system of Computer mathematics, Maple, Maple command, functional operator, worksheet, symbolic calculation system, computer algebra system.

**Дар бораи муаллиф**
Ғуломнабиев Сардор Ғуломайдарович
Номзади илмҳои физика ва математика,
дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва физика
Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи
М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
х. И. Сомонӣ, 226
Тел.: (+992) 93 847 90 40
E-mail: sardor1967@list.ru

**Об авторе**
Гуломнабиев Сардор Гуломайдарович
Кандидат физико-математических наук,
доцент кафедры высшей математики и физики
Политехнический институт ТТУ имени ак.
М.С. Осими в г.Худжанде
735700, Республика Таджикистан г. Худжанд,
пр. И. Сомонӣ, 226
Тел.: (+992) 93 847 90 40
E-mail: sardor1967@list.ru

**About the author**
Sardor Gulomnadarovich Gulomnabiev
Candidate of Physical and Mathematical
Sciences, Associate Professor of the Department
of Higher Mathematics and Physics
Polytechnic Institute of TTU named after
academician M.S. Osimi in Khujand
735700, Republic of Tajikistan, Khujand,
I. Somoni Ave., 226
Ph.: (+992) 93 847 90 40
E-mail: sardor1967@list.ru

ТДУ 37.04

# НАЗАРЕ БА ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲИ “ПРОТСЕНТ” ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИКӢ

***Маҳкамов М., Ҷабаров М. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Махфӣ нест, ки аксарияти мутлақи истилоҳоти илмӣ дар забони ҳозираи тоҷикӣ тавассути тарҷума ё қабули бевоситаи худи калимаҳои забонҳои дигар арзи вуҷуд намудаанд. Аммо, мутаассифона, бахри дарки амиқи маънои аслии онҳо на ҳамеша мутаваҷҷеҳ мегардем. Ин бошад, баъзан, боиси паҳншавии истилоҳҳое мегардад, ки онҳо моҳияти мафҳуми муоинашавандаро инъикос карда наметавонанд.

Тазаккури он ҷоиз аст, ки чунин мавридҳо қариб дар ҳамаи забонҳои мардуми ҷаҳон дучор омаданашон аз эҳтимолият дур нест. Ин дар натиҷаи истилоҳи ба шахсе маъқулшудаи аҷнабие, ки мафҳуми авваларо инъикос карда наметавонад, ба вуқуъ меояд. Бо вуҷуди ин мафҳумҳои илмиро танҳо бо калимаҳои ба забони хос мансуб буда ифодакунӣ имконнопазир аст. Аз ин ҷост, ки онҳоро ё бо калимаҳои аҷнабӣ ва ё тарҷумавии таҳтуллафзӣ ифода месозанд. Дар ин маврид, одатан, мекӯшанд, ки онҳо маънои аслии мафҳумро ҳадди имкон ифода карда тавонанд. Дар акси ҳол истилоҳҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо бо мафҳуми зарурӣ робитае надоранд.

Истилоҳи байни мардуми тоҷикзабон басо паҳншудаи “фоиз” аз қабили онҳост. Хотирнишон менамоем, ки, аз он фақат тоҷикзабонони муқими Иттифоқи пешинаи шӯравӣ истифода мекарданд. Вале, мо қатъиян ин ҷо баён карданием, ки истилоҳи мазкур мафҳуми математикии “протсент”-ро ҳеҷ гоҳ инъикос карда наметавонад.

Тафовути асосии ҳар дуи ин истилоҳотро дар чӣ бояд дид?

Барои ба ин суол ҷавоб гуфтан, аввало, ба таърихи зуҳуроту паҳнгардидаи истилоҳи “протсент” таваққуф намуда, баъдан, ба тавсифи истилоҳи “фоиз” таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст.

Воқеан, истилоҳи аввала аз ду калимаи мустақили лотинии “про” (pro) ва “сентум” (centim) таркиб ёфтааст ва бо мурури замон ҳамҷоя гардидаанд. Тарҷумаи таҳтуллафзии онҳо мувофиқан “дар” ва “сад” мешавад. Ҳоло дар баъзе мамолики олам (масалан, дар ҷумҳуриҳои ҳамҷавори Эрону Афғонистон) маҳз аз ҳамин калима ва, баъзан, аз ибораҳои “фи сад” ва “фийсад” истифода мекунанд. Дар солҳои охир бошад расонаҳои хабарии Ҷумҳуриямон низ ибораи “дар сад”-ро ба кор бурда истодаанд.

Дар қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо «Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №458 ва аз 30 июни соли 2021, № 268» [6] тасдиқ шудаанд «-шумораҳои миқдорӣ аз калимаи дарсад: 100 дарсад, 50 дарсад, даҳ дарсад, бист дар сад ва ғайра (саҳ. 17)» қабул шудааст.

Дар луғати С. Айнӣ [13] (Нашриёти «Ирфон», 1976, 480 саҳ. дар саҳ. 417) фоиз чунин шарҳ дода шудааст: 1. некӣ бисёрдиҳанда, баракатдиҳанда. 2. нисбати ададҳо дар сад.

Дар ҷиди дуюми Ғиёс-ул-луғот [4] дар саҳифаи 95 чунин омадааст: ба маънои расанда ва раҳойӣ ва фирӯзиёбанда («аз мунтахабот») ё дар шакли файздиҳанда омадааст.

Дар мамолики арабзабони ҳозираи дунё низ аз тарҷумаи таҳтуллафзии “протсент”, яъне “ҷузъӯн фи алмиъяти”-ро қабул кардаанд. Вале дар қатори ин истилоҳҳои “рабъӯн”, ва “миаъвиятӯн” ва “фоъидатӯн” дар истифодаанд [12, с. 168]. Онҳо ба забони тоҷикӣ мувофиқан бо ибораю калимаҳои “қисми садӣ”, “даромад” ва “фоида” ифода хоҳанд шуд.

Пас, арабзабонони ҷаҳони имрӯза ба ивази истилоҳи ягонаи лотинии “протсент” аз истилоҳҳои мухталиф истифода мекардаанд. Чунин рафтор танҳо ба арабзабонон хос набуда, балки халқҳои дигар ҳам ба ҳамин гуна ҷода қадам задаанд. Чунин равияро мо, масалан, дар мамолики форсизабон ҳам мушоҳида карда метавонем.

Чашмандозӣ ба китобҳои дарсии математикаи баъзе давлатҳо ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар онҳо фақат аз истилоҳҳое истифода мекунанд, ки ба забонашон “фоида”–ро ифода

месозад. Ба онҳо Россияи подшоҳӣ низ мутааллиқ буд. Метавон бовар кард, ки дар асри XIX мардуми мамлакатҳои дигар низ аз он васеъ истифода мекарданд. Вале мо аз расонаҳои Русия мехонем, ки тасдиқоти боло дуруст аст: "Зери мафҳуми протсент он подошдиҳиро дар назар доранд, ки барои истифодаи маблағи қарзи ба муҳлати муайяне гирифташуда медиҳанд" [2, с. 364].

Дуруст аст, ки баъзан соҳаҳои дигари татбиқи протсент низ номбар мешуданд. Чунончӣ, дар поварақи яке аз китобҳои дарсии арифметикаи онвақтаи Русия, ҷумлаи зерин сабт гардидааст: "Бояд гуфт, ки калимаи "протсент" бо маънои васеъ нафақат ба ҳисоби пуле, ки дар гардиш бошад, балки ба ҳамаи муддати якхела афзоянда ё камшаванда, масалан, тағйирёбии нуфузи аҳолӣ, хушкидани намак ё рехтани май, афзоиши ҳосилнокии замини корам ва амсоли инҳо низ истифода мешавад" [1, с. 302]. Пас, методистони соҳаи таълими математикаи ҳамонасраи Русия ҳанӯз ба ин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда буданд.

Мавриди қайд аст, ки дар аксарияти мутлақи нашри онвақтаи Русия мавзуи протсентро фақат ба воситаи масъалаҳои мундариҷаашон тиҷоратӣ баён мекарданд. Тарзи таълими он бошад танҳо тавассути "қоидаи сегона" амалӣ мегардид. Пасомади чунин амалиётро дар китобҳои дарсии ҳозира ҳам мушоҳида метавон намуд.

Ёдоварии онро низ ба маврид ҳисобидан равост, ки аз истилоҳи "протсент" баъдтар ҳам нафақат мардуми Русияи подшоҳӣ, балки давлатҳои қитъаҳои Аврупою Амрико ва қисман Африқову Осиё низ истифода мекарданд. Ба замми ин қисматҳои садии пулиашон бо калимаи "сент" ифода меёбад. Ғайри ин дар ченакҳои байналхалқии имрӯзаи дарозӣ (сантиметр), ҳаҷм (сентлитр), вазн (сентнер), воҳиди элоктроғунҷоиш (микрофарад $9 \cdot 10^5$ см) ва ғайра низ, асосан, қисматҳои садӣ ё ҳазории воҳидҳои мазкур инъикос гардидаанд. Алалхусус воҳидҳои садии пули бисёр ҷаҳони имрӯза "сент" номида шудаанд.

Воқеан, як қисмати садии доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Гонконг, инчунин гулдени Нидерландҳо, рупияи Бирма, Сейлон, Индонезия, тангаҳои қисмати садии пулҳои Австралия, Зелландияи Нав, шри-Ланка, Кения, Либерия, Сомалӣ, Танзания, Уганда ва Ҳабашистон низ бо истилоҳи "сент" номбар шудаанд. Садяки пулҳои Эрону Ироқро гарчанд бо ин калима номбар накунанд ҳам, маҳз аз дар сад буданашонро ба эътибор мегиранд.

Аз эҳтимол дур нест, ки Кумитаи истилоҳотии ҷумҳурии мо маҳз аз ҳамин сабабҳо калимаи лотинии "протсент"-ро ба сифати истилоҳи математикӣ шинохта, дар луғатҳои махсуси ба забони тоҷикӣ аввал бо ҳуруфоти лотинӣ (соли 1940) ва баъдан бо ҳуруфоти криллӣ (солҳои 1960 ва 1986) интишорёфта ирсол гардонида буд. Дар китобҳои дарсии математикаи мактабӣ ҳам аз истилоҳи мазкур истифода мекарданд. Аммо дар даҳсолаҳои охир ба ҷои он истифодакунии калимаи "фоиз" ба чашм мерасад. Дар расонаҳои хабарии тоҷикӣ бошад фақат аз ҳамин истилоҳ истифода мекунанд.

Аз ин ҷост, ки ба тафовути куллии маъноҳои луғавии истилоҳи "фоиз" таваққуф намуданро зарур медонем.

Пеш аз ҳама ба "Ғиёс-ул-луғот" назар меафканем. Он ҷо калимаи мазкур бо ду навишт муаррифӣ гардидааст, ки яке бо ҳарфи "зот" ва дигаре бо ҳарфи "зе" сабт ёфтааст. Дар мавриди аввала он бо ибораи "файздиҳанда" ва дар мавриди дигар тавассути калимаҳои "расанда", "раҳои" ва "фирӯзёбанда" тавсиф ёфтааст [16]. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" [16, с. 438] барои мавриди якум чунин тафсиротро мебинем:

1. Аз зарф ё чизи дигар берун резанда, саршор, лабрез, фаровон, бисёр, вофир.

Имшаб шароби васл аст бар ому хос <u>фоиз</u>,<br>
Аз баҳри он ки моҳат бар равзан аст имшаб. (Шамси Табрезӣ)

2. <u>Файзбахш</u>, <u>эҳсоскунанда</u>.

Қодир ба ҳукм бар ҳама кас осмонсифат,<br>
<u>Фоиз</u> ба ҷуд бар ҳама халқ офтобвор. (Анварӣ)

3. <u>Файзёб</u>, <u>фоидабар</u>.

… Ба мулоқоти аҳбоб <u>фоиз</u> ва баҳраманд шуданд. ("Равзат-ус-сафо")

Дар мавридҳои баъдӣ бошад ба навиштаҷоти зайл дучор меоем:

“Фоиз”: 1. Расанда, комёбшаванда, муваффақшаванда, ноилшаванда; фоиз шудан (ё гаштан), муваффақ шудан, комёб шудан, ноил гардидан.

Инсон бо ... иҷтиҳод ба ин мартаба фоиз шуд. (Аҳмади Дониш)

Бар тибқи ваъда боз дар Пишовар ба хидмати саркори фарангӣ фоиз шудам.

(Аҳмади Дониш)

2. Раҳоиёфта, растагор, халосиёбанда.

Мақоми чаҳорум аҳли фавз бувад, ки эшонро фоизон хонанд. (Ахлоқи Носирӣ”)

Илова ин хотирнишон мекунем, ки калимаи арабии “фавз” (бо “зот”) дар луғатҳои муосир (аз он ҷумла 23 низ) бо калимаҳои “ғалаба”, “фирузӣ”, “нусрат”, “раҳоӣ”, “наҷот” ва “халосӣ” мутобиқ гузошта шудааст. Аз ин ҷост, ки бо калимаи “фоиз” робитае доштааст.

Дар гуфтаи зикргардидаи ба Аҳмади Дониш мансуб калимаи “иҷтиҳод” ба маънои “кӯшиш”, “сайъ” ва “ҷидду ҷаҳд” омаданашро гӯшрас намудан низ аз аҳамият холӣ набояд бошад.

Акнун агар ба сари мақсад оему ба маъноҳои луғавии калимаи “фоиз” дар навишти ҳозираи он ба забони тоҷикӣ (истифодаи ҳар ду ҳарфи “з” бо як маъно) мутаваҷҷеҳ гардем, дарк хоҳем намуд, ки бо истилоҳи ибтидоии юнонии “протсент” ва тарҷумаи аслии он (“дар сад”) алоқамандие надоштааст.

Модоме чунин аст, пас чаро аксарияти мутлақи тоҷикзабонони Ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли ҳозираи Осиёи Миёна фақат аз истилоҳи “фоиз” истифода мекунанд?

Барои ба ин суол ҷавоб гуфтан аввало ба муодилоти дигари ҳамон калимаи “протсент” ҷалб намудани диққати хонандагони гиромии ин мақолаамонро зарур медонем.

Алҳақ, чунонки дар боло сухан рафт, дар қатори тафсироти калимаи мазкур, мо бо калимаҳои “суд”, “баҳра”, “рабъ”, “фаръ” ва “танзил” низ дучор меоем.

Қобили зикр аст, ки агар калимаи “танзил” даромади пули ба қарз додашударо ифода намояд [16, II, с. 322], “фаръ”-маҷозан чизи аз асл рӯяндаро ифода мекардааст [16, с. 421]. Калимаи “рабъ”, ки “манзил”, “сарой”, “маҳалла” ва “кӯй”–ро ифода мекунад [16, II, с. 110], бо истилоҳи “протсент” робитае надоштанаш равшан аст.

Аз муқоисаи ҳамаи ин шаҳру маънои “фоиз” бармеояд, ки онро бо калимаи ягонаи “суд” ифода метавон намуд. Маҳз аз ҳамин сабаб бояд бошад, ки устоди сухансанҷон Садриддин Айнӣ маҳз онро интихоб намуда, асари хешро “марги Судхӯр” номида буд.

Акнун агар сабаби асосии дар ибтидои барпошавии ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ ирсолёбии истилоҳи “фоиз”–ро донистанӣ шавем, он гоҳ метавон пиндошт, ки барои иҷрои нақшаҳои ҳукумати навини онвақта сафарбаркунии мардуми мо интихоби истилоҳи инъикоскунандаи мафҳумҳои “ҷидду ҷаҳд”, “саъю кӯшиш” ва ҳатто “лабрезшавӣ”, инчунин “ғалаба”, “комёбӣ”, “фирӯзӣ” ва амсоли инҳо мувофиқ дониста шуда бошад.

Оре, иҷрои нақшаҳои пешбинишудаи ғунучини маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, роҳсозӣ ва сохтмон, саноат ва амсоли инҳо мебоист ҳамеша аз назардошт афзунтар бошад. Аз ин лиҳоз саршору лабрезӣ, фаровонию файзбору вофирӣ инъикоскунандаи он мақсад мешуд. Пас, чаро калимаи “фоиз”-ро ба ивази “протсент” қабул накунанд? Охир паёмадҳои ташкили кор ба ин иқдом ёрӣ мерасонанд.

Вале онҳое, ки ба ақидаи боло бовар доштанд, онро ба назар нагирифтаанд, ки ҳисоби протсентӣ натанҳо ба бурду бохти иқтисодӣ, балки барои муқарраркунии таркиби фулузоту моеъҳои гуногун, муддати таҷзияи атоми моддаҳои радиоактивӣ ва ғайра низ истифода мешавад. Чунин амалиётро тавассути калимаи “фоиз” ифода наметавон кард. Пас, дар илму фан ва инчунин дар раванди ҳалли баъзе масъалаҳои ҳаётӣ низ танҳо аз истилоҳи “протсент” истифода намудан лозим меояд.

Саволе ба миён меояд, ки агар аз истилоҳи “протсент” (ё “фоиз”) умуман даст кашида, танҳо истилоҳи “дар сад” (ё “фи сад” ва ё “фийсад”) –ро ба кор барем, он гоҳ масъала ҳалли худро меёбад ё не? Дар чунин маврид истилоҳи илмии ҳозира ва мавзуи махсуси таълими “Протсенти мураккаб” ё “Протсенти сода”–ро мебоист бо ибораҳои “дар сади мураккаб” ва “дар сади сода” ифода намоем. Ин бошад қобили қабул нахоҳад буд.

Оид ба ибораҳои “фоизи мураккаб” ё “фоизи сода” ҳоҷати сухан ҳам нест.

Пас, чӣ бояд кард? Кадоме аз истилоҳҳои номбурда баҳри истифода дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва илму фан замона мувофиқати пурра дорад? Бар замми ин, қабули кадом истилоҳ баҳри дарки амиқи мафҳуми илмии математикӣ ёрии бевосита расонида метавонад? Дар ниҳоят, кадоме аз онҳо баҳри шарҳи рамзи ҳоло дар тамоми ҷаҳон қабулшудаи "протсент" имконият фароҳам меорад?

Ин саволҳо ҷавоби қатъӣ металабанд. Он бояд ба замонҳои қотеъ такя кунад. Аз ин лиҳоз мо фақат талаботи дар "Сарсухан" овардашударо нисбати интихоби истилоҳоти илмӣ хотиррасон намуда, бори дигар ба тафсироти истилоҳҳои "протсент" ва "фоиз" муроҷиат кардани хонандаи гиромиро пурсон гардида, умедворӣ изҳор менамоем, ки бартарии "протсент" назар ба "фоиз" битамом ошкор хоҳад гашт.

Мо ин ҷо танҳо ба саволи охирин ҷавоби асоснок доданро раво медонем. Барои ин аз таърихи пайдоиши рамзи ҳозираи «%» чанд сухан гуфтан кофист.

Баъди қабули истилоҳи "протсент" дар Аврупои Ғарбӣ, азбаски ба мухтасарнависии иборaҳои математикӣ шурӯъ намуда буданд, онро ибтидоан бо калимаи лотинии Итолияви шудаи "cento" ва сонитар бо ҳарфи аввалаю дутои охираш, яъне бо рамзи "cto" тасвир карда буданд. Вале, бо ин маҳдуд нашуда, баъд ҳарфҳои "c" ва "o"–ро бо хатчаи амуди "те"–и лотинӣ (t) монанде аз ҳамдигар ҷудо карда навиштаанд. Дар натиҷа рамзи математикии $^{c}/_{o}$ пайдо гардида буд. Аз он муддате истифода намуданд. Вале боре ҳуруфчини итолиявӣ ҳангоми китобаткунии дастнависи математикие, ки дар он рамзи мазкур истифода шуда будааст, ҳарфи "c"–ро "o" пиндоштааст. Айни ҳол ҳангоми ҳурфчиниаш як нӯги симча шикастааст. Ӯ дигареро наёфта, он симчаро моил гузошта будааст. Тавассути ин фаъолияти ҳурфчин рамзи ҳозираи % пайдо шудааст.

Аввал он ҳуруфчинро сарзаниш кардаанду аммо баъди ба гурӯҳе аз математикон маъқул шудани чунин рамз, ки дуто "o"-и садро дар бар мегирад ва хатчаи моил бо рақами як шабоҳат дорад, ба ӯ аҳсан гуфтанд. Ҳамин тариқ, математикони ҷаҳон рамзи мазкурро пазируфтаанд.

Чунин ҳикоятҳо, ба фикри мо, барои дар хотир нақш бастани маънои аслии истилоҳи "протсент", инчунин сабаби пайдоиши рамзи ҳозираи он ёрӣ хоҳанд расонд.

Пас, истилоҳи "протсент" ба ҳама гуна талабот нисбати дарки амиқи мафҳумҳои математикӣ, яъне ягона будани истилоҳ, мухтасарии ифода (чи лафзӣ ва чи рамзӣ) ва тафсири он мувофиқати пурра доштааст. Аз ин ҷост, ки мо фақат аз он истифода мекунем.

Сабаби аз истилоҳи "фоиз" даст кашиданамон бошад ба хонандаи гиромии мо тафсироти қайдгардида ёрӣ дода метавонад.

Лозим ба зикр аст, ки аз он даст кашидани мардуми тоҷикзабон (алалхусус ашхоси калонсол) басо мушкил хоҳад буд, зеро "тарки одат амри маҳол аст" гуфтаанд.

Чӣ илоҷ? Фақат дар расонаҳои хабарии тоҷикӣ муддати тӯлонӣ истифодабарии истилоҳи "протсент" барои тарки "фоиз" замина тайёр хоҳад кард. Мо ба ин боварии комил дорем. Охир, масалан, дар Эрону Афғонистони ҳозира аз истилоҳи "фоиз" ба сифати мафҳуми математикӣ битамом даст кашидаанд.

Дар бораи истилоҳи "дар сад" бошад қайди он ҷоиз аст, ки он моҳияти мафҳуми "протсент"-ро пурра ифода менамояд. Аммо баҳри шарҳи пайдоиши рамзи математикии он хизмат карда наметавонад. Бинобар ин дар таълими математика чӣ дар мактаби миёна ва чӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ ва илмию тадқиқотӣ танҳо аз истилоҳи "протсент" истифода намудан беҳтар мебуд.

Ҳамин тариқ, истилоҳи "протсент" назар ба истилоҳҳои дигари он бартарӣ доштанашро ошкор намудем. Ин пешниҳододи Конфронси XIX кулли байналхалқӣ оид ба маорифи халқ зери роҳбарияти ЮНЕСКО (Ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид доир ба маориф, илм ва фарҳанг) бо ҳамкории (Бюрои Байналхалқӣ оид ба маориф), ки дар Женева моҳи июли соли 1956 баргузор гардида буд [8], низ мувофиқати пурра дорад.

Воқеан, чашмандозӣ ба сатрҳои зерини он пешниҳодот ба вазоратҳои маорифи халқии мамолики олам гуфтаҳои моро тасдиқ карда метавонанд: "Муҳим аст, ки давраҳои асосии таърихи мафҳумҳо ва назарияҳои математикии омӯхташавандаро нишон диҳем. ... Зарур аст, ки тафаккури математикӣ баҳри болобардории дақиқият, возеҳият ва мухтасарияти забон истифода гардад" [9, с. 20].

## *Адабиёт*


1. *Березанская Е.С. Методика арифметики. Для учителей средней школы. Издание 5-е. Переработанное. – М., 1955. – 544 с.*
2. *Березанская Е.С. Сборник задач и упражнений по арифметике. Для 5-6 классов. – М., 1960.*
3. *Ғиёс-ул-Луғот. Ҷилди 1. Алиф-шин. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.*
4. *Ғиёс-ул-Луғот. Ҷилди 2. Сод-Ё. - Душанбе, 1987. - 416 с.*
5. *Қодиров Н. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 6-ум. - Душанбе: Матбуот, 2013. - 240 с.*
6. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268, ш.Душанбе "Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ".*
7. *Математика в понятиях, определениях и терминах. Часть 2. /О.В.Мантуров, Ю.К.Солнцев, Ю.И.Сорокн, Н.Г.Федин; Под редакцией Л.В.Сабинина. – М.: Просвещение, 1982. - 351 с.*
8. *Математическое просвещение, №1. – М., 1957.*
9. *Муҳаммадиев Ҳ, Сироҷиддинов И. Луғати русӣ-тоҷикии терминҳои математика. - Душанбе: Маориф, 1986. - 160 с.*
10. *Осимӣ Қ.У., Маҳкамов М., Икромова С. Протсент дар амиқомӯзии математикаи мактабӣ. –Душанбе: ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев, 2002. - 60 с.*
11. *Русско-Таджикский словарь. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири аъзо-корреспонденти АФ СССР М.С. Осимӣ. – М.: Русский язык, 1985. - 1280 с.*
12. *Русско-арабский словарь по естественно-научным дисциплинам. - М., 1982. – 246 с.*
13. *Садриддин Айнӣ. Ҷилди 12. – Душанбе: Ирфон, 1979. - 770 с.*
14. *Самойлик Г.А. История математики на уроках. Проценты // Математика. - 2002 - № 36 - С. 3.*
15. *Словарь иностранных слов. – М., 1979.*
16. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). /Дар зери таҳрири А.Ш.Шукуров, В.А.Капронов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ. Ҷ. II, П-Ҷ. –М.: Нашриёти «Советская энсиклопедия», 1969. - 952 с.*
17. *Энциклопедический словарь юного математика. /Сост. А.П.Савин. –М.: Педагогика. 1989. - 352 с.*


## НАЗАРЕ БА ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲИ "ПРОТСЕНТ" ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИКӢ


Ҳадаф аз мақолаи мазкур шарҳи мафҳуми «протсент» дар забони ҳозираи тоҷик мебошад. Аз рӯи ин ҳадаф дар мақола масъалаҳои зерин ҳаллу фасл гардиданд:

- Ҷанбаҳои таърихии пайдоиши мафҳуми «протсент»;
- Тағйир ёфтани мафҳуми «протсент» вобаста ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар солҳои гуногун;
- Истифодабарии мафҳуми «протсент» дар кишварҳои гуногун.

Бо ин мақсад масъалаҳои зикргардида дар мақолаи мазкур то ҳадди имкон ҳалли худро ёфтааст.



**Калидвожаҳо:** протсент, мафҳум, моҳият, тавзеҳ, истилоҳ, калима, тафовут, фоида, шарҳдиҳӣ, ташаккулдиҳӣ, тарҷума, қоидаҳои имло.


## ОБ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ТЕРМИН «ПРОЦЕНТ» В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ


Целью данной статьи является разъяснение понятия «процент» в современном таджикском языке. Для этого в статье были решены следующие вопросы:

- Исторические аспекты происхождения понятия «процент»;
- Изменения понятия «процент», связанные с правилами правописания таджикского языка в разные годы;
- Использование термина «процент» в разных странах.

Для этого вопросы, упомянутые в этой статье, были максимально решены.



**Ключевые слова:** процент, понятие, сущность, объяснение, термин, слово, отличие, польза, объяснение, образование, перевод, правила правописания.


## ON THE USE OF THE TERM "PERCENTAGE" IN MODERN TAJIK LANGUAGE


The purpose of this article is to clarify the concept of "percentage" in the modern Tajik language. For this purpose, the following questions were solved in the article:

- Historical aspects of the origin of the concept of "percentage";
- Changes in the concept of "percent" associated with the rules of spelling of the Tajik language in different years;
- Use of the term "percentage" in different countries.

For this, the issues mentioned in this article have been resolved as much as possible.

**Keywords:** percentage, concept, essence, explanation, term, word, difference, benefit, explanation, education, translation, spelling rules.

**Дар бораи муаллифон**

Маҳкамов Мамадҷон
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

Ҷабаров Муҳаммадсафар Маҳмадраҷабович
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 406 90 93

**Об авторах**

Махкамов Мамаджон
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры математической методики обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

Джабаров Мухаммадсафар Махмадраджабович
Старший преподаватель кафедры методики математического образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 406 90 93

**About the authors**

Makhkamov Mamadjon
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Mathematics Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

Jabarov Muhammadsafar Mahmadrajabovich
Senior Teacher in the Department of Mathematics Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 406 90 93

УДК 8125

# МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА В ЯЗЫКОВОМ ВУЗЕ ПОСРЕДСТВОМ ИНТЕРНЕТ-ПЛАТФОРМЫ ЛИНГВОЛЕО

***Мэн Жоу***
*Российский университет дружбы народов*

*Постановка проблемы.* В настоящее время методика преподавания китайского языка недостаточно развита, но ведется работа по ее совершенствованию с помощью функционирующих в Российской Федерации (далее – РФ) Институтов и классов Конфуция. В этой статье рассматривается проблема использования платформы обучения иностранному языку LinguaLeo в языковом университете.

*Цель статьи* – проанализировать влияние языкового приложения LinguaLeo на изучение китайского языка.

*Обзор научной литературы* проведен на основе анализа работ, посвященных вопросам обучения иностранному языку [Солдатова 2022, Парк 2009, Годвин-Джонс 2003, Цзиван Би 2005, Ли-Янке 2015, Перлина 2017], межкультурной коммуникации [Рябова 2011, Хан 2013], преподаванию китайского языка [Масловец 2017, Шульгина 2021, Кочергин 2000]. В настоящее время преподаватели уделяют повышенное внимание передаче учащимся знаний о языке, но не навыков владения им. Данная проблема требует тщательного рассмотрения, поскольку «в настоящее время отсутствует образовательный стандарт обучения и результативная методика преподавания китайского языка» [5, с. 149].

*Методология (материалы и методы).* В процессе написания статьи были использованы методы сравнительного анализа. Новизна исследования заключается в изучении особенностей методов работы лингвистов и переводчиков при формировании устной разговорной речи.

Платформа LinguaLeo – это комплексный онлайн-инструмент, предназначенный для преподавания и изучения иностранных языков. Платформа предоставляет студентам множество интерактивных материалов и занятий, включая мультимедийные уроки, интерактивные викторины и игры. Кроме того, студенты могут использовать платформу для отслеживания своего прогресса, получения отзывов о своей работе и взаимодействия с другими студентами и преподавателями [10, с. 39].

Платформа LinguaLeo основана на принципах смешанного обучения, которое сочетает традиционное обучение в классе с обучением на основе технологий. Такой подход позволяет учащимся получить разнообразный опыт обучения, включая индивидуальное, самостоятельное обучение и возможности совместного обучения. Смешанный подход к обучению также дает преподавателям возможность внедрять технологии в преподавание и индивидуализировать обучение в соответствии с потребностями отдельных студентов [2, с. 83].

В контексте преподавания иностранных языков в языковом университете платформа LinguaLeo предлагает несколько преимуществ.

–Во-первых, она предоставляет студентам доступ к широкому спектру языковых материалов и мероприятий, которые можно использовать для усиления и дополнения аудиторных занятий [8, с. 264]. Это может помочь студентам глубже понять язык и развить навыки говорения, чтения, письма и аудирования.

–Во-вторых, платформа предоставляет преподавателям возможность отслеживать прогресс своих учеников и обеспечивать индивидуальную обратную связь [25]. Это может помочь преподавателям определить области, в которых учащиеся могут столкнуться с трудностями, и оказать им дополнительную поддержку для их преодоления [17]. Кроме того, платформа предоставляет учителям возможность задавать домашние задания и отслеживать их выполнение, что помогает закрепить полученные учащимися знания и убедиться в их прогрессе [3].

Платформа LinguaLeo была создана в марте 2010 года. В сентябре 2020 года более 23 миллионов человек по всему миру воспользовались онлайн-сервисом платформы при

изучении языков. Методисты платформы выделили 5 видов целей, к которым может стремиться студент:

–Улучшение знаний (от Elementary до Proficiency);

–Подготовка к экзамену (ГИА, ЕГЭ, TOEFL, IELTS, ENEM, CAE, FCE);

–Улучшение определенных навыков (чтение, письмо, устная речь и аудирование);

–Достижение личных целей (чтение литературы, просмотр фильмов в оригинале, свободное общение в поездках, деловая переписка);

–Профессиональный рост (английский для айтишников, для маркетологов, для юристов, ветеринаров, фармацевтов, инженеров и специалистов других сфер) [9].

Вступительный тест помогает пользователю определить уровень владения языком и подобрать курс, необходимый для повышения уровня. На наш взгляд, положительными особенностями приложения являются:

–«возможность изучать слова и словосочетания путем составления собственного словаря;

–наличие озвучки и транскрипций в глоссарии;

–курсы грамматики разного уровня;

–видео-контент с субтитрами или комментариями (например, новости, выступления на TED, статьи, мультфильмы, выдержки из книг, тексты песен, стихотворения, рифмы, шутки и т.д.);

–огромный выбор тренингов (например, фразы для перевода, мини-тексты, понимание на слух и т.д.);

–возможность для общения с другими пользователями ресурса» [16, с. 123].

Вот основные характеристики методики обучения иностранного языка на платформе LinguaLeo:

1) понимание цели обучения;

2) удовольствие от регулярных упражнений;

3) работа с живым языком;

4) подражание носителям языка;

5) доведение навыков до автоматизма за счет использования визуальной, слуховой и двигательной памяти.

Основные разделы курсов LinguaLeo: Слова и словосочетания (наборы слов, тематические фразы); Тренинг (раздел для повторения и изучения новых слов); Словарь (запоминание выученных слов); Диалог.

LinguaLeo предлагает различные типы упражнений: шесть видов интерактивного обучения, персональный словарь с транскрипцией и озвучкой за кадром, тематические словари, большой автономный словарь из 60 000 слов, подборку английских текстов на любой вкус, а также возможность учиться без подключения к Интернету.

Если говорить о преимуществах данного сервиса, то можно отметить:

–Широкий выбор текстов, аудио- и видеоматериалов на разные темы и разного уровня сложности;

–Удобный интерфейс чтения – студент может быстро просмотреть перевод слова, отправить его в словарь 7, с. 221];

–Широкий спектр грамматики, разговорной речи и т.д.;

–Полезный плагин для браузера – можно использовать его для «лингвистического» чтения текста на любом сайте [18];

–У Lingualeo отличная мобильная версия, она практически идентична функционалу веб-версии.

Исследование «Эффективность обучения на основе веб-технологий при изучении иностранных языков», проведенное М. Хвангом (2007), было направлено на оценку эффективности обучения на основе веб-технологий при изучении иностранных языков [24]. Под веб-обучением понимается предоставление языкового образования через Интернет с использованием таких платформ, как системы управления онлайн-курсами, виртуальные учебные среды или веб-сайты по изучению иностранных языков [13]. Цель исследования – определить, может ли обучение через Интернет обеспечить эквивалентные или даже лучшие результаты в изучении языка по сравнению с традиционным очным обучением. Исследователь распределил изучающих иностранный язык в 2 группы: с веб-обучением и с

очным обучением. Участники обеих групп получали эквивалентное по содержанию и продолжительности обучение и оценивались по одинаковым критериям, включая тесты на уровень владения языком, знание лексики и грамматическую точность [22].

Исследование показало, что участники группы веб-обучения превосходят участников группы очного обучения по уровню владения языком и словарным запасом, что свидетельствует о том, что веб-обучение может быть эффективным методом изучения иностранного языка [23, с. 5].

Однако в исследовании также отмечается, что результаты следует интерпретировать с осторожностью, поскольку группы были небольшими, и такие факторы, как: индивидуальные различия, стиль обучения и мотивация, – также могут играть роль в определении эффективности обучения через Интернет [20, с. 155]. В целом, данное исследование свидетельствует о потенциальных преимуществах обучения через Интернет для изучения иностранных языков и подчеркивает необходимость дальнейших исследований для изучения эффективности этого метода обучения в различных контекстах и с различными группами населения [24].

Наконец, платформа LinguaLeo предоставляет учащимся возможность взаимодействовать с другими учащимися и преподавателями. Это может способствовать созданию благоприятной учебной среды и формированию чувства общности среди учащихся [14, с.82]. Кроме того, платформа предоставляет студентам возможность участвовать в интерактивных мероприятиях, таких как викторины, игры и дискуссии, что может способствовать повышению их мотивации и вовлеченности.

Мобильное обучение, основанное на принципе управляемого интерактивного самообучения с использованием мобильных приложений, имеет широкие возможности для активизации и интенсификации самостоятельной деятельности учащихся [21]. Анализ использования мобильных приложений для изучения иностранного языка показывает, что мотивация является важным фактором самообразования.

Мобильное приложение LinguaLeo отлично подходит в качестве дополнительного инструмента для изучения языка. Оно позволяет пользователям практиковать язык. Однако, любое обучение с помощью приложений должно быть дополнено языковой практикой либо с репетитором, образовательными группами, либо с помощью услуг корректуры для практики письма [4, с. 17].

*Результаты исследования.* В процессе нашего исследования мы пришли к следующим выводам: интернет-платформа LinguaLeo представляет собой комплексный и эффективный инструмент для преподавания иностранных языков в языковом университете. Принцип работы платформы довольно прост, он заключается в сочетании различных методов развития памяти. Платформа идеально подходит для хранения множества терминов, слов, формул. Нет ничего, что отрицало бы эффективность игрового подхода в изучении китайского языка [19, с. 132]. Авторский вклад по данному вопросу – это: выделение положительных особенностей приложения и преимуществ сервиса, выделение основных характеристик методики обучения иностранного языка на платформе LinguaLeo. Также отмечены основные разделы курсов LinguaLeo и различные типы упражнений.

*Заключение.* Как отмечают эксперты отрасли, с когнитивной и практической точки зрения, если преподаватели и учащиеся осознают, что цифровые инструменты и оборудование очень полезны и актуальны для практики, они неизбежно будут включать их в учебный процесс [15, с. 41]. Однако преподаватели, занимающиеся преподаванием китайского языка как иностранного на передовой, приходят к выводу: «Основной формой обучения по-прежнему является преподавание самого учителя, техника является вспомогательным средством, а овладение языком зависит от студента. Высокие технологии в обучении китайскому языку все еще находятся в зачаточном состоянии, и в будущем предстоит еще долгий путь» [6, с. 124]. Анализ использования мобильных приложений для изучения иностранных языков показывает, что мотивация является важным фактором самообразования.

Мобильное приложение LinguaLeo отлично подходит в качестве дополнительного инструмента для изучения языков. Это позволяет пользователям практиковать язык. Однако любое обучение с помощью приложения должно быть дополнено языковыми упражнениями с помощью репетиторов, образовательных групп или служб корректуры для письменных упражнений.

## *Литуратура*


1. *Абрамова Я.К., Семина А.И. Использование обучающих мобильных приложений по русскому языку как иностранному в проектно-ориентированном краткосрочном обучении китайских студентов // Перспективы науки. 2018. № 11 (110). С. 154-158.*
2. *Бимурзина И.В. Инновационные технологии: развитие коммуникативной компетенции иностранных студентов в преподавании русского языка как иностранного / Вестник Томского государственного педагогического университета. 2013. № 13 (141). С. 39-42.*
3. *Бударина Ж.С. , Скорикова Я.А. Использование учебных приложений в качестве дополнительных средств при подготовке к международному экзамену HSK / Электронный научно-образовательный журнал ВГСПУ «Грани познания». № 2 (73). 30 апреля 2021. С. 30-33 [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://grani.vspu.ru/files/publics/1620212681.pdf (дата обращения: 18.04.2023)*
4. *Кондрашевский А.Ф. Практический курс китайского языка: учебник для студентов вузов, обучающихся по направлениям подготовки и специальностям «Международные отношения» и «Регионоведение». М.: ВКН. 2017. Т. 2. 744 с.*
5. *Кочергин И.В. Очерки методики обучения китайскому языку. М.: Муравей, 2000. с. 149–152.*
6. *Криворот В.В. Язык. Культура. Общение: материалы Международной научно-практической конференции «Международный фестиваль языков» // Минск: Изд. центр БГУ, 2011. С. 124–127.*
7. *Ли-Янке Х. Тренер по обучению переводу // Форум CIUTI-2014 Объединение академического мастерства с предпринимательством для новых партнерских отношений. 2015. С. 221-252.*
8. *Масловец О. Основы обучения китайскому языку в вузе и в школе. Теория и практика. Уч. пос. М.: ВКН. 2017. 264 с.*
9. *Никишова А., Кривоносова Е. Методы медиаобразования в обучении английского языка/ Международный журнал современных подходов в области языка, образования и социальных наук (CALLS), 4 (2). 2022 г. С. 70-83.*
10. *Норд К. Определение функций перевода/ Краткий перевод как руководство для переводчиков-стажеров. 1997 г. С. 39-54.*
11. *Обзор Lingualeo // Это просто [Электронный ресурс]. URL: https://prosto-eto.ru/obzor-lingualeo-servisa-po-izucheniyu-anglijskogo-yazyka/ (дата обращения: 18.05.2023).*
12. *Общеевропейские компетенции владения иностранным языком: Изучение, обучение, оценка. М.: Департамент по языковой политике: Московский государственный лингвистический университет, 2003. 256 с.*
13. *Перлина А.Б., Цыганкова И.Н. Как выучить иностранный язык в Интернете/ Белору́сский госуда́рственный университет. 2017. С. 1-2.*
14. *Рябова Е.Л. Межкультурное взаимодействие в современном мире: учебное пособие. М.: Этносоциум, 2011. 374 с.*
15. *Сафонова В.В. Изучение языков международного общения в контексте диалога культур и цивилизаций. Воронеж: Истоки, 1996. 238 с.*
16. *Солдатова А.Д. Цифровые технологии на уроках английского языка на карантине. 2022. С. 452-457 [Электронный ресурс]. URL: https://elar.urfu.ru/bitstream/10995/113859/1/978-5-91256-550-2_2022_068.pdf (дата обращения: 17.05.2023)*
17. *Тань Аошуан. Учебник современного китайского разговорного языка. М.: Наука, 1983. 717 с.*
18. *Швецова Ю. О. Переводческая эрудиция в составе профессиональной компетентности / Проблемы теории, практики и дидактики перевода: материалы II Междунар. науч. конференции. Н. Новгород: Нижегор. гос. лингв. ун-т имени Н. А. Добролюбова, 2009. С. 86–88.*
19. *Шульгина М. А. Особенности обучения фонетике китайского языка: магистерская диссертация / Уральский федеральный университет имени первого Президента России Б. Н. Ельцина, Уральский гуманитарный институт, Кафедра иностранных языков и перевода. Екатеринбург, 2021. 155 с.*
20. *Cao P. Formirovanie navykov ustnoj razgovornoj rechi u lingvistov-perevodchikov pri obuchenii kitajskomu yazyku kak inostrannomu / Litera. 2022. № 8. S. 147-155. (транслит.) Cao P. 语言学家-翻译员对外汉语教学时口语会话技能的形成/Litera. 2022. 8号。第147-155页。 [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=38439*
Асри гузашта дар таърихи ҷомеаи инсонӣ ҳамчун давраи бӯҳрони ҷаҳонии экологӣ ва иқтисодӣ тавсиф мешавад. Кӯшишҳои чандинкаратаи тавассути инқилоби илмӣ-техникӣ ва ташкилӣ ҳал кардани он бебарор анҷом пазируфтанд. Дарки фалсафии вазъият нишон медиҳад, ки роҳи ҳалли мушкилот дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги экологии ҷомеа, маҳдуд кардани истеъмолоти зиёдатии моддӣ, ки дар тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст, такмил додани сифатҳои инсонӣ, инкишоф додан ва ҳавасманд кардани равонӣ, ба ҳам мувофиқ сохтани он барои ҳар як шахсият мебошад. Ва ин мушкили рафъи бӯҳронро ба соҳаи маориф таҳвил медиҳад. Маҳз бо тарбияи одами дорои фарҳангии экологӣ, ки ихтиёран ва бошуурона тарзи ҳаёти оқилонаро дар табиат ва ҷамъият қабул карда, чунин шаклҳои фаъолият ва рафтореро амалӣ сохтан мумкин аст, ки устувории ҳолати табиии биогеохимикӣ ва процессхои чамъиятиро таъмин намояд. Ва танҳо бо таҳияи низоми таҳсилоте, ки ҳалли ин масъалаҳо ҳадафи асосиаш қарор мегирад, аз ташаннуҷи бӯҳронро паст намудан мумкин аст.

Оиди ташкил ва ба танзим даровардани раванди таълиму тарбияе, ки дар он мақсади асоси ташаккули инсони комил, инсоне, ки нисбати ба кулли мавҷуди зинда бо ҳисси эҳтиром ва ғамхорӣ муносибат менамояд, дар як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (аз 30-юми июни соли 2012), Стандартҳои низоми таҳсилот барои тамоми зинаҳояш, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ барои солҳои 2018-2020 ва ғ. ишораҳо гардида бошанд ҳам, вале ин пешниҳодҳо то ҳол ба қадри зарурӣ мавриди таҳлили назариявӣ қарор нагирифтаанд. Дар таҷрибаи ташкили тарбияи гуманистӣ ва ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо таври нокифоя омӯхта шудани проблемаҳои ташаккулёбии муносибатҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони муассисахои тахсилоти мийнаи умумӣ нисбат юа табиат, ки ба ташаккулёбии сифатҳои ҳамидаи инсонӣ нигаронида шудаанд боқӣ монда, рӯз то рӯз зиддиятноктар гардида истодааст. Ин проблема дар доираи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрии зикргардида андаке аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ гардида бошад ҳам, нерӯи инкишофдиҳандаи чорабиниҳои махсуси беруназсинфию беруназдарсӣ дар раванди таълимӣ фанҳои равияи биологӣ, ки ташаккулёбии хислатҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагонро нисбат ба табиат метезонанд баҳогузорӣ нашудааст.

Тайи даҳсолаи охир дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳои нав ҷорӣ гардида, раванди амалинамоӣ ва гузаштан ба моделҳои гуманитарии таҳсилот, ки ба худдонишандӯзӣ ва худтатбиқнамоии наврасону ҷавонон тариқи фаъолиятҳои мустақилонаи ҷӯяндагӣ ба дастоварии донишҳо ва худтарбиянамоии онҳо бартарӣ медиҳад, такони ҷиддӣ бахшад, ҳам дар адабиётҳои навини педагогӣ-психологӣ, дарки илмии хислатҳои ахлоқӣ-гуманистӣ нисбат ба табиат, ҳамчун самараи татбиқи мақсадҳои асосии соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо таври конкретӣ муайян нашудааст.

Инкишофи маърифатӣ – психикии кӯдак, хусусан, дарки бошуурона ва мақсадноки кӯдак оид ба муносибатҳо бо табиат, маълумотҳои нав оид ба олами иҳотанамудааш ва ҷамъият дар синни наврасӣ бо суръат ташаккул ёфта, тасаввуротҳои ӯ оид ба ҳодисаҳои дар табиат ба амалоянда ба як тартиби муайян медароянд.

Бо вуҷуди ин, дар педагогикаи замони мо ва алалхусус, дар методикаи таълими фанҳои биологӣ проблемаи чӣ гуна ғояҳои воқеии ахлоқиро ба раванди таълими ин фанҳо ворид

кардан боқӣ монда, тавассути таҳлили назариявии фаъолияти олимони соҳавӣ сохтани амсилаи воқеие, ки дар ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ гуманистии хонандагони наврас нисбати табиат самараноктар мегардад аз вазифаҳои асосии илмии соҳаи методикаи таълими фанҳои биологӣ ба шумор меравад.

Агар умумӣ карда зикр намоем, дар раванди таълими фанҳои равияи биологӣ, мавзуи бартарӣ ва арзиши муқаддас додан ба хислатҳои неки ахлоқию маънавии инсонӣ дар табиат бартарӣ дошта, мақоми инсон ва муносибати инсонона ба табиат дар сатҳи олӣ ва ивазнашаванда бояд васф гардад.

Раванди таълими фанҳои биологӣ дар муассисаи таълимӣ ба хонандагони наврас имкон медиҳад дарк намоянд, ки тамоми боигарии маънавии ҳайёти инсонӣ - баланду пастии зиндагӣ, зебоию зиштӣ, ғаму шодӣ, фатҳу шикат, дастоварду нокомӣ ва ғ. вобаста ба ҳолати муҳити табии зисташон ва муносибатҳои онҳо бо табиат мебошад.

Мубрамияти ин мушкилотро мо бо он асоснок менамоем, ки оид ба вазифаҳои тарбиявии раванди таълими фанҳои равияи биологӣ, дар муассисаи таълимӣ сухан ронда мо набояд фаромӯш намоем, ки мақсади асосии низоми таҳсилот тарбияи инсони комил ба шумор рафта, он пеш аз ҳама тарғибкунандаи ақидаҳои инсон будан, инсонгаройӣ, қоил будан ба мақоми дигар мавҷудоти зинда дар табиат мебошад.

Ба ин сатҳи пасти маънавиёти наврасону ҷавонон, муносибатҳои зиддиятноки насли наврас дар байни худ ва унсурҳои табиат, махсусан табиати зинда шаҳодати ҳол буда, набудани равиши ҳамгиро ва арзёбии дақиқи муосир ба истифодаи раванди таълими фанҳои равияи биологӣ дар муассисаи таълимӣ дар тарбия ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-гуманистӣ нисбат ба табиат равшану возеҳ таҷассум мегардад.

Омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои алоқаманд бо тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-гуманистӣ дар хонандагони наврас, махсусан ақидаҳои классикони илми педагогика Я.А. Коменский, И.Г.Песталотсӣ, К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский ва диг. моро ба хулосае оварданд, ки умуман тамоми фаъолиятҳои алоқаманд ба таълиму тарбия сарчашмаи худро аз муҳити табиӣ ва ҷамъиятии халқ мегирад.

Гарчанде, ки дар тарбияи ахлоқӣ-гуманистии наврасону ҷавонон матнҳои ба ҳаёту зист ва парваришу ҳифзи олами набототу ҳайвонот нерӯи бузург дошта бошанд, ҳам вале бо таври мутаммарказ ва мушаххас мо кореро аз тарафи олимони тоҷик дарёфт накардем, ки то мавзуъи марбутаро амиқу дақик мавриди баррасӣ намуда бошад.

Таҳлили адабиётҳо нишон доданд, ки дар илми педагогика миқдори зиёди корҳои таҳқиқотӣ дар мавзуъҳои ташаккулёбии сифатҳои ахлоқӣ - гуманистӣ ба анҷом расонида шуда бошад ҳам, вале паҳлӯҳои зиёди норӯшани ин масъала ба мушоҳида мерасад. Махсусан ягон таҳлили илмии истифодаи раванди таълими фанҳои биологӣ дар муассисаи таълимӣ оиди ташаккулёбии сифатҳои гуманистии хонандагон дар шароити Тоҷикистон мушоҳида нагардид. Гарчанде, дар китобҳои таълимии асосӣ ва адабиёти тавсияшаванда матнҳои ба табиату олами ҳайвоноту растаниҳо бахшидашуда бо таври васеъ истифода гардида истода бошад ҳам, вале вобаста ба психологияи синну солӣ, хусусиятҳои маҳалию этникӣ, ҷинсият ва соҳаи фанни таълимӣ мавриди омӯзиш ва баррасии илмии педагогӣ-психологӣ қарор нагирифтаанд. Мақом, нақш ва нерӯи ташаккул ва инкишофдиҳандаи сифатҳои ахлоқӣ-гуманистии раванди таълими фанҳои биологӣ бо таври илмӣ арзёбӣ ва баҳогузорӣ нагардидааст.

Дар адабиёти мавриди таҳқиқи мо қарор гирифта ин масъала сирф аз нуктаи назари экологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта танҳо мушкилоти ба миёномадаи экологӣ ва ҷустани роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаасту халос. Оиди омилҳои асосии зуҳуроти мушкилоти экологӣ, муташанниҷ гардидани муносибатҳои инсону табиат бо таври умумӣ сухан рафта, ҷавҳари асосии масъала мавриди таҳлил қарор нагирифтааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки Консепсияи миллии таҳсилот ва Консепсияи миллии тарбия дар Тоҷикистон, муайянкунандаи асосии мазмун ва ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ дар байни наврасону ҷавонон ба шумор рафта, ҳалли амалии онро тақозо меномоянд. Шаклҳои таърихӣ-анъанавии тарбияи ахлоқӣ-гуманистии миллати тоҷик, дар самти мазкур мавриди омӯзиши васеъ қарор нагирифта, ба дарки психологияи онҳо, кашфи

механизмҳои интиқоли суннатҳои инсондӯстона дар раванди таълим ва муайян кардани паҳлӯҳои самараноки тарбиявии он равона кардана шудааст.

Гуманизатсияи раванди таълим ҳамчун ҳадафи асосии реформаи низоми таҳсилот аз тарафи оммаи васеи педагогон дар сатҳи зарурӣ дарк нагардида, нерӯи бузург доштани раванди таълими фанҳои биологӣ дар ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагон бо табиат истифода нагардида истодааст. Корҳои тарбиявӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ ва таъсири он ба рӯҳияи хонандагон диққати ҷиддиро тақозо менамояд.

Баҳри дуруст ташаккул ёфтани муносибатҳои ахлоқии хонандагон дар табиат муайян намудани моҳияти гуманизатсиякунонии раванди таълиму тарбия, ҳамчун ҳадафи асосии низоми таҳсилот дар замони муосир шарт буда, ошкор намудан ва нишон додани нерӯи таълимӣ-тарбиявии фанҳои биологӣ дар ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагон дар табиат аз тарафи муаллимони ин фан зурур аст. Омӯзиш ва баррасии осори муҳақиқони соҳаи тарбияи ахлоқӣ-гуманистӣ ва коркарди методҳои таъсиррасонии равонӣ дар ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ-гуманистӣ дар мадди аввали вазифаҳои касбии муаллимон соҳавӣ бояд истад.

Ин масъала дар педагогика ва методикаи таълим нав набуда асосҳои назариявии он ба асарҳои П.П. Блонский, Н.К. Крупская, А.С. Макаренко, В. Сухомлинский, С. Т. Шатский, ки дар ҳалли проблемаи гуманизатсиякунонии тафаккури насли наврас саҳми арзанда гузоштаанд тааллуқ дорад.

Дар миёнҳои асри XX дар назария ва амалияи тарбияи гуманистӣ саҳми бузургеро педагоги барҷаста, Василий Александрович Сухомлинский гузоштааст. В.А. Сухомлинский, бо ақидаҳояш дар бораи шаҳрвандӣ ва инсондӯстӣ, педагогикаи гуманистии классикиро бо педагогикаи гуманистии муосири Ғарб ҳамоҳанг намуд. "Асри математика як ибораи хуби рӯҳбаландкунанда аст, аммо он тамоми моҳияти равандҳои имрӯзаро инъикос намекунад. Ҷаҳон ба асри инсон ворид мешавад. Беш аз беш мо вазифадорем, ки фикр кунем то дар рӯҳу равони инсон чи чизеро гузошта метавонем [6, с. 123-124].

Ба андешаи мо, яке аз шартҳои ҳавасмандкунандаи раванди гуманизатсияи шахсият, ташаккули фарҳанги гуманистии ӯ, ифодакунандаи ягонагӣ ва вобастагии ҳамаи ҷузъҳои он дар асоси идеологияи гуманистӣ мебошад.

Назарияи вобастагӣ байни рафтори ахлоқӣ ва шуур (Л. С. Выготский, А. Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн, С. Г. Якобсон, Д. Б. Элконин) дар тавсифи раванди гуманизатсияи шахс бо назардошти хусусиятҳои синну соли мактаббачагон дар ин раванд нақши муҳим мебозад (Л. Божович, Н.Д.Левитов, Б.С. Брагус).

Асарҳои педагогони солҳои 60-70 аз ҷиҳати методологӣ ба татбиқи принсипи гуманизм дар мактаби шӯравӣ, дар заминаи ғояҳои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият ва муносибати синфӣ ба таълим нигаронида шудаанд (Н.И.Болдирев, С. Ф. Збандуто , Т.Е. Конникова ва диг.).

Ин педагогон гуманизатсия кардани шахсияти кӯдакро ҳамчун ҳадафи асосӣ ба миён гузошта, усулҳои ташхисро барои муайян кардани рушди чунин сифатҳои ахлоқӣ ба мисли инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ пешниҳод карда, технологияи ташаккули онро таҳия карда бошанд ҳам, аммо дар маҷмуъ системаи татбиқи онро нишон надоданд.

Самти гуманистии таҳсилот дар Съезди II омӯзгорони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (соли 1988) аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад, ки дар он раванди таълим ва тарбия бо таври ҳамгиро ба ин самт гардонида шуда мутахассисони соҳаи педагогика, психология, фалсафа ва дигар фанҳои ҷамъиятшиносӣ бо таври дастаҷамъона ба бозомӯзӣ ва баррасии ин масъала ҷалб карда мешаванд [7, с. 1-4].

Дар ин давра дар илмҳои психологию педагогии советӣ арзёбӣ намудани низоми гуманистии таҳсилот аз нуктаи назари арзишу идеалхои умумибашарӣ гардиши чашмрас ба амал меояд.

Буҳрони экологӣ, иқтисодӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ, ки тамоми сайёраро фаро гирифтааст, хусусияти системавии глобалӣ дошта, қаламравҳои бузургро фаро гирифта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният таъсирпазир гардидааст. Инсоният дар сарҳади ҳаёту мамот қарор дорад, зеро табиатро ба ҳолате расонидааст, ки амалан худро дигар барқарор карда

натавониста истодааст, бисёр равандҳо бебозгашт гаштаанд. Ба ин дараҷаи баланди истеъмол боис гардид, ки ба халалдоршавии қонуниятҳои мухити зисти инсон оварда расонид. Сарчашмаи буҳрони имрӯза, ки омили антропологӣ дорад, дар фарҳанг, фалсафа ва психологияи тамаддуни техногении инсон ҷойгир аст.

Муайян гардидааст, ки сабабҳои буҳрони муносибатҳои байни инсон, ҷомеа ва табиат ин тафаккури таърихии харобкоронаи истеъмолии шахс, номутаносибӣ дар рушди қисмҳои алоҳидаи фарҳангу маънавиёт, аз доираи муносибатҳои нсонӣ баромадани ҷомеа ва бартарияти равияи технократӣ дар сиёсати абарқудратҳо мебошад.

Касод гардидани гуногунрангии биологӣ дар натиҷаи муносибатҳои ғайриинсононаи ҷомеа, ифлосшавии муҳити зист ва истифодаи ноокилонаи захираҳои табиӣ оқибатҳои табиии чунин буҳронҳо мебошанд.

Дар шароити парадигмаи технократии тараққиёт, ки аз асри XVII оғоз гардидааст ва бо шаклҳои хоси тафаккур, роҳҳои азхудкунии табиат ва афзалиятҳо фарқ мекунад раҳоӣ аз бухрон имконнопазир буда, роҳҳои нави консептуалӣ ва моделхои нави тараққиётро таҳия намудан лозим аст. Аз асри XVIII оғоз гардида бисёр олимон кӯшиш карданд, ки чунин равишҳо ва моделҳоро таҳия кунанд. Махсусан консепсияҳои космизми А.Гумболдт, Н. Бердяев, К.Е. Сиолковский, П. А.Л. Чижевский ва дигарон, ғояи ноосфераи В.И. Вернадский ва оғоз аз нимаи дуюми асри XX консепсияи рушди устувор васеъ паҳн шуд, ки дар онҳо ба чунин модели муносибат бо биосфера, ки нигахдории таносуби динамикии зерсистемаҳои алоҳидаи онро таъмин бояд намояд афзалият дода мешавад. Маҳаки асосии ин консепсия мӯътадил гардонидани вазъи экологии сайёра мебошад.

Соли 1992 дар Конфронси СММ оид ба муҳити зист ва рушд дар Рио-де-Жанейро эъломияи «Барои ояндаи умумии мо» ва барномаи «Рӯзномаи асри XXI» қабул гардид, ки дар он роҳҳои зинда мондани инсоният ва раҳои аз ҳалокати ногузир дар ҳазорсолаи сеюм нишон дода шудааст:

1. Тағйир додани қолабҳои муносибатҳои инсон бо табиат;
2. Танзими аҳолӣ;
3. Кам кардани истеъмоли захираҳо аз ҷониби ҳар як шахс;
4. Сарфаю сариштакорӣ;
5. Ташаккули талаботи моддии асоснок [5, с. 70].

Алексашина И.Ю. хусусиятҳои зерини фарққунандаи ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ-гуманистиро нисбат ба табиат дар дарсҳои сикли табиӣ ҷудо намудааст:

- дар дарсҳои сикли табиӣ ба инкишофи самтҳои рӯҳӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқии шахсият, нисбат аз худ кардани ҳаҷми зиёди дониш ва маълумот ва доираи муайяни маҳорату малакаҳо бартарӣ дода мешавад;
- дар дарсҳои сикли табиӣ имконият ва кӯшишҳо бештар ба ташаккули шахсияти озод, мустақилона фикркунанда ва амалкунанда, шаҳрванд-гуманист, ки қодир аст дар ҳолатҳои гуногуни таълимӣ ва зиндагӣ интихоби оқилона дошта бошад равона карда мешавад;
- дар дарсҳои сикли табиӣ барои такмил додани донишҳои андӯхташуда ва тағир додани раванди таълим шароити мусоид фароҳам оварда мешавад [1, с. 70].

Ин гуфтаҳо ба фанҳои равияи биологӣ низ дахл дошта, ҳатто аҳамияти бештаре пайдо менамояд. Зеро фаннҳои равияи биологӣ аввало хусусияти аммлӣ дошта дар раванди он алоқамандии равонии хонандагон бо табиат бештар таъмин карда мешавад. Баъдан объекти омӯзишии фанни биология мавҷудоти зинда мебошад ва инсон, низ ҳамчун мавҷуди зиндаи дорои шуур ва эҳсосоти баланд ҳолати табиии муҳитро бештар эҳсос намуда ба он ҳадафмандона таъсир расонида метавонад. Сеюм, дар раванди таълими фаннҳои равияи биологӣ чӣ дар шароити синфӣ ва чӣ дар шароити ташкили машғулиятҳои таълимӣ тарбиявии беруназсинфӣ аз қолаби таълимии маъмулӣ берун баромада фаъолияти хонандагонро озодонатар ташкил намудан имконпазир мегардад.

Хулоса, дарсҳои фанҳои равияи биологӣ дар ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ гуманистии хонандагон дар табиат имкониятҳои фаровон дошта аз нерӯи бузургӣ таълмӣ-тарбиявӣ бархурдор мебошад.

***Адабиёт***

1. *Алексашина И.Ю. Тенденции гуманизации и гуманитаризации содержания естественнонаучного образования // Гуманистические ценности, глобальное мышление и современное образование. - СПб.: ГУПМ, 1992. – 81 с.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Манбаи электронӣ]. - URL: http://mmk.tj/content (санаи воруд 12.12.22).*
3. *Консепсияи миллии тарбия [Манбаи электронӣ]. - URL: https://maorif.tj/storage/dokument's/barnomaho/81c1a2a242b19928404ebdb2b1fc4754.pdf (санаи воруд 12.12.22).*
4. *Консепсияи миллии таҳсилот [Манбаи электронӣ]. - URL: http://komron.info/crp/konsepsiaitahsilotimuttasildarcumhuriitocikiston_crp/ (санаи воруд 12.12.22).*
5. *Программа действий. Повестка дня на XXI век и др. документы Конференции в Рио-де-Жанейро в популярном изложении: Пер. с англ. (Сост. М. Кинг). Женева: Центр «За наше общее будущее», 1993. – 70 с.*
6. *Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения: В 3 т. - М., 1981. - Т. 3. - С. 123-124.].*
7. *Через гуманизацию и демократизацию к новому качеству образования. Доклад председателя Государственного комитета СССР по народному образованию Г. Ягодина Всесоюзному съезду работников народного образования // Учительская газета. – 1988. – 22 дек. – № 151.*


## ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ АХЛОҚӢ-ГУМАНИСТИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ РАВИЯИ БИОЛОГӢ


Дар мақола сухан дар бораи ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ ва гуманистии хонандагон, ки ҳамбастагии фаъолияти тарбиявӣ ва беруназсинфии экологии хонандагонро таъмин менамояд, меравад. Онҳо аксар вақт дар шаклҳои ғайримуқаррарӣ гузаронида мешаванд. Дар онҳо, тибқи мушоҳидаҳои мо, мактаббачагон фаъол буда, озодона фикру ақида, нуқтаи назари худро баён намуда, назари худро оид ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва экологӣ пешниҳод мекарданд. Муаллифон дар мақола инчунин низоми муосири тарбияи экологиро дар марҳилаҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ қайд намуда, проблемаи инкишофи мутаносиби шахсият ва муносибати ӯро бо табиат баррасӣ менамоянд. Дар марҳилаи ҳозира зиддиятҳои баамаломада махсусан тезутунд гардидаанд, ки ин диққати бисёр олимонро ба омӯзиши ин масъала ҷалб кардааст. Дар асри рушди босуръати илму техника ва ҷорӣ гардидани технологияҳои инноватсионӣ дар самти ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ ва гуманистии мактаббачагон дар тамоми самтҳои фаъолият ба номукаммалии низоми таълими экологӣ диққат додан лозим аст.



**Калидвожаҳо:** илмҳои биологӣ, муносибатҳои ахлоқӣ, масъалаҳои глобалӣ, гуманистӣ, фарҳанги экологӣ, вазъи экологӣ, фаъолияти тарбиявӣ, корҳои беруназсинфӣ.


## ФОРМИРОВАНИЕ НРАВСТВЕННО-ГУМАНИСТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ УЧАЩИХСЯ КАК ПРОБЛЕМА ОБУЧЕНИЯ БИОЛОГИЧЕСКИХ НАУК


В статье идёт речь о формировании нравственно-гуманистической отношений школьников которое обеспечивает интеграцию учебной и внеучебной природоохранной деятельности обучающихся. Они часто осуществляются в нестандартных формах проведения. В них, по нашим наблюдениям, проявлялась активность школьников, свободно высказывающих своё мнение, собственную точку зрения, и предлагающих своё видение решения социально-экологических проблем. В статье так же авторы отмечают, что современную систему экологического образования на разных этапах общественного развития, рассматривает проблему гармоничного развития личности и её отношение к природе. На современном этапе возникшие противоречия особенно обострились, что привлекло внимание многих учёных к изучению данной проблемы. В век интенсивного развития науки и техники, внедрения инновационных технологий в формировании нравственно - гуманистическогой отношении школьников во все сферы деятельности, ускоренного назревания экологической катастрофы необходимо уделить внимание несовершенству системы экологического образования.



**Ключевые слова:** биологические науки, нравственные отношения, глобальные проблемы, гуманизм, экологическая культура, экологическая ситуация, образовательная деятельность, внеклассная деятельность.

## FORMATION OF MORAL AND HUMANISTIC ATTITUDES OF THE STUDENTS AS A PROBLEM OF TEACHING BIOLOGICAL SCIENCES

This article deals with the formation of moral and humanistic attitudes of the students, which ensure the integration of curricular and extracurricular environmental activities of students. They are often carried out in non-standard forms. In them, according to our observations, the activity of students freely expressing their opinion, their own point of view, and offering their vision of solving socio-environmental problems was manifested. In the article the authors also mentioned that the modern system of environmental education at the different stages of social development, considers the problem of harmonious development of personality and its attitude to nature. At the present stage, the emerged contradictions were especially aggravated, which attracted the attention of many scientists to the study of this problem. In the age of intensive development of science and technology, introduction of innovative technologies in the formation of moral and humanistic attitudes of schoolchildren in all spheres of activity, accelerated environmental catastrophe, it is necessary to pay attention to the imperfection of the system of environmental education.

**Keywords**: biological sciences, moral relations, global problems, humanism, environmental culture, environmental situation, educational activities, extracurricular activities.

**Дар бораи муаллифон**
Ҳалимов Комилҷон Абдушукурович
Муаллими калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 987 60 02 06

Мансурова Ҷамила Сулаймоновна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

**Об авторах**
Халимов Комилджон Абдушукурович
Старший преподаватель кафедры общей биологии и методики биологического обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 987 60 02 06

Мансурова Джамила Сулаймоновна
Кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

**About the authors**
Khalimov Komiljon Abdushukurovich
Senior Lecturer of the Department of General Biology and Methods of Biological Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Тел.: (+992) 987 60 02 06

Mansurova Jamila Sulaimonovna
Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the University Department of Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 203 21 82 82
E-mail: jamila1981@mail.ru

ТДУ 536.2 (575.3)

# ШИНОС НАМУДАНИ ХОНАНДАГОН БО ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ХАТАРИ ОНҲО ДАР МАҲФИЛИ ФИЗИКӢ

***Мирзоев А. М., Раҷабов У. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Таҳлили адабиёти методӣ, педагогӣ ва матбуоти даврии педагогӣ нишон дод, ки доир ба масъалаи методикаи ташкилу гузаронидани маҳфилҳои физикӣ дар машғулиятҳои берунисинфӣ муҳаққиқон Браверман Э.М. [3], Бугаев А.И. [4], Кабардин О.Ю. [7], Умаров У.С. ва Раҷабов У.Х. [13], Шишкин Н.Н. [16], Усова А.В., Вологодская З.А. [15] тадқиқот бурдаанд ва доир ба сохтани асбобҳои содаи физикӣ бошад, корҳои олимон Ансиферов Л.И. [1], Глазырин А.И. [5], Гринбаум М.И. [6], Коршунова О.В. [8], Синенко В.Я. [11], Таныгин С. В. [12] ва дигарон [10] бахшида шудаанд, аммо чӣ тавре тадқиқоти мо нишон медиҳад, дар адабиёти мавҷуда доир ба сохтани асбобҳои содаи физикӣ баҳри шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо маълумот оварда нашудааст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки бо навиштани мақолаи мазкур ба масъалаи тадқиқотӣ каме равшанӣ андозем.

Барномаи таълим [2] ва китобҳои дарсии амалкунанда [9; 14] аз физика собит менамоянд, ки баҳри шинос намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо имконият мавҷуд аст ва мо омӯзгорон бояд аз ин имкониятҳо самаранок истифода намоем. Яке аз имкониятҳо ташкилу саривақт гузаронидани маҳфили физикӣ, аз ҷумла, маҳфили «Физикони ҷавон» доир ба сохтани асбобҳои физикии сода ба ҳисоб меравад. Дар зер методикаи ташкилу гузаронидани маҳфили «Физикони ҷавон»-ро бо таҳияи нақшаи кори он, ки баҳри шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо равона шудааст, меорем.

Маҳфили физикӣ яке аз шаклҳои самарабахши машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика буда, имконияти пурра медиҳад, ки қобилият ва талаботи инфиродии хонандагон ба инобат гирифта шуда, қаноатбахш гардонида шаванд. Афзалияти ин шакли машғулиятҳои берунисинфӣ нисбат ба шаклҳои дигараш дар он аст, ки он имкон медиҳад – оид ба васеъ гардонидан ва амиқ намудани дониши хонандагон, ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии онҳо бо баҳисобгирии хусусиятҳои синусолиашон корҳои мушаххас ташкил карда шаванд.

Мундариҷаи корҳои маҳфил гуногун буда метавонад: тайёр намудани асбобҳои физикии сода, тайёр намудани шиносномаҳои техникии асбобҳои сохташуда, навиштани реферат, кор бо адабиёти иловагӣ, тайёр намудани маърузаҳо ва ахборот, гузаронидани таҷрибаҳои шавқовар, ҳалли масъалаҳои шавқовару озмоишӣ ва ғайра.

**Ташкили машғулиятҳои махфил**. Пеш аз ҳама, омӯзгор бояд хонандагонро омӯзад ва онҳоеро, ки ба физикаю техника таваҷҷуҳ доранд, ба кори маҳфил ҷалб намояд. Шиносоии пешакӣ бо хонандагон имкон медиҳад, ки омӯзгор мавзуъҳои машғулиятҳои маҳфилро чунон интихоб намояд, ки онҳо ба майлу рағбати аъзоёни маҳфил мувофиқ бошанду супоришҳо байни аъзоёни он дуруст тақсим карда шаванд. Шумораи аъзоёни маҳфил набояд аз 10-15 нафар зиёд бошад. Шумораи аъзои маҳфили озмоишӣ аз ин ҳам камтар буда метавонад.

Мазмун ва нақшаи кории маҳфилро бо баҳисобгирии шавқу ҳавас, майлу рағбат, хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии хонандагон тартиб додан мавофиқи матлаб аст, вале шакли асосии кори маҳфилро омӯзгор пешакӣ муайян менамояд. Интихоби шакли мақбули кори маҳфил аз шавқу ҳавас ва тайёрии худи омӯзгор, майлу рағбат ва талаботи хонандагон, эҳтиёҷоти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазъи таҷҳизоти кабинети физика, мавҷудияти мавод ва як қатор омилҳои дигар вобастагӣ дорад. Масалан, омӯзгор (роҳбари маҳфил) чунин мақсад мегузорад: таҷҳизонидани кабинети физика ва дар асоси он ташкили маҳфиле, ки аъзоёни он хоҳиши дар ин кор иштирок карданро доранд.

Муваффақиятҳои кори маҳфил аз ташкили дуруст, назорат ва баҳисобгирии фаъолияти аъзоёни он вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои корҳои ба сомонрасонидаи аъзоёнро дар ҷаласаҳои маҳфил муҳокима карда, дар дафтари махсус қайд намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар давоми соли таҳсил ду ё се маротиба ташкил намудани намоиши маҳсули кори аъзоёни маҳфил аз манфиат холӣ нест.

Вобаста ба синну соли хонандагон яке аз шаклҳои корҳои дар боло номбаршуда мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Чӣ тавре ки таҷриба нишон медиҳад, хонандагони синфҳои 7-9 бештар ба гузаронидани тачрибаҳои шавқовар, гузаронидани мушоҳидаҳо, сохтани асбобҳои содаи физикӣ ва истифода намудани онҳо мароқ зоҳир менамоянд.

Мазмуну мундариҷаи кори маҳфили «Физикони ҷавон» бояд ба маводи барномавӣ робитаи узвӣ дошта бошад ва барои васею амиқ омӯхтани онҳо мусоидат намояд.

Акнун дар бораи кори маҳфили «Физикони ҷавон» доир ба сохтани асбобҳои физикии сода бахри шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ба таври муфассал маълумот медиҳем.

Маҳфили мазкур аз аввали соли таҳсил ташкил карда мешавад. Ҳайати маҳфил аз 10 - 15 нафар хонандагон иборат буда метавонад. Маҳфил аз рӯйи нақшаи корӣ, ки маъмурияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ кардааст, ба таври мусалсал амал менамояд. Машғулиятҳои маҳфил дар як моҳ ду маротиба гузаронида мешаванд.

**Мақсади маҳфил:** пайдо кардан ва ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагон ба сохтани асбобҳои содаи физикӣ; ташаккул додани маҳорату малакаҳои сохтан ва истифода карда тавонистани асбобҳои содаи физикӣ; муҷаҳҳаз гардонидани кабинети физика; сохтан ва истифода кардани асбобҳое, ки тавассути онҳо хонандагонро бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шинос намудан имконпазир аст.

Нақшаи кории маҳфил барои чоряк, нимсола ва ё барои тамоми соли таҳсил мураттаб карда мешавад. Мавриди мураттаб сохтани нақшаи кории маҳфил омӯзгори физика, ки роҳбари маҳфил аст, бояд имкониятҳои худ ва кабинети физика, имкониятҳои устохонаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгори фанни технология, хусусиятҳои синнусолии хонандагон, майлу рағбати онҳоро ба эътибор гирад.

**Дар нақшаи корӣ бояд масъалаҳои зайл инъикос ёбанд:**

1. Санаи гузаронидани машғулиятҳои маҳфил (рақами тартибии машғулиятҳои маҳфил).
2. Мазмуни машғулиятҳои маҳфил.
3. Мутасаддӣ барои ҳар як ҷузъи машғулияти маҳфил (шахси масъул).
4. Муҳлати тайёр шудани супоришҳо.
5. Қайди иҷрои супоришҳо.

Дар тули соли таҳсил нақшаи кории маҳфил тағйир ва такмил ёфтанаш мумкин аст. Мавзуъҳои машғулиятҳои маҳфил бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- онҳо бояд мубрам ва зарурӣ бошанд;
- ба талаботи хонандагон мувофиқат намоянд;
- ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва шавқу ҳаваси онҳо мувофиқ бошанд;
- ба ривоҷи кабинети физика мусоидат намоянд;
- хонандагонро бо яке аз роҳҳои паст кардани хатари баъзе офатҳои табиӣ шинос намоянд.

Ҳангоми ба нақшагирии кори маҳфил барои машғулиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ мавзуъҳо бояд ҷиддӣ муайян карда шаванд. Ҳар як аъзои маҳфил бояд вобаста ба шавқу рағбат, дониш ва имкониятҳои худ супориш гирад. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти эҷодии хонандагонро инкишоф диҳад.

Ҳангоми мураттаб сохтани нақшаи корӣ омӯзгор бояд ҳаминро ба эътибор гирад, ки асбобҳои сохтаи хонандагон дар дарсҳои наздиктарин истифода карда шаванд. Барои ин омӯзгор - роҳбари маҳфил бояд нақшаи кории маҳфилро ба нақшаи тақвимӣ мутобиқ созад.

Азбаски хонандагони синфҳои 7-9 ба асбобсозию ҷамъоварии маводи зарурӣ шавқи зиёде доранд, бинобар ин, мо нақшаи кориро барои хонандагони ин синфҳо мураттаб

намудем. Барои хонандагони синфҳои болоӣ бошад, сохтани асбобҳои нисбатан мураккабро ба нақша дохил намудан мувофиқи мақсад аст.

Ба сифати мисол нақшаи кории маҳфили мазкурро оид ба сохтани баъзе асбобҳо дар мисолҳои мушаххас баҳри шинос кардани хонандагон бо баъзе офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо пешниҳод менамоем.

*«Тасдиқ мекунам»,*
*директори МТМУ:*
*«___»________соли 20___*

***Нақшаи кории маҳфили "Физикони ҷавон"***

| № б/т | Мазмуни машғулияти маҳфил | Санаи гузаронидани машғулият | Шахси масъул | Санаи иҷрои супоришот | Қайди иҷрои супоришот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | Суҳбат доир ба мақсаду мароми маҳфил. Нақши асбобҳо дар омӯзиши физика. Кадом асбобҳои физикиро Шумо сохта метавонед? Нақши асбобҳои дастисоз дар омӯзиши физика. Тасдиқи нақшаи кории маҳфил | | Роҳбари маҳфил | | |
| 2 | Суҳбат: сохтани асбобро аз чӣ бояд оғоз кард? а) муайян кардани вазифаи асбоб ва мақсади сохтани он; б) муайян намудан ва интихоби маводи зарурӣ; в) кашидани нақшаи асбоб; г) сохтани ҷузъҳои алоҳидаи асбоб; д)сохтани асбоб; е) ороиш додани асбоб; ё) санҷидани амали асбоби сохташуда. Шинос кардани хонандагон ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор ҳангоми кор | | Роҳбари маҳфил | | |
| 3 | Ташкилу ҷамъоварии маводи зарурӣ. Омодасозӣ ва ҷиҳозонидани утоқи кории маҳфил. Ба гурӯҳҳои корӣ тақсим кардани аъзоёни маҳфил ва муайян намудани вазифаҳои онҳо. | | Аъзои маҳфил. Роҳбари маҳфил | | |
| 4 | Сохтани асбобҳои содаи ченкунандаи дарозӣ (намудҳои гуногуни ҷадвали андозадор аз чӯб, тасма, клёнка). Аз бутилҳо ё баклашкаҳои холӣ сохтани истаконҳо барои намоиши таҷрибаҳои физикӣ | | Аъзои маҳфил | | |
| 5 | Сохтани аробачаҳо барои намоиш додани ҳаракатҳои | | Аъзои маҳфил | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мунтазам ва номунтазам, таъсири мутақобили ҷисмҳо, инерсия. Сохтани тарозуи фашангӣ ва борсангҳо. Сохтани асбоб мувофиқи расмҳои 3.22.2; 3.26.1-и китоби дарсии “Физика-7” | | | | |
| 6 | Сохтани динамометри сода. Сохтани асбоб барои намоиш додани қувваи соиш ва чен кардани он | | Аъзои маҳфил | | |
| 7 | Сохтани асбоб барои намоиш додани фишор ва тарзҳои каму зиёд кардани он | | Аъзои маҳфил | | |
| 8 | Сохтани асбоб барои намоиш додани фишори газ, қонуни Паскал, фишор дар моеъ ва газ | | Аъзои маҳфил | | |
| 9 | Сохтани асбоб барои намоиш додани амали зарфҳои пайваста, фишори атмосферӣ | | Аъзои маҳфил | | |
| 10 | Сохтани барометри одитарин | | Аъзои маҳфил | | |
| 11 | Сохтани барометр аз шохчаи хушки арча | | Аъзои маҳфил | | |
| 12 | Сохтани асбоб барои намоиши "Тарзи амали манометрҳо". Сохтани амсилаи мошини гидравликӣ | | Аъзои маҳфил | | |
| 13 | Сохтани асбоби «Реле-шиноварак» | | Аъзои маҳфил | | |
| 14 | Сохтани фашангҳои гуногун ва ғарғара | | Аъзои маҳфил | | |
| 15 | Сохтани асбоби «Бонги хатар аз обхезӣ» | | Аъзои маҳфил | | |
| 16 | Аз рӯйи расми 5.6.1-и китоби дарсӣ (Физика-7) сохтани асбоб барои намоиши «Аз як навъ ба навъи дигар гузаштани энергияи механикӣ» | | Аъзои маҳфил | | |
| 17 | Сохтани асбоб барои намоиши гармигузаронии моддаҳои гуногун | | Аъзои маҳфил | | |
| 18 | Сохтани асбоб барои намоиши ҳодисаи «Конвексия». Сохтани асбоб барои намоиши «кашиш» | | Аъзои маҳфил | | |
| 19 | Сохтани гигроскоп – асбоб барои муайян кардани намии ҳаво | | Аъзои маҳфил | | |
| 20 | Сохтани асбоб барои пешгӯийи обу ҳаво | | Аъзои маҳфил | | |
| | Сохтани қадаҳи боронченкунак | | Аъзои маҳфил | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Сохтани электроскопи сода. Сохтани султон. Аз фолга сохтани гилза барои намоиши электрнокшавии ҷисмҳо | | Аъзои маҳфил | | |
| 22 | Сохтани асбоби ба ном «Посбони обхезӣ» | | Аъзои маҳфил | | |
| 23 | Сохтани асбоб барои намоиш додани таъсири майдони магнитӣ ба ноқили ҷараёндор | | Аъзои маҳфил | | |
| 24 | Сохтани асбоб барои намоиш додани «Сохтани тасвир дар линзаи ҷамъкунанда» | | Аъзои маҳфил | | |
| 25 | Сохтани ҷадвалҳои (плакатҳои) формулаҳои физикӣ, доимиҳои физикӣ, ҷадвалҳои гуногун | | Аъзои маҳфил | | |
| 26 | Ташкил кардани намоишгоҳи асбобҳои тайёркардаи аъзоёни маҳфил | | Аъзои маҳфил. Роҳбари маҳфил | | |

Акнун ба сифати мисол тарзи сохтани асбоби ба ном «Посбони обхезӣ» -ро нишон медиҳем. Чӣ тавре ки аз номи асбоб ҳувайдост, он барои шинос кардани хонандагон ба обхезӣ ва роҳҳои паст кардани хатари он пешбинӣ шудааст.

**Сохтани асбоби ба ном «Посбони обхезӣ».** Ин асбобро аз рӯйи расмаш ба осонӣ сохтан мумкин аст.










Асбоби сохтаи аъзоёни маҳфил: Алимов К., Олимова З. хонандагони синфи 8

Барои сохтани асбоб лавозимоти зайл лозиманд: як дона қаппаки либосовезӣ, ду лавҳаи мисин (ё металли дигар), як дона лампаи фонуси кисагӣ ё занги электрӣ, патрон барои лампа, ноқилҳо (симҳои васлкунӣ), якчанд дона мех, поя.

Ба сатҳи дохилии нӯгҳои қаппаки либосовезӣ лавҳаҳои мисинро чӣ тавре ки дар расм нишон дода шудааст, часпонед ва ба онҳо як нӯги симҳои васлкунандаро пайваст кунед. Нӯги дигари як симро ба батареяи фонуси кисагӣ ва пас аз он ба занги (ё лампаи) электрӣ

васл намоед. Нӯги дуюми сими дигар бевосита ба занги (ё лампаи) электрӣ пайваст карда мешавад (ниг. ба нақшаи занҷири электрии асбоб).

Дар сатҳи муқобили қаппак ягон лавҳаи пластмассагиро ҳамчун сарпӯш (лапар) часпонед. Он қандро аз обшавӣ бо таъсири борон ҳифз менамояд.

Як рӯяи қаппакро тавассути мех ба поя устувор мекунанд. Асбоби «Посбони обхезӣ» тайёр шуд.

**Тарзи истифодаи асбоб.** Қисми қаппакдори асбобро, ки дар поя устувор карда шудааст, дар соҳили ҷӯйбор (канал, сой ё дарё) чунон ҷойгир мекунанд, ки нӯги қаппак аз сатҳи оби он 5-10 см боло истад. Дар байни рӯяҳои қаппак ягон моводи дар об зуд ҳалшаванда (масалан, порчаи қанд) ҷойгир мекунанд.

**Тарзи кори асбоб.** Ҳангоми баланд шудани сатҳи оби ҷӯйбор (канал, сой, дарё) об ба қанди дар байни рӯяҳои қаппак ҷой додашуда расида онро ҳал мекунад. Дар натиҷа лавҳаҳои мисин ба ҳам расида, занҷири электриро сарбаст мекунанду занг садо мебарорад (ё лампа фурӯзон мегардад). Дар ин маврид қаппак ба сифати калид хизмат мекунад.

**Тавсия ба омӯзгор.** Асбоби мазкурро ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои «Занҷири электрӣ ва қисмҳои таркибии он», «Ҷараёни электрӣ дар металлҳо» (синфи 8) [14], «Ҳодисаи таршавӣ ва тарнашавӣ», инчунин мавзуи «Капиллярнокӣ» (синфи 7) [9] барои шинос кардани хонандагон бо офати табии обхезӣ ва яке аз роҳҳои паст кардани хатари он истифода намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ташкилу гузаронидани маҳфили «Физикони ҷавон» доир ба сохтани асбобҳои физикии сода на танҳо ба ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагон ба физика, омӯзиши амиқи қонунҳои физикиву дар онҳо рушд ёфтани маҳорат ва малакаҳои тарҳсозӣ мусоидат менамояд, инчунин барои шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо низ кӯмак мекунад.

### *Адабиёт*


1. *Анциферов Л.И. Самодельные приборы для физического практикума в средней школе: Пособие для учителя / Л.И. Анциферов. – М.: Просвещение, 1985. - 128 с.*
2. *Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. - 48 с.*
3. *Браверман Э.М. Внеклассная работа по физике: содержание и методика проведения / Э.М. Браверман. –М.: Высшая школа, 1990. – 240 с.*
4. *Бугаев А.И. Методика преподавания физики в средней школе. Теорет. основы: Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по физ-мат. спец / А.И. Бугаев. – М.: Просвещение, 1981. - 288 с.*
5. *Глазырин А.И. Самодельные демонстрационные приборы по физике и опыти с ними: Пособие для учителей. Изд. 2-е. перераб. и доп / А.И. Глазырин. – М.: Учпедгиз. 1960. – 488 с.*
6. *Гринбаум М.И. Самодельные приборы по физике. Из опыта работы: пособие для учителей / М.И. Гринбаум. – М.: Просвещение, 1972. – 200 с.*
7. *Кабардин О.Ю. Внеурочная работа по физике / О.Ю. Кабардин, Э.М. Браверман, Г.Р. Глущенко и др.; Под ред. О.Ф. Кабардина. – М.: Просвещение, 1983. – 223 с.*
8. *Коршунова О.В. Развитие творческого потенциала через изготовление самодельного оборудования / О.В. Коршунова // Физика. Научно-методический журнал для учителей физики, астрономии и естествознания. - №6. - 2012. - С. 14-18*
9. *Маҷидов Ҳ. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ / Ҳ. Маҷидов, С. Зубайдов. – Душанбе: «Алиф», 2008. - 281 с.*
10. *Самодельные приборы по физике. М.: Ротапринт, 1984. - 155 с.*
11. *Синенко В.Я. Изготовление и использование самодельных приборов и приспособлений: методические рекомендации для учителей физики / В.Я. Синенко. – Новосибирск: Изд-во НИПКиПРО, 2013. – 163 с.*
12. *Таныгин С. В. Сложная физика на простом самодельном оборудовании / С. В. Таныгин. – Барнаул: БГПУ, 2006. – 103 с.*
13. *Умаров У.С. Методикаи ташкилу гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика (Китоби дарсӣ) / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: ДДОТ, 2018. - 314 с.*
14. *Умаров У.С. Физика – 8. Китоби дарсӣ барои синфи 8-и мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ / У.С. Умаров, Ҷ. Исупов, М. Икромов, Ф.Нуралиев. – Душанбе: Алиф, 2009. - 283 с.*
15. *Усова А.В. Планы работы физических кружков для учащихся 6-7 классов / А.В. Усова, З.А. Вологодская. – Челябинск: ЧГПИ, 1986. – 32 с.*
16. *Шишкин Н.Н. Клуб юных физиков. Кн. для учителя: из опыта работы / Н.Н. Шишкин. – М.: Просвещение, 1991. – 144 с.*

## ШИНОС НАМУДАНИ ХОНАНДАГОН БО ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ХАТАРИ ОНҲО ДАР МАҲФИЛИ ФИЗИКӢ

Муаллифон дар натиҷаи таҳлили барномаи таълим ва китобҳои дарсии амалкунандаи физика, адабиёти педагогиву методӣ ба хулосае меоянд, ки тавассути ташкилу гузаронидани маҳфили «Физикони ҷавон», ки барои сохтани асбобҳои физикии содаи худсохт пешбинӣ шудааст, хонандагонро на танҳо бо сохтани асбобҳои содаи физикӣ, балки бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шинос намудан мумкин аст. Дар мақола методикаи ташкилу гузаронидани чунин маҳфил, нақшаи фаъолияти он ва намунаи тарзи сохтани асбоби содаи физикӣ тавсияҳои методӣ оварда шудааст, ки ҳамаи ин ба шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиию роҳҳои паст кардани хатари онҳо мусоидат мекунад. Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиӣ мебошанд, бинобар ин ҳангоми ташкилу гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ аз физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо аз манфиат холӣ нест. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ на танҳо донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо, балки донистани роҳҳои паст кардани хатари онҳо низ зарур мебошад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, муаллифон бо овардани намунаи тарзи сохтани асбобҳои содаи физикӣ ва тавсияҳо ба омӯзгор кӯшиш намудаанд, ки хонандагонро на танҳо ба сохтани асбобҳо, балки бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо низ шинос намоянд. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо баҳри ташаккул додани малака ва маҳоратҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника мусоидат мекунад.



**Калидвожаҳо:** маҳфил, физикони ҷавон, физика, асбоб, сохтани асбоб, асбоби худсохт, офатҳои табиӣ, хонандагон, омӯзгор, обхезӣ, намии ҳаво, капиллярнокӣ.



## ОЗНАКОМЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ СО СТИХИЙНЫМИ БЕДСТВИЯМИ И СПОСОБАМИ СНИЖЕНИЯ ИХ РИСКА В ФИЗИЧЕСКОМ КРУЖКЕ

Авторы в результате анализа учебной программы и действующих учебников физики, педагогической и методической литературы приходят к выводу, что с помощью организации и проведения кружка «Юные физики» по изготовлению простых самодельных приборов по физике, можно ознакомить учащихся не только с изготовлением простых физических приборов, а также со стихийными бедствиями и способами снижения их риска. В статье приводятся сведения об организации и проведению кружка «Юные физики», плана его мероприятия и примера изготовления простых физических приборов, с методическими рекомендациями, т.к. всё это способствует ознакомлению учащихся со стихийными бедствиями и способами снижения их риска. Учитывая, что физика изучает явления природы, и стихийные бедствия также являются природными явлениями, небезынтересно знакомить учащихся средних общеобразовательных учреждений со стихийными бедствиями и способами снижения их риска при организации и проведения внеклассных занятий по физике. Для снижения риска стихийных бедствий необходимо не только знать причины их возникновения, но и способы снижения их риска. Принимая все это во внимание, авторы приводя примеры фрагменты уроков с опытами старались ознакомить учащихся не только со стихийными бедствиями, но а также со способами снижения их риска. С другой стороны, ознакомление учащихся со способами снижения риска стихийных бедствий способствует формированию умений и навыков применения знаний при объяснении явлений природы и техники.



**Ключевые слова:** кружок, юные физики, физика, прибор, изготовление прибора, самодельный прибор, стихийные бедствия, учащиеся, учитель, наводнение, влажность воздуха, капиллярность.



## INTRODUCING STUDENTS TO NATURAL DISASTERS AND WAYS TO REDUCE THEIR RISK IN PHYSICS CLUB

The authors, as a result of the analysis of the curriculum and existing physics textbooks, pedagogical and methodological literature, come to the conclusion that with the help of organizing and conducting the "Young Physicists" circle for the manufacture of simple home-made devices in physics, it is possible to acquaint students not only with the manufacture of simple physical devices, but also with natural disasters and ways to reduce their risk. The article provides information on the organization and conduct of the "Young Physicists" circle, the plan of its event and an example of the manufacture of simple physical devices, with methodological recommendations, because all this helps to familiarize students with natural disasters and ways to reduce their risk. Given that physics studies natural phenomena, and natural disasters are also natural phenomena, it is interesting to acquaint students of secondary educational institutions with natural disasters and ways to reduce their risk when organizing and conducting extracurricular physics classes. To reduce the risk of natural disasters, it is necessary not only to know the causes of their occurrence, but also ways to reduce their risk. Taking all this into account, the authors, giving examples of fragments of lessons with experiments, tried to acquaint students not only with natural disasters, but also

with ways to reduce their risk. On the other hand, familiarizing students with ways to reduce the risk of natural disasters contributes to the formation of skills and abilities to apply knowledge in explaining natural and technical phenomena.

**Keywords:** circle, young physicists, physics, device, device manufacturing, home-made device, natural disasters, students, teacher, flood, air humidity, capillarity.

**Дар бораи муаллифон**

Мирзоев Абдулазиз Маҷидович
Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 934 31 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

Раҷабов Умед Хушвакович
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

**Об авторах**

Мирзоев Абдулазиз Маджидович
Докторант (PhD) кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 934 31 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

Раджабов Умед Хушвакович
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

**About the authors**

Mirzoev Abdulaziz Majidovich
Doctorant (PhD) of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 934 31 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

Rajabov Umed Khushvakovich
Docent of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

ТДУ 372.857

# РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР БАЛАНД ШУДАНИ СИФАТИ ДОНИШ ВА МАҲОРАТИ ДОНИШҶӮЁН

***Баротзода К. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Омодагии донишҷӯён барои аз худ кардани донишу маҳорати барқарорсозии робитаҳои байнифаннӣ дар системаи таълими иҷрои корҳои мустақилона, инчунин санҷиши унсурҳои алоҳидаи малакаҳои истифодаи комплексии донишҳо ба даст оварда мешавад, ки бо он истифодаи воситаҳои зерин мусоидат мекунанд: шинохти робитаҳои байнифаннӣ дар матнҳои таълимӣ; дарёфт ва истифодаи иқтибосҳо аз мақолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ; интихоби маводи воқеии мавзуъ барои тасдиқи андешаҳои илмии шахсӣ; далелҳои воқеию илмӣ барои исботи қонунҳои диалектика, ақидаҳои умумии илмӣ, мафҳумҳо; таҳлили мисолҳои мушаххаси фанҳои биология, физика, химия, география, математика аз нуктаи назари қонуният, категорияҳои умумӣ; огоҳӣ аз хусусияти байнифаннии вазифаҳои таълимии маърифатӣ; таҳлил ва ибрози андешаҳои шахсӣ оид ба иҷрои вазифаҳои робитаҳои байнифаннӣ; таҳлил ва дақиқсозии масъалаҳое, ки дар асоси муқоиса ва таҳлили фактҳои илмии мавзуъҳои биохимикӣ, физикию химиявӣ, биофизикӣ ва ғайра хулоса баровардан мумкин аст; тартиб додани нақшаи ҳалли масъалаи робитаи байнифаннӣ ва ғайра. Намунаи иҷрои чунин вазифаҳо, гузаронидани сӯҳбатҳои маърифатӣ, ки мантиқи мулоҳизаҳоро муайян мекунанд, ба огоҳӣ овардани пайдарпайии амалҳои иҷрошуда, муносибати дифференсиалӣ ба масъалаҳои омӯзиши шавқу ҳавас ва имкониятҳои маърифатии донишҷӯёнро ба ҳисоб гирифтанро талаб мекунад.

Дар ташаккули малакаи амалигардонии робитахои байнифаннӣ риоя намудани марҳилаҳои пай дар пай заруранд: I – бедор кардани шавқу ҳаваси маърифатии донишҷӯён ба ҳалли масъалахои робитаи байнифаннӣ, эътироф ва дарки онҳо аз зарурати истифодаи дониши фанҳои гуногун бо назардошти ихтисоси оянда; II — таҳияи методҳои фардии фаъолияти эҷодӣ дар асоси робитаҳои байнифаннӣ; III - синтези малакаҳои мушаххас ба маҳорати ягонаи истифодаи комплексии донишҳо дар ҳалли масъалаҳои робитаҳои байнифаннӣ. Шарти асосии бомуваффақият интиқол додани донишҳои фаннӣ ба монанд будани онҳо ба сохтори мундариҷа ва методҳои омӯзиши фанҳои дигар алоқаманд мебошад [4, с. 54-56].

Дар равандии ҳалли проблемаҳои робитаҳои байнифаннӣ робитаи мутақобилаи шавқу ҳавас ва маҳорат нақши муҳим мебозад.

Аз худ намудани малакаҳои умумии фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва маҳорати ба амал баровардани робитаҳои байнифанӣ ба инкишофи шавқу завқи маърифатӣ аз ҷониби донишҷӯён вобаста аст. Омӯзиши хусусиятҳои тафаккур собит кардааст, ки ангезаи дохилии фаъолияти ҷустуҷӯӣ, ки бо азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳо алоқаманд, раванди ҷустуҷӯро ба танзим медарорад, ғанигардии эҳсосии онро инъикос мекунад. Қабули вазифаи робитаи байнифаннӣ бештар аз самти назариявии манфиатҳои маърифатии донишҷӯён, майли онҳо ба дониши ҷанбаҳои фалсафӣ, ҷаҳонбинии дониши фаннӣ вобаста аст. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои робитаи байнифаннӣ дар дарс аз рӯи коррелятсия дар методикаи таълими химия ва биология байни шавқу рағбати баланди донишҷӯён ба ин фан, ки дорои хусусияти идеявӣ мебошад ва бо бошуурона чудо кардани онҳо тибқи иҷрои вазифаҳои умумии маърифатӣ алоқамандии зич мавҷуд аст.

Тафриқаандозии бошууронаи масъалаи робитаи байнифаннӣ, яке аз зуҳуроти амали эҷодии донишҷӯён буда, дар сохтори қобилияти касбии онҳо ба таносуби зичи дониш ва методҳои таълим мусоидат мекунад. Ҳисобкунии коэффисентҳои коррелятсия робитаи зичи байни сатҳои дониш ва усулҳои иҷрои амалро дар кори донишҷӯён, ки мустақилона вазифаи байнифаннии маърифатиро (робитаи физика, химия ва математика) муайян кардаанд, бо омодагии касбӣ мусоидат менамояд [2, с. 145].

Робитаҳои байнифаннӣ тамоми ангезаҳои шавқу завқи маърифатиро, ки бо фаъолияти таълимӣ алоқаманданд, фаъол мегардонанд. Дар онҳо методҳои проблемавӣ, унсурҳои

тадқиқотӣ ва эҷодиро ҷорӣ менамоянд, шаклҳои кори мустақилонаро дар гуногунандешӣ иҷро мекунанд, ки онҳо ба азхудкунии малакаҳои нав мусоидат мекунанд. Бо табдил додани методҳои таълим робитаҳои байнифаннӣ ба тағийрёбии шаклҳои ташкилии он таъсир мерасонанд. Шаклҳои коллективонаи ташкили кори таълим, ки халли масъалаҳои байнифанниро беҳтар таъмин намуда, барои зуҳуроти дониш ва шавқу ҳаваси донишҷӯён ба дигар фанҳо шароит фароҳам оваранд, зарур аст. Дар ин сурат муваффақият ба ҳама имконпазир мегардад. Муваффақияти фаъолият, чунон ки маълум аст, муҳимтарин ангезандаи фаъолият ва шавқу ҳавас ба он мебошад. Дар шаклҳои коллективии кори тарбиявӣ ангезаҳои шавқи маърифатӣ, ки бо муносибати байни иштирокчиёни раванди таълим алоқамандананд, фаъол мебошанд. Онҳо дар оҳанги эҳсосӣ, эътимод ба қобилиятҳои маърифатии донишҷӯён, дастгирии ҳамдигар дар фаъолият, унсурҳои рақобат, ҳавасмандкунӣ ва ғайраҳо ифода мегарданд.

Дар раванди ташаккули шавқу завқи маърифатии донишҷӯён робитаҳои байнифаннӣ (мазмун, амалиётӣ-фаъолиятӣ, ташкилию методӣ) вазифаҳои гуногунҷанбаро иҷро мекунанд. Пеш аз ҳама, онҳо ҳамчун ангезаи шавқу ҳаваси донишҷӯён ба таҳсил амал карда, ба ҳамаи дигар ангезаҳои мусбате, ки аз мазмуни фаъолият ва муносибатҳо бармеоянд, аксуламали ҷавобӣ медиҳанд.

Фаъолияти таълимие, ки дар асоси робитаи байнифаннӣ ба роҳ монда шудааст, таваҷҷӯҳи бевоситаро ба лексия ва дарсҳои амалӣ ба вуҷуд меорад. Онҳо мунтазам ба амал бароварда шуда, шарти ташаккули манфиатҳои устувори маърифатии донишҷӯён мегардад. Чунин малакаҳо дар асоси барқарор намудани робитаи байнифаннии биология ва география, химия бо физика, математика бо физика, ҳангоми пешниҳод намудани вазифаҳои «танқид кардан», «исбот кардан», «асоснок намудан», «баҳс кардан», «хулоса баровардан», ташаккул меёбанд. Омили баҳодиҳӣ ба дониш шавқ ва фаъолияти донишҷӯёнро бедор мекунад.

Ҳамин тариқ, таълим дар асоси робитаҳои гуногунҷабҳаи байнифаннӣ на танҳо манфиатҳои устувори ҷаҳонбинии маърифатиро фаъолона ташаккул медиҳад, ки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён арзишманд аст, балки онҳоро ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ омода мекунад.

Истифодаи моҳирона аз робитаҳои байнифаннӣ на танҳо омили муҳими оптимизатсия ва интенсификатсияи раванди таълим дар донишгоҳи омӯзгорӣ, балки баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати таълиму тарбияи донишҷӯён низ мебошад.

Ҳангоми омӯхтани мазмуни курси химия ва биологияи мактабӣ ба донишҷӯён фаҳмондан лозим аст, ки дар синфҳои 8—9 дониш дар асоси робитаи байнифаннӣ, дар бораи ҳуҷайра ва бофтаҳо, таркибҳои химиявӣ ва хосиятҳои химиявии онҳоро ташаккул додан мумкин аст. Вазифаҳои биологии кислотаи хлорид ва намакҳои он, пайваст шудан аз элементҳои химиявӣ, ҷойгузинии биологии онҳо вобаста ба мавқеъ дар системаи даврии Д.И.Менделеев амалӣ мегардад. Ҳангоми ташаккул додани мафҳумҳо дар кислотаи сулфат, истеҳсоли он, истифодаи маълумот аз курси ҷуғрофия, оид ба сарватҳои табиӣ ва минтақаҳои паҳншавии онҳо комилан имконпазир аст.

Дар курси химия, биология ва география мавзуъҳои дигаре низ ҳастанд, ки робитаҳои байнифанниро омӯзгорон таъмин карда метавонанд ва онҳоро бо роҳи ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ва таҷрибавӣ, ҳангоми пешниҳоди ахбороти барномавӣ амалӣ намудан мумкин аст. Ин ҷо мо онро таври конкретӣ дида мебароем [10, с.80].

Мо метавонем бо истифода аз мисолҳои зерин донишҳоро дар бораи таркиби химиявии устухон мустаҳкам намуда, малакаҳои ҳисобкуниро инкишоф диҳем ва мафҳумҳои таркиб ва хосиятҳои намакҳоро дарк намоем.

Ба хонандагон ҳалли масъалаи зерин пешниход карда мешавад: намакҳои минералии фосфати калсий, магний, карбонат ва фториди калсийи бофтаи устухон 22 фоиз ва фосфати калсий кариб 85,7 фоизи ин микдорро ташкил медиҳад. Массаи бофтаи устухон 16-18% массаи бадани инсонро ташкил медиҳад. Микдори гидрофосфатро дар бофтаи устухони одам, ки вазни баданаш 69 кг муайян кунед. Онро метавонед дар вазни бадани худатон муайян кунед.

Омӯзгор бояд хотиррасон кунад, ки мустаҳкамии устухонҳо ба мавҷуд будани гидрофосфати калсий дар таркиби он вобаста аст, зеро сохти кристалии он ба сохтори маводи хеле мустаҳками табиӣ - апатит монанд аст.

Дар вақти ҳалли чунин масъала нақши физиологии хлориди калсий қайд карда мешавад, ки он маҳлул дар тиб ба вазифаи лахташавии хун истифода мешавад. Массаи катиони калсийро, ки ба организм ҳангоми қабул кардани як қошуқчаи ошхонагӣ (16мл) дохил мешавад, ҳисоб кунед. Ба ҳисоб гиред, ки дар 100мл маҳлул 5г Ca Cl2* 6H2O мавҷуд аст.

Дар ин ҳолат дониши ҳалли масъалаҳо ва малакаҳои ҳисобкунӣ дар донишҷӯён мустаҳкам мегардад.

Масъалаи паҳншавии фосфатҳо, карбонатҳо ва хлоридҳои калсий, магний дар табиат ва аҳамияти саноатии онҳоро ба назар гирифта, истифода бурдани дониши донишҷӯён аз курси география бомаврид аст.

Ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Қонуни даврӣ ва системаи даврии элементҳои Д.И.Менделеев» диққати донишҷӯёнро ба ивазшавии биологии элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо ҷалб кардан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, дар дарси химияи МТМУ хонандагон дар синфи 8, дар мисоли гидроксиди натрий ё калий, калсий ё барий хосиятҳои физикӣ ва химиявии онҳоро меомӯзанд. Хонандагон медонанд, ки сулфати барий, сулфати мис ва сулфати натрийро ба маҳлули кислотаи сулфат реаксия гузаронидан мумкин аст.

Ҳангоми тавсифи элементҳо аз рӯйи гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои системаи даврии Д.И.Менделеев ба донишҷӯён маълумот додан муфид аст, ки ба хонандагон фаҳмонанд, ки дар ҷадвал элементҳо аз рӯи хосиятҳои якхела дар зери якдидигар ҷойгир шудаанд, бинобар ин гидроксидҳои натрий ё калий, калсий ё барий хосиятҳои якхеларо зоҳир мекунанд. Хусусиятҳои ин элементҳо аз рӯи вазифаҳои биологӣ ба ҳам монананд ва онҳо дар табиат мавҷуданд ва аз ҷиҳати биологӣ ивазшавандаанд. Масалан, дар сурати нарасидани калсий дар хок ва ё дар ғизо вазифаи онро стронсий иваз мекунад (агар он дар хок, дар ғизо аз ҳад зиёд бошад).

Дар баробари ин, омӯзгор ин робитаҳоро таҳлил карда, мефаҳмонад, ки чунин ивазкунӣ номатлуб аст, он боиси суст шудани устухонҳо, идоранашавандаи узвҳои мушакӣ мегардад, зеро стронсий бар хилофи калсий аз бофтаи устухон ба осонӣ шуста мешавад. Инро бо он маънидод мекунанд, ки панҷараи кристалии гидрофосфати стронций дар бофтаи устухон бар хилофи панҷараи кристалии гидрофосфати калсий сохти дигар дорад.

Иваз кардани калий ё натрий дар ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои бадан бо литий боиси ихтилоли системаи асаб мегардад. Натиҷаи ивази сулфур бо селен дар сафедаҳои бадан боиси афтидани пар дар парандагон, нарм шудани суму чанголи ҳайвонот, рехтани мӯй мегардад. Ин маълумоти мухтасар дар бораи ҷойивазкунии биологии элементҳои химиявӣ ба мо имкон медиҳад, ки донишҷӯёнро ба вобастагии хосиятҳои химиявии элементҳо ва функсияҳои биологӣ аз мавқеи элементҳо дар системаи даврӣ, заряди ядрои атомҳои онҳо ва массаи нисбии атомӣ бовар кунонем, то ин ки донистани робитаи байнифаннии моддаҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ барои омӯзгорони оянда муҳим аст.

Дар дарсҳои амалии методикаи таълими химия ҳангоми тавсифи элементҳо аз рӯи гурӯҳҳову зергурӯҳҳо ва муқаррар намудани вобастагии хосиятҳои физикию химиявӣ аз массаи атом, заряди ядрои он бояд қайд кард, ки бо зиёд шудани ин заряди атомҳо дар дохили гурӯҳҳо фаъолнокии элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо зиёд шуда, ҳиссаи онҳо дар системаҳои биологӣ ва мубодилаи моддаҳо меафзояд. Масалан, бор элементи биогенӣ буда, ба нашъунамои рустанӣ, нафаскашӣ, мубодилаи карбогидратҳо, реаксияҳои оксидшавии равандҳои мубодилаи моддаҳо таъсири мусбӣ мерасонад ва таллий барои наботот ва ҳайвонот заҳрнок аст.

Магний дар ташаккули бофтаи устухон, хлорофилл (дар бадани одам то 50 г, дар хун то 10г иштирок мекунад, фишори хунро ба танзим медарорад, радий, симоб ва пайвастагиҳои онҳо барои организм заҳрнок мебошанд. Карбон асоси ҳаёт буда, 18%-и массаи мавҷудоти зиндаро ташкил медиҳад, сурб ва пайвастагиҳои он барои одамон, наботот ва ҳайвонот заҳрнок мебошанд. Чунин тарзи тағйирёбии мавқеи биологии микроэлементҳоро дар мисоли элементҳои гурӯҳҳои дигари системаи даврӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Элементҳои дохили даврҳоро тавсиф намуда, таъкид кардан бамаврид аст, ки асоси ҳаёт шаш элементи се давраи аввал, яъне массаи материяи зинда аз 98,5% гидроген, карбон, нитроген, оксиген, фосфор ва сулфур иборат буда, ҳиссаи ҳамаи элементҳои дигар тақрибан 1,5 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо робитаи вазифаҳои биологиро бо табиати физикию химиявии атомҳои элементҳои биогенӣ низ қайд кардан лозим аст. Инчунин ба хотир

овардани паҳншавии элементҳои химиявӣ дар табиат ва аҳамияти хоҷагии онҳо ва бо ҳамин нишон додани робитаи байнифнннии курсҳои химия, биология ва география муҳим мебошад.

Ҳангоми омӯхтани галогенҳо дар дарси химия маълумотҳои курси биологияро низ истифода бурдан лозим аст. Масалан, дар бораи таъсири кислотаи гидрогенхлорид ба раванди ҳазми хӯрок дар системаи ҳозима маълумот додан лозим аст. Пас аз омӯхтани таркиб ва хосиятҳои кислотаи гидрогенхлорид фаҳмондан лозим аст, ки таъсири HCI бо нигоҳ доштани муҳити химиявии меъда ба он дараҷае, ки ферментҳо дар гидролизи сафедаҳо иштирок карда метавонанд, шарҳ дода мешавад. Кислотаи гидрогенхлорид дар меъда ва рӯдаҳо вазифаҳои бактерисидиро иҷро мекунад, илова бар ин, дар коҳиш додани ионҳои оҳани Fe3+ то Fe2+ иштирок мекунад ва ҳамин тариқ оҳане, ки ба организм ғизо дода мешавад, барои азхудшавӣ дастрас мегардад, дар ташаккули гемоглобин ва дигар моддаҳои пайвастагиҳои фаъоли биологӣ иштирок мекунад.

Тавсифи муқоисавии галогенҳо аз рӯи мавқеи системаи даврии элементҳо анҷом дода шуда, хосиятҳои оксидкунандагии онҳоро таъкид намуда, дар ин асос истифодаи галогенҳоро ҳамчун барои дезинфексия (хлоронидани об, молидани маҳлули спиртии йод ба захмҳо ва ғайра) шарҳ додан лозим аст. Ба хонандагон дар бораи мавқеи дигар элементҳое, ки ба зергурӯҳҳи галогенҳо дохил мешаванд, маълумот бояд дод. Масалан, йод дар ташаккули гормонҳои сипаршакл иштирок мекунад, ки ба мубодилаи моддаҳо дар бадан, ба фаъолияти системаи асаб таъсир мерасонад; бром дар ташаккули комплекси сафеда иштирок мекунад, ки ба боздории нимкураҳои калони мағзи сар таъсир мерасонад; фтор ҷузъи муҳими бофтаи устухон, сири дандон (фториди калсий) мебошад.

Аз ҳад зиёд ё набудани фторид дар об боиси вайрон шудани сири дандон ва худи дандон мегардад. Фтор ва йод ба оби нӯшокӣ ва намаки ошӣ ворид карда мешаванд. Ба хамираи дандон фториди натрий илова карда мешавад. Барои мустаҳкам намудан ва такмил додани донишу малакаҳои химиявию биологӣ ба донишҷӯён супоришу машқҳои дорои мазмуни зеринро пешниҳод кардан мумкин аст, ки онҳо дар таълими фанҳои МТМУ нақши калон мебозанд:

1. Дар баъзе бемориҳо маҳлули 0,9 фоизи намаки оширо, ки онро маҳлуи физиологӣ меноманд, ба хун мегузаронанд. Массаи об ва намакро, ки барои ба даст овардани маҳлули массааш 10 кг лозим аст, ҳисоб кунед. Ҳангоми истифодаи маҳлули массааш 200 г ба организм чӣ қадар намак ворид мешавад?

2. Массаи йод дар 100г массаи хуни одам 0,013 мг-ро ташкил медиҳад. Массаи хун 8%-и вазни баданро ташкил медиҳад. Массаи йодро дар хуни одами вазнаш 60 кг ҳисоб намоед.

3. Мувофиқи ҳисоби олимон ба организми инсон дар як шабонарӯз тақрибан 10-3 г йод зарур аст. Ин ба ҳисоби йодиди калий чанд грамм мешавад?

4. Дар тиб маҳлули 10%-и спиртии йодро истифода мебаранд. Барои тайёр кардани 200 г маҳлули спиртии йод, чӣ қадар йодро дар спирт ҳал бояд кард? Кадом хосияти йодро ба назар гирифта, онро дар тиб истифода мебаранд?

Дар химия ҳангоми таълими мавзӯи «Зергурӯҳҳи оксиген» баъзе вазифаҳои биологии озонро ҳамчун намуди аллотропии оксиген, оксидкунандаи қаҳвӣ, ки хосияти дезинфексионӣ ва бактеросидӣ дорад, қайд кардан мумкин аст. Дар ин замина озон барои тоза кардани оби нӯшокӣ ва партовҳои саноатӣ, сафед кардани коғаз, коҳ, матоъ ва дезодоризатсияи ҳаво истифода мешавад. Дар воҳиди хурд (0,000001% аз рӯи ҳаҷм дар ҳаво) озон ҳайвонот ва одамонро аз нобиноӣ наҷот медиҳад, таъсири нурҳои аз ҳад зиёди ултрабунафшро, ки ба чашм таъсир мерасонанд, кам мекунад [5, с. 96].

Зиёд шудани консентратсияи озон дар ҳаво синтези витаминҳои гурӯҳи D-ро ба таъхир меандозад. Бо ҷаббиши радиатсияи инфрасурхи Замин озон сардшавии онро пешгирӣ мекунад. Аз рӯи меъёри миқдори озон дар атмосфера ғафсии он он ба қабати атрофи кураи замин ҳамагӣ 3 мм мувофиқ аст. Аз ҳад зиёд озон заҳролуд буда, эҳсоси хастагӣ, дарди сар, дилбеҳузурӣ, илтиҳоби луобпардаи чашм, бинӣ, хунравӣ аз биниро ба вуҷуд меорад. Миқдори ками озон дар ҳаво ба организм таъсири судманд мерасонад.

Диққати донишҷӯёнро ба хосиятҳои физикӣ ва химиявии сулфур ҷалб намуда, бояд фаҳмонд, ки вазифаҳои биологии он бо сохтори мушаххаси атоми сулфур ва ташаккули робитаҳои ноустувор дар пайвастагиҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол (аз ҳисоби масофаҳои зиёди байниатомӣ бо муқосаи бандҳои химиявии пайвадҳо дар пайвастагиҳои нитроген, карбон, оксиген) муайян карда мешаванд. Бинобар ин хосияти пайвандҳои сулфур дорои

хосиятҳое мебошад, ки ба вай имкон медиҳанд дар ташаккули купрукчаҳои дисулфидӣ дар молекулаҳои сафедаҳо (сохти дуюми сафеда), интиқоли гурӯҳҳои муайяни атомҳо ҳангоми мубодилаи моддаҳо ва дар ташаккули захираи энергетикӣ иштирок кунанд.

Барои мустаҳкам кардани дониш мо метавонем, ин мушкилотро бо истифода аз ҳалли масъала иҷро кунем. Масалан, сулфур дар бадани инсон ба андозаи 0,25% вазни бадан дохил мешавад. Дар бадани инсон, ки вазни баданаш 60 кг аст, чӣ қадар сулфур мавҷуд аст? Дар бадани шумо чӣ қадар сулфур мавҷуд аст?

Дар мисоли методи омӯзиши асосҳои истеҳсоли кислотаи сулфат ва аҳамияти саноатии он истифода бурдани донишҳои курси географияи иқтисодӣ (захираҳои табиӣ, ҷойгиркунии ашёи хом барои истеҳсоли H2SO4, истифодабарии ашёи хом барои истеҳсоли H2SO4, истифодаи нерӯъгоҳҳои табиӣ-партовхои металлургияи сиёҳ ва ба ин муносибат проблемаи сарфакорона истифода бурдани ашьёи хом) мувофиқ аст.

Майдони васеи фаъолият оид ба амалӣ гардондани робитаҳои байнифаннӣ дар дарси химия зимни омӯзиши химияи органикӣ ба вуҷуд меояд. Инак, ҳангоми омӯхтани методикаи сохти молекулаҳои карбогидридҳо: метан, этан, этилен ва бензол аз робитаи химия бо математика ва физика истифода бурдан лозим аст. Ташаккули пайвандҳои банди сигма дар молекулаи метан аз ҳисоби гибридизатсияи SP3 ба амал меояд, яъне гибридизатсия як S ва 3P - электронро дар бар мегирад. Абрҳои гибридӣ ба қуллаҳои тетраэдр (пирамидаи секунҷаи муқаррарӣ) мераванд ва ин абрҳо бо абрҳои электронии атомҳои гидроген ба ҳам мепайванданд ва дар байни онҳо пайвандҳои сигма банд пайдо мешаванд.

Аз ин рӯ, молекулаи метан дар фазо тетраэдр аст. Пайвастҳои сигма дар молекулаи этилен аз ҳисоби гибридизатсияи SP2 ба амал меоянд, яъне гибридизатсия як электронҳои S ва 2P-ро дар бар мегирад. Абрҳои гибридӣ ба қуллаҳои секунҷаи ҳамвор нигаронида шуда бошанд, кунҷи байни пайвандҳо 1200 аст. Ин маънои онро дорад, ки молекулаи этилен сохтори ҳамвор дорад. Пайвандҳои сигма дар молекулаи атсетилен аз ҳисоби гибридизатсияи SP ба вуҷуд меоянд. Абрҳои гибридӣ қад-қади хат ба ҳам мепайвандад, кунҷи байни атомҳои карбон 1800 аст. Ин маънои онро дорад, ки молекулаи атсетилен шакли хаттӣ дорад. Молекулаи бензол, ба монанди этилен, дар фазо сохтори ҳамворӣ дорад.

Ҳангоми шиносоии донишҷӯён бо манбаъҳои табиии карбогидридҳо ва аҳамияти саноатии онҳо аз донишҳои географияи иқтисодӣ истифода бурдан бамаврид аст. Дар баробари ин кайд кардан зарур аст, ки донишҷӯён аз донишҳои географияи иқтисодӣ истифода бурда, дар бораи конҳои гази табиӣ, конҳои тиллои сиёҳ-нафт, инчунин конҳои ангишт маърӯза тайёр мекунанд.

Дар вақти омӯхтани пайвастагиҳои органикии оксигендор чунин далелро қайд кардан хеле бамаврид аст, ки спирти этил ҳамчун дору ба организми одам таъсири манфӣ мерасонад, махсусан ба тамоми узвҳои дарунӣ: узвҳои гардиши хун, ҷигар, узвҳои роҳҳои ҳозима, системаи асаб, узвҳои ихроҷ, ки боиси бемориҳои гуногун мешаванд, ки метавонад ба марг оварда расонад. Дар бадани одам дар як шабонаруз 450—500 грамм алдегиди сирко ба вуҷуд омада, ба организми одам зарар мерасонад ва аз бадан ҳамчун моддаи нолозимӣ берун карда мешавад. Агар шахс нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол кунад, алдегиди атсетат (сирко) бештар ба вуҷуд меояд ва спирт дар ҷигар ба алдегид мубаддал мешавад.

Кислотаи мурча дар бадани рустаниҳо, масалан, дар барги юған, дар сӯзанбаргҳои санавбар, дар бадани мӯрчаҳо ҳосил мешавад. Кислотаи мурча барои мурчаҳо як дастгоҳи муҳофизатӣ барои зинда мондан дар мубориза барои ҳаёт аз душманон аст. Дар дигар организмҳои рустанӣ кислотаҳои гуногуни карбоксилӣ низ ба вуҷуд меоянд. Масалан, кислотаи лимӯ дар шарбати лимӯ, кислотаи ангур дар шарбати ангур, кислотаи себ дар шарбати себ, кислотаи оксалат дар таркиби шилха, чукрӣ ва ғайра мавҷуд аст. Ин кислотаҳо дар миқдори кам ба бадани инсон таъсири фойдаовар мерасонанд.

Чунин таъсирро кислотаи лактат, ки ҳангоми турш кардани шир ба вуҷуд меорад. Равғанҳоро ҳамчун эфирҳо ҳисоб карда, қайд кардан лозим аст, ки онҳо дар бадани инсон вазифаҳои энергетикӣ ва бунёдиро иҷро мекунанд. Омӯзгор дар бораи карбогидратҳо: глюкоза, сахароза, крахмал ва селлюлозаро маълумот дода, қайд мекунад, ки онҳо маҳсули раванди муҳими фотосинтез мебошанд, ки бо воситаи нури рӯшноӣ дар хлоропластҳои барги рустанихо ҳосил мегарданд. Дар хлоропластҳои барг аз ҳисоби гази карбонат ва об глюкоза дар тасвири

$6CO_2 + 6H_2O = C_6H_{12}O_6 + 6O_2$

ба вуҷуд меоянд ва аз глюкоза дигар карбогидратҳо: сахароза, крахмал ва селлюлоза ба ҳосил мешаванд. Омӯзгор инчунин қайд мекунад, ки сахароза ва крахмал дар бадани инсон ҳангоми гидролиз глюкозаро ташкил медиҳанд ва онҳо дар бадани одам ва ҳайвонот манбаи энергия мебошад. Селлюлоза танҳо дар ҳуҷайраи рустанӣ мавҷуд аст ва нақши такягоҳиро дар поя ва танаи дарахтонро иҷро мекунанд [7, с. 56-58].

Ба чунин пайвастагиҳои органикии дорои нитроген, ба монанди аминокислотаҳо, пептидҳои гуногун, сафедаҳо, гормонҳои гуногун (ҳормонҳои сафеда, ҳормонҳои гадуди меъда, гормонҳои пептидӣ, ҳормонҳои сипаршакл, ҳормонҳои ғадуди зери меъда), кислотаҳои нуклеинӣ, ки интиқолдиҳандагони иттилооти ирсӣ мебошанд, нақши муҳим доранд. Ферментҳо катализаторҳои органикии табиати сафеда мебошанд, ки реаксияҳои зарурииро барои фаъолияти организмҳои зинда суръат мебахшанд ва дар биосинтези сафедаҳо иштирок мекунанд.

Мушкилоти калони омӯзгорони химия ва биология аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён тарзи ҳалли масъалаҳои ҳисоббарориро бояд омӯзонанд. Яке аз сабабҳое, ки ба ташаккули ин малакаҳо халал мерасонад, яъне ба таври хос, чун қойда, аз рӯи таносуб (анъана дар таълими химия) хал кардани масъалахоро дида мебароем. Қариб хамаи муаллифони китобхои дарсӣ танҳо ҳамин методро истифода мекунанд ва аксар омӯзгорон ҳангоми ба хонандагон ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ танҳо аз методи таносуб истифода мебаранд.

Омӯзгор ҳангоми баррасии масъалаҳои ҳисобкунии муодилаҳои реаксияҳои химиявӣ бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба дуруст сабт кардани қисмҳои химиявию риёзии масъала ҷалб намояд, роҳҳои таҳлили масъаларо нишон диҳад, зеро истифодаи дурусти микдорҳои физикӣ ва дуруст ба роҳ монда шудани ҳисобои математикӣ шарти ҳатмии бомуваффақият ба хонандагон ҳал кардани масъалаҳо мебошад.

Диққати хонандагонро ба он ҷалб кардан лозим аст, ки моҳияти супориш дар қисми болоии варақа инъикос ёфта, муколамаро аз муайян кардани намуди супориш шурӯъ намудан лозим аст. Барои сарфаи вакт ҷавоби пурраи масъаларо гуфтан мумкин аст ва танҳо қиммати ададӣ навишта мешавад.

Мо асосан ба робитаи химия бо биология, физика, география, математика, тиб ва методикаи гузарондани баъзе машғулиятхо оид ба татбиқи робитаҳои байнифаннӣ диққат додем. Татбиқи робитаи байнифаннии химия бо дигар фанҳо дар татбиқи на танҳо таълими химия, балки фанҳои ба ҳам алоқаманд, аҳамияти калон дорад. Аз ҳалли масъалаҳои халшудаи болоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Робитаҳои байнифаннӣ заруранд ва онҳо барои ташаккули фаҳмиши диалектикии ҳодиса ва равандҳои табиат, ки дорои аҳамияти идеологӣ мебошанд, мусоидат менамоянд;

2. Фаъолияти равонӣ, маърифатӣ ва эҷодии донишҷӯён рушд меёбад;

3. Мустаҳкам намудан ва ба низом даровардани дониш дар фанни тадқиқшаванда ва дигар фанҳо, малака ва маҳорати ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ва таҷрибавии фаннӣ (дар мисоли мо аз фанни химия) такмил дода мешаванд;

4. Баланд бардоштани шавқи маърифатии донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои махсус ва психологию педагогии дар донишгоҳи омӯзгорӣ омӯхташуда таъмин мегардад;

5. Барои ташаккули салоҳияти касбии мутахассисони оянда шароит таъмин карда мешавад.

Дар шароити таъмини робитаи байнифаннӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ пайвастагии фанҳои гуногуни таълимӣ ба тарҳрезии барномаҳо, сохтори маводи таълимӣ, интихоби шаклу методҳои таълим таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардан ва мураттаб сохтани мақсадҳои таълим имкони татбиқ, инкишоф додан, мустаҳкам намудан ва умумӣ гардонидани дониш, малака ва маҳорати дар омӯзиши фанҳои дигар гирифтаи хонандагонро инъикос кардан лозим аст. Дар мундариҷаи маводи таълимӣ ҷудо кардани масъалаҳое муҳим аст, ки омӯзиши онҳо такя ба донишҳои қаблан аз дигар фанҳо омӯхташударо талаб мекунад.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки чунин масъалаҳоро, ки дар таълими минбаъдаи фанҳои нав заруранд, кор карда баромадан лозим аст. Дар ҳар як мавзӯи таълимӣ бояд ба мафҳумҳое, ки ба ин фанни таълимӣ дахл дорад, фаҳмонда дода шаванд ва онҳо бо ёрии робитаҳои байнифаннӣ инкишоф меёбанд [8, с. 89-93].

Ҳамин тариқ, робитаҳои байнифаннӣ ба раванди омодасозии донишҷӯён аз гузоштани ҳадафу вазифаҳо то амалӣ гардондану натиҷагирӣ аз онҳо таъсири ҳамаҷониба мерасонанд.

Ин ба андозаи муайян бо бисёрфунксионалии падидаи баррасишаванда, ки бо он чунин вазифаҳо хос аст, шарҳ дода мешавад: таълимӣ, ҳамоҳангсозӣ, инкишоф додан, тарбия кардан. Ин функсияҳоро ба таври муфассал баррасӣ кардан муҳим аст.

Вазифаи таъмин намудани робитаҳои байнифаннӣ барои донишҷӯён аз он иборат аст, ки ба онҳо аз худ намудан ва истифодабарии робитаи байни малакаҳои маърифатӣ ва таълиму тарбиявӣ дар раванди омӯзиши бо фанҳои алоқаманди мушаххасро дар бар мегирад. Ин фаъолият танҳо дар сурате метавонад натиҷаи мусбӣ дошта бошад, ки донишҷӯ дорои салоҳияти пурраи коммуникавӣ бошад. Интегратсия ва ҳамоҳангсозии мундариҷаи фанҳои таълимӣ барои ҷаҳонбинии илмии донишҷӯ заминаи мустаҳкам гузошта, дар ӯ услуби муосири тафаккури илмӣ ва касбиро ташаккул медиҳад.

Омӯзгорони оянда фанҳои донишгоҳиро дар асоси робитаи байнифаннӣ омӯхта, ашё ва падидаҳои воқеияти атрофро амиқтар таҳлил намуда, дар онҳо дониш, маҳорат ва малакаҳои муайянкунии шабоҳат ва тафовут, робитаи байниҳамдигарӣ ва сабабӣ пайдошавӣ, қонуният ва қувваҳои пешбарандаи чунин равандҳоро муқаррар намудан шакл мегирад, ки онҳо замима барои шаклгирии ҷаҳонбинӣ мегардад.

Татбиқи ғояи тарбиявии омодагии касбии омӯзгорони оянда аз мо талаб мекунад, ки ҳангоми таъмини робитаҳои байнифаннии сиклҳои табиатшиносӣ-математикӣ ба омӯзиши фанҳои психологию педагогӣ ва методиро таҳким бахшида шахсияти арзишмандро ба воя расонем. Чунин ғоя метавонад, масалан, тарбияи экологии донишомӯзон бошад, ки дар заминаи робитаи байнифаннӣ амалӣ мегардад. Ин масъала дар зери ғояи ягонагии табиат, ҷомеа ва инсон ҳал шуда, аҳамияти фалсафӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тарбиявӣ дорад. Идея ба воситаи «экологикуноӣ»и тамоми фанҳои курси донишгоҳ дар амал татбиқ карда мешавад [10, с. 89-93].

Ба ғайр аз нақши тарбиявӣ, омӯзиши робитаи байнифаннӣ вазифаи инкишофдиҳандаро иҷро мекунад, ки барои инкишофи мутаносиби шахсияти донишҷӯ хеле муҳим аст. Яке аз вазифахои робитаи байнифаннӣ дар тайёр кардани донишҷӯён ба касби омӯзгорӣ, ки боиси тарбияи маънавӣ мегардад, мо дар зарурати таъмин намудани раванди ягонаи педагогӣ мебинем. Бо истифода аз имкониятҳои тарбиявии тамоми фанҳои таълимӣ масъулиятшиносӣ, садоқат ба касб, ташаккули ҳиссиёт ва ниёзҳои олии маънавии донишҷӯён таъмин карда мешавад.

Робитаҳои байнифаннӣ барои ошкор кардани робитаи байни арзишҳои гуногун, ки ҳам дар табиат, технология, санъат ва дар муносибатҳои инсонӣ мавҷуданд, кӯмак мекунанд.

### *Адабиёт*


1. *Баротзода, К.А. Асосҳои омодагии касбии омӯзгорони оянда зимни омӯзиши робитаи байнифаннӣ дар таълими биология / К.А. Баротзода - Д.: ДСРТ, 2020. - 242 с.*
2. *Баротзода, К.А., Методикаи таълими биология / К.А.Баротзода, М.Шарипов. – Душанбе: ДСРТ, 2022. - 336 с.*
3. *Баротов, К.А. Дидактическая система подготовки будущих учителей в педагогическом вузе к осуществлению межпредметных связей в средней школы / Баротов К.А. // Монография. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 157 с.*
4. *Бектеньярова, А.Р. Межпредметные связи как условие активизации познавательной деятельности учащихся / А.Р. Бектеньярова: Автореф. дисс. ... канд. пед. наук. - Алма-Аты, 1993. – 25 с.*
5. *Бурдин, П.М. Межпредметные связи в политехнической подготовке студентов педвуза: Автореф. дисс. ... канд. пед. наук / П.М.Бурдин. – М., 1985. – 17 с.*
6. *Зейналов Ф.Г. Влияние межпредметных связей преподавания предметов естественно-математического цикла на формирование научного мировоззрения учащихся: Автореф. дисс. ... канд. пед. наук / Ф.Г. Зейналов. – Баку, 1989. – 22 с.*
7. *Кантеро З.А. Межпредметные связи в цикле естественно-научных дисциплин педвуза как фактор повышения эффективности подготовки учителя химии и биологии: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. – Минск, 1982. – 16 с.*
8. *Нугмонов М. Методология межпредметных связей в обучении математике // Материалы респуб. науч. конф. / Под ред. М.Нугмонова. – Душанбе: АПН, «Сино». - 2004. - С. 3-5.*
9. *Нугмонов М. Понятие величин в обучении физико-математическим дисциплинам в педвузе // Проблемы межпредметных связей в подготовке учителей математики и физики в пединститутах. Тезисы Всесоюзной конф. – Душанбе: ДГПИ, 1978. – С. 138-139.*

## РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР БАЛАНД ШУДАНИ СИФАТИ ДОНИШ ВА МАҲОРАТИ ДОНИШҶӮЁН

Маҳорат барои ба даст овардани ҳадафи мушаххаси маърифатӣ мусоидат мекунад. Ҳалли масъалаҳои робитаи байнифаннӣ маҳорату малакаҳои махсусро талаб мекунад, ки инҳо иборатанд аз: пайвастан ва ҷамъбаст кардани донишҳои фаннӣ; аниқ кардани объект дар ягонагии хосиятҳо ва муносибатҳои гуногуни он; баҳодиҳии мушаххас аз нуқтаи назари умумӣ, ки ҷанбаи ҷамъбастии ташаккули ҷаҳонбинии илмии омӯзгори оянда шуда метавонад. Барои он донишҷӯёне, ки системаи устувори дониш надоранд, ҳалли масъалаҳои робитаи байнифаннӣ метавонад хеле душвор бошад ва шавқу рағбати онҳо ба омӯзиш коҳиш ёбад. Барои донишҷӯёне, ки аз фанҳо дониши баланд доранд, такя ба робитаҳои байнифаннӣ шарти зарурии инкишофи минбаъдаи онҳо дар раванди таълими касбии педагогӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон дар асоси робитаҳои байнифаннӣ фаъолияти таълимӣ, ки ба аз худ намудани низоми донишҳои робитаи фаннӣ ва методҳои интиқол ва ҷамъбасти онҳо нигаронида шудааст, ҷои асосиро ишғол мекунад. Робитаҳои байнифаннӣ тамоми ангезаҳои шавқу завқи маърифатиро, ки бо фаъолияти таълимӣ алоқаманданд, фаъол мегардонанд. Дар онҳо усулҳои проблемавӣ, унсурҳои тадқиқотӣ ва эҷодиро ҷорӣ менамоянд, шаклҳои кори мустақилонаро дар гуногунандешӣ иҷро мекунанд, ки онҳо ба азхудкунии малакаҳои нав мусоидат мекунанд. Бо табдил додани методҳои таълим робитаҳои байнифаннӣ ба тағирёбии шаклҳои ташкилии он таъсир мерасонанд. Шаклҳои коллективонаи ташкили кори таълим, ки ҳалли масъалаҳои байнифанниро беҳтар таъмин намуда, барои зуҳуроти дониш ва шавқу ҳаваси донишҷӯён ба дигар фанҳо шароит фароҳам оваранд, зарур аст.

**Калидвожаҳо:** робитаи байнифаннӣ, донишҷӯён, химия, физика, биология, география, математика, омӯзгор.

## МЕЖПРЕДМЕТНОЙ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА ЗНАНИЙ И УМЕНИЙ СТУДЕНТОВ

Навык помогает достичь определенной познавательной цели. Решение вопросов междисциплинарной коммуникации требует специальных навыков и умений, к которым относятся: соединение и обобщение научных знаний; прояснение предмета в единстве его различных свойств и отношений; конкретная оценка с общей точки зрения, которая может быть общим аспектом формирования научного мировоззрения будущего учителя. Для тех студентов, у которых нет прочной системы знаний, решение междисциплинарных задач может быть затруднено, и их интерес к обучению снижается. Для студентов, обладающих высокими знаниями по предметам, опора на межпредметные связи является необходимым условием их дальнейшего развития в процессе профессионально-педагогического образования. Поэтому в организации творческой деятельности студентов, основанной на межпредметных связях, основное место занимает учебная деятельность, направленная на овладение системой знаний научных связей и способов их передачи и обобщения. Межпредметность активизирует все мотивы познавательного интереса, связанные с учебной деятельностью. В них внедряются методы решения проблем, исследовательские и творческие элементы, в многообразии выполняются формы самостоятельной работы, которые способствуют приобретению новых навыков. Изменяя методы обучения, межпредметные отношения влияют на изменение его организационных форм. Необходимы коллективные формы организации воспитательной работы, обеспечивающие более качественное решение междисциплинарных вопросов и создающие условия для проявления знаний и интереса учащихся к другим предметам.

**Ключевые слова:** межпредметная связь, студенты, химия, физика, биология, география, математика, учитель.

## INTERDISCIPLINARY AND ITS IMPACT ON IMPROVING THE QUALITY OF KNOWLEDGE AND SKILLS OF STUDENTS

Skill helps to achieve a certain cognitive goal. Solving issues of interdisciplinary communication requires special skills and abilities, which include: combining and generalizing scientific knowledge; clarification of the subject in the unity of its various properties and relations; a specific assessment from a general point of view, which can be a general aspect of the formation of the scientific worldview of the future teacher. For those students who do not have a solid system of knowledge, solving interdisciplinary problems can be difficult, and their interest in learning is reduced. For students with high knowledge in subjects, reliance on interdisciplinary connections is a necessary condition for their further development in the process of professional and pedagogical education. Therefore, in the organization of students' creative activity based on interdisciplinary connections, the main place is occupied by educational activities aimed at mastering the system of knowledge of scientific connections and ways of their transfer and generalization. Intersubjectivity activates all the motives of cognitive interest associated with learning activities. They introduce problem-solving methods, research and creative elements, and perform a variety of forms of

independent work that contribute to the acquisition of new skills. By changing teaching methods, interdisciplinary relationships affect the change in its organizational forms. There is a need for collective forms of organizing educational work that provide a better solution of interdisciplinary issues and create conditions for the manifestation of knowledge and interest of students in other subjects.

**Keywords:** interdisciplinary communication, students, chemistry, physics, biology, geography, mathematics, teacher.

**Дар бораи муаллиф**
Баротзода Камолиддин Ашур
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 987 18 05 62

**Об авторе**
Баротзода Камолиддин Ашур
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 987 18 05 62

**About the author**
Barotzoda Kamoliddin Ashur
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 987 18 05 62

ТДУ 612 (075.8)

# БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «ВИТАМИНҲО»

***Аламов Т. Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург мебозад. Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи мактаби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Ҳар як омӯзгор зимни корҳои мустақилона аз роҳу усулҳои гуногун истифода бурда, бояд кӯшиш намояд, ки сифат ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) баланд бардошта шавад, то ин ки дар низоми кредитии таҳсилот ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати машғулиятҳои мустақилона дар низоми кредитии таҳсилот мавҷуд будани маҷмӯаи таълимӣ, аз он ҷумла васоити таълимию адабиётҳои таълимӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ ҳар як омӯзгор вобаста ба фанни таълимӣ аз рӯи барнома ва барномаи корӣ (силлабус) маҷмӯаи таълимӣ тайёр намуда, аз рӯи он машғулиятҳоро мегузаронад. Дар маҷмӯаи таълимӣ миқдори мавзуъҳои лексионӣ, амалӣ ва КМД нишон дода шудааст ва донишҷӯён аз рӯи он корҳои мустақилонаро иҷро менамоянд. Қайд намуд, ки набудани маводи таълимӣ сифати гузаронидани машғулиятҳои мустақилонаро паст намуда, дарки онро аз ҷониби устод ба душвориҳо дучор менамояд [9].

Бинобар ин, зарур аст, ки барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои мустақилона омӯзгорон бояд ба донишҷӯён маводи ёрирасони таълимиро дастрас намоянд. Ба маводи таълимии ёрирасон матни лексияҳо, саволҳои тестӣ, ҷадвал, графику диаграммаҳо, ҳалли масъалаҳо ва сайтҳои дахлдори интернетӣ дохил мешаванд, ки дар маҷмӯаи таълимӣ нишон дода шудаанд ва ин мавод самаранокии машғулиятҳои мустақилонаро таъмин менамоянд.

Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамин аст, ки педагогону методистон доир ба мафҳуми кори мустақилона фикру андешаҳои зиёдеро пешниҳод сохтаанд. Чунончи, методистони бузурги рус А.В. Усова ва З.А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд сохтаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона толибилмон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбад.

Ба ақидаи Б.П. Есипов кори мустақилона тарзи корест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши он дар муддати муайяншуда иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки талаби супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои ба дастоварда бо кадом роҳе, ки набошад қобилияти фикрӣ ё сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад [7, с. 10].

К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки мустақилона фикрронии толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикрронии ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияте мебошад, ки бе ёрии устод назорат карда мешавад ва дар он дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда таҷассум меёбад.

Иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯ аз рӯи феҳристи муайяни мавзуъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шудаанд, бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурӣ таъмин карда мешавад. Назорати татбиқи он аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули тестҳо,

бозпурсиҳо, коллоквиумҳо, рефератҳо, эссе ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ натиҷагирӣ карда мешавад.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисониояндаи соҳаи омӯзгорӣ мутобиқи талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ва ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва касбӣ ёрӣ расонидан аст, яъне он барои аз худ намудан ва амалӣ гаштани мақсадҳои зерин аз тарафи донишҷӯён равона карда шудааст:

– ба низом даровардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ;

– тавсеа додани донишҳои назариявӣ;

– ташаккули малакаҳои кор бо адабиёти меъёрии ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва махсус;

– рушди қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, фаъолиятмандӣ, ташаббуси эҷодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ ва муташаккилона кор кардан;

– ташаккули мустақилона фикр карда тавонистан, қобилиятҳои худро инкишоф додан ва дар амал татбиқ карда тавонистан, худтакмилдиҳии малакаҳо ва ғайра;

– ташаккули малакаву маҳорати амалии умумитаълимӣ ва умумикасбӣ;

– рушди малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ;

– пайдо намудан ва такмил додани малакаҳои фаъолияти мустақилонаи касбии амалӣ ва илмӣ-назариявӣ.

Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд талаботҳои зерин риоя карда шаванд:

– бо талаботҳои барномаи таълим мувофиқ будани мазмуни кори мустақилона;

– дар доираи имконияти донишҷӯ будани кори мустақилона;

– риоя кардани принсипи иҷрои бошууронаи кори мустақилона;

– ба таври бонизом ташкил намудани кори мустақилона.

Кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) дар шакли тақризнависии тарафайн ба рефератҳои ҳамдигар, тартиб додани луғат ва кроссвордҳо аз мафҳумҳои фанни омӯхташаванда, таҳияи маълумотномаҳои фаннӣ, кор кардан ва ҷустани мавод дар Интернет ва ғайра метавонад сурат гирад [7, с. 10].

Ҳоло намунаи кори мустақилонаи донишҷӯён дар мавзуи «Витаминҳо» аз фанни «Физиологияи синнусолӣ ва гигиенаи мактабӣ» пешниҳод мегардад.

Табиат, хусусан табиати зинда ниҳоят пурасрор ва мӯъҷизакор аст. Вай тамоми шароитҳоро барои арзи вуҷуд доштани ҳаёт ба вуҷуд овардааст. Дар табиат қонунҳои ба он хос амал мекунанд ва вобаста ба ин қонунҳо чунон созгорие ҳукмрон аст, ки мизони ин созгори доимо муваззан мебошад ва ин мувазганиро набояд вайрон кард.

Табиат манбаи зарурии ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагии инсон мебошад, аз он ҷумла, манбаи канданиҳои фоиданок ва захираҳои ашёи хом, ба монанди металлҳо, минералҳо, об, ангиштсанг, нафт, газ ва ғайра, ки дар ҳаёти рӯзмарра истифода бурда мешаванд. Табиати зинда асосан бо олами наботот ва ҳайвоноти худ басо дилкаш аст, ки ҳаёти ҳаррӯзаи инсон бо онҳо зич вобаста мебошад. Хусусан, рустаниҳои рӯи Замин, манбаи асосии ҳаёт мебошанд, зеро дар онҳо ҳодисаи хеле мураккаби биологӣ – раванди фотосинтез мегузарад, ки он барои кулли мавҷудоти зинда бағоят зарур аст.

Аксарияти рустаниҳо (рустаниҳои алафӣ, буттагӣ, дараҷаи олӣ ва ғайра) хосияти шифобахшӣ дошта, ҳамчун манбаи дорувориҳо машҳуранд ва дар соҳаи тиб васеъ истифода бурда мешаванд. Дар организми рустаниҳо ва ҳайвонот моддаҳое ҳосил (синтез) мешаванд, ки аҳамияти калони тиббӣ ва амалӣ доранд. Бисёр моддаҳои зарурирo, ҳамчун пайвастагиҳои муҳимтарини табиӣ аз организми рустаниҳо ва ҳайвонот чудо менамоянд, ё ин ки сохт ва таркиби чунин пайвастагиҳоро мукаммал ва ҳаматарафа омӯхта, онҳоро бо усулҳои химиявӣ синтез мекунанд. Ба ҷумлаи ин пайвастагиҳои муҳимтарини табиӣ - сафедаҳо, карбогидратҳо (ангиштобҳо), ферментҳо, чарбҳо, аминокислотаҳо, витаминҳо, алкалоидҳо ва ғайра мансубанд. Ҳар кадом аз ин пайвасатагиҳо бо сохт, таркиб, хосият ва функсияҳои биологии худ дар организм фарқ мекунанд. Дар ҳамаи пайвастагиҳои табиӣ – витаминҳо низ барои организми зинда аҳамияти калон дошта, мавқеи муайянро ишғол менамоянд [1, с. 9].

Витаминҳо (аз лотини vita – ҳаёт) пайвастагиҳои органикии қиёсан хурдмолекула буда, қисми таркибии зарурии хӯрок (ғизо) ба ҳисоб мераванд. Онҳо нисбат ба моддаҳои асосии ғизоӣ – сафедаҳо, карбогидратҳо ва чарбҳо – ба миқдори кам талаб карда шуда, барои

организм функсияи катализиро иҷро менамоянд. Бо вуҷуди аз моддаҳои асосии ғизоӣ кам будани онҳо дар маҳсулоти хӯрокӣ, витаминҳо ба организм таъсири хеле муҳим ва ҳаматарафа мерасонанд. Яъне, витаминҳо хосиятҳои гуногуни химиявиро зоҳир намуда, миқдори ками онҳо барои фаъолияти муътадили ҳаёти организм зарур аст.

Витаминҳо аз рӯи сохти химиявӣ хеле гуногун мешаванд. Онҳо ё ҳосилаи карбогидридҳои асиклии дорои 18-20 атоми карбон, - лактонҳои беҳад, аминоспиртҳо, амиди кислотаҳои ё ки сиклогексанҳо, кислотаҳои ароматӣ, нафтохинонҳо, имидазол, пиррол ва дигар пайвастагиҳои сиклӣ мебошанд. Барои аксарияти витаминҳо мавҷудияти гурӯҳҳои спиртӣ ё карбоксили хос буда, танҳо баъзе витаминҳо аминогурӯҳ доранд.

Манбаи асосии таъминкунандаи витаминҳо барои инсон ва ҳайвонот рустаниҳо мебошанд, ки витаминҳо дар онҳо синтез мешаванд. Аз ин рӯй, рустаниҳоро ҳамчун ашёи хом барои истеҳсоли витаминҳо дар намуди холис ё консентрат истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки миқдори витаминҳо дар рустаниҳо ҳар хел аст. Одам барои организми худ витаминҳоро бевосита аз маҳсулоти рустанигӣ ё маҳсулоти ҳайвонотӣ қабул менамояд. Баъзе витаминҳо дар организм синтез шуда метавонанд, инчунин онҳо дар иштироки микрофлораҳои аъзоҳои ҳозима низ синтез мешаванд. Барои организми одам дар як шабонарӯз ҳамагӣ 200-250 мг витамин зарур аст, ки ин миқдор витамин ба воситаи ғизоҳои гуногун вориди организм мешавад. Мавҷуд набудан ё норасоии витаминҳо дар хӯрок ба вайрон шудани мубодилаи моддаҳо ва оқибат ба касалие оварда мерасонад, ки онро авитаминоз ё гиповитаминоз меноманд. Вобаста аз норасоии ин ё он витамин авитаминозҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, ки хеле касалиҳои вазнин мебошанд (масалан касалии синга, рахит, пеллагра, полиневрит ва ғайра).

Авитаминоз ё гиповитаминоз на танҳо бо сабаби набудан ё ки нарасидани витаминҳо дар организм ба вуҷуд меояд, инчунин дар натиҷаи ҷаббида нашудани онҳо дар девори шикаму рӯдаҳо аз таъсири антибиотикҳо, сулфаниламидҳо ва ғайра низ ба вуҷуд омада метавонад. Барои аниқ муайян кардани камвитаминӣ ба калимаи «авитаминоз» мафҳуми ҳарфӣ ва рақамӣ витаминҳоро (масалан, авитаминози А, авитаминози С, авитаминози $B_{12}$, авитаминози РР ва ғайраро) ҳамроҳ мекунанд. Ҳангоми нарасидани як витамин – моновитаминоз ё моногиповитаминоз, вале нарасидани якчанд витамин – полиавитаминоз ё полигиповитаминоз ба вуҷуд меояд. Фарқи витаминҳо аз моддаҳои асосии ғизоӣ (сафедаҳо, карбогидратҳо, чарбҳо ва намакҳои минералӣ) дар он аст, ки онҳо манбаи энергия намебошанд. Ду намуди камвитаминӣ – экзогенӣ ва эндогенӣ фарқ карда мешавад. Камвитаминии экзогенӣ ба нарасидан ё набудани витаминҳо дар таркиби хӯрок вобастагӣ дорад ва он ҳангоми сервитамин гардонидани хӯрок барҳам мехӯрад. Камвитаминии эндогенӣ бошад, ҳангоми гелминтозҳо, лямблиозҳо ва баъзе дигар бемориҳо, ки боиси ихтилоли зиёди витаминҳо дар меъдаву рӯдаҳо ва қатъ гардидани синтези онҳо мегарданд, ба вуҷуд меояд [9, с. 12].

Чӣ тавре ки қайд гардид, бисёр витаминҳо ба организм тавассути хӯрок дохил мешаванд, ё ҳангоми фаъолияти бактерияҳои меъдаву рӯда синтез мешаванд. Аз ҳамин сабаб, пеш аз ҳама организмро доимо солим нигоҳ дошта, аз хӯрокҳои хушсифат ва дорои витаминҳои гуногун, инчунин аз меваю сабзавоти тару тоза истеъмол кардан лозим аст. Дар вақти иҷро намудани корҳои вазнини ҷисмонӣ, ҳолатҳои ҳомиладории занон, бемориҳои сироятӣ ва эндокринӣ эҳтиёҷи одам ба витаминҳо хеле ҳам меафзояд. Витаминҳо на танҳо барои фаъолияти муътадили ҳаёти одам ва ҳайвонот, инчунин барои фаъолияти муътадили ҳаёти рустаниҳои дараҷаи олӣ ва микрооганизҳо низ зарур мебошанд. Масалан, решаи рустаниҳо бе баъзе витаминҳо муътадил инкишоф ёфта наметавонад. Микроорганизмҳо ҳам барои инкишоф ва сабзиши муътадили худ дар муҳити ғизоӣ ба бисёр витаминҳо эҳтиёҷ доранд. Дар замони ҳозира баъзе микроорганизмҳо барои маълум намудан ва миқдоран муайян кардани витаминҳо истифода мешаванд.

Дар байни витаминҳо ва катализаторҳои биологӣ – ферментҳо алоқамандии зич мавҷуд аст. Бисёр витаминҳо бо сафедаҳои махсус пайваст шуда, ферментҳоро ҳосил мекунанд. Ҳамин тавр, касалие, ки дар натиҷаи норасоии ин ё он витамин дар хӯрок ба вуҷуд меояд, боиси он аст, ки дар организм ферменти дахлдоре (мувофиқе), ки ҳалқаи муайяни табдилоти биохимиявиро метезонад, ба таври кофӣ фаъол нест. Айнан боздошташавии сабзиши бофтаҳои рустанӣ ё ки микроорганизмҳо ҳангоми норасоии ягон витамин сабаби фаъолияти пасти ферменти дахлдор мебошад, ки ба таркиби он ҳамон витамин дохил шудааст.

Ибтидои таълимотро оид ба витаминҳо олими рус Н.И.Лунин асос гузошта буд. Ӯ аввалин шуда дар соли 1880 витаминҳоро кашф кард ва ҳодисаи авитаминозро бо роҳи таҷриба дар мушҳои сафед ошкор намуд. Вай муқаррар кард, ки мушҳои сафеде, ки ба онҳо шири гов дода шудааст, хуб инкишоф меёбанд ва сиҳатманданд. Аммо ҳамин гуна мушҳое, ки ба онҳо ба ҷои шир омехтаи моддаҳои холиси таркиби шир: сафеда, равган қанд ва намакҳои минералӣ дода шудааст, зуд нобуд шуданд. Н.И.Лунин чунин хулоса кард, ки дар таркиби хӯрок ба ғайр аз моддаҳои органикии дар он вакт маълум боз ким-кадом моддаҳои номаълуме мавҷуданд, ки барои фаъолияти муътадили ҳаёти организм ниҳоят заруранд.

Ҳамин тавр, дар охир Н.И.Лунин муайян кард, ки касалии нарасидани витамин ду хел мешавад: авитаминоз (ба организм тамоман дохил нашудани витамин) ва гиповитаминоз (ба организм кам дохил шудани витамин). Корҳои Н.И.Лунин диққати бисёр олимонро ҷалб намуд ва натиҷаи ин корҳо бо тадқиқотҳои Г. Бунге, С.А.Сосин ва дигарон тасдиқ ёфтанд.

Якчанд солҳо баъд аз корҳои Н.И.Лунин духтури голландӣ Х.Эйкман (с.1896) мушоҳидаи муҳиме карда буд. Ӯ нишон дод, ки агар одамон биринҷи якхелаи пардозкардашударо истеъмол намоянд, ба касалии вазнин дучор мешаванд, ки он бо номи бери-бери маълум аст. Таҷрибаҳои гузаронидаи Х.Эйкман нишон доданд, ки ба ҳамин монанд касали (полиневрит) ҳангоми додани биринҷи пардозкардашуда дар мурғҳо низ пайдо мешавад. Аммо ба биринҷи пардозкардашуда илова намудани сабуси биринҷ таъсири фоидабахш расонид. Мурғҳо, инчунин одамони ба касалии бери-бери гирифторшуда низ сиҳат ёфтанд. Аз ин ҷо, Х.Эйкман хулоса намуд, ки сабӯси биринҷ кадом як моддаи номаълум дорад, ки барои ғизо ва мубодилаи муътадили кулли моддаҳои организм зарур аст. Баъдтар (с. 1906) мушоҳидаҳои Х.Эйкман аз тарафи олим Ф.Г.Гопкинс тасдиқ карда шуданд.

Дар соли 1912 олими Полша К.Функ аз хамиртуруш (хамирмоя) моддаи кристаллиеро ҷудо кард, ки дар худ аминогурӯҳ дошта, хосияти витаминҳоро зоҳир менамуд. Бо ин модда касалии полиневритро дар кабутарҳо пурра муолиҷа кардан мумкин буд. Аз рӯи пархези синтезӣ дар ҳайвонҳо таҷрибаҳо гузаронида, ӯ натиҷаҳое ҳосил кард, ки ба натиҷаҳои ҳосилкардаи Н.И.Лунин монанд буданд, яъне дар ҳайвонҳо аввал аломатҳое инкишоф меёбанд, ки бо баъзе касалиҳо дар одамон – касалиҳои бери-бери, синга, рахит монандӣ доштанд. К.Функ хулоса кард, ки ин касалиҳо ҳангоми дар хӯрок мавҷуд набудани ким-кадом моддаҳои тамоман зарурие ба вуҷуд меоянд. Таъсири табобатии чунин моддаҳоро (моддаҳои муҳими ҳаётиро) ба асос гирифта, ӯ пешниҳод намуд, ки онҳо «витаминҳо» номида шаванд: «вита» - ҳаёт, аминҳо – пайвастагиҳои маълуми нитрогендор [1, с. 4].

Касалие, ки аз набудан ё норасоии ин моддаҳо ба вуҷуд меомад, авитаминоз номида шуд. К.Функ пешниҳод кард, ки якчанд ҳамин гуна моддаҳо вуҷуд доранд. Баъдтар маълум шуд, ки бисёр пайвастагиҳое, ки таъсири витаминӣ зоҳир менамоянд, аминогурӯҳ надоранд, лекин ин истилоҳ (термин) ба илм дохил гардид ва то замони ҳозира нигоҳ дошта шудааст.

Чанде баъдтар, дар соли 1913 Мак-Коллум ва ҳамкорони вай муқаррар намуданд, ки барои инкишофи муътадили ҳайвонҳо (калламушҳо) омили махсуси дар равған ҳалшаванда «А», ки сипас витамина А ном гирифт, зарур аст. Ошкор карда шуд, ки набудани ин омил дар хӯрок одамро ба касалии шабкурӣ гирифтор менамояд. Мак-Коллум барои ишораи витаминҳо бо тартиби кашфи онҳо ҳарфҳои аввалини лотинӣ: витамини А, витамини В, витамини С-ро дохил намуд. Минбаъд чӣ тавре ки маълум аст, гурӯҳи бутуни витаминҳои гурӯҳи В ҷудо карда шуд, ки ба онҳо рақамҳои тартибии 1,2 ва ғайра дода шудааст. Ба ғайр аз ин, барои витаминҳо номҳое ба вуҷуд омад, ки табиати химиявии онҳоро инъикос менамоянд.

Марҳилаи муҳим дар инкишофи таълимот оид ба витаминҳо дар соли 1928 аз тарафи Сент- Дерди кашф шудани витамини С ва ҷудо намудани он аз ғадудҳои болоии гурдаи барзагов ва баъзе материалҳои растанигӣ буд. Чанде баъдтар дам (с. 1935) омилеро ҷудо кард, ки ба сахтшавии хун мусоидат менамуд ва он витамини К номида шуд.

Тадқиқотҳои минбаъда ба кашф намудани витаминҳои нав, амиқ ва пурра омӯхтани хосиятҳои физикию химиявӣ ва механизми таъсири онҳо оварда расонд, инчунин як қатор витаминҳо дар ҳолати кристаллӣ ҷудо карда шуданд, аз ҷумла, соли 1948 олимон Смит, Фолкерс ва дигарон витамини $B_{12}$ –ро кашф намуданд.

Ҳамин тавр, дар соҳаи омӯзиши витаминҳо тадқиқотҳои калон гузаронида шуданд, ки дар он бисёр олимон, ба монанди А.В.Палладин, М.Н.Шатерников, Л.А.Черкес, В.Н.Букин, В.В.Ефремов ва дигарон иштирок намуданд. Дар раванди омӯзиши витаминҳо тағйиротҳои

патофизиологӣ ва биохимиявӣ ҳангоми авитаминози озмоишӣ ошкор гардида, пархезҳои гуногуни авитаминӣ тадқиқ карда шуданд. Усулҳое кор карда шуданд, ки онҳо барои ба фаъолияти витаминии маҳсулоти хӯрокӣ ва ғайрихӯрокӣ баҳо додан имконият фароҳам оварданд.

Дар замони ҳозира зиёда аз 30 витаминҳои гуногун кашф гардида, сохт хосият ва таъсири онҳо ба организм (дар мубодилаи моддаҳо) омӯхта шудааст. Омӯхтани таркиб ва сохти химиявии витаминҳо имконият дод, ки онҳо бо роҳи химиявӣ синтез карда шаванд. Он қисми биохимия, ки витаминҳо ва роли биологии онҳоро меомӯзад, витаминология ном гирифтааст. Мавқеъ ва аҳамияти муҳими витаминҳо дар ғизои одам, ҳайвонот ва ҳаёт соҳаи махсуси саноат – саноати витаминҳоро ба вуҷуд овард.

Витаминҳои дар равған ҳалшаванда дар ташкили унсурҳои организм, масалан устухон (витамини Д), инкишофи бофтаҳои пӯст (витамини А), ҷанин (витаминҳои А, Е) ва ғайра иштирок менамоянд.

Витамини А ба таркиби қисми биноии чашм - пурпур (редопсин) дохил мешавад. Пурпури биниш (биноӣ) – родопсин – аз сафедаи опсин ва ретинен, ки шакли оксидшудаи витамиии А мебошад, иборат аст. Дар натиҷаи нарасидани витамини А опсин вайрон шуда, синтези пурпур суст мешавад, ки он ба касалии шабкурӣ оварда мерасонад (яъне дар ин маврид ҳангоми аз равшанӣ ба торикӣ гузаштан, биниши чашм суст мешавад). Агар пӯсти бадани кас хушку шахшӯл шуда бошад ва ҳангоми аз ҷои равшан ба ҷои ториктар гузаштан, ашёҳои лозимиро аз ҳамдигар фарқ карда натавонад (яъне дар торики дуруст набинад), пас дар вуҷуди ӯ витамини А намерасад. Дар ҳолати муддати дароз тӯл кашидани норасоии витамини А чашмҳо ва пешгоҳи ком варам мекунад, аз илтиҳоби шуш, меъда, рӯдаҳо, роҳҳои пешобгузар шурӯъ шуда, инчунин ҷигар низ иллат пайдо мекунад.

Бо мақсади муолиҷа кардани дарди шабкурӣ дар давоми 10-14 рӯз 50 грамм равғани моҳӣ истеъмол кардан лозим аст. Агар дар ин муддат биноии чашм барқарор нагардад, он гоҳ маълум мешавад, ки ба меъда кислотаи талха кам дохил мешавад. Зеро ҳазмшавии витамини А ва каротин дар организм одатан ба равғанҳои дар таркиби хӯрокиҳо мавҷуд буда ва кислотаи талха вобаста аст. Ҷаббиши каротин дар организм нисбат ба витамини А сусттар мегузарад [9].

Барои пешгири намудани А- витаминоз, ҳар кас бояд организми худро мунтазам бо миқдори зарурии витамини А таъмин карда истад. Вобаста аз синну сол ва ҳолати физиологӣ талабот ба витамини А аз 0,5 то 2мг –ро ташкил медиҳад. Талабот нисбат ба витаминҳои А ҳангоми касалиҳои сирояткунанда (инфексионӣ) меафзояд.

Витамини Д ҳамчун витамини муқобили рахит маълум аст ва норасоии он дар хӯрок боиси пайдо шудани касалии рахит мегардад. Аз нарасидани витамини Д устухонҳои қисми поёнӣ, қафаси сина каҷ гардида, сабзиши қад, дандонҳо суст шуда, бофтаҳои устухон вайрон мешаванд. Витаминҳои Д бештар ба синну соли бачагӣ хос мебошад. Бачагони ба касалии рахит гирифторшуда аз инкишофи умумӣ монда, зуд-зуд ба касалии сирояткунанда (инфектсионӣ) дучор мешаванд. Ҳангоми касалии рахит миқдори гемоглобин дар хун кам гардида, фаъолияти системаи дилу раг вайрон шуда, миқдори умумии моддаҳои минералӣ дар скелет кам мешавад.

Роли биохимиявии витамини Д аз он иборат аст, ки вай дар организм хусусан дар протсесси ба вуҷуд омадани устухонҳо иштирок менамояд. Витамини Д дараҷаи доимии калсийро дар аъзоҳои ҳозима зиёд мекунад ва фаъолияти як қатор ғадудҳои системаи эндокринӣ: гипофиз, ғадуди сипаршакл, ғадуди болои гурдаро ба тартиб меандозад. Дар натиҷаи нарасидани витамини Д ҷаббиши калсий дар қабати рӯдаҳо кам шуда, ҷудошавии фосфор ба воситаи пешоб зиёд мегардад. Ҳамин тариқ, ботадриҷ дар организм элементи фосфор кам шуда, ҳосилшавии фосфати калсий суст мешавад, ки ин боиси суст гардидани сабзиши устухонҳо мегардад.

Витамини $B_2$ барои муътадил ба вуҷуд омадани ҳуҷайраҳои хун дар организм шароит муҳайё мекунад. Ҳуҷайраи хун дар мағзи устухон бо иштироки мис (ионии мис) ҳосил мешавад. Витамини $B_2$ протсесси катализро тезонда, фаъолияти мисро баланд мекунад ва имконият медиҳад, ки ҳуҷайраҳои хун ба миқдори зарурӣ дар организм синтез шаванд. Аз нарасидани витамини $B_2$ узвҳои бадан ба дарди камхунӣ гирифтор мешаванд. Ин дард одат ҳамон вақт сар мезанад, ки сатҳи меъдаву рӯдаҳо аз таркиби хӯроки истеъмолшуда витамини $B_2$-ро ҷаббида наметавонад. Баъзе касалиҳо – дардҳои вазниншавии гӯш, сар, варами шуш,

хушкшавии ҳароммағз, диқи нафас ва ғайра, аксар вақт ба воситаи ин витамин муолиҷа карда мешавад.

Нарасидани витамини $B_2$ дар хӯрок боиси иллати пӯст вайроншавии босира, гастрити музмин ва калит мегардад. Аз нарасидани ин витамин дар хӯрок кас ба касалии арибофлавиноз дучор мегардад, ки дар натиҷа чашму забон сурх шуда, гулу дардманд ва пӯсти бадан шахшӯлу дағал мешавад. Аз он ҷумла, кафидани лаб, пайдо шудани ягон захм дар кунҷи даҳон – аломати нарасидани витамини $B_2$ мебошад. Талаботи одами калонсол нисбат ба витамини $B_2$ 2,5 – 3,5мг, вале барои бачагон 1 -3мг-ро ташкил медиҳад.

Норасоии витамини $B_{12}$ дар организм ба анемия (камхунӣ) оварда мерасонад ва аз ин ҷост, ки он витамини муқобили анемия (камхунӣ) номида шудааст. Ин витамин ҳангоми муолиҷаи шаклҳои гуногуни анемия (камхунӣ), аз ҷумла камхунии баланд хеле таъсирбахш мебошад.

Норасоии витамини С дар хӯрок ба касалии синга (искорбут)оварда мерасонад. Ҳам кислотаи аскорбинат ва ҳам кислотаи дегидроаскорбинат аз ҷиҳати физиологӣ фаъол буда, касалии сингаро пешгирӣ мекунад. Аз нарасидани витамини С узвҳои бадан ба дарди зангила гирифтор мешаванд. Аломатҳои беморӣ чунинанд: аз милкҳои дандон хун ҷорӣ гардида, дандонҳо мерезанд; дарди ғайричашмдоште дар тамоми бадан пайдо мешавад, рагҳои хунгузар варам карда, ҷамъшавии хун дар зери пӯст мушоҳида мегардад, камқувватии умумӣ сар мезанад ва ғайра.

Витамини С барои организми зинда аҳамияти хеле калон дорад. Вай дар синтези сафедаҳои коллаген ва проколлаген, сафедаи устухон, ҷараёни нафасгирии ҳуҷайраҳо, мубодилаи аминокислотаҳо ва карбогидратҳо, ҳосилшавии моддаҳои коллоидии байни ҳуҷайравӣ, аз организм хориҷ намудани моддаҳои заҳрнок ва ғайра иштирок менамояд. Витамини С қобилияти хунрезиро нигоҳ доштан дорад.

Норасоии витамини РР дар хӯрок ба касалии бо ном пеллагра оварда мерасонад. Аломати хоси ин касалӣ- захмин шудани пӯст, исҳол (дарунравӣ), парешонии рӯҳӣ мебошанд. Як миқдори кислотаи никотинат дар организм аз триптофан синтез мешавад. Норасоии витамини $B_6$, ки ба вайроншавии синтезӣ ва мубодилаи триптофан оварда мерасонад, инчунин ба вайрон шудани ҷараёни муътадили синтези кислотаи никотинат ҳам сабаб мегадад. Аз ҳамин сабаб, пеллагра ҳангоми дар хӯрок нарасидани триптофан ба осонӣ сар мезанад.

Вобаста ба хусусияти кори иҷрошаванда меъёри шабонарӯзии кислотаи никотинат барои одами калонсол 15-25 мг –ро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди он ки витаминҳо нисбат ба моддаҳои асосии ғизоӣ (сафедаҳо, ангиштобҳо, чарбҳо, намакҳои минералӣ) ба миқдори кам талаб карда мешаванд, лекин онҳо барои фаъолияти муътадили ҳаёти организм аҳамияти ниҳоят калон доранд. Дар бораи аҳамияти витаминҳо ҳамчун пайвастагиҳои муҳимтарини химиявӣ пештар ба таври умумӣ ва ҷузъӣ маълумот дода шуд. Аз он ҷумла, роли (биохимиявӣ ва физиологии) витаминҳо дар протсесси мубодилаи моддаҳо дар организм ва аҳамияти онҳо барои пешгирӣ намудани ҳар гуна касалиҳо (авитаминозҳо ва гиповитаминозҳо), инчунин иштироки онҳо дар реаксияҳои оксиду барқароршавӣ ва гузаронидани гурӯҳҳои зарурии моддаҳои мухталиф (гидроген, метилӣ, карбоксил, боқимондаҳои кислотагӣ ва ғайра) тавсиф гардиданд [6, с. 9].

Бояд гуфт, ки фаъолнокии витаминҳо ба гурӯҳҳои функсионалии онҳо вобаста аст ва функсияи онҳо вобаста ба ҳамин гурӯҳҳо зоҳир мегардад. Бисёр витаминҳои дар об ҳалшаванда ба таркиби ферментҳо ҳамчун гурӯҳи иловагӣ дохил мешаванд. Аксарияти витаминҳои гурӯҳи В дар таркиби молекулаашон гурӯҳи спиртӣ доранд ва дар организм фосфоронида шуда, эфири мураккаб ҳосил менамоянд, инчунин бо моддаҳои дигар, масалан коферментҳо ё сафедаҳои махсус пайваст шуда, ферментҳои фаъолро ҳосил мекунанд.

Аммо витаминҳое ҳам ҳастанд, ки ба таркиби ягон моддаи организм дохил нашуда, дар мубодилаи моддаҳо мустақилона иштирок менамоянд. Масалан, витамини С (кислотаи аскорбин) дар мубодилаи моддаҳои ҳуҷайра ва реаксияҳои оксиду барқароршавӣ иштирок намуда, фаъолияти ферментҳоро метезонад.

Витаминҳои дар равған ҳалшаванда низ дар мубодилаи моддаҳои организм роли калон мебозанд, аз ҷумла онҳо дар реаксияҳои гуногуни биокаталитӣ иштирок мекунанд. Функсияи ин витаминҳо дар сохтани структураи организм (инкишофи устухон, эпителияи пӯшанда ва ғайра) хеле калон аст.

Аз сабаби он ки витаминҳо дар организм доимо сарф шуда меистанд, бинобар он ба воситаи хӯрок ҳама вақт дохил шудани онҳо ба организм зарур мебошад. Баъзе витаминҳо дар организм синтез мешаванд ва инчунин баъзе ҳайвонҳо ба дохил шудани витаминҳо аз берун эҳтиёҷманд нестанд, зеро чунин витаминҳо дар организми онҳо синтез мегарданд. Талаботи одам нисбат ба витаминҳо гуногун буда, он пеш аз ҳама ба синну сол, шароити иқлимӣ (обу ҳаво, ҳарорат), ҳолати кори ҷисмонӣ, ҳолатҳои гуногуни физиологӣ ва ғайра вобаста мебошад.

Набудан ё норасоии витаминҳо дар организм ба касалии авитаминоз ё гиповитаминоз оварда мерасонад, ки баъзан фавқулодда касалиҳои хеле вазнинанд. Инчунин дар мавриди аз ҳад зиёд истеъмол кардани як намуди витамин сабаби пайдо шудани талабот ба витамини дигар мегардад. Масалан, ҳангоми зиёд истеъмол намудани витамини А талабот ба витамини В ва С меафзояд, истеъмоли зиёди витамини $B_1$ бошад, талаботро ба витамини РР оварда мерасонад ва ғайра. Бо миқдори зиёд ба курмушҳои обӣ хӯрондани витамини А дар онҳо касалии сингаро ба вуҷуд меорад. Ҳамин гуна мисолҳо бисёранд.

Фаъолияти баланди биологии витаминҳоро дар протсесси мубодилаи моддаҳо ба назар гирифта, онҳоро бо мақсадҳои гуногун барои муолиҷаи ҳар гуна касалиҳо дар тиб, барои зиёд кардани фаъолияти кори варзишгарон ва ғайра истифода мебаранд.

Қайд кардан зарур аст, ки норасоии витаминҳо дар организм на танҳо вазъи саломатӣ, мубодилаи моддаҳо ва қобилияти кориро вайрон мекунад, инчунин ба инкишофи бемориҳои зиёде мусоидат менамояд. Масалан, дар мавриди нарасидани кислотаи аскорбинат, аксар вақт мубодилаи моддаҳо, аз ҷумлаи мубодилаи равғану чарб дар организм халалдор гардида, дар рагҳои хунгузар консентратсияи холестерин баланд мешавад, ки он ба инкишоф ёфтани атеросклероз ва гоҳо туғёни хун сабаб мегардад. Инчунин пайдо шудани доғи «ҳамвор» дар забон ба нарасидани чандин навъи витаминҳои гурӯҳи В далолат менамояд.

Чӣ тавре тадқиқотҳо нишон медиҳанд, дар таркиби ғизои (хӯроки) одамон баъзан витаминҳо намерасанд. Чунончӣ, дар 70 – 75 фоизи одамон норасоии витамини С (кислотаи аскорбинат) аниқ карда шудааст, саломатии 30 -40 фоизи аҳолӣ аз нарасидани витамини В муътадил нест ва ғайра.

Аксарияти одамон маҳсулоти хӯрокии ширавор ва қаннодиро дӯст дошта, бисёр истеъмол мекунанд, ки дар натиҷа чунин одамон фарбеҳ шуда, чарбӯи (равғани) зиёдати пайдо мекунанд. Фарбеҳии зиёд ва вазни зиёдатӣ на фақат андоми касро нозеб мекунад, инчунин боиси ба вуҷуд омадани бисёр бемриҳои хавфнок, аз қабили касалиҳои дилу рагҳои хунгузар, санги сафоро, санги гурда, фишори хун, касалии қанд, дарди банду буғумҳо ва ниҳоят даҳшатноктарин ё худ хавфноктарин бемории асри муосир – касалии саратон мегардад.

Мувофиқи иттилооти Ширкати суғуртаи ИМА ашхосе, ки 20 дар сад вазни зиёдатӣ дорад, нисбат ба одамони дорои вазни муътадил ва бемориҳои сактаи майнаи сар 15-20 дар сад бештар мемиранд ва ҳамин гуна одамон аз касалии қанд 2-2,5 баробар зиёдтар ҳалок мешаванд. Аз ашхоси дорои то 40 дар сад вазни зиёд дошта, фавтидан аз бемориҳои дилу рагҳои хунгузар то 40-60 дар сад ва касалии қанд то 4-5 баробар ва бемории саратон то 5-15 дар сад меафзояд.

Ба муддати дуру дароз нигоҳ доштани сабзавоту меваҷот боиси кам шудани миқдори витаминҳо мегардад. Умуман сабзавот ва меваҷоти тару тоза манбаи қариб ҳамаи витаминҳо мебошад, хусусан шарбати меваю сабзавот барои организми одам аҳамияти хеле калон дорад. Нони сиёҳ нисбат ба нони сафед на танҳо сервитамин аст, инчунин барои кори муътадили узвҳои ҳозима мусоидат менамояд, зеро дар таркиби он сабӯс бисёр аст. Дар хусуси ярмаи марҷумак, ҷав, ки ба миқдори зиёд намакҳои калий ва магний доранд, низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Биринҷ ва ҳамаи намудҳои макарон миқдори ками витамин доранд.

Ба хӯроки истеъмоли ҳамроҳ карда истеъмол намудани наботот, аз он ҷумла сабзавот, картошка ва ғайра аҳамияти калон дорад. Равғани наботот нисбат ба равғани маска бештар витамин, аз ҷумла витамини Е дорад, ки нарасидани ин витамин мумкин аст ба камхунӣ ва ихтилоли биноии тифл сабаб гардад.

Аз рӯи ҳисоби мошинҳои электронӣ, ки олимони швейтсарӣ ва франсавӣ ба қалам додаанд, агар ғизои ҳаррӯзаи кас 2500 килокалория дошта бошад ҳам, (ин ғизои миёнаи ҳар як шахс дар мамлакатҳои тараққикарда мебошад) вай талаботи организмро бо витаминҳо

таъмин карда наметавонад. Витаминҳо дар хӯроки одамон аз 30 то 70 дар сад намерасанд, вале мо ба хотири таъмини витаминҳо миқдори хӯроки одамонро зиёд карда наметавонем, чунки хӯроки зиёд истеъмол намудан боиси фарбеҳӣ мегардад, ки он ба вайрон шудани саломатӣ ва кӯтоҳумрӣ оварда мерасонад. Албатта, сабзавот он қадар ғизои зиёде надорад, лекин мо тавассути истеъмоли он аз як қатор витаминҳои зарурӣ таъмин мегардем.

Бисёр маҳсулоти хӯрокворӣ, ба монанди гӯшт, ҷигар, гурда, равған, нон ва ҳар гуна ярмаҳо хӯрданиҳои серғизоянд. Маҳсулоти номбурда ба як андозаи зарурӣ организмро аз витаминҳои дахлдор таъмин менамоянд. Масалан, барои он ки организм ба андозаи зарурӣ дар як шабонарӯз бо витамини $B_1$ таъмин гардад, лозим меояд, ки қариб 1кг нони сиёҳ ё худ 0,5кг гӯшт истеъмол карда шавад. Инро бо доруҳои сервитамин, ки махсус барои пурра кардани норасоии витаминҳо истеъмол карда мешаванд, иваз намудан мумкин аст. Ҳамин гуна доруҳои сервитамин (поливитаминҳо) барои ҳифзи саломатии ҳар як шахс зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки воситаи асосии пешгирӣ намудани камвитаминӣ ҳарчӣ бештар истеъмол кардани сабзавот, мева, ҳар гуна кабудиҳо, инчунин дигар маҳсулоти хӯроквории сервитамин мебошад. Ҳодисаи камвитаминӣ дар ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ бештар дар намуди гиповитаминоз ва баъзан авитаминоз зоҳир шуда, сабаби пастшавии маҳсулнокӣ ва камнаслии чорво, инчунин зиёдшавии касалии онҳо мегардад. Ҳангоми камвитамин будан ва нарасидани витаминҳо дар маҳсулоти хӯроки ҳайвонот, маҳсулнокии чорво (гӯшт, шир, равған) паст гардида, ашёи хоми саноатии онҳо (пашм, пӯст, мӯина) сифатан паст мешавад. Камвитаминӣ дар ҳайвонот тавассути беҳтар кардани шароитҳои зоогигиенӣ, бо хӯроки сервитамин ва доруворихои витаминдор таъмин намудани ҳайвонот бартараф мегардад.

Ҳамин тавр, витаминҳо ҳамчун пайвастагиҳои муҳими органикӣ дар равандҳои бисёр ва гуногуни физиологӣ иштирок намуда, барои фаъолияти муътадили мубодилаи моддаҳои организм таъсири хуб мерасонанд.

***Адабиёт***


1. *Абдулло С. Дорухонаи табиат. – Душанбе: Ирфон, 1991.*
2. *Азонзод Ҷ., Абдулло С., Хоҷа М. Сад гиёҳи шифобахш. - Душанбе: Ориёно, 1992.*
3. *Арешкина Л.Я. Витамины В 12 в животном организме. - М.: Наука, 1976.*
4. *Боечко Ф.Ф., Боечко Б.Ф. Биохимия для учителя. Пособие для учителей. – Киев, 1985.*
5. *Витамины и витаминные препараты / Под. ред. В.А.Яковлева. - М.: Медицина, 1973.*
6. *Витамины круглий год. Изд-во 4. - М.: Росагропромиздат, 1990.*
7. *Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов учебно-методическое пособие для студентов. - Екатеринбург, 2005.*
8. *Гесь Д.К., Сорбач Н. В. и др. Лекарственные растения и их применение. – Минск: Наука и техника, 1976.*
9. *Зубайдов У. З., Алимов С. Тавсияҳои методӣ оид ба корҳои мустақилона. - Душанбе, 2014.*
10. *Зубайдов У.З., Тошев Х. Омӯзиши витамин дар синфи XI // Маърифат. – 1994. - № 1, 2.*
11. *Корсун В. Ф. Растения и здоровье. – Минск: Наука и техника, 1983.*
12. *Маршак М.С. Питание и здоровье. - М.: Медицина, 1967.*
13. *Ҳайдаров К.Ҳ. Рустаниҳои шифобахши Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1986.*


## БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «ВИТАМИНҲО»


Унвонҷӯ дар мақола оид ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён зимни омӯзиши мавзуи «Витаминҳо» аз рӯи НКТ маълумот пешниҳод намудааст. Ӯ қайд намудааст, ки кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи мактаби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилонаро бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд. Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони оянда соҳаи омӯзгорӣ мутобиқи талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ва ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва касбӣ ёрӣ расонидан аст, яъне он барои аз худ намудан ва амалӣ гаштани мақсадҳои донишҷӯён равона карда шудааст



**Калидвожаҳо:** корҳои мустақилона, кредит, низоми кредитии таҳсилот, омӯзгор, донишҷӯён, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, витаминҳо, авитаминоз, гиповитаминоз.

## ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ПО КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ «ВИТАМИНЫ»

В статье соискатель представлена информация о выполнении самостоятельной работы студентов при изучении темы «Витамины» по КСО. Он отметил, что самостоятельная работа является творческой и индивидуальной деятельностью каждого студента вуза в кредитной системе обучения, и в ходе ее реализации у него возрастает интерес к обучению. Обучение требует от студентов самостоятельной работы с книгами, изучения научной, методической и популярной литературы. Целью самостоятельной работы обучающихся в образовательных организациях является, прежде всего, повышение качества подготовки будущих специалистов в сфере образования в соответствии с современными требованиями общества и соответствием государственным стандартам, а также помощь в решении учебных, учебно-профессиональные задачи, то есть на освоение и реализацию целей обучающихся направлены.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа, кредит, кредитная система обучения, преподаватель, студенты, самостоятельная работа студентов, витамины, авитаминоз, гиповитаминоз.

## ORGANIZATION OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS USING THE CREDIT EDUCATION SYSTEM WHEN STUDYING THE TOPIC “VITAMINS”

The article provides information about students’ independent work when studying the topic “Vitamins” using CSO. He noted that independent work is a creative and individual activity of each university student in the credit education system, and in the course of its implementation, his interest in learning increases. Training requires students to work independently with books, study scientific, methodological and popular literature. The purpose of independent work of students in educational organizations is, first of all, to improve the quality of training of future specialists in the field of education in accordance with modern requirements of society and compliance with state standards, as well as assistance in solving educational, educational and professional tasks, that is, to master and realize goals students are sent.

**Keywords:** independent work, credit, credit system of education, teacher, students, independent work of students, vitamins, vitamin deficiency, hypovitaminosis.

**Дар бораи муаллиф**
Аламов Толибҷон Негматович
Ассистенти кафедраи анатомия ва физиология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 989 07 11 76

**Об авторе**
Аламов Толибджон Негматович
Ассистент кафедры анатомии и физиологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 989 07 11 76

**About the author**
Alamov Tolibjon Negmatovich
Assistant of the Department of anatomy and physiology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 989 07 11 76

ТДУ 371.21

# ТЕХНОЛОГИЯИ АДАПТАТСИОНӢ – ҲАМЧУН ШАРОИТИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОН АЗ ХИМИЯ

***Назаров А. Ҷ.***
*Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав*

Дар замони муосир рӯз аз рӯз талабот ба сифати таълими хонандагон, сатҳи дониш ва маҳорати онҳо то рафт баланд гардида истода аст. Аз ин ҷо масъалаи муҳим интихоби технологияи таълимие мебошад, ки сифат ва муваффақиятнокии таълими фанҳои табииро баланд бардошта, нақши онҳоро дар ҳамгироӣ байнифаннӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, маърифати экологӣ ва умумӣ, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандагон таъмин намояд. Инчунин барои аз худ намудани мазмун ва иҷрои мақсадҳои таълими умумӣ, ҷудо карда тавонистани робитаҳои сабабу оқибат, ҷамъбаст ва таълими системавии хонандагон, ҳангоми омӯзиши химия нақши илми химия ва технологияро дар ҳаёти имрӯза, ҷамъият, саҳми онро дар ҳалли проблемаҳои глобалии инсоният, мазмуни пойдорӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ ва амалӣ, алоқаи онро бо ҳаёт кушодан ёрӣ расонад.

Дар стандартҳо муносибатҳои нав ба таълим пешниҳод шудаанд, ки ба мазмун ва мақсади таълим мувофиқ буда, ба ҷанбаҳои башардӯстӣ, таълими равиявӣ ва таваҷҷуҳ ба шахсият, дар хонандагон ташаккул додани мустақилият, маҳорати истодагарӣ намудани нуқтаи назари худ ва шунида тавонистани фикри дигарон муошират ва ғайра аҳамияти махсусан калон дода мешавад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар муҳити педагогии муассисаҳои таълимӣ дар солҳои охир нофаҳмиҳо мушоҳида мешавад, ки натиҷааш рафтани хонандагон ба дигар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ҳангоми мутобиқ шудани хонандагон ба муҳити муассисаи таълимии дигари онҳо ба мушкилиҳо дучор шуда асабонӣ мешаванд. Аз ин ҷо дар шароити ҳозира принсипи ҳамкории мактаб, оила ва ҷамъият, ки дар асоси Конвенсия дар бораи кӯдак қабул шудааст (1989), аҳамияти муайянкунанда мебозад. Дар системаи иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ дар назди ҷамъият, бартарӣ ба кӯдак ва оила, шахсияти фаъол ва рушдёбанда дода мешавад. Имрӯз проблемаи мутобиқ нашудани хонандагон ба муҳити муассисаҳои таълимӣ ва ғайраҳо хеле муҳим аст. Инро бояд оила, мактаб, ҷамъият, аз он ҷумла омӯзгорони химия фаҳманд ва сари вақт пешгирӣ намоянд.

Омӯзгорон дар баъзе вақтҳо, нафаҳмида ҳолатҳои низоъандозиро истифода мебаранд, ки дар хонандагон ҳисси хафашавӣ ва пастзаниро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа ин низоъҳо ба мухолифатҳо оварда мерасонад. Барои ба ин вазъиятҳо роҳ надодан, ба омӯзгор лозим аст, ки аз рӯйи имконият ба низоъҳо дохил нашуда ба онҳо ҷавоб нагардонад, ба хонандагони худ муносибат хуб, ҳурмату эҳтиром, диққат, ҳамдардӣ, шавқу ҳавас зоҳир намояд [2; 3].

Омӯзиши проблемаи мутобиқнашудан дар муассисаи таълимии нишон дод, ки мутобиқ (мувофиқ) нашудан дар бисёр маврид ба рушд ёфтани вазъияти низоъ ба вуҷуд оваранда алоқаманд мебошад; ин зиддияти манфиатҳо, ба зиддиятҳо метавонанд фикрҳо, қувва, манфиат, шавқ, рағбат, даъво, талаб ва ғайра сабаб шавад. Ин рӯйхатро метавон давом дод, чунки пайдо шудани ҳисси инсон бисёрҷанба мебошад ва сабабҳое, ки хонандагонро ба низоъ тела медиҳанд, хеле гуногун мебошанд. Ба омӯзгор лозим аст, ки чунин сабабҳоро муайян намуда онҳоро омӯзад: муносибат ба хондан, иваз намудани ҷойи таълимгирӣ; талаботи омӯзгор, нобарории иҷтимоӣ, ҷанҷолҳо дар оила, номувофиқии мақсадҳо ва манфиатҳо, рашк ва ғайраҳо.

Дар амалияи муассисаҳои таълимӣ бисёр вақт вазъияти ба вуҷудоварандаи низоъҳо мушоҳида карда мешавад. Чунки дар ин синну сол дар хонандагон рушди тези узвҳо ва системаи узвҳо ба амал меояд, ба ин шиддати кори фикрӣ илова мешавад, ҳамаи ин ба системаи асаб бори зиёдатӣ меорад, ки дар навбати худ ба ҳиссиёти баланд, зудранҷӣ, ифроти баланд дар рафтор ва баҳодиҳии дигар одамон оварда мерасонад.

Аз як тараф, дар омӯзгорон нофаҳмӣ, аз тарафи дигар – ранҷиш, фикр ва талаботи нохуши волидайн пайдо мешавад. Дар натиҷа паст шудани азхудкунӣ, тез ба ҷаҳл омадан дар рафтор, тез ҷанҷол намудан бо рафиқон, ҷустуҷӯҳои муҳити дигари муошират, ки на ҳама вақт мувофиқ аст, пайдо мешавад.

Яке аз сабабҳое, ки зиёдтар вомехӯрад – ин қобилият надоштан, набудани хоҳиш ё ин ки надоштани маҳорати ҳар як иштирокчии низоъ барои бартараф кардани ҳолати дохилии “Ман” , кӯшиши бо воситаҳои гуногун маъқул кардани ақидаи худ, исботи ҳақ будани худ, расидан ба хоҳиши худ мебошад.

Вазъияти низоъандоз одатан бо айби яке аз иштирокчиёни низоъ пайдо мешавад, лекин барои ҳалли низоъ бояд манфиати ҳамаи иштирокчиён ба назар гирифта шавад. Умуман низоъ бадбахтӣ набуда, раванди табиист, ки дар дохили ҷомеаи инсонӣ, дар коллектив, оила, муассисаи таълимӣ ва ғайраҳо пайдо мешавад. Агар низоъ аз доираи ақли солим барои муайян кардани ҳалли ҳақиқат берун набарояд, дар бисёр маврид барои муайян кардани нуқтаи муҳими ҳалли вазъиятҳо ёрӣ мерасонад. Дар баъзе ҳолатҳо мухолифатҳо сабаби рушди шахсии кӯдак – хонанда, коллективи кӯдакона ва мустаҳкам шудани муносибати якдигарӣ мегардад.

Омӯзиши ин масъала дар муассисаҳои таълими нишон дод, ки низоъ тез паҳн нашуда оҳиста – оҳиста вусъат меёбад. Заминаҳои гуногуни пайдошавӣ ва рушди вазъияти низоъ чунинанд; дарки низоъ ва ғам хӯрдан, ҳалли аввалаи низоъ; дарки низоъ, кушодашавии баҳамтаъсиррасонӣ; рушди низоъ, яъне баён намудани нуқтаи назар ва пешниҳод намудани талабот, ҳалли низоъ, ки аз ҳама зиёдтар роҳи педагогӣ бо истифодаи методҳои гуногун ба амал меояд – суҳбат, хоҳиш, фаҳмонданӣ, лекин дар баъзе ҳолатҳо методҳои маъмурӣ лозим мешавад – танбеҳ, ҷазоҳо ва ғайраҳо. Давраҳои низоъро метавонем ба қисмҳо ҷудо намоем: ибтидо, афзоиш ва пастшавӣ.

Агар низоъ дар синф ё ин ки байни синфҳо пайдо шавад, донистани сабаби пайдошавии онро, роҳи ҳал ва нигоҳдории вазъиятро донистан хеле муҳим аст, набошад, метавонад ба ҳолати вазнин биёрад. Бояд кӯшиш намуд, ки низоъ дар аввали пайдошавӣ ҳал карда шавад. Агар иштирокчиёни низоъ хоҳиши аз даст додани нуқтаи назари худро накунанд, дар оянда ҳалли он мушкил мешавад. Сабабҳои низоъҳо дар раванди таълиму тарбия аз ҳама зиёдтар инҳо мебошанд: зиёд будани меъёри вазифаи хонагии хонандагон; вайрон кардани интизоми таълимӣ; нодуруст тақсим кардани мукофот дар байни хонандагон; роҳ додани хатогиҳо аз тарафи омӯзгор ҳангоми баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон, муҳайё намудани шароит барои пайдошавии вазъияти низоъ аз тарафи хонандагон ва муносибат ба дин.

С.Холназаров рафти низоъро мушаххас ва пурра намуда, ба инҳо ишора мекунад:

- манфиати тарафҳо, ки дар низоъ иштирок менамоянд, инчунин фаҳмиши ҳамдигарии онҳо;
- сабаб ва хусусияти ҳаракати (таъсирӣ) яке аз тарафҳо;
- тайёр будани тарафҳо барои ҳалли низоъ;
- мавҷуд набудани ҳамдигарфаҳмӣ, яъне набудани хоҳиши фаҳмидани манфиати дигар тараф;
- истодагарӣ намудани манфиатҳо;
- истифодаи қувва ва тарсонидан ҳангоми ҳимояи манфиатҳои худ;
- пайдошавии талаботи яке аз тарафҳо, ки дар низоъ иштирок менамояд;
- бартарии низоъ, дахли беруна аз ҳар ҷиҳат;
- вазъияти сарбаста, яъне мавҷуд будани таъсири вайронкунанда;
- дарки ин вазъият; ҷустуҷӯи муносибатҳои нав; дигаршавии роҳбарӣ тарафҳои низоъ;
- давраҳои нави якҷояамалкунӣ (ҳамкорӣ) [6].

Аз рӯйи самт низоъҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоянд : амудӣ, уфуқӣ ва омехта. Ба амудӣ чунин низоъҳо дохил карда мешаванд, ки дар он шахсоне иштирок мекунанд, ки яке дар итоати дигараш нестанд, яъне дар ин ҳолат иштирокчиён вазъияти (ҳолати) якхела доранд (хонанда – хонанда, омӯзгор – омӯзгор). Ба низоъҳои уфуқӣ онҳое дохил мешаванд, ки дар итоати якдигаранд, яъне иштирокчиён дар ҳолати якхела нестанд (омӯзгор – хонанда). Ба низоъҳои омехта пешниҳод мешавад ҳам амудӣ ва ҳам уфуқӣ. Аз рӯйи баҳои равоншиносон, низоъҳои уфуқӣ, яъне уфуқӣ ва омехта – ин қариб 70 – 80 % ҳамаи низоъҳоро ташкил менамоянд [4; 7].

Аз рӯйи аҳамият барои синф ва ташкилот (муассисаи таълимӣ) низоъҳоро ба асоснок (созанда) ва ғайриасоснок (вайронкунанда) ҷудо менамоянд.

Якумаш ба кор фоида, дуюмаш зарар меорад. Аз якумаш гурехтан лозим нест, дуюмаш зарур аст.

Аз рӯйи хусусият низоъҳоро метавонем ба объективӣ ва субъективӣ ҷудо намоем. Якумаш бо сабабҳои объективӣ пайдо мешаванд, дуюмаш – субъективӣ, шахсианд.

Низоъҳои объективӣ дар бисёр ҳолат асоснок ҳал мешаванд, субъективӣ ҳамчун қоида асоснок ҳал карда намешаванд.

Аз рӯйи мазмун низоъҳоро ба ҳаётӣ, маъмурӣ, касбӣ, идеологӣ, равонӣ (психологӣ), ахлоқӣ, “ холӣ ” ҷудо менамоянд.

Дар раванди таълиму тарбия ҳамаи типи низоъҳо ҷой дошта метавонад, лекин аз ҳама зиёдтар ахлоқӣ – мувофиқ наомадани нуқтаи назар, меъёрҳои рафтор; ва психологӣ вақте, ки сабаби низоъ хусусияти равонии (психологии) одам (тафаккур, хаёлот, тасаввурот ва ғайраҳо) мебошад [7].

Дигар роҳҳои низоъҳо низ мавҷуд аст:

- низоъҳое, ки аз рӯйи шакл ва дараҷаи ошкор шудани аломатҳо (ниҳонӣ, якуякбора, пешниҳод);
- аз рӯйи шиддатнокӣ (маҳсулнокӣ);
- аз васеъгӣ ва давомнокӣ ( кӯтоҳмуддат, дарозмуҳлат, тезгузаранда );
- аз рӯйи таркиби тарафҳое, ки дар низоъ иштирок менамоянд (ботинӣ, берунӣ);
- аз рӯйи сарчашма ва сабаби пайдоиш ( объективӣ, субъективӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ – меҳнатӣ );
- аз рӯйи тарзи батартибдарорӣ (ҳол) ва ғайраҳо [8].

Таҷриба нишон медиҳад, ки роҳҳои баромадан аз низоъҳо бисёранд ва яке аз онҳо – ин розишавӣ дар асоси гузашти якдигарӣ, ба созиш омадан мебошад. Ба созиш омадан ин маънои аз ақидаи худ даст кашиданро надорад, баръакс, ин маҳорати беталафот аз ин ҳолат ёфтани роҳи баромадан мебошад. Коллектив ё ин ки хонандаи алоҳидаро фаҳмондан лозим аст, ки созиш шахсияти шуморо паст намекунад. Баръакс ба созиш одамони боқувват, ба ҳақ будани худ боварӣ дошта меоянд, қобилияти ба созиш наомадан – ин нишондоди ба худ боварӣ надоштанро дорад.

Таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимии рақами 5, 6, 7-и ноҳияи Вахш, рақами 9, 10, 11-и ноҳияи Кӯшониён лоиқи дастгирӣ мебошад, ки аз методҳои самараноки такмилёфтаи аз вазъият баромаданро истифода мебаранд – ҳамкорӣ (дӯстӣ). Онҳо нисбат ба созиш (ҳамкорӣ) аҳамияти калон медиҳад, чунки ҳангоми ҳамкорӣ манфиат ва мақсади ҳама тарафҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳурмату эҳтиром ба шахсияти шарик (ҳариф), баробарӣ ба он нигоҳ дошта мешавад.

Омӯзгорон баробари ба хонандагон муносибати хуб намудан дигар одамонро низ тарбия намоянд. Бисёр муҳим аст, ки хонандагон аз болои ҳаракатҳои худ дуруст баҳо додан ва назорат намуданро омӯзанд. Агар хонанда танқид карданро дӯст дорад ва он ҳаққонӣ бошад лекин худаш ба танқид тоб наорад, ин ҳолат ӯро аз коллектив ё ин ки гурӯҳи хонандагон дур намуда, сабаби низоъҳои доимӣ мешавад.

Роҳбарони синфҳои муассисаи таълимии рақами 12-и шаҳри Бохтар кори зиёдро намуда, ба хонандагон мефаҳмонанд, ки дар вазъияти мушкил аз баҳс кардан нагурезанд, фикри шахсии худро бояд дошта бошанд, ҳамсуҳбатро бо диққат гӯш карданро ёд гиранд, ғами дигаронро хӯрда тавонанд, ҳолати эҳсосоти дигар одамро ҳис намоянд, худро дар ҷои он гузошта тавонанд ва ваҷҳи рафтори дигаронро фаҳмида тавонанд .

Бояд ба вазъиятҳо баҳои объективона додан ва дуруст дида баромадани низоъҳо, фаҳмонидани нуқтаи назари тарафҳоро ёд гиранд, то ин ки ҷангу ҷанҷол ва нофаҳмиҳоро бартараф карда тавонанд.

Яке аз оқибати низоъҳо мувофиқ (мутобиқ) нашудани хонандагон ба муҳити муассисаи таълимӣ мебошад, ки яке аз сабабҳои асосии бегона шудани хонандагон аз муассисаи таълимӣ мегардад, чунки хонанда худро беҳаловат ҳис намуда, ин асосан ба ҳолати психологӣ вобаста аст, ки натиҷаи тағйироти рӯҳ, фаъолияти таълимӣ, рафтори кӯдак мебошад.

Дар луғатҳо оид ба педагогикаи иҷтимоӣ мутобиқ нашудан чунин муайян карда мешавад: “рафтори ташаккули шахсият, меъёрҳои ғайримуқаррарӣ ва талаботи одамони наздик, ки вазифаи институтҳои иҷтимоиро иҷро менамоянд (муассисаҳои таълимӣ, оила ва ғайраҳо)” [6].

Мувофиқ нашудан психологӣ (пайдошавии хусусият), иҷтимоӣ – психологӣ (дар намуди аз худ накардани фанҳо, беодобӣ, низоъ, дағалӣ, вайроншавии муносибат), иҷтимоӣ (вайроншавии рафтор); (ҳуқуқвайронкунӣ) ва дардовар (патогенӣ) (асабонишавӣ, ҷунунӣ) зоҳир мегардад [4].

Номувофиқшавии иҷтимоӣ ҳангоми аз тарафи кӯдакон ва наврасон вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, вайроншавии системаи дохилии худидоракунӣ, арзишҳои интихобӣ, талабҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар он ду давра ба назар мерасад:

Кӯдакони аз ҷиҳати педагогӣ бенигоҳубин монда ба таври доимӣ аз якчанд фанҳои барномаи муассисаҳои таълимӣ қафо мемонанд, ба таъсири педагогӣ муқобилият менамоянд, рафторҳои ғайрипедагогӣ нишон дода, мехоҳанд бо омӯзгорон, волидайн ва ҳамсинну солон низоъ менамоянд. Дар кӯдакӣ ва наврасӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ бенигоҳубин монда ҳамаи ин рафторҳои ношоям ҷалб ба гурӯҳҳои ношоям, тағйир ёфтани шуур ва арзишҳои интихобӣ, бекорхуҷагӣ, истифодаи моддаҳои муҳаддир, спиртӣ, ҳуқуқвайронкунӣ мубаддал мешавад. Лекин ин мувофиқ нашудани иҷтимоӣ раванди баргарданда мебошад [4].

Мувофиқ нашудани муассисаҳои таълимӣ – ин вайроншавии мутобиқшавии шахсияти хонанда ба шароити таълим дар муассисаи таълимӣ мебошад, ки намуди дар кӯдак хароб шудани қобилияти умумӣ ба мувофиқшавии психологӣ дар натиҷаи таъсири омилҳои ғайриодӣ (паталогӣ) ба вуҷуд меояд. Мутобиқнашавӣ ба муассисаи таълимӣ раванди гуногуномил буда, қобилияти кӯдакро ба таълим паст ва вайрон мекунад, ки дар натиҷа номувофиқатӣ ба шароит ва талаботи раванди таълим ба вуҷуд меояд.

Аз нуқтаи назари мутафакирон, мутобиқнашавии муассисаи таълими мушкилии хоси ин муассиса буда, ба дигар тараф майл намудани фаъолияти таълимӣ алоқаманд аст, ки дар намуди мушкилӣ дар омӯзиш, қафомонӣ дар таълим ва низоъҳо бо ҳамсинфон зоҳир мегардад. Сабаби мутобиқнашавӣ дар диққат надодан ба кӯдак аз тарафи омӯзгорон, волидайн, набудани ёрии зарурии ҳозиразамон, инчунин хатогии тарбияи оилавӣ (кори назоратӣ, назорати нодуруст ва ғайра) мебошад.

Якчанд намудҳои мутобиқ нашудани наврасон мавҷуд аст. Ҳар яки он муносибати махсусро талаб менамояд. Масалан: вайронкунандагӣ – бояд онҳоро нигоҳ дорем, худвайронкунӣ – онҳо ба ёрии омӯзгорон муҳтоҷанд, асил (сахт) ба назорати доимӣ муҳтоҷанд, ҳузури ҳаловатро дӯст медоранд – онҳо ба тарафдорӣ ва ёрӣ муҳтоҷанд, худро дӯст медоранд – зарур аст, ки сатҳи худбаҳодиҳияшонро нисбат ба дигарон паст намоем, худнамоишдиҳӣ – онҳо бифаҳманд,калаванда – ба назорат ва фаҳмондадиҳӣ муҳтоҷанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто кӯдакони қобилиятнок ва илмдӯст дар баъзе ҳолатҳо хондан намехоҳанд. Бинобар ин ба омӯзгор лозим аст, ки ба таври доимӣ ба хонандагон фаҳмонад, ки омӯзиш аз ҳама фаъолияти муҳим мебошад, бояд донишҳоро ҳатман аз худ намоем ва такмил диҳем, чунки онҳо барои ба мақсадҳои ҳаётӣ расидан хеле заруранд.

Дониш мартабаи хонандагонро дар байни ҳамсинну солон, омӯзгорон, оила ва одамоне, ки онҳоро иҳота менамоянд, баланд мебардорад.

Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки дар наврасон ҳангоме аз синф мегузаранд баъзе фанҳоеро, ки нағз медиданд, онҳоро дӯст намедоранд, вазифаҳои хонагиро иҷро намекунанд. Хонандагон ба таври фаъолона ва ғайрифаъол ба таълим (хондан) муқобилият мекунанд. Дар натиҷа дар онҳо паст шудани сатҳи дониш, дар баъзе ҳолатҳо азхудкунии ниҳоят паст ва набудани хоҳиши хондан пайдо мешавад.

Сабаби аз худ накардан ин набудани диққат, фаъолиятнокии суст ва дигар хосиятҳои хоси физиологӣ психологии хонандагон мебошад. Диққати азхудкунии дониши хонандагонро таъмин кардан ба раванди маърифати ҳавасманд намудан ба воситаи коркард ва истифодаи иттилооти гуногун, инчунин фаъолияти мақсаднок вазифаи ҳар як омӯзгор мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки диққат ба хонандагон яке аз қисматҳои асосии таълиму тарбия ҳисоб шуда, ба таълими самаранок ёрӣ мерасонад. Диққат дар раванди дар хотир нигоҳ доштани донишҳо, аз ба ёд овардан, дарк ва аз ёд баровардани онҳо нақши муҳим дорад. Зарур аст, ки диққатро дар муддати муайяни вақт барои муайян намудани объект ба назар гирем. Набудани диққати муайян ба мутобиқ нашудани хонандагон оварда мерасонад.

Баъзе омӯзгорон хусусиятҳои хоси физиолого – психологии хонандагонро ба назар нагирифта, барои дар хотир нигоҳ доштан ба онҳо донишҳои зиёдатӣ, ҳаҷми калону мураккабро бор мекунанд, ки вақти зиёди омӯзишро талаб менамояд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки барои кӯдакон вақти кам ба бозӣ кардан ва дигар корҳои муфид мемонад. Натиҷааш мутобиқ нашудани хонандагон аст.

Таҷрибаи чандинасра нишон медихад, кӣ агар кӯдак хоҳиши хондан надошта бошанд, дар ин шароит аз онҳо таълими фаъолияти самаранокро интизор шудан мушкил аст. Ҳангоми мавҷудияти ваҷҳ хонанда фаъолона ба раванди маърифатӣ дохил шуда, дар он хоҳиши амал намудан пайдо мешавад. Ин нишон медиҳад, ки мо бояд хонандагонро ба

фаъолияти маърифатӣ ва омӯзиш (хондан) ҳавасманд намоем. Набошад онҳо суст мехонанд, барномаро хеле бад аз худ мекунанд, ин кӯдакон сустхон мебошанд, ки дар онҳо диққат, хотира, нутқ, асосан тафаккур мушаххас суст рушд ёфтааст. Вазифаи омӯзгор аз рушд додани ин равандҳои психологӣ иборат аст.

У.Зубайдов, С.Холназаров тарафдории (дастгирии) педагогиро ҳамчун раванди таълим дар асоси интихоби равия, сатҳи мутобиқати азхудкунӣ ба табиати рефлексии шуури инсон; дар ёрӣ барои азхуд намудани ахбороти таълимӣ ва ҳалли проблемаю вазифаҳои таълим; дар ташкили дурусти ҳамкорӣ дар коллектив; баланд бардоштани масъулияти таълимгиранда ба натиҷаи таълим; то ҳадди имконпазир сарф намудани қувваю ғайрати худ барои самаранокии таълими химия мебинанд [3].

Ҳамаи омӯзгорон хонданро таъкид мекунанд. Вале омӯзгорони асил-нававар аввал хонданро ёд медиҳанд, ки ин ба таври мустақилона азхуд намудани донишҳо сабаб мегардад.

Таҳқиқи гузаронида нишон дод, ки омӯзгорони химияи муассисаҳои таълимии рақами 9, литсеи “ Ориёно ” – и шаҳри Бохтар худбаҳодиҳии хонандагонро баланд мебардоранд ва тасаввурот дар бораи худро дуруст ташаккул медиҳанд. Онҳо хонандагонро ҳурмату эҳтиром кардани худ ва дигарон, баёни фикри шахсии асоснокро меомӯзонанд. Агар дар вақти ҷавоб додан хонанда худро гум кунад, саросема шавад, ба ӯ ёрӣ мерасонанд, ба ҷавоби дуруст додан онро равона месозанд, саволҳои ёрирасон месозанд ва ғайраҳо. Дар ин ҷо аз алгоритмҳо, қолаб, нақшаҳо ва ғайраҳоро истифода мебаранд. Алгоритм – пешниҳод дар асоси системаи қоидаҳои пайдарпай гузаронидани амалиётҳо, аниқ иҷро намудани онҳо барои ҳалли масъалаҳои синфи муайян ёрӣ мерасонад. Қолаб – асоси умумӣ мебошад. Алгоритм ва қолаб айёнияти раванди таълимро таъмин менамоянд ва метавонем онҳоро ҳамчун воситаи дастгирии педагогии хонандагон ҳисоб намоем.

Якчанд муносибат нисбат ба таърифоти “дастгирии педагогӣ” маълум мебошад. Бабанский Ю. К. тарафдории педагогиро ҳамчун раванди ёрии тез ва хайрхоҳона барои ҳалли вазъияти проблемавӣ дар тарбия, ки ба мустаҳкам намудани қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳӣ такя мекунад ва ба воситаи усулҳои консултатсиядиҳӣ, дастгирӣ, ҳамкорӣ, ёрирасонӣ, ҳимоя ғамхорӣ амалӣ намуда мешавад, дида мебарояд [2].

Ба ақидаи Т.В.Анохина “тарафдории педагогии ин системае мебошад, ки ба интихоби мустақилонаи шахсӣ, ахлоқӣ, шаҳрвандӣ, касбӣ, худмуайянкунӣ, инчунин ёрӣ дар бартараф намудани мушкилиҳо, худамаликунӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, эҷодӣ ва иттилоотӣ ёрӣ мерасонад” [1].

Хулоса дар зери мутобиқшавии педагогӣ раванди фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда (кӯдак)-ро доир ба муайян намудани манфиатҳо, мақсадҳо, имкониятҳо, монеаҳо ва ғайраҳо, дарки сабаб ва ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф намудани онҳо бо ёрии методҳои педагогӣ ва воситаҳои таълим ва маҷмӯи маводи таълимӣ (дидактикӣ) мебинем, кӣ татқиқоти мо бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки муайян ва бартараф кардани сабабҳои низоъҳо, мутобиқ шудани хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранокии таълим ва аз он ҷумла сифати дониши хонандагон аз химия мебошад, ки дар шароити имрӯза бе истифодаи технологияи педагогии ҳозиразамон ғайри имкон аст.

### *Адабиёт*


1. *Анохина Т.В. Педагогическая поддержка как реальность современного образования // Классный руководитель. - 2000. - №3. - С. 65-66.*
2. *Бабанский Ю. К. Об актуальных вопросах методологии дидактики // Советская педагогика, 1978. - № 9. - С. 45-55.*
3. *Зубайдов У., Холназаров С. Методикаи таълими химия. - Душанбе, 2010. - 385 с.*
4. *Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии. - М.: Просвещение, 1970. - 124 с.*
5. *Холназаров С. Асосҳои методикаи таълими химия, қисми 2. - Душанбе, 2009. – 264 с.*
6. *Холназаров С. Ташаккули заминаҳои асосии маърифатии шахсияти хонанда. - Душанбе: ҶДММ “Эр-граф", 2018. - 153 с.*
7. *Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия. Қисми 1. - Душанбе, 2008; Қисми 2, 2010. - 191 с.*
8. *Холназаров С., Орлова Л.А. Внеклассная работа и личность (из опыта работы). - Душанбе: Авесто, 2007. - 120 с.*

## ТЕХНОЛОГИЯИ АДАПТАТСИОНӢ – ҲАМЧУН ШАРОИТИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОН АЗ ХИМИЯ

Дар зери мафҳуми адаптатсия (мутобиқшавӣ)-и педагогӣ раванди фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда (кӯдак)-ро доир ба муайян намудани манфиатҳо, мақсадҳо, имкониятҳо, монеаҳо ва ғайраҳо, дарки сабаб ва ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф намудани онҳо бо ёрии методҳои педагогӣ ва воситаҳои таълим ва маҷмуи маводи таълимӣ (дидактикӣ) мебинем, ки таҳқиқоти мо ба он бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки муайян ва бартараф кардани сабабҳои низоъҳо, мутобиқ шудани хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранокии таълим ва аз он ҷумла сифати дониши хонандагон аз химия мебошад, ки дар шароити имрӯза бе истифодаи технологияи педагогии ҳозиразамон ғайри имкон аст.

**Калидвожаҳо:** мутобиқшавӣ, методҳои педагогӣ, самаранокии дониш, шароит, система, дидактика, таълим, алгоритм, дасгирии педагогӣ, ташкил, таҷриба, хонандагон, омӯзгор, химия, байнифаннӣ, фаъолият.

## ТЕХНОЛОГИЯ АДАПТАЦИЯ - КАК УСЛОВИЯ ПОВЫШЕНИЯ УСЛОВИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЕ УЧАЩИХСЯ ПО ХИМИИ

Педагогическая адаптация – это процесс совместной деятельности педагога и ученика (ребенка) по определению интересов, целей, возможностей, препятствий и т.п., пониманию причины и поиску путей их преодоления с помощью педагогических методов и образовательные инструменты и комплексные образовательные (дидактические), материалы которые посвящена наша статья. Следует отметить, что выявление и устранение причин конфликтов, адаптация обучающихся в образовательных учреждениях является одним из факторов повышения эффективности образования, в том числе качества знаний учащихся по химии, что невозможно в современных условиях без использование современных педагогических технологий.

**Ключевые слова:** адаптация, педагогические методы, эффективные знания, условия, система, дидактика, образование, алгоритм, педагогическое сопровождение, организация, опыт, обучающиеся, учитель, химия, междисциплинарность, деятельность.

## TECHNOLOGY ADAPTATION - AS A CONDITION FOR INCREASING QUALITY CONDITIONS OF STUDENT TRAINING IN CHEMISTRY

Pedagogical adaptation is a process of joint activity between a teacher and a student (child) to determine interests, goals, opportunities, obstacles, etc., understand the causes and find ways to overcome them using pedagogical methods and educational tools and complex educational materials (didactic), we see who our research is dedicated to. It should be noted that identifying and eliminating the causes of conflicts and the adaptation of students in educational institutions is one of the factors in increasing the effectiveness of education, including the quality of students' knowledge in chemistry, which is impossible in modern conditions without the use of modern pedagogical technologies.

**Keywords:** adaptation, pedagogical methods, effective knowledge, conditions, system, didactics, education, algorithm, pedagogical support, organization, experience, students, teacher, chemistry, interdisciplinarity, activity.

**Дар бораи муаллиф**
Назаров Абдузоир Ҷуманазарович
Унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67
Тел.: (+992) 004 88 28 17

**Об авторе**
Назаров Абдузоир Джуманазарович
Соискатель кафедры методики преподавания естественных наук
Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрава
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67
Тел.: (+992) 004 88 28 17

**About the author**
Nazarov Abduzoir Jumanazarovich
Applicant for the Department of methods of teaching natural sciences
Bokhtar State University named after N. Husrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni st., 67
Ph.: (+992) 004 88 28 17

ТДУ 159.9

# ТАҲҚИҚИ АГРЕССИВНОКИИ НАВРАСОН ТАВАССУТИ ТЕСТҲОИ ПРОЕКТИВӢ

***Зайтметов Х. А., Фозилова М. Ч.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

Кӯшишҳои гуногуни таҳлили бунёдии моҳияти хусумат, зӯроварӣ ва вайронкории инсон дар назарияҳои илмӣ амалӣ шудаанд (З. Фрейд, Э. Фромм, Л. Берковис, Д. Доллард, А. Бандура ва диг.). Тамоми ин консепсияҳо ва принсипҳои шарҳдиҳандаи амалҳои номатлуб то ҳол муҳим боқӣ монда, барои таҳқиқоти омилҳои сершумори иҷтимоию фарҳангӣ, инфиродӣ, типӣ ва ғайра водор мекунанд. Имрӯз оид ба ин масъалаҳо маводи таҷрибавии кофӣ вуҷуд дорад. Гуногунобразии падидаи агрессивнокӣ ҳангоми кӯшиши муайян намудани мазмуни психологии он боиси пайдо шудани роҳёфтҳои сершумор гардидаанд.

Ба ақидаи Е.В. Змановская, ҳарчанд агрессия бо вайронкорӣ зич алоқаманд бошад ҳам, он рафтори берун аз меъёр нест. Дар баробари ин, зери агрессия тамоюле фаҳмида мешавад, ки «дар рафтори воқеӣ ё тахайюлот барои ба худ тобеъ намудани дигарон ё ҳукмфармоӣ ба онҳо» зоҳир мегардад [33, с. 9]. Ин тамоюл ҳаматарафа аст, зеро агрессия метавонад ҳам барои зинда мондан, ҳам барои қонеъ гардонидани майлҳои агрессивӣ хизмат намояд. Намудҳои агрессия ҷанбаҳои зерини онро муайян мекунад: самтгирӣ, шакли зоҳиршавӣ ва шиддатнокӣ. Он метавонад барои зиён расонидан ба қурбонӣ (агрессияи хусуматнок) ё барои ноил шудан ба ҳадафи аффектӣ (агрессияи воситавӣ) равона шавад. Агрессия метавонад аз ҷониби шахс ба худаш равона гардад (аутоагрессия), аммо он навъи агрессия, ки ба ҷомеа ва одамони дигар равона шудааст, яъне агрессияи зиддиичтимоӣ, хавфноктар аст [33, с. 9].

Агрессия ҳам дар шакли ошкоро ва ҳам дар шакли пӯшида вуҷуд дошта метавонад. Шакли пӯшидаи он дар коршикании ғаразнок, канораҷӯӣ, аутоагрессия ва худкушӣ мушоҳида мешавад. Е.В.Змановская ба шаклҳои агрессия азсаргузаронии ботинии агрессия ва аффектҳои агрессивиро мансуб медонад. Ба шакли якум «образҳо»-и хаёлии зӯроварӣ тааллуқ доранд, ки дар тахайюл тавлид мешаванд. Ин шакл, мувофиқи маълумоти К.Бютнер, асосан ба бачаҳову наврасон хос мебошад [22, с. 9]. Ба шакли дуюми агрессивнокӣ ҳасад, нафрат, бадбинӣ, бетаҳаммулӣ ва қаҳру ғазаб мансубанд. Ӯ ин аффектҳоро зоҳиршавии майлҳои агрессиянок мешуморад.

Ҳамин тавр, агрессия тамоюли ботинии водоркунанда, қисми динамикаи шахсият аст, *агрессивнокӣ* бошад, хусусияти инфиродии шахсият ҳамчун майли зоҳир намудани ин тамоюл дар амалҳои ботинӣ ва беруна ба шумор меравад [33]. Мавсуф робитаи мустақими байни агрессия ва рафтори агрессивиро мавриди омӯзиш қарор надодааст. К. Изард низ тарафдори ҳамин фикр аст [44]. Нафратро ҳис кардан, аммо зоҳир накардан мумкин аст, рафтори агрессиянок метавонад беасосу беангеза бошаду объекти он шахси тасодуфӣ ва ношинос. Вобаста ба андозаи пайвастшавӣ ва шиддатнокӣ, аксуламалҳои вазъиятии агрессивӣ, рафтори заиф ва фаъоли агрессивиро фарқ мекунанд. *Аломатҳои пешбари рафтори агрессивӣ* чунинанд: кӯшиши ҳукмфармоӣ ба одамони дигар бо мақсади истифодаи минбаъдаи онҳо барои манфиатҳои шахсӣ, вайронкорӣ (майл ба вайронкорӣ), майл ба расонидани зарар ба одамон ва майл ба зӯроварӣ, расонидани озор ва дарду ранҷ [55; 6; 9; 8].

Барои муайян кардани агрессивнокии наврасон ва муносибатҳои дохилиоилавӣ бо истифода аз тестҳои проективии «Даст-тест» ва «Ҳайвони вуҷуднадошта» таҳқиқот гузаронида шуд.

***Таҳлили маводе, ки аз тести проективии «Даст-тест» ба даст оварда шудаанд***. Бартарии «Даст-тест» дар он аст, ки он барои омӯзиши агрессивнокии зарфиятӣ (тамоюлҳо) ва фаъол (ҳамчун рафтори воқеӣ) имконият медиҳад [11].

Ҳангоми асосноккунии назариявии тест муаллифон ба чунин мавқеъ такя кардаанд, ки инкишофи функсияи даст бо инкишофи майнаи сар алоқаманд аст. Аҳаммияти даст дар идроки фазо ва самтгирӣ дар он, ки барои ташкил кардани ҳама гуна амал зарур аст, назаррас мебошад. Аз ин лиҳоз, тавассути ба озмудашавандаҳо пешниҳод кардани тасвири дастҳо ба сифати водоркунандаи визуалӣ, ки иҷрои амалҳои гуногунро ифода мекунанд, доир ба тамоюлҳои фаъоли онҳо хулосагирӣ кардан мумкин аст.

Маводи водоркунандаи тест аз 9 тасвири стандартии панҷаи дастҳо ва як ҷадвали холӣ (монанди корти холӣ дар тести матнии аппрсепсионӣ) иборат аст. Ба озмудашаванда тасвири дастро пешниҳод карда, хоҳиш карда мешавад, ки панҷаи дастро тасаввур карда, амалҳои онро дар тахайюллоти хеш ҳосил кунанд ва шарҳ диҳанд.

Тасвирҳо бо пайдарпай ва ҳолатҳои муайян пешниҳод карда мешаванд. Озмудашаванда бояд ба саволе ҷавоб диҳад, ки ба ақидаи ӯ дасти тасвиршуда кадом амалро иҷро мекунад (ё бигӯяд, ки одам ҳангоми чунин мавқеъро ишғол кардани дасташ ба иҷрои кадом амал қодир аст).

Ба ғайр аз сабти ҷавобҳо ҳолате ба қайд гирифта мешавад, ки озмудашаванда ҷадвалро нигоҳ медорад (тарзи гузоштани варақа дар болои миз), инчунин, вақт аз лаҳзаи пешниҳоди водоркунанда то оғози ҷавоб сабт карда мешавад.

Омӯзиши таҷрибавӣ дар синфхонаи Маркази психологии «Заковат»-и назди кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров (с. 2019-2022, ш. Хуҷанд) ва давоми 2 сол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 12 ва 23 (2019-2022, ш. Хуҷанд) гузаронида шуд. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чаҳор марҳила сурат гирифт: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ ва назоратӣ. Дар таҳқиқот 104 нафар бачаҳои синни наврасӣ 11-14-сола (56 писар ва 58 духтар) ва 80 нафар волидайни аз 35 то 55-сола (45 зан ва 35 мард) иштирок намуданд.

Бо истифода аз методикаи «Даст-тест» мо мақсад гузоштем, ки эҳтимолияти рафтори ошкорои агрессивиро муайян кунем. Таҳлили «Даст-тест» ба мо имкон дод, ки нишондиҳандаи ададии эҳтимолияти воқеии зоҳиршавии рафтори ошкорои агрессивиро муқаррар кунем. Умуман, дар наврасони ҷинсашон мард (13-14 сола) ин нишондиҳандаҳо нисбат ба духтарон хеле баланд буданд (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1***

***Нишондиҳандаҳои ададии агрессивнокӣ дар вазъияти гуногун (миқдори озмудашавандагон бо %)***

| Интихоби озмудашавандаҳо | Эҳтимолияти зоҳирнамоии агрессия вуҷуд дорад, аммо танҳо дар вазъиятҳои аҳаммияти махсусдошта | Эҳтимолияти зоҳирнамоии агрессия вуҷуд дорад, аммо танҳо бо одамони наздик | Эҳтимолияти воқеии зоҳирнамоии рафтори агрессивӣ |
|---|---|---|---|
| 13-14-сола, духтарон | 69,2 % | 9,8% | 21 % |
| 13-14-сола, писарон | 53,6 % | 15 % | 31,4 % |
| 11-12-сола, духтарон | 64,1 % | 32,2 % | 33,7 % |
| 11-12-сола, писарон | 56,6 % | 10 % | 33,4 % |

Ин ҷадвалро дар диаграмма нишон додан мумкин аст. Дар диаграммаи 1 мо тафовути агрессивнокиро вобаста ба синну сол ва ҷинс мебинем. Ҳамин тариқ, дар духтарҳо эҳтимолияти зоҳирнамоии рафтори ошкорои агрессивӣ дар синни 13-14-солагӣ, аслан, тағйир намеёбад, балки самташ тағйир ёфта, ба одамони наздик равона мешавад, яъне агрессияро нисбат ба онҳое равона мекунанд, ки бештар мешиносанд, дар нигоҳ доштани

назорат аз болои рафтори худ душворӣ мекашанд. Дар писарбачаҳо самти рафтори агрессивӣ бо синну сол тағйир намеёбад.




***Диаграммаи 1. Муқоисаи маълумот аз рӯйи нишондиҳандаҳои ададии агрессивнокӣ барои наврасони синну соли гуногун***

Зоҳиршавии агрессияро дар наврасони 13-14-солаи ҳам писарону ҳам духтарон дида баромада, бояд гуфт, ки дар писарон нисбат ба духтарон эҳтимолияти зоҳирнамоии рафтори ошкорои агрессивӣ, инчунин агрессияи ба наздикон равонашуда хеле баланд аст. Яъне, духтарон нисбат ба писарон ба рафтори агрессивӣ камтар майл доранд ва онҳо танҳо дар ҳолатҳои махсусан муҳим агрессия зоҳир мекунанд (ниг. ба диаграммаи 1).

Ҳангоми муқоисаи наврасони 13-14-сола маълум шуд, ки духтарон рафтори ошкорои агессивиро камтар зоҳир мекунанд (онҳо нишондиҳандаи пасттарини эҳтимолияти воқеии зоҳир кардани рафтори ошкорои агрессивиро доранд). Онҳо ба зоҳирнамоии агрессия танҳо дар ҳолатҳои махсусан муҳим ва равона кардани он ба шахсони наздик қодиранд.

Муқоисаи писарони 13-14-сола нишон дод, ки писарон бештар агрессивианд. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин ба анъанаҳои этнофарҳангии тарбия, сохтори фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок ва меъёрҳои нақшҳои гендерии ҷомеа вобаста аст, ки хусусиятҳои инфиродӣ, шаклҳои рафтор ва усулҳои амалро муайян мекунанд. Мутобиқи анъанаҳои этникии тоҷикон, мард бояд барои худ ва наздиконаш истодагарӣ карда, мубориза бурда тавонад ва дар мавридҳои зарурӣ қувваю қудрати худро нишон диҳад, ҳатто агар ин таъсири ҷисмониро талаб кунад ҳам.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз мавҷудияти аксуламалҳои агрессивӣ дар баъзе наврасон, майл ба рафтори агрессивии ошкоро (тавре аллакай зикр кардем) бо роҳи муқоисаи тамоюлҳое арзёбӣ мешавад, ки омодагиро ба рафтори агрессивӣ ва тамоюлҳои талабкунандаи ҳамкорӣ инъикос мекунанд. Яъне, нишондиҳандаи ададии агрессивнокӣ на танҳо аз ҷавобҳои агрессивнокӣ (Аг) ва директивӣ (Дир), балки аз мавҷудияти посухҳои

коммуникатсионӣ (Ком), талабот ба кумак (Воб) ва хоҳиши ҳамкорӣ бо одамони дигар, яъне хоҳиши кумак расонидан ба одамон (Аф) низ вобастагӣ доранд. Чи қадаре ки посухҳои ифодакунандаи ҳамкорӣ бештар бошанд, эҳтимолияти рафтори ошкорои агрессивӣ ҳамон қадар камтар мешавад. Масалан, сарфи назар аз мавҷудияти якчанд ҷавобҳои ифодакунандаи рафтори агрессивӣ (Аг) дар протоколи Акмали Н. (14-сола), инчунин ҷавобҳои ифодакунандаи коммуникатсия (Ком) ва аффектатсия (Аф) ба мо имкон медиҳанд, ки эҳтимолияти зоҳиршавии дараҷаи на он қадар баланди агрессияро танҳо дар ҳолатҳои аҳаммияти махсусдошта тасдиқ кунем.

**Таҳлили маводе, ки аз натиҷаи тести «Ҳайвони вуҷуднадошта»** ба даст оварда шудаанд, ба мо имкон медиҳад, ки дар муқоиса ба методи «Даст-тест» мавҷуд будан ё набудани агрессивнокиро дар сатҳи зершуурӣ аниқтар муайян кунем [7].

Методҳои расмкашӣ, одатан, ба тариқи инфиродӣ истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар психология ченакҳои муайяни баҳодиҳӣ ва шарҳи расмҳо коркард шудаанд (тобиши рангҳо, равшану возеҳии тасвир, тартиби ҷойгиркунӣ, андозаи андомҳо ва ғайра). Ин ченакҳо на танҳо барои баҳодиҳии сифатии расм, балки барои таҳлили миқдории расмҳои аз тарафи гурӯҳҳои калони кӯдакон тасвиршуда истифода мешаванд ва имкон медиҳанд, ки намунаҳои гуногуни интихоби озмудашавандаҳо аз рӯи хусусиятҳои рушди шахсӣ ва ҳолати эмотсионалии онҳо муқоиса карда шаванд. Ҳангоми таҳлили расмҳо мо аз нишондиҳандаҳои анъанавии методҳои расмкашӣ истифода кардем: мавҷудияти дандонҳо, чанголҳо, шоххо, сӯзанҳо, шумораи зиёди кунҷҳои тез, ки маъмулан нишонаи зоҳиршавии агрессивнокӣ ҳисобида мешавад. Дар асоси ин ченакҳо, мо гурӯҳи озмоишии наврасонро бо роҳи ҳисоб кардани таносуби миқдории ҳамон як нишондиҳандаи сифатӣ (яъне шумораи расмҳое, ки дар онҳо ин нишондиҳандаҳо мавҷуданд) муқоиса кардем. Таҳлили миқдории натиҷаҳои ин методика ба мо имкон дод, ки ҳамаи натиҷаҳоро дар шакли ҷадвал пешниҳод кунем.

***Ҷадвали 2***

***Тавсифи мукоисавии нишондиҳандаҳои агрессивнокӣ***
***аз рӯйи методикаи "Ҳайвони вуҷуднадошта дар озмудашавандаҳо (бо %)***

| Наврасдухтарон | | Наврасписарон | |
|---|---|---|---|
| 11-12-сола | 13-14-сола | 11-12-сола | 13-14-сола |
| 36,7 | 38,7 | 63,3 | 61,3 |

Маълумоти тавсифдиҳандаи нишондиҳандаҳои агрессивнокӣ дар диаграммаи 2 оварда шудаанд.

Ба тавсифи натиҷаҳое мегузарем, ки аз таҳлили расмҳо ба даст оварда шудаанд. Маълум аст, ки бо мурури синну сол агрессивнокӣ дар духтарон зиёд шуда, дар писарон кам мешавад.

Масалан, Насибаи К. (13-сола) ҳайвонро бе дандон, чангол, шох, сӯзан ва кунҷҳо тасвир намудааст. Мувофиқи натиҷаҳои «Даст-тест», нишондиҳандаи эҳтимолияти зоҳиршавии рафтори агрессивӣ танҳо дар ҳолатҳои махсусан муҳим вуҷуд дорад.

Нигинаи З. (14-сола): нишондиҳандаи баланди зӯроварии ҷисмонӣ, ҳайвон чангол надорад, вале расм хира тасвир шудааст, дар пушташ сӯзанҳо мавҷуданд. Инро метавон ҳамчун мавҷудияти агрессивнокӣ шарҳ дод, аммо асосан хусусияти муҳофизатӣ дошта, бо изтиробнокии баланд алоқаманд аст. Рафтори ошкорои агрессивӣ асосан бар зидди одамони наздик ва шинос истифода мешавад.

Зафари А. (14-сола): мавҷудияти дандонҳо ва сӯзанҳо ба дараҷаи баланди агрессияи шифоҳӣ ва ҷисмонӣ мувофиқат мекунад ва нишондиҳандаиададии зоҳиршавии воқеии агрессия мавҷудияти аксуламалҳои агрессивиии ошкороро тасдиқ мекунад.




***Диаграммаи 2. Тавсифи муқоисавии нишондиҳандаҳои агрессивнокӣ аз рӯйи методикаи «Ҳайвони вуҷуднадошта» дар озмудашавандаҳо (бо %)***

Хуршеди Н. (13-сола): аз мавҷудияти дараҷаи баланди агрессияи ҷисмонӣ мавҷудияти чанголҳо ва тира тасвир шудани расм шаҳодат медиҳанд. Дар ӯ имконияти воқеии рафтори ошкорои агрессивӣ вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки мавҷудияти дандонҳо, чанголҳо, шоххо, сӯзанҳо ва шумораи зиёди кунҷҳои тез дар ҳайвон нишондодҳои агрессивнокии бо истифодаи усулҳои дигар ошкоршударо тасдиқ карданд.

Таҳлили назариявии таҳқиқот оид ба масъалаи агрессия имкон медиҳад, ки мазмуни психологии ин зуҳуротро аниқ карда, мафҳум ва хусусияти бисёромилии онро баррасӣ намоем. Агрессия як шакли рафторест, ки дар натиҷаи ба ҳам мувофиқ наомадани ҳолати ботинӣ ва талаботи беруна ба вуҷуд омада, ба объектҳои ҷондор ва беҷон зарар мерасонад. Агрессивнокӣ ҳамчун хусусияти шахс (ҳам устувор ва ҳам ноустувор) боиси зоҳиршавии рафтори агрессивӣ мегардад, ки метавонад дар дараҷаҳои гуногун ба таносуби ақл ва эмотсияҳо таъсир расонад (Л. С. Виготский). Агрессия бо мароми пешбаранда алоқаманд буда, зоҳиршавии он натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои вазъиятӣ ва фаровазъиятӣ мебошад.

Методҳои ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқи омӯзиши агрессивнокии наврасон «Даст-тест», «Ҳайвони вуҷуднадошта» мебошанд. Омилҳое, ки ба агрессивнокӣ таъсир мерасонанд, бо истифода аз нишондиҳандаҳои коррелятсионӣ ва муносибатҳои волидайну кӯдак муайян карда мешаванд. Чунин интихоби методҳоро метавон барои омӯзиши агрессивнокии наврасон кофӣ ҳисобид.

Маълумоти таҷрибавии бадастомадаро ҷамъбаст намуда, мо ба хулосае омадем, ки ҳамаи омилҳои таҳлилшуда бо ҳам алоқаманд буда, ба агрессивнокии наврасон таъсир мерасонанд. Ҳар як омил вобаста ба синну сол, мансубияти этникӣ ва ҷинсӣ ба тарзи хос зоҳир мешавад. Ҳамин тавр, фарзияи пешниҳодшуда тасдиқ гардид, ки зоҳиршавии агрессивнокӣ дар давраи наврасӣ ба омилҳои гуногун (ҷинс ва синну сол, хусусиятҳои этникӣ, инкишофи зеҳнӣ, муносибат ба оила ва ҳамсолон) вобаста аст. Дар рафти таҳлил

муайян карда шуд, ки синну соли наврас ба рафтори ӯ аз ҷиҳати агрессивнокӣ таъсири тағйирёбанда мерасонад.

Зоҳиршавии агрессивнокӣ дар писарон бо мурури синну сол коҳиш меёбад ва камтар мешавад, аммо дар духтарон бошад, шумораи аксуламалҳои агрессивӣ афзоиш ёфта, зиёд мешавад.

Умуман, наврасдухтарон бештар ба агрессияи лафзӣ ва наврасписарон бештар ба агрессияи ҷисмонӣ майл доранд. Омили мансубияти этникӣ ба агрессивнокии наврас вобаста ба ҷинс таъсир мерасонад. Агрессивнокии гурӯҳҳои гуногуни этникӣ аз рӯи шаклҳои зоҳиршавиашон фарқ мекунанд. Ба гурӯҳи аз ҳама бештар зоҳиркунандаи агрессияи ҷисмонӣ писарбачаҳои 13-14-сола дохил мешаванд, ки аксаран рафтори ошкорои агрессивӣ нишон медиҳанд. Шояд ин ба суннатҳои фарҳангию таърихӣ вобаста бошад, ки дар он нақши зан ҳамчун нигоҳдорандаи насл, хоҷагидор, созандаи фазои гарми хонавода ва нақши мард ҳамчун таъминотчӣ ва ҳомии хонавода муайян шуда буд.

### *Адабиёт*


1. *«Hand - тест» / под ред. Т. Н. Курбатовой. - СПб.: ИМАТОН, 2000. – 50 с.*
2. *Бютнер К. Жить с агрессивными детьми. - М.: Просвещение, 1991. - 141 с.*
3. *Змановская Е.В. Психология девиантного поведения. - СПб.: Питер, 2002. - 437 с.*
4. *Изард К. Эмоции человека. - М.: Просвещение, 1980. - 439 с.*
5. *Основы возрастно-психологического консультирования // под ред. Г.В. Бурменской. - М.: Академия, 1991. - 135 с.*
6. *Реан А.А. Агрессия и агрессивность личности // Психологический журнал. - 1996. - №5. - С. 3-18.*
7. *Рогов Е. И. Настольная книга практического психолога в образовании. - М.: Владос, 1996. - С. 256 - 265.*
8. *Социальная психология личности / под ред. М.Н. Собневой. - М.: Академия, 1993. - 211 с.*
9. *Тодд Дж., Богарт А. Основы клинической и консультативной психологии. - М.: ЧеРо, 2001. - 768 с.*


## ТАҲҚИҚИ АГРЕССИВНОКИИ НАВРАСОН ТАВАССУТИ ТЕСТҲОИ ПРОЕКТИВӢ


Дар мақола масъалаи таҳқиқи агрессивнокии наврасон тавассути тестҳои проективӣ амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ карда мешавад. Агрессия як шакли рафторест, ки дар натиҷаи ба ҳам мувофиқ наомадани ҳолати ботинӣ ва талаботи беруна ба вуҷуд омада, ба объектҳои ҷондор ва беҷон зарар мерасонад. Агрессия бештар дар давраи наврасӣ зоҳир мешавад, ки дар натиҷаи бемувозинатию бетаносубӣ дар инкишофи ҷисмонӣ, психофизиологӣ ва психикии наврас, инчунин, ноустувории пайдоиш ва рушди нобаробари навташкилаҳои асосии наврасон ба амал меояд. Барои муайян кардани агрессивнокии наврасон ва муносибатҳои дохилиоилавӣ бо истифода аз тестҳои проективии «Даст-тест» ва «Ҳайвони вуҷуднадошта» таҳқиқот гузаронида шуд.



**Калидвожаҳо:** психология, педагогика, муаммо, наврас, агрессия, муҳити иҷтимоӣ, синну сол, ҷинс, тестҳои проективӣ.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПОДРОСТКОВОЙ АГРЕССИВНОСТИ С ПОМОЩЬЮ ПРОЕКТИВНЫХ ТЕСТОВ


В статье подробно и всесторонне рассматривается вопрос исследования агрессивности подростков с помощью проективных тестов. Агрессия-это форма поведения, возникающая в результате несоблюдения внутреннего состояния и внешних требований, наносящих вред живым и безжизненным объектам. Агрессия чаще всего возникает в подростковом возрасте, что происходит в результате неуравновешенности в физическом, психофизиологическом и психическом развитии подростка, а также нестабильности возникновения и неравномерного развития основных подростковых образований. Для определения агрессивности подростков и внутренных отношений было проведено исследование с использованием проективных тестов « Тест-рука» и «Несуществующие животные».



**Ключевые слова:** психология, педагогика, головоломка, подросток, агрессия, социальная среда, возраст, пол, проективные тесты.

## THE STUDY OF ADOLESCENT AGGRESSIVENESS USING PROJECTIVE TESTS

The article deals in detail and comprehensively with the issue of studying the aggressiveness of adolescents using projective tests. Aggression is a form of behavior resulting from non-compliance with the internal state and external requirements that harm living and lifeless objects. Aggression most often occurs in adolescence, which occurs as a result of unbalance in the physical, psychophysiological and mental development of a teenager, as well as instability of the emergence and uneven development of the main adolescent formations. To determine the aggressiveness of adolescents and internal relationships, a study was conducted using the projective tests "Test-hand" and "Non-existent animals".

**Keywords:** psychology, pedagogy, puzzle, teenager, aggression, social environment, age, gender, projective tests.

**Дар бораи муаллифон**

Зайтметов Хусейн Авасхонович
Номзади илмҳои психологӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков, 1
E-mail: husein20@inbox.ru

Фозилова Масрура Ҷумановна
Доктор PhD, муаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков, 1
E-mail: masrura01@mail.ru

**Об авторах**

Зайтметов Хусейн Авасхонович
Кандидат психологических наук, доцент, заведующей кафедрой социальной и профессиональной психологии
Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1
E-mail: husein20@inbox.ru

Фозилова Масрура Джумановна
Доктор PhD, преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии
Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1
E-mail: masrura01@mail.ru

**About the authors**

Zaytmetov Khuseyn Avaskhonovich
Candidate of Psychology, Associate Professor, Head of the Department of Social and Professional Psychology
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
E-mail: husein20@inbox.ru

Fozilova Masrura Dzhumanovna
PhD Doctor, teacher of the Department of Social and Professional Psychology
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
E-mail: masrura01@mail.ru

ТДУ 159.922.7:616.89

# ПАДИДАҲОИ КЛИНИКӢ ВА ТАШХИСИ ҚАФОМОНИИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНИЮ АҚЛОНӢ ДАР КӮДАКОН

***Асозода Б. Ҷ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Ҳама тағйиротҳои номусоиде, ки дар муҳити беруна ба амал меоянд, ба ҷисмҳои зинда таъсири худро мерасонанд. Таъсири чунин омилҳо ба ҷисм дар муддати муайян ба охир нарасида, балки дар тамоми тули ҳаётгузаронӣ идома меёбад ва бештар вақт ба инкишофи насл, яъне инкишофи дохилибатнии ҷанинӣ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Давраи аз 2 то 8-ум ҳафтаи инкишофи ҷанинӣ давраи поягузорӣ шудан ва инкишоф ёфтани силсилаҳо, бофтаҳо ва узвҳо мебошад. Ба андешаи гинекологҳо (духтурони занона) дар ин давра ҳар гуна омилҳои номатлубе (сироятҳои дохилибатнӣ ва заҳролудшавӣ, номувофиқатии иммунологии хуни ҷанин ва модар (аз руи резус фактор), гипоксия ва ғайра)), ки ба ҷанин таъсир мерасонанд хавфи зиёд доранд. Дар мавриди он ҷанин ба таъсири чунин омилҳо тоб намеорад ва метавонад гирифтори ноқисиҳо гардад. Аз ҳамин сабаб ҳар ҷисм дар муҳити хоси ба вай таъсиркунанда инкишоф меёбад. Агар ин шароит тағйир ёбад, инкишофи ҷисм суст ва ё қатъ мегардад.

Мутахасссисони соҳаи тиб чунин мешуморанд, ки ҳар сол 3,5-4 млн кӯдакон дар ҷаҳон аз таъсири манфии экзогенӣ фавт мешаванд. Аммо қисме аз осебҳои зери таъсири ин омилҳо ба вуҷуд омада хусусияти клиникӣ доранд. Дар натиҷа омилҳоеро метавон муайян кард, ки ҳангоми таҳқиқотҳои лабораторӣ натиҷагирии онҳоро боэътимод ва арзишманд ҳисобидан мумкин аст. Маълум намудаанд, ки истифодаи машруботи спиртдор дар миқдори 30-40 мл дар давраи ҳомиладорӣ дар ҷанин нуқсони ками силсилаҳои узвҳои даруниро (10%) ба амал меорад. Вале истифодаи беш аз 50-60 мл машруботи спиртдор, махсусан дар давраи эмбрионӣ дар кӯдак нуқсони ҷиддӣ аз тарафи мағзи сар, дил, шуш ва дигар узвҳоро (50-60%) пайдо месозад [5, с. 50].

Аз маълумотҳои дар адабиётҳо истифода карда шуда бармеояд, ки сабаби пайдоиши нуқсонҳои модарзодӣ, ки боиси қафомонии инкишофи ҷисмонӣ ва психикӣ дар кӯдакон мегарданд, инҳо буда метавонанд.

1. Гипоксияи мағзи сари ҷанин-43%, ки сабабаш метавонанд бемориҳои вазнини соматикии модар дар давраи ҳомиладорӣ, ба монанди норасоии кори дилу рагҳои хунгард, гурда, номувофиқатии хуни модар ва ҷанин, бемориҳои вазнини сироятии шуш (пневмония, сил дар давраи авҷгирӣ, заҳролудшавӣ аз таъсири маводҳои доругӣ) зуком, токсикозҳои вазнин ва ғайра бошанд;
2. Аномалия (дисплазия), яъне суст ва ё инкишоф наёфтани мағзи сари ҷанин - 20%, ки сабабашон таъсири сироятҳо, радиатсия, тамокукашӣ, истифодаи машруботи спиртдор, баъзе маводҳои доругӣ (тетратсиклин, гентамитсин стрептомитсин, талидомид ва ғайра) дар зани ҳомиладор;
3. Сироятҳо - ба монанди сурхча, токсоплазмоз, сифилис, сурхакон, ВНМБ, ситомегаловирусҳо, табхол ва ғайра - 19%;
4. Бемориҳои ирсӣ дар натиҷаи тағйироти устувори коди генетикӣ, ва вайроншавии ҷараёни синтези ферментҳои сафедавӣ: фенилкетонурия (ФКУ), галактоземия, лейсиноз, мукополисахаридозҳо-10%;
5. Таъсири моддаҳои химиявӣ (ипритҳои сулфур ва нитроген, маводҳои доругии зиддисаратонӣ, дихлорэтиламин, маҳсули нитрозомочевина: кормустин, ломустин, алкилсулфонатҳо; биосулфан, сисплатин, антибиотикҳо, гази карбон, толуол, трихлорэтан, трихлорэтилен, алюминий, арсен, тилло, қурғошим, литий, симоб, селен, таллий, кремний, пайвастҳои хлор ва гиповитаминозҳо (камвитаминӣ махсусан аз норасоии В1, В2, В12, Вс, РР) 7,5-8% (рас. 1).




***Расми 1. Сабабҳои пайдоиши нуқсонҳои модарзодӣ дар кӯдакон***

Тибқи маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар байни сабабҳои пайдоиши нуқсонҳои модарзодӣ гипоксияи (камшавии оксиген дар бадан) мағзи сари ҷанин мавқеи калонро ишҳол менамояд. Ин раванд хусусияти паҳншуда дошта, дар ҷанин бештар дар натиҷаи асфиксияҳои (тангнафасӣ) дохилибатнӣ, ки боиси кам ворид шудани оксиген ба майнаи сар мегардад ба вуҷуд меоянд. Бо сабаби зарарёбии рагҳои хунгарди майнаи сар нейронҳо миқдори асосии оксиген ва моддаҳои ғизодиҳандаро намегиранд, ки боиси сустинкишофёбии мағзи сар мегарданд. Дар натиҷа вобаста ба дараҷа ва муҳлати таъсири омилҳои зикршуда кӯдакон метавонанд бо нуқсонҳои гуногуни мағзи сар, силсилаи такягоҳу ҳаракаткунӣ, биноӣ, шунавоӣ, узвҳои дарунӣ ва ғайра таваллуд шаванд [1, с. 28].

Норасоӣ ва боздории инкишофи узвҳои биноӣ, шунавоӣ, ҳаракатҳои кинетикӣ ва дигар ҷараёнҳои дарккунӣ фаъолияти кӯдаконро дар муҳит вайрон намуда, барои дар шуури беморон ҷой шудани муносибатҳои пурраю мувофиқ байни олами реалӣ ва ашёҳо халалдор мешаванд. Норасоии дарккунӣ бештар ба вайроншавии таваҷҷуҳи мақсаднок равона мешавад: таваҷҷуҳи ин гуна кӯдакон бо душворӣ ба атроф ҷалб шуда ба осонӣ пароканда мешаванд.

Ба кӯдакони қафомонии ақлонӣ дошта инкишофи сусти психикӣ хос аст. Дар онҳо боздорӣ ва ноустувории хотирот мушоҳида карда мешавад ба монанди аз ёд кардани шеър, калима, матн ва ғайра. Асосан хотироти мантиқӣ яъне сатҳи олии хотира азият мекашад, вале хотироти бешуурона метавонад нигоҳ дошта шавад ва ё аз ҳад кам инкишоф ёбад. Фаҳмиши нодурусти дарккунӣ сабаби он мегардад, ки кӯдакон танҳо аломатҳои берунии ашёро дар хотир мегиранд, вале оид ба сохтор, пайвастагиҳои дохила ва фаҳмондадиҳиҳои каломӣ душворӣ мекашанд.

Дар сохтори инкишофи нопурраи психикӣ вайроншавии нутқ мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки дар бештари ҳолатҳо амиқ будани қафомонии ақлониро мефаҳмонад. Дар ҳолатҳои вазнин беморон на танҳо гап намезананд, ҳато суханҳои ба онҳо гуфтаро намефаҳманд. Дар баъзе мавридҳо беморон захираи калимаҳоро нисбати ашёи аниқбуда ва ё фаъолияте истифода мекунанд, аммо аз уҳдаи ҷамъбасти фикру вожаҳо намебароянд. Маънои калимаҳои оид ба ашёи аниқ бударо бо душворӣ аз худ намуда, ҳамин тарз боз нутқи грамматикиашон бисёр оҳиста ташаккул меёбад. Беморон бисёртар дар истифодабарии нутқи фаъол азият мекашанд, ҳато дараҷаи қафомонии ақлонии начандон вазнин нутқи онҳоро душворфаҳм, начандон бурро, бемантиқ, канда-канда, кӯтоҳ, бештар ғайриграмматикӣ мегардонад. Ба онҳо интихоб ва истифодаи нодурусти калимаю ибораҳо хос аст. Дар баъзе беморони вазнини майнаи сар дошта инчунин алалия (бенутқӣ)-и ҳаракатӣ ва сенсорӣ, дизартрия (ихтилоли талаффузи калима дар натиҷаи нодуруст ҳаракат кардани забон), лакнати забон дида мешавад [4, с. 57].

Тағйироти назаррасро дар доираи сифатҳои эмотсионалӣ-иродавӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Эмотсияҳои ахлоқӣ инкишоф наёфта ва пурра тафриқа нашудаанд, лекин

эмотсияҳои элементарӣ нисбатан нигоҳ дошта мешаванд. Дараҷаи инкишофнаёбии эмотсионалӣ ба сатҳи нуқсонҳои ақлонӣ ва норасоии дигар компонентҳои фаъолияти психикӣ ва шахсӣ мувофиқат мекунад. Фаъолияти иродавии беморон бо норасоии мустақилиятнокӣ, сустии майлнокӣ ва ташаббускорӣ маънидод карда мешавад. Ба рафтори кӯдакони қафомонии ақлонӣ дошта инчунин ғазаболудии беасос, тақлидкории баланд ва бовиқор будан хусусиятнок мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳама кӯдакони қафомонии инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ дошта фаъолиятҳои психикӣ ва ҳаракаткунӣ суст инкишоф меёбанд. Ҳанӯз дар кӯдакони соли аввали ҳаёт дар натиҷаи боздории инкишофи ҷисмонию психикӣ норасоии тафаккур бештар бо пурра инкишоф наёфтани ҳамон вазифаҳое, ки ташаккули фаъолияти дарккунӣ ва ҳаракаткуниро инъикос мекунанд, мушоҳида карда мешавад, ба монанди вокунишҳои ҳиссиётӣ-моторӣ, аксуламалҳои эмотсионалӣ ба ангезандаҳои муҳити беруна, дер гаваккашӣ, дер нишастан ва ғайра.

Дар синни бармаҳал пурра инкишоф наёфтани психика дар доираи фаъолияти эмотсионалӣ-иродавӣ ва ҳаракатҳои кӯдак, боздорӣ дар муҳлати ташаккули рефлексҳои биноӣ ва шунавоӣ, нопуррагии «маҷмуаи хушҳолии кӯдак» (дар меъёр то 2-3 моҳагии кӯдак пайдо мешавад), ба боздории ҷараёни мутаассиршавии эмотсионалӣ нисбати таъсири олами беруна зуҳур меёбад [12, с. 8].

Дар синни 2-3 солагӣ норасоии ақлонӣ бештар дар хусусиятҳои рафтор ва фаъолиятҳои бозӣ кардани кӯдак падид меояд. Кӯдакон малакаҳои худхизматрасониро суст аз бар мекунанд, нисбати олами беруна ва ашёҳо беэътиноӣ мекунанд. Ҳангоми бозӣ кардан ба талаботҳои одие, ки калонсолон аз онҳо интизор мешаванд ҷавоб гуфта наметавонанд, дар алоқа бо кӯдакони дигар муносибаташон суст аст.

Дар синни томактабӣ ба ин гуна кӯдакон шавқмандии паст нисбати бозиҳои интелектуалӣ ва шавқмандии зиёд нисбати бозиҳои серҳаракат ва иҷрои ҳаракату амалҳои бетартибона хос аст. Дар доираи ташаккули эмотсионалӣ вокунишҳои содалавҳона ва норасоии тафриқаи эмотсияҳои олӣ-зоҳиршавиии ҳамдардӣ, шармнокӣ, дилбастагии шахсӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар ин синнусол дарки визуалии (биноӣ) онҳо ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Ба онҳо фарқ карда натавонистани қисмҳо ва унсурҳои алоҳидаи ашёҳо дар тасвироти визуалӣ хос аст. Чунин ҳолат дар фаъолияти тактилии ашёҳо низ мушоҳида мешавад. Кӯдакон бо душвории зиёд рақамҳо ва ё шакли ашёҳоро ҳангоми ламс кардан фарқ мекунанд, аксар вақт онҳоро муайян карда наметавонанд.

Дар синни мактабӣ бештар норасоии фаъолияти ақлонию зеҳнӣ дар доираи ҳамаи амалиёт ва рафтори беморон, махсусан, аз худ кардани барномаҳои дарсӣ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ кӯдакон вобаста ба зиёдшавии синну соли худ дучори норасоии тафаккури мантиқӣ, норасоии таваҷҷуҳ ба олами иҳотакарда, хотираи ноустувор, сустии ақл ва қобилиятнокии маҳдуди психикӣ мегарданд. Дар баробари ин ташаккули сусти ҳиссиёт ва маҳорати дарккунӣ низ дида мешавад.

Ҳангоми муоинаи беморон маълум карда мешавад, ки нисфи кӯдакони ақлан қафомонда шакли аномали (ғайримуқаррарӣ)-и зоҳирӣ доранд. Ин ба вайроншавии сохтори устухонҳои рӯй, косахонаи сар, гипомимия (гипомимия аз юн. hypo – паст и mimikon – зоҳир- сустшавии мимика ва ҳаракатҳои зоҳирии рӯй), ба пастшавии фаъолияти иннерватсияи (танзимгарӣ) асабии мушакҳои рӯй вобаста аст.

Дараҷаи тағйироти намуди зоҳирии беморони ақлан ақибмонда ба сатҳи нуқсони интелектуалӣ ва хусусияти осеби мағзи сар пайвастагӣ дорад. Дар дараҷаи сабуки қафомонии ақлонӣ беморон намуди зоҳирии муътадил доранд. Аммо дар баъзе дараҷаҳои вазнини беморӣ низ шакли берунаи беморон метавонанд осеб наёбанд, баъзан онҳо хато хушнамо ва зебо буда метавонанд.

Ҳангоми ташхиси соматикии беморон метавон нуқсонҳои модарзодии дил, сутунмӯҳра, дасту пой, чашм, сустташаккулёбии узвҳои ҷинсӣ ва ғайраҳоро мушоҳида намуд, ки аз осеби дохилибатнии ҷанин ва вайроншавии морфогенез (инкишофи сохти узвҳо, бофтаҳо) дарак медиҳад. Дар ташхиси соматикии беморон истифодаи таҷҳизотҳои рентгенографӣ (асосан томографияи рентгенӣ-компютерӣ (КТР)) ва офталмологӣ (муоинаи узви биноӣ) аҳамияти калон доранд. Дар натиҷаи ташхиси узви биноӣ метавон хориоретинит (илтиҳоби рагпарда ва пардаи шабакияи чашм), дегенератсияи пигментии шабакия, катаракта (тирашавии

гавҳарак), глаукома (баландшавии фишори дохили косахонаи чашм), инчунин микроаномалияҳо (аномалияҳои хурд), глиози (вайроншавии пайдоиши ҳуҷайраи асаб) асабияи чашм, аномалияҳои рагҳои хунгарди шабакия ва ғайраро пайдо намуд, ки онҳо аз вайроншавии ҷараёнҳои рушди дохилибатнӣ дарак медиҳанд.

Рентгенографияи косахонаи сар барои муайян намудани аломатҳои баландшавии фишори дохили косахонаи сар, мавзеи атрофияи (набудани ғизогирӣ) паренхимаи мағзи сар ва деформатсияи (вайронии шакли) косахонаи сар, минтақаи ликвор (моеи мағзи сар), аномалияҳои пӯшидаи сохти косахонаи сар, махсусан, ҳангоми краниостеноз (нуқси модарзодии инкишоф наёфтан ва ё пеш аз муҳлат маҳкамшавии дарзҳои косахонаи сар) бисёр муҳим аст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки сатҳи мутобиқшавии беморони ақлан ақибмонда вобаста аз амиқии нуқсон аст. Кӯдакони гирифтори қафомонии сабуки ақлонӣ ба ҳолатҳои гуногуни ҳаёт на он қадар бад сарфаҳм мераванд. Ташаккули шахсияти ин гуна кӯдакон на танҳо аз рӯи дараҷанокии норасоии интелектуалӣ ва синнусолӣ, инчунин аз шароитҳои тарбия, таълим ва дигар омилҳо низ муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии мо як қатор муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла барои кӯдакони сустбин, пастшунаво, кар, гунг ва гирифтори иллатҳои психикӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ, фалаҷи сутунмӯҳра фаъолият мекунанд, ки онҳо ба таълиму тарбияи чунин категорияи кӯдакон машғул мебошанд. Дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 муассисаи томактабӣ бо таълимоти инклюзивӣ барои кӯдакони синни томактабии имконияташон маҳдуд ва талаботи махсус дошта (КИМ ва ТМД) пешбинӣ шудаанд, ки онҳо бо фарогирии 363 нафар кӯдак фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 151 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд (ҷадв. 1).

***Ҷадвали 1. Маълумот оид ба кӯдакони маъюб дар МТТ дар соли 2020***

| Номгӯй | № сатр | 1 сол | | 2 сол | | 3 сол | | 4 сол | | 5 сол | | 6 сол | | 7 сол | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон | шумора | духтарон |
| А | В | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| Ноқисулақл ва ҷисман носолим | 101 | 0 | 0 | 3 | 0 | 15 | 4 | 17 | 6 | 30 | 9 | 43 | 11 | 16 | 9 | 124 | 39 |
| Нобино ва биноии сустдошта | 102 | 0 | 0 | 0 | 0 | 27 | 14 | 1 | 26 | 38 | 17 | 29 | 20 | 2 | 0 | 147 | 77 |
| Дер каршуда ва шунавоии сустдошта | 103 | 0 | 0 | 1 | 0 | 7 | 2 | 4 | 2 | 1 | 0 | 4 | 2 | 0 | 0 | 17 | 6 |
| Кар | 104 | 0 | 0 | 1 | 0 | 10 | 6 | 0 | 0 | 6 | 1 | 3 | 1 | 0 | 0 | 20 | 8 |
| Гунг | 105 | 0 | 0 | 1 | 1 | 2 | 0 | 9 | 4 | 20 | 7 | 10 | 3 | 0 | 0 | 42 | 15 |
| Фалаҷи сутун мӯҳра | 106 | 0 | 0 | 1 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 4 | 1 | 6 | 3 | 1 | 1 | 13 | 6 |
| **Ҳамагӣ** | **107** | **0** | **0** | **7** | **1** | **62** | **27** | **81** | **38** | **99** | **35** | **95** | **40** | **19** | **10** | **363** | **151** |

Аҳамияти таълим ва тарбияи инклюзиявӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ барои КИМ ва ТМД дар он аст, ки онҳо дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, бозӣ, чорабиниҳои фароғатию солимгардонӣ ва ғайраҳо иштирок намуда ба маҷмуаи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ворид шуда қоида ва меъёрҳои муносибату муоширатро аз худ менамоянд. Дар раванди фаъолият инкишофи нутқ ва дарки олами эмотсионалии худро ғанӣ мегардонанд. Дар

низоми таҳсилоти инклюзиявӣ ҳангоми бо КИМ ва ТМД дарсу машғулиятҳо гузаронидани омӯзгорон шавқу рағбати онҳо нисбати дарсҳои оянда зиёдтар мешаванд. Дар баробари аз худ намудани барномаҳои таълимӣ ва маводҳои дарсӣ минбаъд кӯдакон ба қобилиятҳои худ барои омӯхтани касбу ҳунарҳои гуногун боварӣ ҳосил мекунанд.

### *Адабиёт*


1. *Асозода Б.Ҷ. Клиникаи кӯдакони ақлан ақибмонда. – Душанбе, 2021. - 266 с.*
2. *Ғуломов М. Г., Ҳасанов И. Р., Коломиец В. Ф. Психозҳои эпилептикӣ. - Душанбе, 1970. - 183 с.*
3. *Ғуломов М.Г. Психиатрия. - Душанбе, 1993. - 464 с.*
4. *Калмыкова Е.А. Психология лиц с умственной отсталостью: уч.-метод. пособ. – Курск: Курск. гос. ун-т, 2007. - 121 с.*
5. *Марянян А.Ю. Калькова А.Н. Современный взгляд на тератогенное влияние алкоголя при беременности. Возможные меры профилактики. Текст научной статьи по специальности «Науки о здоровье», ФГБНУ «Научный центр проблем здоровья семьи и репродукция человек» Россия 664003, Иркутск, ул. Тимирязева 16, 2022. Том 16. - №1. - 250 с.*
6. *Мирбобоева Б. Роҳнамо барои инкишофи нутқ ва ислоҳи талаффузи овозҳо дар нутқи кӯдакони синни хурди мактабӣ (дастури методӣ). - Душанбе, 2015. - 62 с.*
7. *Мирошниченко А.Н. Основы токсикологии в безопасности жизнедеятельности. - Издательство Амур. гос. ун-та, 2004, 2005. - 136 с.*
8. *Моргачева Е.Н. Хрестоматия. Умственная отсталость. Клинико-психологическое изучение школьников с нарушениями интеллекта: электронное издание. – М.: РГГУ, 2008. - 420 с.*
9. *Наталья Керре. Особенные дети. Как подарить счастливую жизнь ребёнку с отклонениями в развитии. - М., 2018. - 310 с.*
10. *Пузанов Б.П. Методические рекомендации для самостоятельной работы студентов по дисциплине «Олигофренопедагогика». - М., 2011. - 44 с.*
11. *Раҳматов Н.А., Асоев А.К., Саидмуродова Г.М. Бемориҳои сироятии кӯдакон. – Душанбе: Ҳикмат, 2009. - 282 с.*
12. *Сергеева К.М., Смирнова Н.Н., Суровцева А.П. Физиология и патология периода новорожденности. – СПб.: Издательство СПБГМУ, 2008. - 22 с.*


### ПАДИДАҲОИ КЛИНИКӢ ВА ТАШХИСИ ҚАФОМОНИИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНИЮ АҚЛОНӢ ДАР КӮДАКОН


Дар ин мақола дар бораи сабабҳо ва нишонаҳои боздории инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ дар кӯдакон сухан меравад. Олимон дар рафти таҳқиқот маълум намуданд, ки кадом сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани қафомонии инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ вуҷуд доранд. Кӯдакони бо ташхиси қафомонии инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ бо хусусиятҳои ба худ хоси инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва нутқронӣ фарқ мекунанд. Ин дар боздории инкишофи ҷисмонӣ, малакаҳои ҳаракаткунӣ, тафаккур, шахсият ва хусусияти норасоии инкишофи нутқ зоҳир мешавад. Баъдан муаллиф қайд мекунад, ки инкишофи шахсияти кӯдакони ақлан ақибмонда на танҳо бо дараҷаи норасоии зеҳнӣ ва хусусиятҳои синнусолӣ, балки бо шароити тарбия, таълим ва дигар омилҳо муайян карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** нуқсонҳои модарзодӣ, алкогол, гипоксияҳо, инкишофи ҷанинӣ, қафомонии ақлонӣ, қафомонии инкишофи ҷисмонӣ, падидаҳои клиникӣ, хусусияти синнусолӣ, ихтилоли нутқ, тафаккур, шахсият, ташхис, таълим, инклюзия, тарбия, барномаҳои таълимӣ.


### КЛИНИЧЕСКИЕ ПРОЯВЛЕНИЕ И ДИАГНОСТИКА У ДЕТЕЙ С ЗАДЕРЖКОЙ ПСИХИЧЕСКОГО И ФИЗИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ


В данной статье говорится о причинах и симптомах задержки физического и психического развития у детей. Какие основные причины возникновение задержкой физического и психического развития выявили ученые в ходе исследований. Дети с задержкой физического и психического развития отличаются своеобразием физического, психического и речевого развития. Это проявляется как в задержке темпа физического развития, моторики, мышления, личности так и в характере недостатков речевого развития. Далее автор отмечает, что развитие личности умственно отсталых детей определяется не только степенью интеллектуальной недостаточности и возрастной особенности, но и условиями воспитания, обучения и другими факторами.



**Ключевые слова:** врожденные пороки, алкоголь, гипоксия, внутриутробное развитие, задержка умственного развития, задержка физического развития, клинические явления, возрастные особенности, нарушения речи, мышление, личность, диагностика, воспитание, инклюзия, обучение, образовательные программы.

## CLINICAL MANIFESTATION AND DIAGNOSIS OF DELAYED CHILDRENMENTAL AND PHYSICAL DEVELOPMENT

This article talks about the causes and symptoms of delayed physical and mental development in children. What are the main causes of delayed physical and mental development identified by scientists in the course of research. Children with a delay in physical and mental development are distinguished by the originality of physical, mental and speech development. This is manifested both in a delay in the pace of physical development, motor skills, thinking, personality, and in the nature of shortcomings in speech development. Further, author notes that the development of the personality of mentally retarded children is determined not only by the degree of intellectual insufficiency and age characteristics, but also by the conditions of upbringing, training and another factors.

**Keywords:** congenital malformations, alcohol, hypoxia, intrauterine development, mental retardation, physical development retardation, clinical phenomena, age-related features, speech disorders, thinking, personality, diagnostics, education, inclusion, training, educational programs.

**Дар бораи муаллиф**
Асозода Баргигул Ҷурақуловна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи анатомия ва физиология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 93 502 18 23

**Об авторе**
Асозода Баргигул Джуракуловна
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры анатомии и физиологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел: (+992) 93 502 18 23

**About the author**
Asozoda Bargigul Dzhurakulovna
Candidate of pedagogical sciences, associate the department of anatomy and physiology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 502 18 23

ТДУ 159.9:373.4

# ЗОҲИРГАРДИИ ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОЗИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


***Раҳмонова Г. С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*


Бозии сюжетӣ – нақшӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни томактабӣ баромад мекунад ва он боиси пайдоиш ва инкишофи хусусиятҳои нави психологӣ, аз ҷумла айнияти ҷинсӣ мегардад. Бо вуҷуди гуногунии сюжети бозиҳо, онҳо аслан дорои як мазмун – тасвири фаъолияти инсон ва муносибатҳои одамон дар ҷомеа мебошанд. Дар бозӣ, кӯдаки синни томактабӣ тамоми нақшҳои иҷтимоии ба ӯ дастрас, аз ҷумла нақшҳои гендериро мебозад. Агар иҷрои нақшҳои касбӣ (омӯзгор, духтур, полис) барои кӯдак то андозае диффузӣ бошанд, пас иҷрои нақшиҳои гендерӣ ба таври умумӣ муқаррар карда шудаанд. Дар бозии “Мактабача” ҳам писар ва ҳам духтар нақши муаллимро бозида метавонанд, аммо дар бозии “Оила” танҳо писар нақши “Падар” ва духтар нақши “Модар”-ро бозида метавонад. Илова бар ин, нақшҳои кӯдакон дар “Оилабозӣ” на аз рӯи сюжет, балки аз рӯи ҷинси кӯдакон тақсим карда мешавад. Фаъолияти бозии кӯдакон натиҷаи муошират бо волидон ва дигар калонсолонро инъикос мекунад, ки асоси интихоби нақшҳои иҷтимоӣ мегардад.

Волидайн барои кӯдак намояндаи баркамоли ин ё он ҷинс мансуб меёбанд, ки ба ташаккули иҷтимоӣ ва, ҳисси мансубият ба олами иҷтимоии ӯ таъсири амаиқ мерасонанд. Аз калонсолон кӯдак алоқаи мутақобилаи беруниро дар шакли танқид ва тақлид, ҳавасмандгардонӣ ва ҷазо мегирад. Алоқаи мутақобила тамоми шаклҳои ҳаёти кӯдакро фаро мегирад. Ин ба ташаккули ҳисси ҳувият дар дохили як фарҳанги мушаххас мусоидат мекунад. Модарон барои муошират бо одамон дар фарҳанги муайян заминаҳои эмотсионалӣ фароҳам месозанд. Падарон бошанд, ба азхудкунии меъёрҳои расмӣ ва талаботҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Хусусиятҳои шахсии кӯдакон вақте устувор мегарданд, агар амалинамоии ҳаммонандкунии кӯдак бо волидайни ҳамҷинси худ дар бозӣ ва муошират, аз ҷониби калонсолон ҳавасманд карда шавад.

Бозии сюжетӣ – нақшӣ инчунин ба фарқ кардани стереотипҳои нақшҳои ҷинсӣ мусоидат мекунад. Писарон худро ҳамчун фаъол, далер ва боқувват нишон медиҳанд, духтарон бошанд меҳрубонӣ, нозукӣ ва гирёнчакӣ. Афзалиятҳои ҷинсӣ на танҳо дар сюжетҳо, балки дар истифодаи атрибутҳо, рамзҳо, бозичаҳо дар бозӣ зоҳир мешаванд. Писарони 3-4 сола силоҳ, мошинча, конструктор, духтарон лӯхтак, бозичаҳои ороишӣ ва асбобҳои ошхонаро интихоб карда, бо онҳо бозӣ мекунанд.

Тафовут дар муносибати кӯдакон ба ҳамсолони ҷинси муқобил ба интихоби шарик дар бозӣ ва муошират таъсир мерасонад. Чун қоида, ба ин ё он намуди бозӣ кӯдакони ҳамҷинс бо ҳам бозӣ мекунанд. Духтарон бозии сюжетӣ-нақшии «Модар ва духтар», писарон «Дузду милитсия»-ро бозӣ мекунанд. Бозии сюжетӣ-нақшӣ барои кӯдаки синни томактабӣ як роҳи шинохти ҷаҳон аст, аз ин рӯ иттиҳодияи кӯдакон дар гурӯҳи бозӣ бо манфиатҳои гуногуни онҳо алоқаманд аст. Духтарон ба барпо кардани муносибатҳои байнишахсӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Дар писарон тамоюл ба сохтану идоракардани ашё ва падидаҳо, ки баъзан аз доираи фаъолияти ҳаётии онҳо дур аст, доранд. Бинобар ин, духтарон дар бораи худ маълумоти бештар доранд, ба намуди зоҳирии худ, хислатҳои зоҳириву рафтори дигарон майли бештар зоҳир мекунанд [5, с. 43].

Ташаккули гурӯҳҳои хурд дар раванди муошират низ вобаста ба ҷинс ба амал меояд. Ҳангоми ташкили он, кӯдакон ба сифатҳои шахсӣ ва рафтори намояндаи ҷинси худ, такя мекунад. Муносибатҳои байни писарон, чун қоида, дар асоси эътирофи қобилияти ташкилотчигӣ, ноил шудан ба натиҷаи мусбӣ, дифоъ аз ақида ва муҳофизати худ сохта мешаванд. Духтаронро дар муносибат бо ҳамҷинсони худ, пеш аз ҳама, сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, намуди зоҳирӣ ба худ ҷалб мекунанд. Тарафи маърифатии муошират бо стереотип ва манфиатҳои ҷинсӣ, ки аксар вақт таҳти таъсири бевоситаи калонсолон (волидон, омӯзгорон) ва кӯдакони калон, инчунин воситаҳои ахбори омма, адабиёт, филмҳо ташаккул меёбанд, муайян карда мешавад. Духтарон лӯхтакҳо, либоси онҳо, намуди зоҳирии худ ва ғайраро муҳокима мекунанд. Писарон бошанд, ба мавзуъҳои технология, сохтмон ва ғайра таваҷҷуҳ

доранд. Умуман дар рафтори писарону духтарон тафовут дида мешавад. Духтарони 3-6-сола аз ҷиҳати эмотсионалӣ нисбатан самимӣ, меҳрубон ва ғамхортар ба назар мерасанд. Писарон бештар ҳукмфармо ва нисбатан агрессивноканд.

Дар синни томактабӣ бозӣ фаъолияти асосӣ, на аз он сабаб, ки кӯдак қисми зиёди вақти худро дар он мегузаронад, балки бозӣ боиси тағйироти сифатӣ дар психикаи кӯдак мегардад, ба шумор меравад. Нақш бозӣ карда, кӯдак вазифаи муайяни иҷтимоиро иҷро мекунад, ки аз рӯи ҷинс фарқ мекунад. Ин бозиҳоро иҷтимоӣ-сексуалӣ меноманд, гарчанде ки дар асл дар онҳо муносибати маҳрамона дида нашавад ҳам. Дар раванди бозӣ кӯдак оид ба сохтори ҷисми худ дониш мегирад ва худро бо кӯдакони дигар муқоиса карда, нақши гендериро азхуд мекунад. Давраи бозӣ дар инкишофи психосексуалии кӯдак бо ташаббускорӣ, азхудкунии рафтори нақши ҷинсӣ, бозиҳои ҷинсӣ, дилбастагӣ ба ҳамдигар, ишқи аввал ва иҷрои нақшҳои волидайн хос аст.

Бозиҳои писарон хусусияти предметӣ доранд, аз духтарон бошад бештар шифоҳӣ, бинобар ин онҳо бештар бо бозиҳои шифоҳӣ машғул мешаванд. Писарон бештар бо бозиҳои созанда (конструктор) машғул мешаванд. Бозии кӯдакон нуқтаи назари анъанавиро дар бораи нақши зану мард дар ҷамъият инъикос мекунад. Духтарон дар бозиҳояшон ҳар рӯз хонаро “рӯбу чин”, кӯдаконро нигоҳубин ва издивоҷ мекунанд. Писарон дар ҷангҳо иштирок мекунанд, мошин меронанд, пул месозанд ва ба дуредгарӣ машғул мешаванд. Бозӣ инчунин заминаҳои ахлоқиро дар кӯдак инкишоф медиҳад: дар писарон саховатмандӣ, эътимоднокӣ, эҳтироми духтарон (занҳо), ва дар духтарон меҳрубонӣ, сабру тоқат, садоқат, эҳтироми писарон (мардон)-ро рушду такомул медиҳад.

Бозиҳои нақшӣ – беҳтарини воситаи рафъи нақшҳои манфии стереотипӣ ба шумор меравад. Масалан, бозии «Духтур ва бемор» барои ин максад мувофиқ аст. Дар ин бозӣ кӯдакон дар иваз кардани нақш озоданд. Ин бозӣ барои писарон ба касе ғамхорӣ кардан ва барои духтаронро бозӣ кардани нақшҳои мардона илҳом мебахшад. Аксар вақт, дар духтарон тамоюл ба иҷрои нақши ҷинси муқобил, назар ба писрон бештар мушоҳида мешванд. Дар кӯдаконе, ки рафторашон ба тамоми талаботҳои ҷинсиашон комилан мувофиқат мекунад, аксар вақт дараҷаи пасти қобилияти ақлӣ ва эҷодӣ мушоҳида мешавад. Баръакс, кӯдаконе, ки меъёрҳои ҷинсиро пурра риоя накарда, дар интихоби шакли рафтор нисбатан озодтаранд, дараҷаи баланди қобилияти ақлӣ ва эҷодӣ мушоҳида карда шуд. Мураббия ва волидайн метавонанд сифатҳои муайяни манфии кӯдаконро тавассути тақсими нақшҳо дар бозӣ ва тағйири сюжети он ислоҳ кунанд.

Бозӣ дорои унсурҳои муоширати ҷисмонӣ низ мебошад. Маҳдудият ё манъи ин паҳлӯи мушаххаси рушди психосексуалӣ ҳам дар кӯдакӣ ва ҳам дар синни камолот бо нобаробарии ҷинсӣ ва вайрон шудани шакли рафтор ва нақши ҷинсӣ зоҳир мешавад. Дар бозӣ майлу хоҳиши кӯдакон амалӣ мегардад. Аксар вақт дар бозӣ кӯдак нақшеро мебозад, ки барои ӯ дар ҳаёт манъ ё иҷрои он маҳдуд карда шудааст. Дар кӯдакон миёни олами хаёлӣ ва воқеӣ зиддият дида мешавад, ки баъзан кӯдакон олами хаёлии худро авлотар мешуморанд. Дар бозӣ кӯдак аз ҳисси танҳоӣ раҳо шуда, ба роҳ мондани муносибат ва ҳамкориро меомӯзад, ба имкониятҳои худ баҳои дуруст медиҳад, ба худ боварӣ пайдо мекунад, мавқеи худро нисбат ба олами атроф ва одамон муайян мекунад.

Табиати бозиро дар давраи кӯдакӣ бо он чизе, ки дар синни калонсолӣ зоҳир мешавад, алоқаманд кардан душвор аст. Дар синни 18-24 моҳагӣ, кӯдакон аллакай ба он бозичаҳое, ки ба хусусияти гендерии онҳо мувофиқ мебошад, бартарӣ медиҳанд. Гузашта аз ин, аллакай духтарони даҳмоҳа назар ба писарон бештар лухтакро барои бозӣ кардан интихоб мекунанд. Дар ин синну сол духтарон ва писарон баробар омодаанд, ки бо мошинчаҳо, кубикҳо ва асбобҳои ошхона бозӣ кунанд. Аммо волидайн ба ин бозиҳо ба таври гуногун муносибат карда, истифодаи бозичаи «мувофиқ»-ро ба таври возеҳ таъкид мекунанд ва ин аксуламалро онҳо нисбат ба писарбачагон бештар зоҳир мекунанд. Модароне, ки дар бораи тафовути гендерӣ эътиқоди қолабӣ ё худ стереотипӣ доранд, ба бозиҳои фаъол машғул шудани духтарони худро тарафдорӣ намекунанд. Дар натиҷа, алакай дар синни се солагӣ, аксарияти писарон ҳамчун тӯҳфа барои зодрӯзашон бозичаҳои хоси ҷинсӣ дошта (мошинча, тапонча, конструктор ва ғ.)-ро талаб мекунанд. Назар ба писарон, духтарон дертар рафтори стереотипиро нишон медиҳанд. Дар синни 3-солагӣ 29% духтарон бозичаҳои хоси ҷинсӣ (лухтак, маҳсулоти ошхона ва ғ)-ро талаб мекунанд, дар синни 5-солагӣ ин рақам ба 73% баробар мешавад. Дар синни шашсолагӣ бошад, 75% духтарон аз иваз кардани бозичаҳои стереотипӣ барои бозичаҳое, ки барои ҳарду ҷинс баробар мувофиқанд, даст мекашанд.

Аён аст, ки бозичаҳои гуногун барои инкишоф имкониятҳои гуногунро фароҳам меоранд. Мушоҳидаҳои оддӣ тасдиқ мекунанд, ки маҷмуи бозичаҳо ва бозиҳои писарону духтарон аз ҳам фарқ доранд. Қайд кардан лозим аст, ки волидон бо чӣ пур кардани фазои ҳаёти кӯдакро тасаввур карда, аз аввал бозичаҳоро онҳо интихоб менамоянд.

Маълум аст, ки муҳит яке аз воситаҳои асосии инкишофи шахсияти кӯдак, сарчашмаи донишҳои инфиродӣ ва таҷрибаи иҷтимоии ӯ ба шумор меравад. Муҳити предметию фазоӣ на танҳо намудҳои гуногуни фаъолнокии томактабиён (ҷисмонӣ, бозӣ, ақлӣ ва ғ.)-ро таъмин мекунад, балки асоси фаъолияти мустақилонаи онҳоро бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ ташкил медиҳад. Нақши шахси калонсол дар ин ҳолат аз он иборат аст, ки бояд дар назди писарон ва духтарон ҳамаи имкониятҳои муҳитро кушода, саъю талоши онҳоро ба истифодаи унсурҳои алоҳидаи он бо назардошти хусусиятҳои гендерию инфиродӣ ва талаботи ҳар як кӯдак равона созад.

Ҳангоми гузарондани корҳои тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои гендерии онҳо диққат додан лозим аст:

- ба ҷолибияти маводи бозӣ ва хусусияти нақшҳо бо мақсади ҷалби кӯдакон ба инъикоси шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ писанди рафтори занона ва мардона;
- ба кифоя ва пурра будани мавод барои бозӣ, ки дар ҷараёни он духтарон модели рафтори иҷтимоии зан-модарро айнан такрор мекунанд;
- ба мавҷудияти хусусият ва нишонаҳои фазо барои бозиҳо – “саёҳатҳо”, ки дар онҳо барои писарон имконияти бой додани модели рафтори мардона фароҳам оварда мешавад.

Ҷараёни либоспӯшӣ ва либоскашии лӯхтакҳо ва бозичаҳои мулоимро кӯдакон ба тартибе монанд мекунанд, ки дар ҳаёти шахсии худ ҳамеша ба он дучор мешаванд ва ин ба онҳо барои дарки мазмуни инсонии ин амалҳо мусоидат мекунад ва агар кӯдак дар аввал амалҳои калонсолонро дар бозӣ ҳамту айнан такрор намояд, тадриҷан ӯ нақши худро ифода ва номгузорӣ мекунад: “Ман-модар, Ман-падар”. Вақте ки бозичаҳо намуди диққатҷалбкунанда дошта бошанд, ҳисси таваҷҷуҳи духтарон ва писаронро хеле осон бедор мекунанд. Дар ҷараёни бозӣ бо чунин бозичаҳо ҷалб кардани диққати кӯдакон ба баёни ҳиссиёти худ нисбат ба бозичаҳо осон аст: гуфтани суханҳои навозишкорона, ба оғӯш гирифтан, ба чашмони онҳо нигаристан ва ғ.

Шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ писанди рафтори занона ва мардонаро дар бозӣ нисбат ба бозичаҳо инъикос карда, духтарон ва писарон инкишофи зарурии эмотсионалиро мегиранд.

Нақши муҳим дар инкишофи фаъолияти бозӣ ба эҷодкорӣ аз масолеҳи калони сохтмонӣ тааллуқ дорад. Писарон дар аввал таҳти роҳбарӣ ва баъдан мустақилона барои бозиҳои коллективӣ бо шавқу завқ эҷодкорӣ мекунанд. Ин метавонад мошини калон, ҳавопаймо, киштӣ, вагони қатора ва ғ. бошад. Дар ин сурат, барои тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои гендерии онҳо шарти хеле муҳим он аст, ки ба зиммаи писарон кори “вазнин”-ро гузоштан мумкин аст: “кашондани” масолеҳ бо мошинҳо, часпондани қисмҳои асосӣ ва ғ.

Норасоии ҷиддии фаъолияти бозӣ такрори ҳамон як амалҳо, мушоҳидаи пайвастаи ҳолате, ки чӣ тавр писарон мошинҳоро ба даст гирифта, бо онҳо амалҳои якхеларо пасу пеш иҷро карда, ба садои мотор тақлид менамоянд ё гаштаю баргашта онҳоро аз ягон сатҳ пинҳон мекунанд. Дар бозиҳои духтарон якшаклӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо бо лӯхтакҳо бозӣ карда, ҳамон як амалҳои бозиро такрор мекунанд [2, с. 192].

Калонсолон набояд бо сатҳи пасти инкишофи фаъолияти бозӣ муросо кунанд. Аз ин рӯ, агар дар натиҷаи мушоҳидаи бозии кӯдакон муайян гардад, ки кӯдакон дар сатҳи тақлид бозӣ мекунанд ё дар ҷараёни бозӣ онҳо “бо нақш дар амалҳо” маҳдуд мешаванд, мураббиён ва волидон бояд барои бартараф намудани ин норасоиҳо чора андешанд. Нақши мураббӣ аз он иборат аст, ки ӯ ҳар рӯз дар бозиҳои кӯдакон иштирок мекунад. Илова бар ин, ӯ бозиҳоеро, ки дар онҳо мувофиқи хоҳиш ҳамаи кӯдакон иштирок мекунанд, роҳбарӣ карда, дар ин баробар, бо духтарону писарон бозӣ мекунад. Ба ғайр аз ин, зарурати инкишофи кӯдакон дар фаъолияти бозиро ба волидон фаҳмонда, педагог онҳоро барои иштирок дар бозӣ даъват карда метавонад. Ҳамин тавр, ба бозии сюжетдору нақшдор дохил кардани волидон ва кӯдаконро таъмин мекунад, ки ин ба волидон барои ташаккули малакаҳои амалии идораи рафтори писарон ёрӣ мерасонад, масалан, вақте ки писарон давидаю дод зада, ҷангбозӣ мекунанд. Вале, агар ба назар гирем, ки ба писарон аз ҷиҳати физиологӣ барои бозӣ фазои бештар лозим аст, дар бозӣ онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф меёбанд, танзим кардани қувваи худро ёд мегиранд, бозӣ ба онҳо барои холӣ кардани қувваи ҷамъшуда ёрӣ мерасонад, пас, эҳтимол сабабҳо барои маҳкум кардан камтар мешаванд. Одатан ба онҳо

фазои бозикуниро муҳайё намуда, назорат кардан лозим аст, ки бозиҳо хусусияти агрессивӣ надошта бошанд ва барои ин ба писарон бозӣ кардани аскарон, ҳавонавардон ва баҳрнавардонро ёд дода, барои ин шароитҳои мувофиқро фароҳам овардан лозим аст. Зеро писарон ба қисмҳо ҷудо кардани бозичаҳо ва омӯхтани сохту таркиби онҳоро хеле дӯст медоранд (ва калонсолон бисёр вақт инро ҳамчун қасдан шикастани бозичаҳо қабул мекунанд), ки ҳангоми барои писарон харидани бозичаҳо инро ба назар гирифтан лозим аст. Барои бозӣ конструкторҳои “моделҳои ҷамъшаванда-тақсимшавандаи нақлиёт”-ро харидан беҳтар аст. Барои бозии духтарон фазои начандон калон лозим аст. Муҳити бозиро ташкил карда, инро дар хотир доштан лозим аст. Беҳтар аст, агар ҳамаи чизҳои зарурӣ дар наздикӣ бошанд. Духтарон аз ҳама бештар дар бозиҳо нақши модарро ёд мегиранд, аз ин рӯ, зарур аст, ки онҳо миқдори кофии лӯхтакҳо, аробачаҳо ва дигар хусусиятҳоро дошта бошанд. Азбаски моторикаи хурди духтарон беҳтар инкишоф ёфтааст, ба онҳо бисёртар бозичаҳои хурд ва хусусиятҳо ба бозиҳо лозиманд. Вақте дар бозӣ ҳамон сатҳи инкишоф, ки он бо қабули нақш ва маҳорати бо паиҳамии муайян иҷро кардани амалҳои нақшдор тавсиф мешавад, ноил мегардад, мураббӣ ба ҳалли масъалаҳое гузашта метавонад, ки онҳо ба омӯзондани духтарону писарон барои иҷрои функсияҳои иҷтимоӣ дар бозӣ вобастаанд [8, с. 203].

Идроки иҷтимоии кӯдакони аз 5-сола калон дар асоси фаъолияти бозӣ ба истилоҳ дар “иттиҳодияҳои бозӣ” инкишоф меёбад, ки ин иттиҳодияҳо барои томактабиён гурӯҳи референтӣ ба шумор мераванд. Дар гурӯҳи ҳамсолон малакаҳои гуногуни коммуникативии кӯдак инкишоф меёбад, инчунин ҳаммонандкунии ҷинсӣ васеъ мегардад. Писарон хусусиятҳои мардона ва новобастагии зарурӣ ба модарро тавассути ҳамфикрӣ бо ҳамсолон ва ба воситаи рақобат бо онҳо аз худ мекунанд. Бинобар ин, писарон дар гурӯҳҳое бозӣ мекунанд, ки иштирокчиёни онҳо бештар инкишоф ёфта, усулҳои гуногуни фаъолияти предметӣ ва коммуникатсияро медонанд. Рафтори писарон бо самтгирии муайян фарқ карда, ба натиҷаи мушаххастар моил аст.

Бозиҳои духтарон дар гурӯҳҳои ҳаҷман хурд сурат мегиранд, ки дар онҳо агрессия камтар буда, ҳамдигарфаҳмӣ ва боварӣ бештар аст [5, с. 143]. Дар бозӣ сифатҳои сарварии писарон ва духтарон ба таври гуногун зоҳир мешаванд. Духтарон нисбат ба писарон ба сарварӣ талош намекунанд, ки ин бо сифатҳои шахсиятии онҳо шарҳ дода мешавад: онҳо нисбатан тарсончаку шармгин буда, ба қувваи худ боварӣ надоранд, боилтифотанд ва осон ба фрустратсия дучор мешаванд.

Маълум аст, ки давраи кӯдакии томактабӣ дар маҷмуъ барои инкишофи инсон давраи бебаҳо аст. Ҳамаи сифатҳои муҳими шахсият, нишонаҳои истеъдод ва қобилиятҳо маҳз дар ин ҳамин синну сол ташаккул меёбанд. Тамоюли кӯдак ба арзишҳои ҷинси худ на танҳо дар оила, балки дар муассисаи томактабӣ низ сурат мегирад, ки кӯдак қисми зиёди вақти худро дар он сипарӣ мекунад. Муҳимтарин унсури шахсият, ки дар синни томактабӣ мустаҳкам мешавад, мансубияти ҷинсии кӯдак аст. Ҷанбаҳои ба ҷинс вобастаи “симои Ман” аз омилҳои зиёд иборатанд. Кӯдакон рафтори волидонро мушоҳида карда ва барои ба онҳо монанд шудан кӯшиш намуда, қисман дар бораи ҷинси худ маълумот мегиранд. Одатан рафтори кӯдакон, ки ба ҷинси биологии онҳо хос аст, ҳавасманд гардонда мешавад. Шиносшавӣ бо ҷинс тавассути шиносшавӣ бо забон, инчунин тавассути иштироки фаъоли муоширати нутқӣ ва бозиҳои сюжетдору нақшдор сурат мегирад. Ҳамин тавр, ҳаммонандкунии ҷинсӣ дар ҷараёни идроки иҷтимоӣ инкишоф меёбад [1, с. 187].

Ташаккули ҳаммонандкунии ҷинсию синнусолӣ ба инкишофи худогоҳии кӯдак вобаста аст. Маъмулан ҳуввияти ҷинсии ибтидоии кӯдакон дар синни аз якунимсолагӣ то сесолагӣ ташаккул меёбад. Дар ин давра кӯдакон худро дуруст ба ҷинси муайян нисбат додан, муайян намудани ҷинси ҳамсолони худ, фарқ кардани мардон ва занонро ёд мегиранд. То 3-4-солагӣ дарки афзалиятноки бозичаҳо вобаста ба ҷинс пайдо мешавад. Калонсолон дар алоқаҳои ҳаррӯзаи худ бо кӯдакон ҳамеша рафтори кӯдакро ба ҷинси ӯ вобаста медонанд. Аз рӯи нишонаи ҷинс ва синну сол коллективҳои расмӣ ва ғайрирасмии кӯдакон ташкил мешаванд. Муҳимтарин усули омӯзондани рафтори ба ҷинс хос мушоҳида ва тақлид аст. Ҳаммонандкунӣ алоқаи қавии эмотсионалӣ бо инсонеро зимнан дар назар дорад, ки “нақши” ӯро кӯдак қабул карда, худро ба ҷои ӯ мегузорад. Мисоли равшани ин бозии нақшдор аст. Дар ҷараёни бозии нақшдор кӯдакон меъёрҳои писанди иҷтимоии рафтори ҷинсӣ ва тамоюлҳои арзишии ба ҷинси худ мувофиқро аз худ карда, ба ин мафҳумҳо муроҷиат мекунанд.

Тадриҷан тасаввуроти муайяни кӯдакони синни томактабӣ дар бораи вобаста ба синну сол тағир ёфтани симои ҷисмонии инсон ва нақшҳои ҷинсию иҷтимоии ӯ ҳосил мешавад. Ин дониш дар андӯхтани таҷрибаи ҷамъиятӣ ва инкишофи худогоҳӣ асос меёбад. Ҳаммонандкунии ҷинсию синнусолӣ ба қобилияти фикррони абстракти шахс такя мекунад, ки он барои фарқ кардани намуди зоҳирӣ ва рафтори шахси дигар, тавсифи консептуалии одамони дигар ва худтавсифкунӣ дар асоси тасаввуроти устувор зарур аст.

Ҳамин тавр, ташаккули ҳуввияти кӯдакон ҳам ба сатҳи зеҳнӣ ва ҳам ба хусусиятҳои шахсиятии онҳо вобаста аст.

Ҳар як инсон доранда, интиқолдиҳанда ва ҳифзкунандаи мазмун ва ҳаҷми муайяни дониши иҷтимоӣ аст, чунки онро дар ҷараёни ҳамкорӣ ба даст меорад. Дар баробари ин, инсон ҷаҳони иҷтимоиро дар танҳоӣ дарк карда наметавонад: ӯ ҳамеша дониши худро бо дониши одами дигар (ё одамони дигар) муқоиса мекунад. Аз аввалин марҳилаҳои иҷтимоикунонӣ кадом як одами “дигар” ба кӯдак ҷаҳони атрофро бо истифодаи дастовардҳои фарҳанг, пеш аз ҳама, рамзе ба мисли забон муаррифӣ мекунад. Ҷаҳон ба кӯдак тавассути доираҳои додашудаи идрок муаррифӣ мешавад. Ҳамин тавр, кӯдак аз ибтидои роҳи ҳаёт ҷаҳон ва худро дар он дарк мекунад. Ин идрок якҷоя бо инкишофи шахсият ва ташаккули Ман-консепсияи инсон васеъ ва амиқ мешавад. Ҳуввияти ҷинсӣ яке аз унсурҳои амиқ ва барвақтии симои Ман буда, дар солҳои аввали ҳаёт дар натиҷаи дараҷабандии мувофиқ ва иҷтимоикунонии ҷинсӣ ташаккул меёбад [3, с. 52].

Кӯдак барвақт ба он диққат медиҳад, ки ӯ писар аст ё духтар. Дар нуқтаи пайвастшавии синни барвақтӣ ва томактабӣ кӯдак фарқҳоро дар сарулибос, ороиши мӯй, рафтори мардону занон ва писарону духтарон пай мебарад. Кӯдак ҳамаи одамонро ба мардону занон ва писарону духтарон тақсим мекунад. Кӯдак кӯшиш мекунад, ки худро низ ба гурӯҳи одамони ҷинси худ нисбат диҳад. Амалан ин душвор нест. Бо амали воқеӣ дар оила ва бо дохилшавӣ ба муносибатҳои сифатан гуногун кӯдакон дар фаъолият ва муошират категорияҳои гуногуни ҳуввиятро аз худ мекунад, аз ҷумла “Ман-фарзанд”, “Ман-бародар”, “Мо-мардон”.

Лекин нисбат додани худ ба фаҳмиши муайян барои кӯдак душвортар аст. Мустаҳкам гардондани фаҳмиши ҷинси худ бо ташаккули мафҳумҳо ва инкишофи нутқ сурат мегирад. Махсусиятҳо дар ташаккули мафҳумҳои “писар”, “духтар”, “инсон” дида мешаванд. Дар кӯдакии томактабӣ бо ташаккули ҳуввияти бетағири ҷинсӣ тавассути аз худ кардани мафҳумҳо вобаста ба мансубияти ҷинсии кӯдак тамоюлҳои ҷинсӣ низ тақвият меёбанд.

Ҷои баҳс нест, ки фаҳмиши ҷории бисёр мафҳумҳо ва моҳияти онҳо танҳо бо инкишофи ақлии кӯдак сурат мегирад. Доираи донишҳо ва тасаввурот дар бораи ҷаҳони атроф хеле васеъ мешавад. Фаҳмиши ҷинс аллакай дар охири соли дуюми ҳаёти кӯдак рӯй медиҳад. Дар синни томактабӣ ӯ дар бораи худ ва дигарон маълумоти зиёд мегирад. Дар ин давра нақшаҳои гендерӣ – меъёрҳо ва (ё) одатҳои ба ҷинс вобастаи иҷтимоию фарҳангӣ фаъолона инкишоф меёбанд. Томактабиён комилан мутобиқ худро писар ё духтар меноманд, вале дурнамои тағирнопазирии ҷинси худро дарк намекунанд. Агар кӯдак дар 3-4-солагӣ пурсида тавонад, ки падараш дар кӯдакӣ кӣ буд – писар ё духтар, пас, то 6-7-солагӣ кӯдакон чунин ғалатҳоро содир намекунанд. Онҳо ба зинае мерасанд, ки онро тағирнопазирии ҷинс номидан мумкин аст [4, с. 63].

Дар баробари ин, ҳуввияти ҷинсии то охири кӯдакии томактабӣ ташаккулёфта дар нишонаҳои зоҳирии ҷинсӣ (ном, сарулибос, ороиши мӯй) асос меёбад. Моҳияти нишонаҳои ҷинсиро вобаста ба хусусиятҳои физиологӣ, муносибатҳои эмотсионалӣ, нишонаҳои хислат, ҳавасҳо ва хусусиятҳои фаъолият дар бисёр ҳолатҳо (70%) кӯдакони ин синну сол дарк намекунанд.

Дарки иҷтимоии воқеият барои кӯдак дар як вақт аз нуқтаи назари амалӣ, предметӣ ва арзишӣ сурат мегирад. Ҳуввияти ҷинсию нақшдор дар синни кӯдакӣ муқаррар гардида, қисми зиёди Ман-консепсияи инсонро меофарад. Ҷараёни ҳуввияти ҷинсӣ дар синни кӯдакӣ таркибҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: рафтори ба ҷинс алоқаманд, тасаввурот дар бораи хусусиятҳои ҷинсӣ, муносибат ба худ ва дигарон ҳамчун ба намояндагони ин ё он ҷинс. Механизмҳои ҳуввияти ҷинсӣ дар синни томактабӣ тақлид ба моделҳои рафтор, ҳавасмандгардонӣ аз тарафи калонсолон ва, бешубҳа, бозии кӯдакона шуда метавонанд. Кӯдак дар аввал чунин тасаввуротро аз худ мекунад, ки мард ё зан будан чист ва баъдан худро ба сифати писар ё духтар дараҷабандӣ карда, сипас таҷрибаи рафториро, ки мувофиқи тасаввурот дар бораи нақши ҷинсӣ дар симои Мани худ тартиб дода шудааст, муттаҳид мегардонад.

Скарр ва Маккартни тахмин мекунанд, ки писарон ва духтарон аз азал тамоюли гуногуни модарзодӣ доранд ва ба шарофати он бо мурури замон бозичаҳои гуногунро афзал мешуморанд, вале амалҳои калонсолон, ки мо ба иҷтимоикунонии дифференсиалӣ нисбат медиҳем, чизе беш аз аксуламал ба ҳамин фарқҳои "табиӣ" нестанд. Онҳо ин мулоҳизаро генотип-аксуламали таъсиррасон номиданд. Якчанд таҳқиқотҳое ҳастанд, ки натиҷаҳои онҳо, аз нигоҳи аввал, ин фарзияро тасдиқ мекунанд. Чунончӣ, Сноу ва ҳамкасбонаш ошкор намуданд, ки падарон нисбат ба духтарони яксолаи худ ба писарони яксолаи худ лӯхтак туҳфа доданро чандон хуш надоранд, вале ҳатто агар писар аз падар лӯхтак туҳфа гирад ҳам, нисбат ба духтар хеле кам бо он бозӣ мекунад. Дар таҳқиқоти дигар кӯдакон ба бозӣ бо бозичаҳои хоси гендери худ ҳавасмандии зиёд нишон доданд, ҳарчанд аз тарафи волидон кӯшишҳои ошкори ҳамроҳ кардани онҳо ба чунин бозиҳо мушоҳида нашуд. Мутаассифона, чунин имконияро истисно кардан нашояд, ки иҷтимоикунонии дифференсиалӣ дар кӯдакии барвақтӣ оғоз меёбад. Дигар фарзияи ба ҳақиқат монанд аз он иборат аст, ки физиология фарқҳои инфиродиро дар афзалиятҳо ба вуҷуд меорад ва агар ин афзалиятҳо ба нақши ҷинсии кӯдак мувофиқ бошанд, онҳо дастгирӣ меёбанд, агар мувофиқ набошанд, дастгирӣ намеёбанд (ин махсусан ба писарон дахл дорад) [7, с. 85].

Ҳамин тавр, зоҳир шудани хусусиятҳои гендерӣ дар фаъолияти бозии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки бозии кӯдакон натиҷаҳои ҳамкорӣ бо волидон ва дигар калонсолонро пурмазмун инъикос мекунад, барои азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ асос мешавад, ба фарқ кардани одатҳои ҷинсию нақшдор мусоидат мекунад (писарон худро ҷисмонан фаъол, диловар, қавӣ ва духтарон худро нозук, мушфиқ ва танноз нишон медиҳанд); дар бозӣ афзалиятҳои ҷинсӣ на танҳо дар сюжетҳо, балки дар истифодаи хусусиятҳо, рамзҳо ва бозичаҳо зоҳир мешаванд (писарони 3-4 сола аслиҳа, асбобҳои кӯдакона, конструкторро интихоб менамоянд; духтарон бо лӯхтакҳо, мебел ва лавозимоти ошхонагии лӯхтак бозӣ мекунанд); бозӣ ба бартараф намудани одатҳои манфии нақшдор мусоидат мекунад.

Бозиҳои писарон бештар предметӣ ва бозиҳои духтарон бештар шифоҳиянд, аз ин рӯ, онҳо бозиҳои шифоҳиро меписанданд. Дар бозӣ сифатҳои сарварии писарон ва духтарон ба таври гуногун зоҳир мешаванд. Духтарон нисбат ба писарон ба сарварӣ талош намекунанд, ки ин бо сифатҳои шахсиятии онҳо шарҳ дода мешавад: онҳо нисбатан тарсончаку шармгин буда, ба қувваи худ боварӣ надоранд, боилтифотанд ва осон ба фрустратсия дучор мешаванд. Писарон, баръакс, ба сарвар шудан талош мекунанд.

### *Адабиёт*


1. *Адлер А. Воспитание детей; взаимодействие полов / А. Адлер. – Ростов-на-Дону, 1998. – 214 с.*
2. *Барномаи кӯтоҳмудати омодагии кӯдакони 5-7 (6)-сола ба мактаб. – Душанбе, 2015.*
3. *Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте / Л.И. Божович. - М., 1968. – 386 с.*
4. *Вейнингер О. Пол и характер. - М., 1992. – 560 с.*
5. *Введение в гендерные исследования. - М.: Аспект Пресс, 2005.*
6. *Гариен М. Мальчики и девочки учатся по разному!: Руководство для педагогов и родителей / М.Гариен; пер. с англ. - М., 2004. - 304 с.*
7. *Дошкольная педагогика. – 2009. - №2. – 17 с.*
8. *Еремеева В.Д. Мальчики и девочки: два разных мира / В.Д. Еремеева, Т.П. Хризман. - СПб., 2000. - 156 с.*
9. *Обидова М. Психологияи бачагона (маҷмуи таълимӣ-методӣ) / М. Обидова. – Душанбе, 2018. - 194 с.*
10. *Репина Т.А. Особенности общения мальчиков и девочек в детском саду. - М., 2007. – 266 с.*
11. *Нарзуллоева М. Психологияи бачагона. Қисми I ва II / М.Нарзуллоева. - Душанбе, 2007. - 289 с.*
12. *Серова Л. Похожие и разные "Родом из детства" // Психология воспитания // Наука и жизнь. - 2005. - №4. - С. 26-29.*


## ЗОҲИРГАРДИИ ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОЗИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Бозии сюжетӣ-нақшӣ ба фарқ кардани стереотипҳои нақшҳои ҷинсӣ мусоидат мекунад. Писарон худро фаъол, далер ва боқувват нишон медиҳанд, духтарон бошанд, меҳрубонӣ, нозукӣ ва гирёнчакӣ. Афзалиятҳои ҷинсӣ на танҳо дар сюжетҳо, балки дар истифодаи атрибутҳо, рамзҳо, бозичаҳо дар бозӣ зоҳир мешаванд. Писарони 3-4-сола силоҳ, мошинча, конструктор, духтарон лӯхтак, бозичаҳои ороишӣ ва асбобҳои ошхонаро интихоб карда, бо онҳо бозӣ мекунанд. Тафовут дар муносибати кӯдакон ба ҳамсолони ҷинси муқобил ва интихоби шарик дар бозӣ ва муошират таъсир

мерасонад. Чун қоида, ба ин ё он намуди бозӣ кӯдакони ҳамҷинс бо ҳам бозӣ мекунанд. Духтарон бозии сюжетӣ-нақшии «Модар ва духтар», писарон «Дузду милитсия»-ро бозӣ мекунанд. Бозии сюжетӣ-нақшӣ барои кӯдаки синни томактабӣ як роҳи шинохти ҷаҳон аст, аз ин рӯ иттиҳодияи кӯдакон дар гурӯҳи бозӣ бо манфиатҳои гуногуни онҳо алоқаманд аст. Духтарон ба барпо кардани муносибатҳои байнишахсӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд.

**Калидвожаҳо:** синни томактабӣ, хусусияти гендерӣ, бозӣ, фаъолият, духтар, писар.

## ПРОЯВЛЕНИЕ ГЕНДЕРНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ИГРОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДОШКОЛЬНИКОВ

Сюжетно-ролевая игра помогает разграничить стереотипы половых ролей. Мальчики проявляют себя активными, смелыми и сильными, а девочки добрыми, нежными и слезливыми. Сексуальные предпочтения проявляются не только в сюжетах, но и в использовании в игре атрибутов, символов, игрушек. Мальчики 3-4 лет выбирают оружие, машинки, конструкторы, девочки выбирают кукол, декоративные игрушки и кухонную утварь и играют с ними. Различия в отношении детей к сверстникам противоположного пола влияют на выбор партнеров по игре и общению. Как правило, дети одного пола так или иначе играют вместе. Девочки играют в сюжетно-ролевую игру «Мать и дочь», мальчики в «Вор и полицейский». Сюжетно-ролевая игра – это способ познания мира дошкольником, поэтому объединение детей в игровую группу связано с их разнообразными интересами. Девочки больше заинтересованы в построении межличностных отношений.

**Ключевые слова:** дошкольный возраст, гендерная характеристика, игра, деятельность, девочка, мальчик.

## MANIFESTATION OF GENDER FEATURES OF PRESCHOOL CHILDREN'S PLAY ACTIVITIES

The role-playing game helps to distinguish between stereotypes of gender roles. Boys are active, brave and strong, and girls are kind, gentle and tearful. Sexual preferences are manifested not only in plots, but also in the use of attributes, symbols, toys in the game. Boys 3-4 years old choose weapons, cars, designers, girls choose dolls, decorative toys and kitchen utensils and play with them. Differences in children's attitudes towards peers of the opposite sex affect the choice of partners for play and communication. As a rule, children of the same sex somehow play together. The girls play the role-playing game "Mother and Daughter", the boys play "The Thief and the Policeman". A role-playing game is a way of learning about the world for a preschooler, so the association of children in a play group is associated with their diverse interests. Girls are more interested in building interpersonal relationships.

**Keywords:** preschool age, gender characteristic, game, activity, girl, boy.

**Дар бораи муалиф**
Раҳмонова Гултура Сайраҳмоновна
Ассистенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 51 54 79
E-mail: gultura@list.ru

**About the author**
Rakhmonova Gultura Sairakhmonovna
Assistant of the Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 51 54 79
E-mail: gultura@list.ru

**Об авторе**
Рахмонова Гултура Сайрахмоновна
Ассистент кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 51 54 79
E-mail: gultura@list.ru

ТДУ 159.921 (575.3)

# ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХС ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ИНТИХОБИ ҲАМСАР

***Эмомназарова М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Инкишофёбии ҳамаҷонибаи шахсияти инсон оғози худро аз оила мегирад. Оила дар оянда низ ҳамчун муҳити асосию муҳими ташаккули сифатҳои ҳамидаи шахсияти инсон боқӣ мемонад. Зеро ин институти иҷтимоест, ки ба сифати танзимгари ҳаёти инсонӣ баромад мекунад. Оила ҳамчун инситититути иҷтимоӣ паҳлуҳои гуногуни он аз тарафи як қатор илмҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки аз ҷумла, ҷомеашиносон оиларо ҳамчун ташкилоти муҳимми иҷтимоӣ меомӯзанд, ки он вазифаи ҳаётан муҳимро иҷро менамояд. Псхологияи иҷтимоӣ оиларо ҳамчун гурӯҳи хурд тадқиқ мекунад, ки устувории он ба муносибатҳои аъзоёни он, ба мувофиқати психологии онҳо вобаста аст.

Мафҳуми мувофиқоӣ дар психология, махсусан, дар оклопсихология ба таври васеъ истифода мешавад. То ин муддат назарияи умумӣ доир ба мувофиқоӣ психологӣ вуҷуд надорад, лекин дар ин соҳа тадқиқотҳо рафта истодааст. Масалан, пурсишномаи мувофиқоии байнишахсии Т. Лири, фарзияи мувофиқоии психологӣ се омили У. Шутса, фарзияи мувофиқоии мизоҷ Г. Б. Айзенк, фарзияи Акофа ва Эмери дар бораи мувофиқоӣ методикаи ТМБ (ташхиси муносибати байнишахси) Л.Н.Собчик пурсишномаи муносибатҳои шахсии В.Шутса ва дигарон арзи вуҷуд доранд [10, с. 80].

Доир ба мувофиқоии психологӣ чунин мушкилиҳо вуҷуд доранд.

- набудани критерияҳои эътирофшудаи объективӣ доир ба ченкунии мувофиқати психологӣ;
- баъзан ивазшавӣ фаҳмиш оид ба “мувофиқатӣ” ва “монандӣ” ҳарчанд якмаъноро ифода мекунанд;
- номуайянии мавқеи мувофиқати психологӣ дар психологияи иҷтимоӣ ё дар психологияи шахсӣ;
- парокандагии масъалаҳои умумии мувофиқоӣ бо масъалаҳои хусусӣ, мувофиқати шаҳвонӣ ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ,
- интихоби ҷуфти мувофиқ ҳангоми оиладоршавӣ, интихоби дӯст ва ғайраҳо;

Масъалаи ҳалнашудаи дигар ин дараҷаи мувофиқоӣ мебошад.

Мувофиқатоии ҳамсарон дар никоҳ ё дар никоҳи қонуни ё ҳангоми муносибатҳои байнишахсии марду зан аз рӯи назарияҳо ба 4 намуд ҷудо кардан мумкин аст ва чунинанд:

- мувофиқатӣ физиологӣ;
- мувофиқати психологӣ;
- мувофиқати интелектуалӣ (ақлӣ);
- мувофиқати иқтисодӣ-ӣҷтимоӣ.

Агар ин 4-намуди мувофиқоӣ 70-80% бо ҳам мувофиқ оянд пас гуфтан мумкин аст, ки мувофиқоии ҳамсарон дар никоҳ беҳтарин ҳастанд.

Ҳоло ҳар яке аз ин мувофиқатро дида мебароем:

1. Мувофиқати физиологӣ - ин дорои функсияҳои модарзодӣ буда, ҳангоми вохӯрии аввал бо ҷинси муқобил дар майдони зершуурии мо зоҳир мешавад. Мувофиқати физиологӣ дар формамии садо, мимика пантомимика, тарзи хӯрокхӯрӣ ва ҳар он чӣ кӣ ба зоҳири инсон хос аст, ифода меёбад. Дар ҳолате, ки нишонаҳои зоҳири инсон писанд омад, ҷои хулосабарорӣ нест, зеро кайҳо зершуури мо интихоби худро кардааст. Баъзан вакт, ингуна ҳолатҳоро одамон ишқ аз нигоҳи аввал мегӯянд. Дар асл ин инстинкти табиати худи одам аст, ки ба ҷои мо интихоб мекунад. Илова бар ин, мувофиқоии шаҳвониро низ ба мувофиқоии физиологӣ дохил мекунанд.

2. Мувофиқати психологӣ – модарзодӣ буда, ба ин характеру хусусиятҳои психологӣ, яъне аниқтараш типҳои мизоҷ дохил мешавад. Як соҳои дигари психология, ки сотсионика ном дорад ва мувофиқати одамонро муайян месозад. Ин илмест, ки раванди ивазнамоии ахборотро миёни инсон ва муҳити иҳота кардааш меомӯзад.

3. Мувофиқати интелектуалӣ (ақлӣ) – дар тули ҳаёт ба даст оварда мешавад. Ҳар он чи кӣ меомӯзем, мебинем, дарк менамоем ва он чӣ аз хурдӣ аз худ менамоем, дохил мешавад. Яъне дар чунин мувофиқоии ҳамсарон дар тули ҳаёти минбадаашон доир ба гузаштаашон муошират, баҳсҳо менамоянд. Масалан, як бозиро дӯст медоранд (шатранҷ) ё як филмро, ки тамошои он ба ҳарду писанд аст.

4. Мувофиқати иқтисодӣ –ин тақсимнамои нақшҳо дар оила, муайянамои критерияҳо, тарбияи босамари фарзандон мебошад.

Ба андешаи психолог Т.Г.Николаева ҳангоми ба мувофиқати психологӣ тавсифи объективӣ додан дар мадди аввал физиологияи инсон ва ҳама он чизеро, ки бо он алоқаманд аст бояд ба эътибор гирифт:

- симои зоҳирии инсон (мувофиқати зоҳирӣ).
- Синну сол (мувофиқати синнусолӣ).
- мизоҷ (мувофиқати мизоҷ).
- мувофиқоии шаҳвонӣ (саломатӣ ва ғ.).

**Симои зоҳирии инсон.** Дар урфият мегӯянд, ки бо тарзи либоспушӣ пешвоз гиру бо ақл гусел намо. Маълумоти аввалине, ки инсон дар борои дигарон мегирад ин зоҳири инсон аст, яъне зебогӣ, тарзи либоспушиву роҳравӣ, тарзи нигоҳ ва ғ.

**Синну сол**. Баъзан одамон дар он ақидаанд, ки агар мард ё зан шахсеро интихоб намоянд, ки аз синну соли худаш калон ё хурд бошад зиндагии солимро ташкил медиҳанд. Синну соли оиладоршавӣ аз нигоҳи психологӣ бояд дар занон аз 21-22-солагӣ ва дар мардон 23-24-солагӣ бошад. Фарқ миёни синну соли марду зан бояд аз 1 то 4 сол бошад. Набояд зан синну соли калон ё бисёр хурд бошад. Ҳангоми калон будан ё нақши доноро бозида нақшаш дар оила аз мард баландтар мешавад. Ҳангоми калон будани мард зан нақши духтараки хурдро мебозад. Баъдан муҳим будани фарқ миёни марду зан дар он аст, ки вобаста ба синну солашон ақидаҳову нигоҳҳояшон ба ҳаёт тағйир меёбад.

**Мизоҷ**. Бисёри тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар оилаҳое, ки ҳамсарон дорои мизоҷи гуногунанд ва хусусиятҳои ҳамдигаро пурра мекунанд камтар низоъ ва ноқаноатмандӣ аз ҳамдигар дида мешаванд. Масалан холерик-флегматик, сангвиник- меланхолик.

**Мувофиқоии шаҳвонӣ**. Ин мувофиқат аз ҷиҳати саломатӣ, ҷинсӣ, қаноатманд карда тавонистани ҳамдигар аз ҷиҳати шаҳвонӣ, инкишофёбии ҷинсию тағйирёбии гармоналӣ мебошад.

Ин мувофиқоиро ба назар гирифта, психолог метавонад ахбороти зиёдро доир ба мувофиқати психологии ҷуфтҳо гирад.

1.Ба эътиборгирии объективии мувофиқати психологӣ ин мувофиқоӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ мебошад:

- мавқеи иҷтимоии ҷуфти муқобил (мувофиқоии ихтисос, дониш);
- кор (дар куҷо кор мекунад, бо ки муносибат мекунад);
- мувофиқоии шавқу ҳавасҳо.

2.Тавсифномаи объективии мувофиқатоии психологӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ:

- муносибати ҳарду тараф доир ба иқтисодиёт;
- кор кардани зан ва мард.

3.Тавсифномаи объективӣ доир ба мувофиқоӣ ё мувофиқ наомадан:

- ақли мард (ба дастовардҳои мардон зиёдтар аз занон);
- гендерӣ (стереотипҳо).

4. Тавсифномаи объективии мувофиқати психологӣ доир ба маданият ва тарбия:

- костагии маданият дар ҷуфти интихобшуда (масалан партофтани ҷуробҳо ба ҳарсу, нашустани зарфҳо ва ғ.);
- тарбия (яке тарбияи хуб дорад, дигаре на он қадар).

5. Тавсифномаи объективии мувофиқати психологӣ дар мувофиқоии миллӣ ва динӣ аст, яъне эътиқоди динӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ.

6. Тавсифномаи объективии мувофиқати психологӣ ин мувофиқоии муносибатҳо ин муносибат бо хешовандони ҷуфти интихобшуда (падару модар, бародару хоҳарон ва наздикони ҳамдигар).

7. Тавсифномаи объективии мувофиқоии психологӣ асосии мувофиқоӣ муҳаббат мебошад.

Мувофиқоии психологӣ якчанд намуд мешавад:

- мувофиқоии психологӣ дар гурӯҳ;
- мувофиқоии психологӣ ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ;

- мувофиқоии психологӣ дар корхона;
- мувофиқоии психологӣ ҳангоми интихоби дӯст ё рафиқ;
- мувофиқоии психологии ҳамсарон.

Дар он ҳолате, ки оила шаклгириашро ҳанӯз нав оғоз намудааст (оғози адаптатсияи психологии аъзоёни оила ба шароити зиндагии оилавӣ), дар психология ва рафтори аъзоёни оилаи ҷавон як қатор тағйиротҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Ин тағйиротҳо нисбатан дер ва бо мушкилиҳои муайян мегузаранд, зеро ҳар як шахс то давраи оиладор шуданаш дар худ характер, одатҳо ва ақидаҳои устуворӣ ба шахсият дахл доштаро, ба шакл медароранд.

Психологияи ҳар як шахс аз шахси дигар ба кулли фарқ мекунад ва ин тафовутҳо ҳатман дар муносибатҳои оилавии одамон зоҳир мегарданд, махсусан, дар моҳҳо ва солҳои аввали оиладорӣ. Бар замми ин гуна тафовутҳо миёни аъзоёни оила зиддиятҳо, баҳсҳо ва низоъҳо ба вуҷуд меояд, ки ҳамсарон бояд ин зуҳуротҳои ба амаломадаро ҳал намоянд. Ин одатан, вақт ва қувваи зиёдеро гирифта, баъзан чунин мешавад, ки на ҳама проблемаҳо ҳалли худро меёбанд.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки 29 % мардон ва 55 % занон дар синни 20 – 24 солагӣ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ қадам мегузоранд. Бояд гуфт, ки аёми ҷавонӣ давраи ба охиррасии инкишофи ҷисмонӣ буда, дар организми ҷавонон як қатор тағйиротҳои биологӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, баландшавии қади онҳо нисбат ба синну соли наврасӣ сусттар мегардад ҳаҷми мушакҳои қафаси синаи ҷавонон калон шуда, барои озод нафас гирифтан ёрӣ мерасонад. Кори дил, ҳаҷми шушҳо, қутри рагҳои хунгард васеъ шуда, инкишоф меёбанд. Ба устухон мубаддалшавии тағоякҳо ба охир расида, сутунмуҳра устувор мешавад ва давраи дуюми расишӣ ҷинсӣ сар мешавад, кори ғадудҳои секретсияи дохилӣ (тарашшуҳи дохилӣ) муътадил мешавад.

Синну соли ҷавонӣ бо худтанзимнамоӣ ва худназоратии баланд ифодаёфта фарқ мекунанд. Инчунин, хусусияти дигари фарққунандаи ин давраи синну солӣ доимо тағйирёбии ҳолати рӯҳии эмотсионалӣ мебошад. Ҷавонон аз намуди зоҳирӣ, қобилиятҳо, маҳорату малака, худбоварӣ ва худтанқиднамоии зиёд вобаста ба ақидаи атрофиён зуд-зуд мутаасир мегарданд. «Баъзан тағирёбии ҳасоссии баланд бо карахтӣ, шармгинӣ бо бепарвоӣ, хоҳиши қабулгардӣ ва эътирофгардӣ бо мустақилӣ, хаёли ҳисӣ бо муҳокимаҳои хушк дар навҷавонон мушоҳида мешавад». Эмотсия ва протсессҳои маърифатиро бе баҳисобгирии худшиносии шахс тасаввур кардан ғайри имкон аст [8, с. 17-18].

Инчунин, дар давраи синну соли ҷавонӣ ақидаи намирандагии ҷисмонӣ дар шуури навҷавон зиёд мегардад.

Равоншиносӣ канадагӣ Джеймс Маршо соли 1996 чор зинаи инкишофёбии худмонандкуниро ҷудо намуд, ки онҳо аз ҷиҳати сиёсӣ ва динӣ баҳо дода мешаванд.

1) «худмонандкунии номуайян» - аз рӯи қарори қатъӣ бароварда натавонистани фард дар ҳаёт ва дар касб интихобнамоӣ тавсиф дода мешавад.

2) айниятдиҳӣ «пеш аз вақт» бо воридшавии фард ба системаи мувофиқи муносибатҳо дар натиҷаи аз саргузаронии буҳронҳо ва ба асосгирии ақидаи атрофиён, баҳо дода мешавад.

3) «маротория» ба он тавсиф меёбад, ки фард дар раванди буҳрони худмуайянкунӣ қарор дошта, аз вариантҳои гуногуни инкишоф ҳамонашро интихоб менамояд, ки барояш ҳатми мебошад.

4) дар зинаи «Монандкунии камолот» буҳрон ба охир расида, фард аз ҷустуҷӯи худ ба худамалигардонии таҷрибавӣ мегузарад [8, с. 112]. «Худэҳтиромнамоӣ мақсадгузории қабулгашта ё қабулнагаштаи фардро ифода менамояд, ки аз рӯи он ё худро қобилиятнок, эътибornok ва боваринок ҳисобида метавонад. Пас гуфтан лозим меояд, ки худэҳтиромнамоӣ ин муҳокимарониҳои пурарзиши шахсе мебошад, ки дар мақсадгузориҳои фард нисбат ба худ ифода меёбанд [8, с. 123].

Ҷавононе, ки худэҳтиромнамоии паст доранд, нисбат ба ҳама ҳассостаранд. Онҳо нисбат ба дигарон дида танқидро нодуруст ва ҳаяҷоннок қабул менамоянд. Ақидаи атрофиён онҳоро ба таҳлука меорад. Дар натиҷа онҳо шармгин шуда, ба танҳоӣ майл пайдо менамоянд. Чи қадаре, ки худэҳтиромнамоӣ дар шахс паст бошад, эҳтимолияти азоби танҳоӣ ҳамон қадар дар он зиёд мегардад. Худэҳтиромнамоӣ паст ва фаъолии иҷтимоигардии шахсро суст мегардонад. Одамоне, ки нисбат ба худ муносибати мусбӣ доранд, одатан атрофиёнро хуб қабул менамоянд.

Худшиносӣ ва худбаҳодиҳии ҷавондухтарон ва ҷавонписарон аз стреотипҳое, ки мард ва зан бояд чӣ гуна бошад, вобаста аст. Дар ҷамъият ин стереотипҳо ба таври таърихӣ ба вуҷуд омада, мазмуни он дар худ нақшҳои занона ва мардонаро таҷассум медиҳанд. Одатан

ҷавондухтарон нисбатан ба ҷавонписарон ҳассос буда, изтиробноктаранд. Аксарияти равншиносон, дар чунин ақидаанд, ки ба ҷавонмард фаъолӣ, роҳбаринамоӣ ва рақобатнамоӣ ва ба ҷавондухтарон фармонбардор хос аст. Дар ташаккулёбии худшиносии ҷавон, инчунин, тағйиротҳои инкишофёбии ҷинсӣ таъсир расонида метавонад.

Тадқиқотҳои илмии Г. Айзенк нишон доданд, ки услуби ҳаёти ҷинсӣ аз типи мизоҷи шахс вобастагии зиёд дорад. Экстравертҳо нисбат ба интровертҳо ҳаёти ҷинсиро тезтар оғоз менамоянд. Онҳо қодиранд бо миқдори бештар шарикон алоқаи ҷинсӣ намуда, ба ангезаҳои шаҳвонӣ зуд одат кунанд. Онҳо ба ҷинси муқобил бе ягон муаммо алоқа пайдо мекунанд ва дар муносибат изтиробнокиро ҳис намекунанд. Интравертҳо нисбатан худдор буда, ба муносибатҳои устувор ва фардӣ мутобиқанд, дар муносибат ба ҷинси муқобил ҳассосанд, ки ин ба мушкилиҳои психологӣ бурда мерасонад.

Дар ин давраи синнусолӣ ба итмомрасии давраи дуюми расиши ҷинсӣ ба вуҷуд меояд. Ҷавонон пурра аз ҷиҳати анатомӣ-физиологӣ ташаккул меёбанд. Ин тағйиротҳои дар организм ба амаломада, оҳиста-оҳиста сохти ҳуҷайраҳои майнаи сари ҷавонро ба сохти майнаи сари калонсолон монанд мекунанд. Инкишофёбии ҷинсӣ раванди марказӣ ва гузариши ин синну сол аст. Шаҳвонияти инсоният падидаи мураккаби иҷтимоигашта мебошад. Барои мард ва зан шудан фард бояд мансубияти ҷинсии худро дарк намуда, нақши ҷинсии мувофиқ аз худ намояд.

Дар синни ҷавонӣ дар ҷавондухтарон ва ҷавонписарон талабот ба дӯстӣ ва муносибатҳо ба ҷинси муқобил зиёд мегардад. Гарчанде ҷавондухтарон қисман барвақттар инкишоф ёбанд ҳам, дар онҳо маҳинӣ, меҳрубонӣ, гармии эмотсионалӣ зиёдтар дида мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи синни аслии ҷавонӣ ин ба нақша гирифтани ҳаёти минбаъда ва интихоби ҳамсар, интихоби касб ва ғ. мебошад. Масъалаҳои психолигию педагогии майлу интихоби ҷавонон дар тадқиқотҳои Арискина К.А., Голомшток А.Б., Климов А.Е., Лебедев Г.А., Чистияков С. Н., Чебишева В.В. ва дигарон омӯхта шудааст. Онҳо паҳлуҳои гуногуни ин проблемаро тадқиқ намуда, қайд карданд, ки дар навҷавонон бо хусусиятҳои мақсаднокӣ ва шуурнокии худ фарқ мекунанд [11, с. 123].

Масъалаи омодагии психологии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби мувофиқи ҳамсар диққати мутахассисони соҳаи илми психологияро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст. Дар тадқиқи ин масъала равоншиносон Сизанов А.Н., Гребенников М.В., Торохтий В.С., Флоренская Т.А., Ковалёв С. В., Меншутин В.В. ва дигарон саҳм гузоштаанд [1, с. 187].

Равоншиносон дар он ақидаанд, ки инсоният барои танзими муносибатҳои оилавӣ вақт ва маблағи зиёдтаро сарф менамоянд. Дар ҳақиқат ҳам барои гирифтани ҳуҷҷатҳои ронандагӣ аз шумо омодагии махсус талаб карда мешавад. Аксарият моҳияти ҳаёти оилавиро дарк накарда, бемаъсулият буда, оила барпо мекунанд. Дар баробари он, муҳити оилавӣ барои ташаккулёбии имкониятҳои иқтидории шахс мусоид буда, як қатор талаботҳоро ба ӯ пешниҳод менамоянд. На ҳама қодиранд дар солҳои аввали оиладорӣ низоъ ва буҳронҳои оилавиро муътадил аз сар гузаронанд.

Ҷавонӣ ин давраест, ки шахс ташаккул меёбад ва мавқеи худро дар ҷомеа ҷустуҷӯ намуда, муайян месозад. Дар ҷавонӣ хусусияти баланди фаъолияти итҷимоигардӣ зоҳир мешавад. Шахс ба таври фаъол ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид гашта, нақшҳои гуногуни ҷамъиятиро иҷро менамояд.

Барои ҳаматарафа тайёр намудани ҷавонон ба чунин масъалаҳо бояд аҳамият дод: муносибати маънавӣ-эстетикӣ, иҷтимоию-психологӣ, биологию физиологӣ, хоҷагию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра.

Омӯзиши ин масъалаҳо ба ҷавонон имконият медиҳанд, ки таърихи пайдоиш ва инкишофи оила, вазифаҳои асосии он, тарзи ташкили хоҷагии оила, расму оинҳо ва анъанаҳои миллии оиладориро ба хубӣ донанд, ахлоқи ниёгонро риоя кунанд, бо одамони дигар тарзи муносибати маданӣ ва муоширатро риоя карда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ, моддӣ, психологӣ худро то андозае ба зиндагӣ ва интихоби дурусти ҳамсар тайёр кунанд. Мушоҳидаҳо ҳаминро собит мекунанд, ки қисми зиёди ҷавонон ба моҳияти оилаю оиладорӣ сарфаҳм намераванд, худро дар назди ҷамъият ва тарбияи кӯдак масъул намешуморанд, ба масъалаҳои хоҷагӣ -иқтисодии оила диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Муносибати оптималие, ки бештар дар байни ҳамсарон мушоҳида мешавад, асоси он қаноатмандии зиёд аз ҳамдигар мебошад. Чунин муносибат дар ҷуфтҳое мушоҳида мешавад, ки дорои типи мизоҷи сангвиникӣ меланхоликӣ ҳастанд. Маълум карда шудааст, ки дар оилаҳое, ки ҳамсарон дорои мизоҷи сангвиникӣ, холерикӣ мебошанд, онҳо бо ҳам рақобат менамоянд, тез-тез баҳс мекунанд, ҳар кас фикру андешаҳои худро ҳақ дошта гузаштнамоӣ

нисбати якдигар дида мушоҳида намешавад. Дар оилае, ки ҳамсарон дорои мизоҷи меланхоликӣ флегматикӣ ҳастанд дараҷаи пасти қаноатмандӣ дида мешавад ва ҳар як ба кори худ овора буда, ҳаваскорию ташаббускорӣ дида намешавад. Дар ҳолати мизоҷи ҳамсарон холерикӣ меланхоликӣ будан, муносибат байни онҳо хеле душвор ва ҳарду рафтори худро идора карда наметавонанд, эмотсионалӣ ҳастанд, бо душворӣ аз ҳолатҳои эмотсионалӣ мебароянд ва муносибаташон ба рақобат мубаддал мегардад.

Ҳамсароне, ки дорои мизоҷи флегматикӣ ва меланхолик ҳастанд, намунавӣ шуда наметавонанд, зеро ду типи мизоҷ хислати якхелаи манфиро доро мебошанд. Масалан, танбалӣ хислати ин ду типи мизоҷ мебошад ва онҳо хислатҳои манфии якдигарро бартараф карда наметавонанд. Ҷуфти ҳамсароне, ки дорои мизоҷи холерикӣ сангвиникӣ ҳастанд, ҳамеша ба саволҳои ҷаро ман не..... кӣ дар оила калон аст.... баҳс намуда, ҳар яке мавқеи худашро аз дигар баландтар намудан мехоҳад. Дар сурати монанд будани мизоҷи ҳамсарон масалан, зану шавҳар ҳар ду дорои як мизоҷ- флегматикӣ бошанд, дар ин ҳолат оилаи солиму устувор низ ташкил карда намешавад. Зеро ҳарду ҳамсарон дорои як хусусияту характер буда, якдигарро пурра намекунанд ва дар ҳаёт шавқу ҳавас нисбати ҳамдигар камтар шудан мегирад.

Аз таҳлил ва назарияҳои гуногун хулоса баровардан мумкин аст, ки беҳтарин ҷуфтҳои ҳамасарон онҳое мешавад, ки дорои мизоҷи гуногун, мебошанд, яъне: флегматик, холерик, холерик, флегматик, меланхолик, сангвиник, сангвиник, меланхолик.

Мувофиқату мутобиқати психологӣ ҳамон вақт барпо мешавад, ки агар пойяи онро меҳру муҳаббати тарафайн ташкил диҳад. Ҳамсарон гӯё бо доду гирифти байниҳамдигарии ҳиссачаҳои хислату хусусиятҳои «Ман»-и худ хислату хусусиятҳои рӯҳию равонии ҳамдигарро азхуд менамоянд. Аз худкунии хислату хусусиятҳои рӯҳию равонии ҳамдигар пурракунадаи мувофиқати психологии тарафайн буда, мисли оташест, ки қалби ҳамсарон гарм ва мисоли оҳанрабоест, ки онҳоро ба ҳамдигар ҷазб мекунад.

Бо ҳам омехташавии хусусиятҳои якхелаю фарққунанда асоси муносибатҳои ғайриоддии зану шавҳарро ташкил медиҳад. Аз як ҷониб ҳар як аъзои оила ботинан мехоҳад, ки барои дар атрофи худ барпо намудани фазои солими психологӣ шумораи ҳарчи бештари хислату хусусиятҳои психологии худро бо атрофиён мувофиқ намояд. Аз ҷониби дигар инсон ҳар қадаре, ки рушду камол ёбад, ҳамон қадар одатҳо, нуқтаи назар, ҷаҳонбинӣ ва хусусияту хислатҳои ба худ хосро доро мешавад. Худи ҳамин гувоҳӣ он аст, ки одамон ҳамаҷониба бо ҳамдигар монанд ва мувофиқ шуда наметавонанд. Яъне, на зан ва на мард қобилияту имконияти ҳамдигарро бе каму кост қонеъ намудани ҳамаи талаботҳои ҳамдигарро надоранд. Миёни мувофиқату номувофиқатӣ яъне, дар қутбҳои ин фарқиятҳо, омехташавии хислату хусусиятҳои шаклгирифтаи одамон, монандию фарқияти онҳоро ифода мекунад.

Мувофиқат – ин майли қабул кардани он чизест, ки писанди инсонҳост ё «ҳамзистии осоишта» бо он чизест, ки барои шахс он қадар писанд набошад ҳам, нафратомез нест. Номувофиқӣ – номуросоию улфатнопазирӣ бо он чизест, ки барои шахс дилхарош, тоқатнопазир ва дилнокаш мебошад. Дар баъзе оилаҳо байни зану шавҳар дар алоқамандӣ бо хусусияту хислатҳои мувофиқу номувофиқашон зиддияти шадид сурат гирифта, боиси ба амал омадани ҳисси таваҷҷуҳ ё ҳисси нафрат мегарданд. Дар гурӯҳи дигари оилаҳо – гурӯҳе, ки босабру таҳаммуланд, хислату хусусиятҳои мувофиқ нисбат ба хислату хусусиятҳои номувофиқ бартарӣ пайдо карда, боиси барпо гардидани муносибатҳои мусбату солим мегарданд.

Ин муносибатҳо ҳамон вақт самараи хуб медиҳанд, ки агар аҳли оила дар фаъолияти худ аз рӯи қонуни дучандаи оптикӣ амал намоянд:

- на ба хусусиятҳои мусбати ҷониби дигар одат намоянду на то ба он дараҷае бетафовут бошанд, ки ин хусусиятҳо барояшон дилгиркунанда гардад;

- кӯшиш намоянд то дар баҳогузории камбудиҳои ҷониби дигар ботаҳаммул бошанду дар зоҳир кардани камбудиҳои хеш худдорӣ намоянд ва тарзе зиндагӣ намоянд, ки ин камбудиҳо ҳарчи камтар зоҳир шаванд.

Амалинамоии андешаронииҳои зикргардида ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар ҳамсарон аз нигоҳи психологӣ бо ҳамдигар мувофиқ бошанд, ин мувофиқати онҳо то андозае аз типи мизоҷи онҳо вобаста мебошад. Хислатҳои мизоҷи одамон – талаботҳои муҳиме мебошанд, ки онро дар раванди тамоми фаъолиятҳои инсон, аз ҷумла оиладорӣ ба назари

эътибор гирифтан шарт ва зарур мебошад. Ҳар як инсон вобаста ба типҳои мизоҷаш аз худ сифатҳои гуногуни характер ва қобилияту ирода, муошırату муносибатҳои гуногуни шахсӣ ва байниҳамдигариро зоҳир менамояд.

Аз ҷониби дигар сифатҳои характер вобаста ба типҳои мизоҷ хеле зиёд мебошанд. Гузашта аз ин, ҳамон як сифати характер дар одамони гуногунмизоҷ дар зинаҳои гуногун зоҳир мешавад ва маҳсулнокии гуногунро доро мегарданд. Ҳамон як ҳолати эмотсионалӣ дар яке сермаҳсулу дар дигаре каммаҳсул шуда метавонад. Пас сифатҳои мизоҷи шахсро то андозае шардиҳандаи сифатҳои маҳсулнокии фаъолияти шахс аз ҷумлаи фаъолияти оиладорӣ номидан мумкин аст. Ҳамаи ин муҳокима рониҳоро ба назари эътибор гирифта, тахмин намудем, ки омӯзиш ва пажӯҳиши ҷанбаҳои психологии мувофиқати ҳамсарон бо гуфтори наву тоза ва судманд, назария ва амалияи психологияи муосирро ғанитару рангинтар гардонида, дараҷаи устуворию пойдории оилаҳоро ба зинаҳои боз ҳам баландтар мебардорад.


***Адабиёт***

1. *Гребенников И.В. Основы семейной жизни / И.В. Гребенников. - М., 1991. – 187 с.*
2. *Дмитренко А.К. Социально- психологические фактори стабильности брака в первые годы супружеской жизни: Автореф. ... канд. психол. наук. - Киев, 1989.*
3. *Калмыков Е.С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни // Вопроси психологии. - 1983. - № 3.*
4. *Коволёв С. В. Психология семейных отношений / С. В. Коволёв. - М., 1987. – 160 с.*
5. *Коволёв С. В. Подготовка старшеклассников к семейной жизни. - М., 1991. – 143 с.*
6. *Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. - Душанбе: Сино, 2004.*
7. *Круглов Б.С. Правовое сознание как элемент психологической подготовки молодёжи к семейной жизни // Вопросы психологии. - 1986. - №4.*
8. *Личко А.Е. Подростковая психиатрия. – Л.: Медицина, 1979. – 416 с.*
9. *Психология семейных отношений с основами семейного консультирования / Под. ред. Е.Г. Силяевой. - М., 2002. – 192 с.*
10. *Собчик Л. Н. Диагностика психологической совместимости / Л. Н. Собчик. - СПб.: Речь, 2002. - 80 с.*
11. *Торохтий В.С. Психология социальной работы с семьей / В.С. Торохтий. - М., 1996. - 123с.*


## ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХС ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ИНТИХОБИ ҲАМСАР


Муаллиф дар мақолаи хеш қайд менамояд, ки паҳлуҳои гуногуни оила ҳамчун инсититути иҷтимоӣ он аз тарафи як қатор илмҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки аз ҷумла, ҷомеашиносон оиларо ҳамчун ташкилоти муҳимми иҷтимоӣ меомӯзанд, ки он вазифаи ҳаётан муҳимро иҷро менамояд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки омӯзиши хусусиятҳои психологии ҳамсарон зимни барпошавии оила нақши муҳим дошта, ба мувофиқат омадани ин раванд яъне хусусиятҳои психологии ҳамсарон устувории оилаҳоро ташкил медиҳад. Илова бар, ин муаллиф қайд менамояд, ки бо ҳам омехташавии хусусиятҳои якхелаю фарқкунанда асоси муносибатҳои ғайриоддии зану шавҳарро ташкил медиҳад. Аз як ҷониб ҳар як аъзои оила ботинан мехоҳад, ки барои дар атрофи худ барпо намудани фазои солими психологӣ шумораи ҳарчи бештари хислату хусусиятҳои психологии худро бо атрофиён мувофиқ намояд. Аз ҷониби дигар инсон ҳар қадаре, ки рушду камол ёбад, ҳамон қадар одатҳо, нуқтаи назар, ҷаҳонбинӣ ва хусусияту хислатҳои ба худ хосро доро мешавад.



**Калидвожаҳо:** ҷанба, омӯзиш, хусусият, психика, нақш, ҳамсар, мувофиқат, оила, омодагӣ, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, инкишоф, таҳаммулпазирӣ, баэътиборгирӣ.


## ИЗУЧЕНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ОСОБЕННОСТИ ЛИЧНОСТИ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ВЫБОРЕ СУПРУГА


В своей статье автор отмечает, что различные аспекты семьи как социального института изучаются рядом наук, в том числе социологами, изучающими семью как важную социальную организацию, выполняющую жизненно важные функции. Также в данной статье отмечается, что изучение психологических особенностей супругов играет важную роль при создании семьи, а совпадение этого процесса, то есть психологических особенностей супругов, составляет стабильность семьи. Кроме того, автор статьи отмечает, что сочетание схожих и разных характеристик составляет основу необычных отношений между мужем и женой. С одной стороны, каждый член семьи хочет как можно больше сочетать психологические характеристики с окружающими, чтобы создать вокруг

себя здоровую психологическую среду. С другой стороны, чем больше человек развивается и взрослеет, тем больше у него привычек, точек зрения, мировоззрения и черт и характеристик.

**Ключевые слова:** аспект, обучение, характер, психика, роль, супруг, совместимость, семья, подготовка, самосознание, самооценка, развитие, толерантность, утверждение.

## STUDYING THE PSYCHOLOGICAL FEATURES OF PERSONALITY AND ITS IMPORTANCE IN CHOOSING A SPOUSE

In his article, the author notes that various aspects of the family as a social institution are studied by a number of sciences, including sociologists who study the family as an important social organization that performs vital functions. This article also notes that the study of the psychological characteristics of spouses plays an important role in creating a family, and the coincidence of this process, that is, the psychological characteristics of spouses, constitutes the stability of the family. In addition, the author of the article notes that the combination of similar and different characteristics forms the basis of the unusual relationship between husband and wife. On the one hand, each family member wants to combine psychological characteristics with those around them as much as possible in order to create a healthy psychological environment around them. On the other hand, the more a person develops and matures, the more habits, points of view, worldview and traits and characteristics he has.

**Keywords:** aspect, training, character, psyche, role, spouse, compatibility, family, preparation, self-awareness, self-esteem, development, tolerance, affirmation.

**Дар бораи муаллиф**
Эмомназарова Муҳаббат
Омӯзгори калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 904 01 04 46

**Об авторе**
Эмомназарова Мухаббат
Старший преподаватель кафедры общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 904 01 04 46

**About the author**
Emomnazarova Muhabbat
Senior Lecturer at the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 904 01 04 46

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шурои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия педагогических и психологических наук**

**2023, № 4-1 (18)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского государственного педагогического**
**университета им. С. Айни**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60х80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 08.12.2023 г. Заказ № 282
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни